ШИРИН ҚУРБОНОВА

МАШРАБИ АБДУЛЛОҲ

# ЧЕҲРАҲОИ АКАДЕМИКӢ



Душанбе - 2021

Ба ифтихори 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70 - солагии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида мешавад.

**Китоб бо дастур ва дастгирии президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод РАҲИМӢ чоп мешавад**

**Муҳаррири масъул: академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Имомзода Маҳмадюсуф**

**Муқарриз: узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Муҳаммадалӣ Музаффарӣ**

**Мусаҳҳеҳ: номзади илмҳои техникӣ Наҷибуллоҳи Рӯзӣ**

# МУНДАРИҶА

Пешгуфтор ........................................................................5

Муҳаққиқи самти муайянкунандаи пешрафти
илмҳои табиатшиносӣ (Ф.Р)...................................................8

Олими боамал ва дипломати сатҳи байналмилал (Т.Н)...... 25

Пажӯҳишгари партовҳои саноатӣ (У.М)...............................38

Риёзидони шинохта (М.И)....................................................48

Маниши қонуншиносӣ (М.М)...............................................59

Пажӯҳишгари аҳди бостон (Ю.Я)..........................................73

Ҳақиқати инсони муосир (С.Я)............................................. 95

Ҳуқуқдонӣ фарҳанги волост (Э.Н) .....................................118

Андешаҳо бобати печидагии илм бо сиёсат (А.Р) ............. 127

Минбардори илму адаби миллӣ (М.И) .............................. 137

Муҳаққиқи вазифашинос (К.О) .......................................... 150

Сиёсатшиноси тоҷик (М.А) ................................................ 169

Асосгузори антропологияи системавӣ(М.М)..................... 180

Пажӯҳишгари масъалаҳои гуногунии биологӣ (А.С) ........ 201

Бунёдгузори сейсмологияи ватанӣ (С.Н)..............................214

Табиатшиноси муосир (Ҳ.Ҳ)..................................................222

Муҳаққиқи созвораи биологӣ (М.Я)...................................233

Иқтисод миёнаравӣ аст (Н.Қ)..............................................243

Муқовимати алюминий алайҳи коррозия (И.Ғ)................259

Муосирият (Х.У)............................................................274

Саноати истифода аз партов (Ҳ.С).......................................287

Гепатити музмин (Ғ.М)....................................................300

Сайри маънавӣ ба насршиносӣ (Н.С)................................310

Таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ: чаро онҳо ба замин меборанд? (П.Б) .....................................................................................323

Таносуби кайҳоншиносӣ (А.Т) ........................................334

Мавзеҳои асосии экотуризм: кӯли Сарез, боғи миллӣ ва қаторкӯҳҳо (О.А)..........................................................................343

Полисахаридҳои пектинӣ (Ҷ.Х)........................................351

Муҳимияти рушди боғдорӣ дар кӯҳистон (А.Ф).............362

Матншиноси хушсалиқа (А.К)..........................................369

Таблиғи бо илм асоснокшуда (А.Ш)................................378

Исёни Восеъ дар пажӯҳиши донишманди таърих (Ҳ.П)....386

Бонуе, ки кайҳоншинос аст (Г.Қ)....................................397

Ҳуқуқ ба соҳибкорӣ (Раҳимзода М.З).............................404

Фаъолияти илмӣ... (С.О)..................................................408

Адабиёт..............................................................................418

# ПЕШГУФТОР

Асри XXI тақозо дорад, ки бо рушди илм ташаккул додани шакли ҷаҳонбинии илмӣ ҷомеаро ба як системаи тараққикарда табдил додан мумкин аст. Замони муосирро бидуни рушди илм, инноватсия ва маориф тасаввур кардан нашояд. Кишвари мо низ дар барорбари ҷомеаҳои мутамаддини замони муосир рӯ ба пешрафт ниҳодааст. Боиси хушбахтист, ки ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо бо дастовардҳои назарраси иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ 30 – солагии Истиқлолияти давлатии худро ҷашн гирифт ва ҳамзамон ҷашни 70 – солагии таъсисёбии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар назар аст. Китоби мазкур, ки аз маҷмӯаи мақолаҳо иборат мебошад, дар робита ба ҷашнҳои зикршуда интишор мегардад.

Китобро муаллифон **“Чеҳраҳои академикӣ”** номгузорӣ намуда, дар он аз самтҳои фаъолияти илмии як қатор олимони шинохтаи кишвар маълумоти мухтасар пешкаш намудаанд. Аз ҷумла, аз 23 нафар академике, ки осори илмии онҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд, 15 нафарашон мутахассис дар илмҳои

табиатшиносӣ ҳастанд ва тибқи ин авомил метавон хулоса кард, ки муаллифон зимни баррасии илмӣ таваҷҷуҳи бештар ба илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ намудаанд. Мундариҷа низ бахшҳои гуногуни илми муосирро фаро гирифта, таҳқиқ дар улуми мухталиф низ ба ин минвол сурат пазируфтааст: 1. Физика – 2 нафар; 2. Кимиё – 4 нафар; 3. Биология – 5 нафар; 4. Риёзӣ, астрофизика ва тиб – 1 нафарӣ; 5. Иқтисодиёт, таърих ва ҳуқуқ – 2 нафарӣ; 6. Фалсафа, сиёсатшиносӣ ва филология – 4 нафарӣ. Яъне, объекти таҳқиқ танҳо бахше аз илм набуда, ҳамаи самтҳои пажӯҳиши илмиро дар бар мегирад ва гузашта аз ин, муаллифон фақат ба ҷанбаҳои илмию таҳқиқии олимони тоҷик дахлварзӣ намудаанд. Ҳамчунин, сабки нигориш вижагии хос дошта, басе диққатҷалбкунанда аст ва ҳар як мақола равиши махсусе дорад.

Ҳадафи муаллифон аз нашри ин китоб муаррифӣ намудани самти фаъолият ва дастовардҳои назарраси бархе аз ходмони барҷастаи илмии ҷумҳурӣ мебошад. Дастовардҳои илмии аз тарафи муаллифон баррасишуда,

аз саҳми арзанда дар рушди илму маорифи ҷумҳурӣ доштани онҳо, далолат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки олимони арзанда дар соҳаҳои гуногуни илми ҷумҳурӣ фаъолиятдошта, кам нестанд. Лозим ба ёдорварист, ки саҳми донишмандони соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ, риёзиёт ва гуманитарӣ дар рушди илми кишвар басо назаррас аст. Дар назар аст, ки муаллифони ин китоб дар баррасии фаъолияти илмии олимони барҷаста саҳмгузор хоҳанд буд. Мутаассифона, ҳаҷми китоб имконият надодааст, ки дар бораи фаъолияти илмии ҳамаи онҳо маълумоти муайяне пешниҳод гардад. Аз ин хотир, муаллифон фаъолияти якчанд чеҳраҳои илмии академиявиро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

**Фарҳод Раҳимӣ,**

**Президенти АМИТ, академик**

# МУҲАҚҚИҚИ САМТИ МУАЙЯНКУНАНДАИ ПЕШРАФТИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ

**Ё худ мулоҳизаҳо дар самти бартарии илми табиатшиносӣ бар ҷомеашиносӣ ва омилҳои рушди кишварҳо дар асоси пешрафти улуми дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ дар иртибот бо натоиҷи таассуби мазҳабӣ дар замони муосир, ба вижа дар мамолики мусалмоннишин................**

Агар А — муваффақ будан дар зиндагист, пас А = x+y+z. X — амал маҳсуб мешавад, y — бозист, аммо z —лаёқати шумо ҷиҳати маҳкам нигаҳ доштани забон аст.

Алберт Эйнштейн



Муддатҳои дарозтарин дар таърихи тамаддун мавқеи илм ба он равона мегардид, ки худхоҳии золимонаи башарро қонеъ гардонад. Дар садаи XIX натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот татбиқ мешуданд ва дар қарни XX илм ба сиёсат кашиши азиме намуда, дар даҳсолаҳои ахир дастовардҳои нави илми муосир ҳаёти рӯзмарраи одамро куллан тағйир дод. Алъон, ҳам сиёсатмадорон ва

ҳам иқтисоддонҳо бар ин боваранд, ки ҷиҳати рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва болоравии сатҳи иқтисодии кишварҳо меҳнати арзону сармоягузорӣ ва захираҳои табиӣ чандон эътимодбахш нестанд. Дастовардҳои илмӣ айни замон дар некуаҳволии башар нақши созандае анҷом додааст, ки ҳеҷ сиёсатмадоре ин арқомро инкор нахоҳад кард. Ҳанӯз Арасту сиёсатро илм номида буд. Володя Улянов (Ленин) онро бо математикаи олӣ қиёс мекард, аммо ин ҷо ҷиҳати таносуби ду номвожаи бузург иктифо мекунем ва мегузарем ба пажӯҳиши шахсияте, ки кайҳо боз дар ҷомеаи шаҳрвандӣ шинохта шудааст.

**Фарҳод Раҳимӣ** тӯли ҳашт соли ахир академики АМИТ ва президенти он маҳсуб мешавад, аммо ҳамагуна мавод ҷиҳати муаррифии корномаи ӯ ба ин матлаб моро мебарад, ки номбурда ба ҳайси роҳбари олимони кишвар чӣ нақше дар роҳандозӣ шудани сиёсати Ҳукумат боқӣ гузоштааст. Муосиртарин суоле, ки рӯзноманигори вақт ба мавсуф хоҳад дод, бешубҳа ҷанбаи сиёсӣ дошта, дорои муҳтавоест, ки илмро дар сиёсат баррасӣ карда, ҳасостарини гузоришҳои хабарӣ низ аз олудагии илм бо сиёсат суҳбат анҷом медиҳанд, агарчи гузориш худ хабар аст ва ҳеҷ гузорише хабарӣ намешавад, чунонки илм сиёсист ва бидуни сиёсат он

дастоварде шуда наметавонад. Агар ба муҳтавои нишастҳои матбуотӣ назар афканед, дилхоҳ оҷонсии хабаргузорӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат ҳадафи воҳид дорад ва он низ аз маводе иборат мебошад, ки дар натиҷаи барпо кардани иғвоъ ва тавассути он аз худ бехуд кардани роҳбари муассисаи давлатист. Аммо инҷониб ин матлабро танҳо ба як хотир ба қалам меорем, ки дар ин нигошта муҳтарам Фарҳод Раҳимӣ ҳамчун олим инъикос гардад. Аз ин хотир, мо пайи татбиқи ин мақсад ҳамаи маводи интернетиро як тараф гузошта, танҳо бо мероси илмӣ рӯ меоварем. Дар як нигоштаи тахассусӣ бобати баррасии илм мавсуф ин ҳарфро гуфтааст: **“Нахустинсон донишҳоро ҷамъ ва онҳоро истифода кард ва ҳамин тариқ бунёди илми амалӣ гузошта шуд. Сипас ӯ ба мураттаб кардани донишҳо ва татбиқи онҳо шурӯъ намуд. Дар фаҳмиши муосир илм ҳеҷ вақт танҳо ҷамъоварии иттилоот набуд. Олимон кӯшиш мекарданд фаҳманд, ки ин ё он ҳодиса чӣ тавр ва барои чӣ рӯй медиҳад”[1].**

Ба пиндошти Фарҳод Раҳимӣ илм шакли маърифат аст, ки аз ду бахш иборат мебошад: табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ, яъне яке ба табиат марбут мебошад ва

---

[1] Фарҳод Раҳимӣ. Ҳадафи Пешвои миллат – рушди тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ, 2021.

дигаре ба ҷамъият. Аммо номбурда, ки физики машҳур маҳсуб мешавад, дар тарвиҷи афкори физикӣ ёддоште дорад мабнӣ ба ин ки: **“Физикаи муосир (ва табиатшиносӣ) дар коркарди усули нави тафаккур, ки онро тафаккури сайёравӣ меноманд, саҳми назаррас мегузорад. Вай ба масъалаҳое таваҷҷуҳ мекунад, ки барои ҳамаи давлатҳо ва халқҳо аҳаммияти зиёд доранд, аз ҷумла алоқаҳои Офтобу Замин, таъсироти шуопошии Офтоб ба магнитосфера, атмосфера ва биосфераи Замин, дурнамои манзараи физикии олам пас аз фалокати ядроӣ («зимистони ядроӣ»), масъалаҳои глобалии экологие, ки ба олудашавии Уқёнуси ҷаҳонӣ ва атмосфераи Замин алоқаманд мебошанд. “Ҳаракати сабз”-и умумисайёравӣ, фаҳмиши умумисайёравии хусусияти муносибатҳои мутақобили табиат ва инсон, ҷаҳонбинии нави (зимнан, гуманитарии) табиатшиносӣ тавлид шуда истодааст, ки метавонад ба фаъолияти созандагии сиёсии одамон таъсир расонад. Чунин низоми андешаҳо бояд заминаи муайяни фалсафӣ дошта бошад. Асоси онро бояд он донишҳое ташкил диҳанд, ки онҳо дар табиатшиносӣ, пеш аз ҳама, дар физика ва биология вақтҳои охир пайдо шудаанд”[2].**

Ҷаҳони муосир дар оғуши буҳрон қарор дорад. Бинобар тасаввуроте, ки инсонҳо вобаста ба сатҳи

---

[2]Ҳамон ҷо.

ҷаҳонбинии хеш пайдо кардаанд, дар ҷомеа аксуламале ба вуқӯъ мепайвандад, ки дар маҷмӯъ боздорандаи рушди инфиродии инсон аст. Ҳама гуна рушд дар соҳаи табиатшиносӣ боз буҳронеро ба вуҷуд меорад, ки дар назари башар бесобиқа аст. Масалан, Фарҳод Раҳимӣ буҳрони экологиро дар яке аз мақолаҳои худ чунин тасвир додааст: **“Сабаби асосии буҳрони экологӣ на ин ки илм, балки ноқисии тасаввуроти воқеӣ (илмӣ!) дар бораи одаму олам мебошад. Аксарияти одамон ҳоло ҳам дар олами геосентрӣ ва механикӣ зиндагӣ мекунанд ва наметавонанд ё намехоҳанд ба моҳияти падидаҳои ғайриодии заминию осмонӣ сарфаҳм раванд. Бинобар ин, ташаккул додани ҷаҳонбинии дуруст, ки бояд ба марҳилаи ҳозираи рушди тамаддун мувофиқат намояд, барои инсоният аҳамияти аввалиндараҷа дорад”[3].**

Чаро рушди тафаккури техникӣ ва болоравии сатҳи ҷаҳонбинии илмӣ такрор ба такрор изҳор мешавад? Магар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузашта бо улуми дақиқ ва табиатшиносӣ ошно набуданд ва ё худ аз мероси ниёгон бахшида ба улуми табиӣ бехабаранд? Омили асосии ривоҷ додани ҷаҳонбинии илмӣ эътимоди кӯр-кӯронаест, ки аксар ҳаммеҳанони мо ба бовариҳои динӣ доранд ва бехабарӣ бидуни шубҳа одамонро ҷоҳил

[3] Ҷумҳурият, 12.02.2020.

сохта, онҳоро водор мекунад, ки дар таъини сарнавишти хеш ба бегона муроҷиат кунанд. Маҳз ҳамин омил рушди ҳамаҷонибаи инсонро чун индивиди биолужӣ бозмедорад ва дар зеҳн агар андешаи рушдкунанда набошад, инсон дар ҷаҳлу торикӣ қарор мегирад ва барои дигарон имкон фароҳам меорад, ки ӯро чун мавҷуди гумшудае истифода бинмоянд. Бобати пайвастагии илму иқтисод номбурда дар як мусоҳибаи тахассусӣ илмро асоси пешрафт мегӯяд: **“Бе рушди илм кишварҳо пеш намераванд. Агар мо пешрафти илм ва пешрафти иқтисодии кишварҳоро, яъне вобастагии онҳоро ба шакли таҳлилӣ дида бароем, маълум мегардад, ки илм асоси пешрафт аст. Яъне, ҳар давлате, ки илмаш рушд дорад, иқтисодиёташ пеш рафтааст. Баробари ин дар ҳар кишваре, ки илм рушд надорад, иқтисодиёташ низ пешравӣ надорад. Аз ин рӯ, бояд бигӯем, ки илм ва олимон дар пешрафти соҳаҳои мухталифи давлат нақши калидиву ҳалкунанда доранд”[4].**

Дар улуми табиатшиносӣ, бавижа дар физика чунин ақоиди ҷомеашиносӣ тавассути таҳқиқи наномаводи магнитӣ хеле возеҳ баррасӣ шудааст ва Фарҳод Раҳимӣ чун олими физик ҳанӯз соли 2004 зимни баррасии мавҷҳои магнитосадои ғайрихаттӣ чунин изҳори андеша

[4] Ҷавонони Тоҷикистон, 24.04.2020.

менамояд: **“Маводи магнитӣ шайъи муносиберо шабоҳат дорад, ки ҷиҳати таҳқиқоти озмоишӣ ва назариявии зуҳуроти ғайрихаттӣ мавқеи муносибро шомил мебошад. Дар ҳоли ҳозир натиҷаҳои беҳаду ҳудуди озмоишӣ мавҷуданд, ки аз ашколи мухталифи солитонҳои бедоркунандаи магнетикӣ шаҳодат медиҳанд. Аз ҷониби дигар, таҳқиқи назариявии ҷараёнҳои ғайрихаттӣ дар маводи магнитӣ ба як қатор муодилоти ғайрихаттӣ монанд ба мусовисозии Шредингер, Гордон ва Ландау-Лившис такя менамояд”[5].**

Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки табиат бо дарназардошти таззод тавлидкор аст ва рушди ҷаҳонбинӣ пазируфтани тафовутест, ки аз табиат ба ҷамъият мегузарад, вагарна ҳеҷ махлуқе ба худии худ мавҷуд нест агар ин нобаробариҳо барои ӯ мутафовит бошад. Гузашта аз ин, қонуни кашиш новобаста аз хоҳишҳои мо вуҷуд дорад ва тибқи онҳо эҳсосҳои ҳамаи махлуқот муштарак мебошанд. Пас инсон бинобар талаботи биолужии хеш дорои ҳувиятест, ки қабл аз ҳама ба ирс ва абнои ҷинси ӯ, тафаккур, фарҳанг ва тамаддун тааллуқ дошта, ормонҳоеро тавлид менамояд, ки хоси ҷаҳонбинии ӯст. Аз ҳамин лиҳоз, яке аз авомили

---

[5] Белисарова Ф.Б., Мирзакулов Р., Рахимов Ф.К. Нелинейная теория спиновых систем. Алматы, 2004, стр. 27.

инҳитоти маънавии тоҷикон дар гузашта ва имрӯз инкори ҷаҳонбинии илмист, ки ин тамоил заминаҳои таассуби динӣ доранд. Маҳрумият аз давлатдории миллӣ низ таассуб аст, ки нобудкунандаи ҳувият шинохта мешавад. Бармегардем ба баҳсҳои физикӣ, ки омӯзиши он имрӯз ҷолиб баррасӣ мегарданд. Масалан, ҳар модда тибқи назарияи муосири сохти атом ва молекулаҳо хосияти магнитӣ дорад ва ҳаргуна ҳаракат хусусияти сарбастаро инъикос менамояд. Ба ибораи машҳур, табиат аз магнетикҳо иборат мебошад ва мусоидсозӣ дар он пайваста рух хоҳад дод, чунки ҳар гуна майдони магнитӣ ва электрӣ бо мусоидсозии ҳамаҷониб эҳёро тавлид мекунад: **"Синфҳои махсуси дифференсионалии ғайрихаттии мусоидсозӣ дар шакли мавҷҳои ҳамоҳангшавии мустақил ҳаллу фасл мешаванд, агарчи чунин баррасӣ ҳанӯз барвақт оғоз гардида, таваҷҷуҳ ба он фақат дар миёнаҳои садаи гузашта пайдо гардидааст. Ин далел ба масоиле алоқаманд мебошад, ки мавҷҳои мусоидсозии майдони магнитӣ аз зумраи синфҳои ба худ хоси ҳаллу фасли хусусии мусоидсозии дифференсиалии ғайрихаттӣ буда, зуҳуроти нодири табиат маҳсуб мешавад. Гузашта аз ин, низоми ғайрихаттӣ, ки ба ташкили ҳамоҳангшавии мавҷҳо масъул мебошад, аз**

**тарафи дигар вазифадор аст, ки ба таври автоматӣ дар натиҷаи ҳамоҳангӣ онҳоро маҳв созад”[6].**

Ин ҷо маълум мешавад, ки ҳастиву нестӣ бо ҳам тавъам мебошанд ва яке омили шинохти дигарист. Мо баду неки ҷаҳонро тавассути якдигар ва дар натиҷаи қиёси бемаҳдуд мешиносем. Яъне, метавон гуфт, ки яке дигариро тавлид мекунад ва онҳоро бидуни якдигар омӯхтан ғайри имкон мебошад. Тафаккур, ки на бар ҳама дахл дорад, бинобар майл ва гиравидан пайдо шуда, оқибат ба майлу гироиши тавлидкунандаи худ мухолиф меояд. Дар ҳоле ки гироишу гиравидан хоси инсони соҳибфикр нест. Чунонки бузургони илму дин иқрор кардаанд, на ҳамаи инсонҳо худогоҳ мешаванд ва ин тартиб бар ин минвол аст, ки бинобар ғафлат доштан аз хеш аксар инсонҳо неку бадро аз ҳам ҷудо сохта, ҳар якеро ҷудогона баррасӣ мекунанд. Натиҷа ин аст, ки агар ҷузвҳову куллҳо дар алоҳидагӣ таҳқиқ шаванд, пажӯҳиш ноқис мебошад ва манофеъ аз он бардошта намешавад. Бинобар ин, қиёс саҳеҳ нест агар ҳамагир набошад ва қиёсе, ки якеро бар дигарӣ муқобил мегузорад, аз зумраи навоқизест, ки ҳеҷ гуна иртиботе ба илм надорад. Илман асоснок кардани тафаккур пажӯҳиши куллан баррасишаванда мебошад ва агар

[6] Ҳамон ҷо, 245.

чунин инъикос набошад, тафаккур ба таассуб мубаддал мегардад.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои дохилиядроӣ, ки ба ҳаракати спинии электронҳо алоқамандӣ дошт, номбурдаро дар ҷавонӣ аз асрори улум бархурдор кард ва заминаи аввали таҳкурсии илмии ӯ солҳое буданд, ки дар аспирантураи ДМТ ба омӯзишу таҳқиқу баррасӣ машғул буд. Фарҳод Раҳимиро риёзиётшиносони муосир чун муҳаққиқи  ядрои атом ва ҳаракати электронҳо мешиносанд. Номбурда усули нави тадқиқоти назариявӣ – ҳалли алгебравӣ – геометрии муодилаи ҳолатҳои атомӣ – муодилаи Шредингерро кашф кард, ки исми ин олими шинохтаро дар боло қайд намудем. Бинобар мушоҳидаҳои олим маълум гардид, ки  ҳаракати электронҳо омили пайдоиши афканишот буда, таҳқиқи онҳо ҳанӯз ҳам диққати уламои физикро ҷалб менамояд. Ҳақиқати ин андеша дар Пажӯҳишгоҳи тадқиқотии ядроии шаҳри Дубна баррасӣ шуда, дурустии он тасҳеҳ ёфтааст, аммо ҳазор сол муқаддам ниёгони мо ҷиҳати пажӯҳиши улуми дақиқ чун ҳандаса, ҳисоб, тиб, риёзиёт, кимиё, ҳайъат ва амсолашон камари ҳиммат барбаста, осори гаронбаҳое боқӣ гузоштаанд, ки фақат номҳои Хоразмӣ, Берунӣ, Тусӣ, Розӣ ва Бӯалии Синоро ин ҷо ёдрас намудан кифоя аст. Лек бобати нақши онҳо дар улуми дақиқ иқтибосе аз Иқболи Лоҳурӣ меорем, ки

номбурда фориғуттаҳсили Донишгоҳҳои Ғарб буду ҳадалимкон аз ҷараёни таҳмилии понисломизм пайравӣ мекард ва бешубҳа яке аз мубаллиғини илму дини муосир дониста шудааст. Инак он иқтибос: **"Бояд ба хотир дошт, ки дар риёзиёт аз замони Батлимиюс (165-87) то замони Хоҷа Насируддини Тусӣ ҳеҷ кас ба ҷидд дар душвориҳои исботи қатъияти асли мавзӯи ду хатти мутавозии Уқлидус (Эвклид) бар макони махсус наяндешида буд. Тусӣ пас аз ҳазор сол оромишу итминони хотиреро, ки бар риёзиёт ҳукмфармоӣ дошт, мунағғас кард ва дар зимни кӯшише, ки барои беҳтар кардани сурати баёнии ин асли мавзӯъ ба кор бурд, ба зарурати тарк кардани макони маҳсус мутаваҷҷеҳ шуд. Ба ин тартиб шолудае, ки албатта норасо барои наҳзати фазои ғайриуқлидусӣ ё фавқи фазои асри ҳозир фароҳам сохт. Берунӣ дар таваҷҷуҳ ба чизе, ки дар риёзиёти ҷадид исми "тобеъ" бо он медиҳанд, аз лиҳози илмии маҳз ба адами кифояти назари истон дар бораи ҷаҳон доштан таваҷҷуҳ пайдо кард. Ин низ инҳирофе аз андешаи юнонӣ буд. Мафҳуми "тобеъ" унсури замонро дар тасвире, ки аз ҷаҳон месозем, ворид мекунад. Чунин назаре "собит"-ро ба сурати мутағайир дар меоварад ва ҷаҳонро на ҳамчун ҳастӣ, балки ҳамчун ҳудус ва таквин менигарад. Шпенглер чунин мепиндорад, ки андешаи риёзии тобеъ аломати мушаххаси Мағрибзамин аст ва ҳеҷ фарҳанги**

**дигар ҳатто ишорае ҳам ба он накардааст. Иддаои Шпенглер дар мавриди таъмими Берунӣ аз формули дарунёбии Нюттон аз тавобеи мусаласотӣ ва татбиқи он ба ҳар навъи тобеи дигар албатта дуруст нест. Табдили мафҳуми адад аз камияти маҳз ба нисбати маҳз дар воқеъ бо таваҷҷӯҳи Хоразмӣ аз илми ҳисоб ба илми ҷабр оғоз шудааст. Берунӣ гоми асосӣ ба тарафи амре бардошт, ки Шпенглер онро ба унвони афроди замонӣ васф карда, ва дар воқеъ интиқоли зеҳнро аз вуҷуд ба ҳудус ва таквин намоиш медиҳад. Пешрафти ҷадиди риёзиёти урупоӣ бештар дар ин ҷиҳат аст, ки хусусияти таърихии зиндаи замонро аз он ҳазф кунад ва онро ба сурати намоиши маҳзе аз фазо нишон диҳад. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки назари Уайтхед дар бораи нисбият беш аз назарияи нисбияти Эйнштейн муҳаққиқони исломиро ба худ ҷалб намудаанд. Чи дар назарияи Эйнштейн замон хусусияти гузаро буданро аз даст медиҳад ва ба сурати асроромез ба фазои комил интиқол пайдо мекунад"[7].**

Илми муосир ин ки мегӯем: фалон ихтироотро мусалмон ё худ масеҳӣ анҷом додааст, қабул надорад, чунки илм маводе нест, ки танҳо ба як гурӯҳи одамон тааллуқ дошта, аксари онҳо ба илм дастнорас бошанд. Илм барои инсон ва аз хотири беҳтар зистани ӯст ва

[7] Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. Душанбе, 2010, саҳ. 177.

ҷаҳонбинии илмӣ инсонро аз доми таассуб мераҳонад. Рушди тафаккури техникӣ бошад, таъмин намудани амнияти инфиродист, чунки агар инсони муосир донишҳои техникии заиф дошта бошад, ӯро суиистифода кардан осонтар аст ва тавассути иғвогарӣ метавон ӯро пойбанд сохт. Албатта ҳама чиз суду зиёни худро дорад. Аз ҷумла илм низ ва мо бисёр мушоҳида ҳам кардаем, ки маълумоти дастрасшуда аз ду паҳлӯ иборат буда, ҳар ду ҷониб истифода мешаванд, ки муҳтавои инро дар бархурди илму дин дидан қобили қабул мебошад. Дар як нигоштаи тахассусии худ академик Фарҳод Раҳимӣ илми табиатшиносиро чунин шарҳ додааст: **"Дар табиатшиносии муосир ду раванди зикршуда ҳаста (мағз, ядро)-и табиатшиносиро ташкил медиҳанд. Ин соҳаи табиатшиносиро аз шаклҳои ҳаракати материя (ҳаюло) фарқ мекунанд. Мавзӯи табиатшиносӣ донистани шаклҳои гуногуни ҳаракати материя (ҳаюло) мебошад. Сохт ва ташкили ҳар он чизе, ки дар Кайҳон мавҷуд аст, мавзӯи омӯзиши табиатшиносӣ мебошад. Табиатшиносӣ қонуниятҳои махсусеро ошкор месозад, ки онҳо хосиятҳои мушаххаси олами моддиро шарҳ медиҳанд. Илмҳои табиатшиносӣ дар замони мо ба дастовардҳои бузург ноил гардиданд. Олами физикӣ имрӯз фосилаи калони миқёсҳоро фаро гирифтааст. Дар миқёсҳои микроскопӣ, масалан, дар физикаи зарраҳои бунёдӣ бо**

**бузургиҳои тартиби $10^{-22}$см ва $10^{-15}$см сарукор мегирем. Дар миқёсҳои макроскопӣ, масалан, дар кайҳоншиносӣ (космология) вақт баробари $10^{10}$ сол (синни Кайҳон), масофа бошад, $10^{28}$ см (радиуси уфуқи рӯйдодҳо, яъне масофае, ки аз он сигналҳои физикиро қабул кардан мумкин аст) буда метавонад. Дар марҳилаи муосир табиатшиносӣ робитаи худро ба иқтисодиёт, донишҳои гуманитарӣ ва ҳатто ба санъат қавӣ намуда, ба инсон хеле наздикӣ пайдо мекунад. Тасаввурот оид ба ягонагии инсон ва табиат – коэволютсия дар асри гузашта дар Русия шурӯъ ба ташаккул намуда, номи космизми русиро гирифт. Намояндагони он (П. Флоренский, В. Соловев, Н. Федорова, Л.*Н. Толстой, В. Вернадский) андеша меронданд, ки* фикр ва шуур низ аз мавҷудоти табиат мебошанд”*[8]*.**

Ҳамчун донишманди илми риёзиёт ба ин гуфтаҳо қонеъ нагардида, дар таҳқиқи илми физика жарфтар гом мениҳад ва илми мазкурро “**сарчашмаи тамаддуни муосир**” ном мениҳад: **“Дар асоси ғояҳои физикӣ аслан соҳаҳои нави техника ба вуҷуд меоянд ва тараққӣ мекунанд. Кашфиёти физикӣ имкон медиҳад, ки ҳатто чунин масъалаҳои техникие ҳал карда шаванд, ки онҳо то ин замон на танҳо ҳал гардида буданд, балки ҳатто ба**

[8] Фарҳод Раҳимӣ. Ҳадафи Пешвои миллат – рушди тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ, 2021.

**миён гузошта низ намешуданд. Масалан, таҳқиқи ҳодисаҳои ҳароратӣ дар асри XIX ба такмили босуръати муҳаррикҳои ҳароратӣ мусоидат намуд. Таҳқиқот дар соҳаи электромагнитизм боиси пайдоиш ва рушди электротехника, телеграф, телефон, радио ва минбаъд телевизион гардид, ки бе онҳо имрӯз ҳаёти моро тасаввур кардан душвор аст. Транзистор, лазер, реактори ядроӣ (ҳастаӣ), компютер, парвоз ба Кайҳон ва ба Моҳ – ҳамаи инҳо унсурҳои технологияҳои навтарин мебошанд. Физика ба аксарияти соҳаҳои муосири техника – энергетика, нақлиёт, техникаи авиатсияи кайҳонӣ, техникаи компютерӣ ва монанди инҳо ҳаёт бахшид. Бинобар ин, бемуболиға метавон гуфт, ки физика сарчашамаи тамаддуни муосир аст"[9].**

Бинобар таҳқиқи Фарҳод Раҳимӣ риёзиёт танҳо аз як ҷониб баррасӣ шудааст ва дар воқеъ айни замон тамаддуни башар бидуни дастоварҳои илми физика тасаввурнопазир аст, аммо ихтирои таҷҳизоти барқӣ ва ғайраҳо тибқи андешаронии муқаррарии бо таассуби ғайриэътимоднок мусаллаҳгардида шиддати майдони магнитиро афзоиш дода, ба инсон дарди сар меоваранд, ё худ таъсири манфии онҳо дар тандурустии одамон мушоҳида карда мешавад. Гузашта аз ин, тавозуни

[9] Ҳамон ҷо.

меҳнати фикрӣ ва меҳнати ҷисмонӣ дар асоси пешрафти илму техника аз меъёри муқаррарӣ убур карда, афзалияти меҳнати фикрӣ тавассути интернет, компутер ва амсолашон инсонҳоро танбалу бераҳм месозанд. Ва чунин андешарониро метавон идома дод, чунки дар муҳити шаҳру русто бархурди ақидавӣ вуҷуд дорад ва маҳз ҳамин бархурд сабаби рушд маҳсуб мешавад. Аз ҳамин хотир, набояд ин тасодуми фикриро аз байн бурд, чунонки болшевикҳо карданд ва бузургтарин иштибоҳи онҳо низ иборат аз ин буд, ки тасодумро дар фикррронӣ нест карданд.

Маҳлули нитрогени моеъ ва истифода шудани он дар тиб, бавижа дар ҷарроҳӣ яке аз пажӯҳишҳои густурдаи академик Фарҳод Раҳимист, ки онро дар шакли китоби ҷудогона соли 2017 мунташир сохтааст[10]. Ин нукта дар китоби зайл таъкид мешавад, ки ҳосил намудани нитрогени тозаи техникӣ хеле гарон муяссар гардида, бинобар ин омилҳо дар истеҳсолот ҳаво мавриди истифода қарор гирифтааст ва нитрогени озодро дар соҳаҳои мухталифи саноат истифода мекунанд. Бояд мутазаккир шуд, ки бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ истеҳсоли нитрогени моеъ дар Институти

---

[10] Аҳмадзода С.М., Раҳимӣ Ф.Қ., Муминов Ҳ.Ҳ. Криоҷарроҳии бемориҳои шикам, Душанбе, Дониш, 2017.

физикаву техникаи ба номи академик Султон Умаров қатъ гардид ва фақат ин амал бо ташаббуси Фарҳод Раҳимӣ соли 2014 аз нав ба роҳ монда шуд.

Рӯ овардани шахсиятҳои таърихӣ ба илму маърифат гувоҳномае мебошад, ки башар ҳамеша ба илму маориф ниёз дошт ва алъон низ ҷомеаи муосир ба болоравии сатҳи ҷаҳонбинии илмии шаҳрвандон ва такмили тафаккури техникӣ эҳтиёҷ доранд. Бинобар ин, баррасии илми муосир дар осори илмии Фарҳод Раҳимӣ на танҳо ҷанбаи таҳлиливу таҳқиқӣ, балки паҳлӯҳои таблиғиро низ фарогир шудаанд. Бешубҳа, таблиғи илм дар асри ҳозир ҷавонмардӣ мебошад, чунки ҳар гуна фикрҳои таҳмилӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ таҳмил мегардад ва дар чунин авзоъ таблиғ намудани ҷаҳонбинии илмӣ яке аз роҳҳои мубориз бо таассуб ва нигоришҳои бесуд маҳсуб мешавад.

## ОЛИМИ БОАМАЛ ВА ДИПЛОМАТИ САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛ

**ё худ дар маънии ин ки таҷрибаи олудагии илм бо сиёсат бузургтарин дастоварди замони муосир маҳсуб мешавад ва набояд инчунин авомили густурдаи таҷрибаи ҷаҳониро инкор кард...**

Дар дунё олимони муваффақ дар самти раҳбарӣ ва дар низомҳои мухталиф пешоҳанг ангуштшуморанд. Як нафар дар аксари мавридҳо дар як низоми сиёсӣ комёб гардидааст, чунки донистани низоме онҳоро водор



мекунад, ки алайҳи низомҳои дигар вокуниш нишон диҳанд. Аммо академик **Талбак Назаров** на танҳо чун пажӯҳишгари давраи Шӯроҳо, балки беҳтарин муҳаққиқи низоми иқтисоди бозорӣ ва дипломатияи замони Истиқлолият мебошад. Назар ба осори илмии давраи Шӯравӣ, ки бештар ба идеологияи сотсиолистӣ такя мешавад, академик дар аҳди мушкилиҳои ҷанги дохилӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мақолоту монографияҳои ҷолибе нигоштааст, ки ӯро чун соҳибқалам дар ҷаҳони муосир муаррифӣ мекунад. Аз шумори онҳо метавон рисолаҳои зайлро ном бурд, ки инъикосгари низоми иқтисоди бозорӣ ва мушкилиҳои дипломатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ дониста мешаванд:

1. “Бухрони ҷаҳонии молиявӣ-иқтисодӣ”;

2. “Илми иқтисод ва баъзе масъалаҳои татбиқи ислоҳот дар иқтисоди Тоҷикистон”;
3. “Ислоҳоти иқтисодӣ: ҷустуҷӯи анвои муосири рушди он”;
4. “Тоҷикистон ва Чин: 20 соли ҳамкориҳои судманд”;
5. “Авомили дохилӣ ва хориҷии рушди иқтисодиёт”;
6. “Ислоҳоти иқтисодӣ, робитаҳо ва амният”

   ва ҳоказо, ки бо забони русӣ таълиф ёфтаанд. Акнун мутаваҷҷеҳ шавед ба рӯйхати китобҳое, ки академик Талбак Назаров солҳои 70 – 80 – уми садаи сипаришуда таълиф намудааст:

1. “Прогресси техникӣ ва самаранокии иқтисодӣ”, 1977;
2. “Ҳавасмандгардонии иқтисодии прогресси илмӣ-техникӣ дар саноат”, 1974;
3. “Финансово-кредитные отношения в условиях полного хозрасчёта”, 1990.

Ҳатто номгӯйи рисолаҳо шоҳиди онанд, ки олимон дар низомҳои мухталиф то чӣ андоза озодандеш мебошанд!

Яке аз бузургтарин шахсиятҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар ахири садаи XX ва аввали асри XXI дар соҳаи илми иқтисод академик Талбак Назаров маҳсуб мешавад. Дар мисоли ӯ мо пайвасти илмро бо амал мушоҳида мекунем ва эҳсос менамоем, ки олим дар сурати муваззаф будан дар мансабҳои калидӣ метавонад беш аз дигарон бар нафъи давлат фаъолият намуда, чун риҷоли илму сиёсат ҳунари раҳбариро ба мактаби муайян табдил диҳад. Талбак Назаров ҳанӯз дар замони Шӯравӣ вазифаҳои гуногуни давлатиро дар дӯш доштааст ва замони Истиқлолият низ барои ӯ майдони фаррохи густурдаро ҷиҳати татбиқ намудани ҳадафҳои миллӣ ба вуҷуд овард. Бешубҳа, академик Талбак Назаров бунёдгузори мактаби нави дипломатияи тоҷик маҳсуб мешавад. Номбурда тӯли 12 соли вазирӣ ҷиҳати барпо намудани равобит бо кишварҳои гуногун нақши бориз гузошт. Бештари шаҳрвандон бо осори илмии академик Талбак Назаров бохабар нестанд, аммо қариб ҳамаи пиру барнои кишвар бинобар масъулияти басе ватандӯстонааш ӯро мешиносанд ва талабгори баҳсҳои тӯлонӣ бо мавсуф мебошанд. Падидаи мазкур нишонаи

қабул доштани шахси мансабдор аст, ки барои роҳандозӣ шудани манофеи миллӣ то кунун талош меварзад. Мавсуф соли 2006 бо ҳаммуаллифии А. Satторзода китоби “**Дипломатияи муосири тоҷик**” – ро навишт ва сиёсати хориҷиро баррасӣ намуд. Бегуфтугӯ, низоми сиёсии ҳар кишваре дар иртибот бо ҳаводиси байналмилалӣ ҳадалимкон аз тарзи татбиқшавии сиёсати хориҷӣ побандие дорад ва агар андак нофаҳмие дар ин умур мушоҳида шавад, ҳатман дар дохили дилхоҳ кишваре ноҷурии авзоъ пайдо мегардад ва нахустин гом, ки шаҳрванд дар сурати бенизомӣ вомегузорад, қонуншиканӣ аст. Шояд ин ҷо суол шавад, ки агар авзоъи сиёсӣ хуб бошад, қонуншиканиҳо ба назар намерасанд? Дар ҳама сурат хилофи қонун амал кардан мушоҳида мешавад, аммо дар сурати муташанниҷ мондани вазъи сиёсӣ ҳама гуна рафторҳои судҷӯёна хусусияти оммавӣ пайдо мекунанд. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пойбандӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамуда сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ

месозад:

- эътирофи баробарӣ, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ё таҳдид ба зӯрӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷонибдорӣ аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар...”[11]. Аммо замони муосир давраи роҳандозӣ шудани ҳадафҳои геосиёсӣ, татбиқи таҳоҷуми хабарӣ тибқи нақшбозии қудратҳои ҷаҳонӣ ва пеш аз ҳама талаботи раванди ҷаҳонишавӣ ва дар ин замина ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ дар кишварҳои миллӣ мебошад. Бинобар ин, дар чунин ҳолат такмили сиёсати хориҷӣ иборат аз ин нест, ки дахлнопазирии марзҳо, ё худ тамомияти арзии кишварҳо аз ҷониби ҳамаи давлатҳои дунё риоя мегарданд. Пас чӣ бояд кард, ки ҳарфҳои аз минбарҳо гуфташуда дар майдонҳо низ посдорӣ шаванд ва гуфтору кирдору пиндор яке маҳсуб шавад, аммо манофеъ водор месозад, ки гуфтору кирдор алайҳи якдигар бошанд ва дар сатҳи ҷаҳонӣ бозиҳои сиёсӣ роҳандозӣ гардад. Маҳз дар чунин

---

[11] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муқаррароти умумӣ,- 1915.

низоми бархурдҳо ва масоили суду зиёни қудратҳо академик Талбак Назаров масъули бахши сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид ва аз минбарҳои сатҳи ҷаҳонӣ ҳалли мушкилиҳои байналмилалиро аз ҷомеаи ҷаҳонӣ дархост намуд. Масалан, пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли проблемҳои Афғонистон аз ояндадонигарии роҳбари давлат ва вазири корҳои хориҷӣ шаҳодат медод. Мавқеи Тоҷикистон дар оғози садаи нав нисбат ба ғасби ин кишвари мутазаккир аз ҷониби наҳзати “Толибон” тантана кард, чунки мушкилӣ бо Афғонистон дар сиёсати хориҷии кишвари мо нақши муҳим дошт ва дорад.

Талбак Назаров дар давоми 12 соли вазирии хеш ба низоми кадрии Вазорати корҳои хориҷӣ диққати махсус медод ва мутахассисони сазоворро истиқбол менамуд. Ӯ ҷиҳати васеъ шудани ҳамкориҳо ва равобити байналмилалӣ зарурати шомилгарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба созмонҳои ҷаҳонӣ муносиб дида, дар дохили кишвар ташкили иқтисоди бозориро бо тарҳи муосир ҳатмӣ донистааст. Солҳои 90-уми садаи сипаришуда уламои иқтисод бозгашт ба нақшаи

панҷсола бо риояи ҳатмии буҷаи давлатиро зимни нокомии иқтисоди бозорӣ ном мебурданд ва “бархурди бонкҳо”, “садамаи нархҳо” ва “тасодуми бонкҳо” барин ибораҳо дар таблиғи ин ё он мактабҳои иқтисодшиносон зуд-зуд мутолиа мегардид. Маҳз дар чунин авзоъ академик Талбак Назаров таъкид менамуд, ки бидуни равнақёбии муносиботи бозорӣ аз буҳрони молиявӣ хориҷ шудан номумкин аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши муҳимро нархҳо мебозанд, аммо ташкил намудани низоми муайяни нарх, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯст, хеле мушкил мебошад. Бо воридшавӣ ба меъёрҳои иқтисоди бозорӣ, хоҳ-нохоҳ нархи тамоми маҳсулот аз ҷониби истеҳсолкунандагони он муайян мегардад ва истеҳсолкунанда аввалан, дархосту талаботи харидоронро бинобар суду зиёни аз тиҷорат пайдошударо ба инобат мегирад. Аммо бо вуҷуди ин ҳама мушаххасот бояд иқрор кард, ки маънии таҳтуллафзии вожаи “иқтисод” гузашткорист ва нowобаста аз қонунҳои нави бозор ҷонибҳо метавонанд сармояро тибқи манфиатҳои дуҷониба дар гардиши

доимӣ гузоранд, чунки қонуни сармоядорӣ гардиши пул маҳсуб мешавад.

Дар монографияи хеш, ки “**Иқтисоди бозорӣ ва робитаҳои байналхалқӣ**” ном дорад, академик Талбак Назаров дар мавриди зарурати ислоҳот андешаи ҷолиб пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, менависад: **“Ҷаҳони муосир раванди ҷаҳонишавиро аз сар мегузаронад ва ислоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ё худ сирф иқтисодӣ ба зоти худ маҳсули замони муайяне нест. Ислоҳот раванди таърихӣ аст, ки қувваи пешбарандаи рушди иқтисодиро дар бар мегирад”[12].**

Олими шинохтаи тоҷик мушкилоти кишвари моро мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае меояд, ки барои рушди иқтисодии кишвар чӣ бояд кард? Бинобар ин, чунин меоварад: **“Барои Тоҷикистон мушкилӣ дар он маъно баррасӣ мешавад, ки мамлакат зимни барқарорсозии иқтисодӣ ҳамеша ба нобоварии мушкилиҳои амнияти энергетикӣ, дастнорас будани канданиҳои ҳаётан муҳими табиӣ чун нафт ва гази табиӣ**

---

[12] Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество.Душанбе, Ирфон -2007, стр. 17.

**дучор мешавад. Дигар монеаҳо, ки ҳамчунон ба рушди иқтисодӣ бархурд мекунанд, яке вазъи нобаҳангоми ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва аз марказҳои асосии нақлиётӣ дур будан мебошад”[13].**

Талбак Назаров дар шароити муносиботи бозорӣ ва рушди иқтисодии Тоҷикистон васеъ шудани сайёҳиро зикр мекунад ва барои исботи фикри хеш таҷрибаи бисёр кишварҳои рушдкунанда мисли Сингапур ва дигар давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқиро мисол меорад. Мавсуф қудрати давлатро дар низоми андозсупорӣ дида, ба самти мазкур таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст: **“Давлат ва андоз бо ҳам баста мебошанд. Давлат бе андоз вуҷуд дошта наметавонад, чунонки андоз низ бе давлат вуҷуд надорад”[14].**

Барои рақобатпазир будани иқтисод олим ду самти асосии фаъолияти бонкиро таъкид мекунад: яке қарз ва дигарӣ маблағгузорӣ, ки бидуни онҳо иқтисоди бозорӣ дар ҳеҷ сурат рушд карда наметавонад.

---

[13] Там же, стр. 32.

[14] Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество, стр. 37.

Академик Талбак Назаров нуфуз пайдо кардани кишвари муайянро дар он мебинад, ки дилхоҳ давлате дар дилхоҳ бозоре кадом маводеро барои фурӯш пешниҳод менамояд, чунки тавассути сифат ва бартарии маҳсулоти бозоргир давлатҳо пазируфта мешаванд. Аз ҳамин хотир, мавсуф қайд менамояд: **"Алҳол бисёрии ташкилоти байналхалқӣ ва як гурӯҳ давлатҳо-аъзои Иттиҳоди Аврупо мавқеи худро нисбат ба Тоҷикистон тағйир намуданд ва беш аз пеш хоҳони ҳамкориҳои дуҷониба мебошанд. Тоҷикистон ба давлатҳои Аврупо маводи ғайри коркард аз қабили арзиз, пахтаи навъи олӣ, маводи нассоҷӣ ва ғайра содир мекунад, аммо маҳсулоти содиротӣ агар истеҳсоли саноат бошанд, пас аглаби кишварҳои дунё хостори ҳамкорӣ бо Тоҷикистон хоҳанд шуд"[15].**

Ҳанӯз солҳои 80–уми қарни гузашта буд, ки зимни таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин бо Т. Назаров ғоибона ошноӣ пайдо кардем. Он замон номбурда ректори Донишгоҳ буданд ва

[15] Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество, стр. 100.

ҳамарӯза барои донишҷӯён дарҳоро боз намуда, имкон медоданд, ки ҷавонон ҷиҳати фарогирии илм иқдом намоянд. Ҳадди хеш донистан ва бинобар заковат меъёргузорӣ кардан дар муносибат бо инсонҳо олими риштаи иқтисодро зинат дода, дар байни ҷомеа соҳибнуфӯз гардонид. Рӯзноманигори шинохта Нуралӣ Давлат бо академик мусоҳиб шуда, ин сатрро вомегузорад: “Тӯли солҳои таҳсил дар Ленинград бо сабаби тангдастӣ боре ҳам ба Ватан омада натавонист. Зимни таътил ба кор медаромад. Пас аз хатми курси якум таътилро дар Корхонаи киштисозии шаҳри Ленинград ва солҳои минбаъдаро дар заминҳои навкорами Ҷумҳурии Қазоқистон гузаронд. Баъди хатм ӯро барои кор ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон роҳхат доданд. Баъди ду соли фаъолият дар факултаи иқтисодӣ қобилияташро ба назар гирифта, барои шомил шудан ба аспирантура, ба ҳамон институте, ки онро хатм кард, фиристоданд. Баъи се сол Талбак Назаров рисолаи номзадӣ дар мавзӯи “**Даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ҷудошавии онҳо байни буҷети умумииттифоқӣ ва маҳаллӣ**” дифоъ

кард ва дар пайи навиштани рисолаи докторӣ шуд. Натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзӣ буд, ки соли 1974 дар мавзӯи "**Масъалаҳои молия ва прогресси техникӣ дар саноат**" рисолаи докторӣ дифоъ намуд"[16].

Талбак Назаров зодаи мавзеи Кангурти Балҷувон (15.03.1938) буда, дар замони Шӯравӣ пайваста ба дараҷаҳои илмӣ ноил гардидааст ва аз ҷониби дигар дар мансабҳои гуногуни давлатӣ ифои вазифа намудааст. Солҳои 1953-1956 Омӯзишгоҳи молиявӣ – қарзии шаҳри Душанберо хатм карда, барои идомаи таҳсил ба шаҳри Ленинград меравад ва он ҷо Институти молиявӣ-иқтисодиро хатм намуда, солҳои 1962-1965 аспирантура ва солҳои 1973-1975 докторантураи ҳамин таълимгоҳро ба анҷом мерасонад. Солҳои 1965-1980 дар вазифаҳои ноиби декан, мудири кафедра, декани факултет ва ноиби ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонкору фаъолият намудааст. Солҳои 1982-1988 ректори Донишгоҳи мазкур, солҳои 1986-1988 раиси Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, солҳои 1988-1991 вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, солҳои 1991-1994 ноиби президенти

[16] Садои мардум. 17.03.2018.

Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 1994-2006 вазири умури хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон будааст. Номбурда дар минбарҳои гуногун ва ҳатто мухталифи таблиғотӣ муаррифӣ шудааст. Ӯро патриархи дипломатияи тоҷик ва меъмори умури хориҷа дар даврони Истиқлол ном бурдаанд. Аз ҳама асосӣ мусоҳибаҳои мавсуф мебошанд, чунки зиндагиномаи Талбак Назаров низомияеро мемонад, ки дар он унсурҳои манфиатҷӯӣ вуҷуд надоранд. Номбурда дар яке аз мусоҳибаҳояш иқрор мешавад, ки аз ҳама калонтарин маоши гирифтааш ҳамон маблағе аз ҷоизаи Бӯалӣ Сино (2500 доллари амрикоӣ) будааст.

Аксар вақт ҳарфҳои баёншудаи олим натиҷаи таҷрибаҳост ва ҷое тазаккур медиҳад: **“Ҳар давлате ҷойгоҳи хешро дорад ва донистану тибқи имконот амал намудан давлатро рушд медиҳад”.**

## ПАЖӮҲИШГАРИ ПАРТОВҲОИ САНОАТӢ

*“Дар дунё миллатҳо тибқи низоми ду тартиба мавҷуданд: дар миёни гурӯҳе аз онҳо олимон ҳастанд, дар дигариҳо олимон нестанд”.*

*Эрнест Ренан*

Аз чеҳраҳои басе ошно ва истиқболкунанда дар муҳити илмии кишвар академик ва кимиёшиноси



барҷаста **Улмас Мирсаидов** маҳсуб мешавад, ки таҳқиқоти густурдае ҷиҳати **партовҳои радиатсионӣ** ва **энерҷии атомӣ** анҷом додааст. Таъмин намудани ҳифзи муҳит аз истихроҷи моводи кимиёвӣ дар осори илмии академик нақши босазое доранд. Ғолибан, таҳқиқи назаррас, ки кимиёшинос дар солҳои 70-90 – уми садаи сипаришуда анҷом додааст, **кимиёи арзиз** мебошад. Ҳамзамон, У. Мирсаидов таваҷҷуҳи зарурииро ба мавриди истифода қарор додани партовҳои саноатӣ, бахши мушкилзо будани самти экологияи саноати кимиё ва металлургия бахшида, ба истеҳсол ва баррасии илмии арзиз чун моводи саноатии дорои партовҳои кимиёвӣ диққат додааст.

Номбурда 10 ноябри соли 1945 дар шаҳри Истаравшан таваллуд шуда, соли 1967 Донишкадаи кимиёвӣ-технологии ба номи Д. И. Менделеевро дар шаҳри Маскав бо баҳои аъло хатм намудааст. Солҳои 1988-2003 директори Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ ва аз соли 1995 ба мақоми президенти АМИТ интихоб шуда, то соли 2005 дар ин мансаб ифои вазифа доштааст. Дар як мусоҳиба бо намояндагии ВАО академик У. Мирсаидов ҷиҳати шуғли омӯзиши кимиёвии хеш ин ҳарфҳоро иқрор кардааст: **“Он айём ба омехтан ва омӯхтани гидриди алюминий оғоз намудам. Оид ба масъала мо як қатор таҳқиқҳоро дар маҷаллаи “Ахбори АИ ИҶШС” нашр намудем. Бахши дигари таҳқиқҳо ба ҷузъҳои эътидолии сӯзишвории ракетӣ бахшида шуда буданд, ки онро мо дар корхонаи гидрометаллургияи шаҳри Исфара иҷро намудем”[17].**

Зимни баррасии садаи нав ба вуқуъ пайваста академик ба суоли рӯзноманигор чунин посух медиҳад: **“Дар садаи XXI мушкилиҳои глобалӣ мушоҳида карда мешаванд: зиёдшавии ҳангуфти нуфӯси сайёра, фалокатҳои экологӣ, болоравии сатҳи камбизоатӣ,**

[17] Мирсаидов У.М. Избранные труды. Душанбе, 2013, стр. 11.

**бекорӣ, бемориҳо, тағйирёбии иқлим. Дар назди олимон ҳалли мушкилиҳои глобалии сайёраамон меистад”[18].**

Академик У. Мирсаидов зимни суханронӣ дар Конгресси уламо дар шаҳри Минск, ки соли 2001 барпо шуда, “илм ва маориф дар арафаи ҳазорсолаи савум” номгузорӣ гардида буд, бо дарназардошти авзоъ ва аҳволи илми муосир таъкид намудааст, ки: **“Бегуфтугӯ маориф, фарҳанг, илм сангҳои сегонаи рушди минбаъда ҳастанд. Илм нигаҳбони фонди генетикии тамаддунест, омили рушди фарҳанг, сиҳативу саҳеҳияти ахлоқии ҷомеаи муосирест, ки новобоста аз рушди бесобиқа мушкилиҳои муҳимро дар ҳазораи савум ба башарият хоҳад овард: нодорӣ ва доройӣ чун василаи муқобилгузории кишварҳои рушдкунанда ва мутароққӣ, проблемаи бекории тарвиҷёфта чун натиҷаи рушди илмӣ-техникӣ. Яке аз аз мушкилиҳои глобалӣ, ки дар пеши инсон дар иртибот ба рушди илм пайдо мегардад, ин шабеҳсозии инсон (клонирование) аст. Ин ҷо масъалаҳое зуҳур мекунанд, ки ҷанбаи ахлоқии нигаронкунанда доранд”[19].**

Олим ҳамонест, ки ҳадди аққал 10-15 соли минбаъдаро пешгӯӣ мекунад ва мушкилиҳои бо башар

[18] Ҳамон ҷо, саҳ. 17.

[19] Ҳамон ҷо, саҳ. 25

рӯбарӯ омадаро ошкор менамояд. Улмас Мирсаидов низ агар олим намебуд, ҳаводиси 20 соли баъдинаро мутазаккир намешуд. Агар шабеҳсозии инсон ҳанӯз дар авохири қарни XX маълум буд, лек пандемияи COVID – 19 фақат пешгӯӣ шудааст ва аз зумраи олимоне, ки зуҳури бемории сироятиро таъкид сохтааст, Улмас Мирсаидов аст. Гузашта аз ин, олим бармало гуфтааст, ки рушди бесобиқаи илму техника дарояндаи наздик бекории ногуфтаниро дар ҷаҳон ба вуҷуд хоҳад овард, ки вобаста ба он тараққии ғайри мунтазами кишварҳо ҳатто барои дували абарқудрат низ проблема хоҳад шуд.

Ҳар як давлат, - ба пиндошти академик Улмас Мирсаидов, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки нерумандтарин мутахассисини илму маорифро дошта бошад. Аммо маорифи сатҳи паст ба поинравии сатҳи ташкили истеҳсолот мусоидат карда, рушди илмро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ бозмедорад.

Муаллифи 15 монография, 450 мақолаҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва 75 патенту шаҳодатномаҳои муаллифӣ буда, чун мутахассиси барҷаста дар таҳқиқи пайвастагиҳои ҳидрогении кимиёи муосир, қабл аз ҳама гидриди алюминий ва борогидриди лантаноидҳо шинохта мешавад. Бори аввал дар Тоҷикистон, ӯ таҳқиқоти низомиро дар соҳаи кимиёи гидридӣ, металлҳои сабук ва моддаҳои зӯроварӣ оғоз кард. Натиҷаҳои ин таҳқиқотҳо

имкон доданд, ки механизм, нақшаҳои ҷараёнро муайян сохта, ҷиҳати рушди ҷомеа амалан роҳандозӣ шаванд. Осории илмии академик У. Мирсаидов таърихи илми ватаниро низ фаро гирифтааст. Масалан, монографияҳояш аз қабили **“Президентҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон”**, **“Сарварони фидокори илм”**, **“Онҳо ифтихори илми тоҷикро ташкил медиҳанд”**, **“Устодони ман”** ва ғайра ба баррасии таърихи илм бахшида шуда, ҷиҳати муаррифӣ кардани дастовардҳои илмӣ аз зумраи беҳтарин сарчашмаҳо маҳсуб мешаванд. Муаллиф аз вохӯриҳои судманд бо уламои ҳақиқӣ мисолҳо оварда, ҷаҳду кӯшиш ва лаёқати ихтисосии онҳоро ошкор месозад. Махсусан, таъкиди У. Мирсаидов ҷиҳати рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ҳангоми ба вазифаи президенти АМИТ таъин гардидани Султон Умаров гувоҳӣ медиҳад, ки кимиёшинос ҳангоми баёни ин ё он андеша ба далелу арқом такя менамояд.

Зарур медонам тазаккур диҳам, ки таваҷҷуҳи У. Мирсаидов ба ҳайси кимиёшиноси барҷаста пеш аз ҳама кимиёи маводи интенсивӣ бобати пажӯҳиш дар мавриди моддаҳои энергияталаб, коркарди ашёи хоми минералӣ ва партовҳо, аз он ҷумла партовҳои саноати коркард ва истеҳсоли уран, технологияи моддаҳои ғайри муқаррарӣ ва экологияи кимиёвӣ шинохта шудаанд. Як гурӯҳ тадқиқот, ки солҳои 70-90-уми садаи гузашта анҷом дода

шудаанд, ба кимиёи арзиз тааллуқ дошта, манобеи гидрогенӣ ва ҷузъҳои эҳтимолии сӯзишвории махсус дар саноати ҳарбиро дар бар мегиранд. Пас аз пошхӯрии ИҶШС тамоми потенсиали илмии Институти кимиёро ба ҳалли мушкилоти саноат ва кишоварзии Тоҷикистон равона карда, бо истифода аз партовҳои саноатӣ, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, инчунин мушкилоти экологии соҳаҳои гуногуни кимиёӣ ва металлургия диққати махсус медиҳад. Дар мақолае, ки дар он коркарди партовҳои истеҳсолӣ бо ашёи хоми маҳаллии минералӣ мавриди баррасӣ ёфтааст, роҳҳои рафъи оҷизии истеҳсолот дар гардиши куллии илм баррасӣ мешавад. Бавижа, кимиёшинос иқрор мекунад: **“Аҳамияти махсусро ҷиҳати ташкил намудани технологияҳои илмӣ коркарди партовҳои саноатӣ ва истифодаи оқилонаи ашёи маҳаллии минералӣ доранд. Ин ба он маънист, ки дар ҳудуди муассисаҳои саноатии кишвар садҳо ҳазор тонн партовҳое ҷамъ шудаанд, ки муҳити зистро ҳар лаҳза метавонанд заҳролуд созанд. Ин масъала махсусан, барои корхонаи арзизи шаҳри Турсунзода актуалӣ мебошад, ки аз корхонаҳои калонтарини истеҳсоли арзиз дар ҷаҳон маҳсуб мешавад”[20].**

[20] Ҳамон ҷо, саҳ. 78.

Яке аз масоили баҳспазири илмӣ истихроҷи маъдани уран ва дар мавзеи корхонаҳо риоя аз меъёрҳои стандартии амнияти радиатсионӣ дониста мешуд. Агарчи дар давраи Шӯравӣ меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ ба истондортҳои ИМА ва кишварҳои Аврупои Ғарбӣ мутобиқ буданд, бо вуҷуди он ба истихроҷи маъдан беш аз масоили ҳифзи муҳити зист таваҷҷуҳ мегардид. Бинобар ин, дар ҳудуди 170 га 55 миллион тонна партовҳо гӯронида мешуданд. Ба ин мавзӯъ академик У. Мирсаидов монографияи ҷудогона иншо намуда, дар он роҳҳои гуногуни истихроҷи маъдани уранро таҳқиқ намудааст. Тибқи маълумоти кимиёшинос, 20 дар 100 истихроҷи маъдани уран дар замони Шӯравӣ ба Тоҷикистон рост меомад. Таъмин намудани амнияти фаромиллии экосистемавӣ аз масоили ҳалталабест, ки кишварҳои рушдкунанда барои татбиқи он маблағҳои ҳангуфте ихроҷ менамоянд ва чунонки аз гуфтаҳои кимиёшиносон бармеояд, ҷузъи таркибии амнияти экосистемавӣ бехатарии радиатсионӣ маҳсуб мешавад. Саноати тараққикардаи истихроҷ ва коркарди маъдани уран ҷаҳони муосирро водор сохтааст, ки онро таҳти назорат қарор дода, созишномаҳои гуногунро ба имзо расонад. Бинобар ин, пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Оҷонсии байналмилалии неруи атомӣ – МАГАТЭ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса

намуд, чунки истеҳсоли консентрати уран он замон аввалин маротиб соли 1941 дар корхонаи таҷрибавии воқеъ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз гардида буд ва дар замони истиқлолият кишвари тоҷикон ҳаҷми муайяни партовҳои радиатсиониро аз давлати Шӯроҳо мерос гирифт. Бинобар ин, таъмини бехатарии онҳо дар муҳити зисти инсонҳо имкон фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мавзеи истихроҷ ва коркарди маъдани уран шинохта шуда, дар сатҳи байналхалқӣ омӯхта шавад. Натиҷаи инчунин омӯзишҳо таъсиси Оҷонсии амнияти ядроӣ ва радиатсионии АМИТ мебошад, ки феълан академик У. Мирсаидов он ҷо фаъолият дошта, ҷиҳати баррасии илмии кимиёшиносӣ саҳми беназир гузоштааст. Коркарди маъданҳои урандор ва ҷудокунии консентратҳои уран аз обҳои саноатии кишвар таърихи хешро дошта, дар рисолаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Айни замон мушкилии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафъи оқибатҳои барангезандаи дар замони Шӯравӣ бинобар истихроҷи маъдани урун бавуҷудомада маҳсуб мешавад. Баъд аз пошхӯрии давлати Шӯроҳо истихроҷи ин навъи маъдан боздошта шуд, аммо мушкилии таъмин намудани амнияти радиатсионӣ ба вуҷӯъ пайваст. Мероси маъдани урани Тоҷикистон аз соли 1944 зимни истихроҷи консентрати уран дар корхонаи шаҳри Б.

Ғафуров ифтитоҳ гардид. Аз соли 1945 ба баъд дар шимоли кишвар 6 корхонаи истихроҷи маъдани уран ташкил ёфтанд, ки то ахири солҳои 60-ум ҳамагӣ як корхонаи калон дар шаҳри Чкаловск боқӣ монда буд. Оид ба мушкилии мазкур академик У. Мирсаидов дар соли 2019 рисолае бо забони русӣ мунташир сохт, ки **“Хусусиятҳои истихроҷ ва ҷудокунии консентрати уран аз обҳои саноатии урандори Тоҷикистон”** номгузорӣ шудааст. Дар ин рисола муаллиф омилҳои дар Ховари Марказӣ ҷустани уранро чунин шарҳ додааст: **“13 октябри соли 1945 Шӯрои Комиссарони Халқи Иттиҳоди Шӯравӣ дар манотиқи гуногуни дохили давлат ба хотири васеъ намудани саноати истихроҷи маъдани урангузаронидани кофтукобҳои геологиро роҳандозӣ кард. Дар ҳамон сол дар наздикии шаҳри Ленинобод корхонаи №4 таъсис ёфт ва дар Табошар корхонаи №3 ҷиҳати дарёфти консентрати уран созмон дода шуд”[21].**

Академик Улмас Мирсаидов дар баробари пажӯҳишҳои густурда дар илми кимиёшиносӣ, боз ба сиёсат ворид гардида, солҳо президенти АМИТ буданд ва аз минбарҳои ҷаҳонӣ аз илми тоҷик намояндагӣ карда, нақши босазое дар муаррифии ниҳодҳои илмии

---

[21] Мирсаидов У. Особенности выделения урановых концентрантов из руд и урансодержащих вод Таджикистана, Душанбе, 2019, стр. 29.

Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштаанд. Алҳол, иқдом намудаанд, ки дар баррасии энерҷии атомӣ ва масоили марбут ба он аз қабили партовҳои радиатсионӣ саҳм гузошта, мавзӯро барои гурӯҳи илмпешагони ватанӣ ошно созад.

## РИЁЗИДОНИ ШИНОХТА

*Илм чизе нест магар баррасии он ҳақиқате, ки дар он маҳбусем.*

*Фрэнсис Бэкон*

Академик Мамадшо Илоловро дар кишвар ҳамагон мешиносанд. Номбурда ҳам вазири меҳнат ва ҳам президенти АМИТ буданд, аммо нақши ӯ дар рушди илми ватанӣ бештар мушоҳида мешавад. Соли 2020 дар яке аз мусоҳибаҳои хеш илмро ба се шоха ҷудо карда, онҳоро академӣ, саноатӣ ва донишгоҳӣ ном бурдааст. Мавсуф чун математик бештар мутахассиси соҳаи назарияи муодилаҳои эволютсионӣ маҳсуб мешавад. Самтҳои асосии пажӯҳиши илмии мансуб ба Мамадшо Илолов назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ, татбиқи онҳо ва таърихи илм буда, бинобар талабот асосҳои илмии ватаниро дар китоби "Апастак", ки бори аввал бо забони паҳлавӣ таълиф шудааст, ҷустуҷӯ мекунад ва таъсири бағоят азими Бӯалӣ Синоро дар илми ҷаҳонӣ иқрор кардааст. Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки академик "қарни тиллоӣ"-и таърихи тоҷиконро ба силсилаи Сомониён нисбат дода, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи уламоро



дар он аҳд садаи рушди илм пиндоштааст: **“Илму фарҳанги аҳди Сомон, ки дар таърих бо номи “Эҳёи мусалмонӣ” маълум аст, бузургтарин падидаи он давраро ташкил медиҳад. Нобиғаҳои оламшумул Ибни Сино, Берунӣ, Форобӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ дар тӯли каме зиёдтар аз сад сол осореро боқӣ гузоштаанд, ки дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамто надорад”[22].**

Академик ба илми изҳоршуда қаноат накарда, иктифоъ ба улуми ҳосилшударо инқирози илм донистааст. Ӯ дар китоби “Илм ва замон” ин фарзияро дунбол мегирад: **“набояд фаромӯш кард, ки робитаи мутақобилаи илм ва ҷомеа низ нисбат ба солҳо ва давраҳои пеш шакли сифатан навро касб намудааст. Ҷомеаи тоҷик анъанаҳо ва суннатҳои ба худ хосро дорост ва бешак, олимони тоҷик дар омӯзиш ва рушди чунин суннатҳо ҳиссаи бузург доранд. Аз ҷониби дигар, илм дар сарҳади давлатӣ тамом намешавад”[23]**.

Дар мақолаи илмии бахшидашуда ба Абуалӣ ибни Сино ҳамон бахши табиӣ-илмии нобиғаро баррасӣ карда, оқибат бо истифода аз санъати қиёс бузургии Синоро аз соири бузургони илму дин исбот мекунад:

---

[22] Илолов М. Илм ва замон. Душанбе, 2008, сащ. 17.

[23] Ҳамон ҷо, саҳ. 4.

**“Сино бар хилофи Феофраст, ки аз ҷонибдорони назарияи худ ба худ пайдо шудани рустаниҳо буд, назарияи танҳо аз тухм пайдо шудани онҳоро пешниҳод месозад ва вобастагии байни муҳиту рустаниҳоро возеҳ тасвир менамояд. Дар айни ҳол ӯ бар хилофи Арасту ақида дошт, ки ҳайвонот танҳо аз нутфа пайдо мешавад ва рушд менамояд. Дар Аврупо ин гуна назарияҳо танҳо дар асри XIX пайдо шуданд. Ҳамаи ин далели он аст, ки Ибни Сино пайрави одии пешиниён нест, балки олими эҷодкор ихтироъкор мебошад ва назариёти ӯ аҳамияти илмии худро то ба ҳол аз даст надодааст”[24].**

Бахши ба тиб бахшидашудаи таолими Сино боз як бори дигар иқтизо дорад, ки ниёгони ориёии мо ба пажӯҳиши илми тиб аз қадиммулайём шуғл варзида, бо вуҷуди сӯхта шудани мероси хаттии ориёниҳо намояндаи онҳо дар садсолаҳои баъдӣ ба эҳёи илми тиб камар баста, онро ба башар дар шакли назариявӣ ва амалӣ пешкаш намуд. Академик Мамадшо Илолов зимни мусоҳибае ба таҳлили макотиби илмӣ пардохтааст: **“Мактаби илмии риёзӣ чист? Ду созмондиҳандаи мактаби илмӣ маълуманд, яъне устод ва шогирд. Вале дар баробари равобити “устод-шогирд” бояд мавзӯи илмие бошад, ки хоси ҳамин мактаб аст. Шеваи таҳқиқ низ дар**

---

[24] Ҳамон ҷо, саҳ. 25.

**мактаби илмӣ аз они худист. Дар ҳолати мавҷудияти мавзӯъ ва шеваи таҳқиқ мактаби илмӣ арзи ҳастӣ мекунад ва дар кӯтоҳмуддат ба натиҷаи илмӣ даст меёбад”[25].**

Масъалаи асосии баррасиҳои илмӣ ҷудо кардани он ба бунёдиву амалӣ такя мекунад. Бинобар ин, мавзӯи мушаххас бо унвони “нурҳои кайҳонӣ” ба аксар улуми табиӣ тадохул дошта, аз ҷоиби улум тибқи асолати худ таҳқиқ мешавад. Академик Мамадшо Илолов дар ин маврид мегӯяд: **“Дар баробари илми бунёдӣ, ки асосан ба пайдо кардан ва зам намудани дониши нав равона шудааст, илми амалӣ низ ба физикаи нурҳои кайҳонӣ ва физикаи заррачаҳои элементарӣ робита дорад. Сухан дар бораи масъалаҳои энергетикаи атомӣ ва ядрой меравад. Ду самти омӯзиши заррачаҳо маъруф ҳастанд: яке, таҳқиқи хосияти онҳо дар суръатфизоҳои хаттӣ, циклотронҳо, синхрофазатронҳо ва коллайдерҳо; дигаре, дар майдончаҳои таҳқиқотиву озмоишӣ дар баландкӯҳҳо, ки дар онҳо селаи нурҳои кайҳонӣ ба Замин мерезанд”[26].**

Дар таълифоти зикргардида академик Мамадшо Илолов рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқро дар давраи асримиёнагӣ баррасӣ карда, бартарии онҳоро аз

---

[25] Ҳамон ҷо, саҳ. 58.

[26] Илолов М. Нигоҳе ба қуллаҳои илми тоҷик. Душанбе, 2013, саҳ. 107.

улуми ҷомеашиносӣ қайд менамояд: **“Дар фарҳанги асримиёнагии тоҷику форс барои рушди илмҳои математика ва астрономия низ шароити мусоид фароҳам омада буд. Олими барҷастаи асри IX Муҳаммади Хоразмӣ ва асари машҳури ӯ “Китоб-ул-ҷабр ва –л-муқобила” боиси пайдоиши як бахши илми риёзӣ – алгебра гардид ва аз овонавишти лотинии номаш истилоҳи ҳозираи илмӣ алгоритм ба вуҷуд омадааст. Риёзидонони мовароуннаҳрӣ дар бахши илми мусалласот (тригонометрия) ҳам бештар аз 100 ҷадвали дақиқи тригонометрӣ мураттаб сохта буданд, ки ҷадвали аз ҳама аниқи он маҳсули расадхонаи Самарқанд будааст”[27].**

Ба ибораи дигар, академик зимни таҳқиқи илм ба таърихи он мутаваҷҷеҳ шуда, масъалаи ба илм рӯоварии аҷдодони моро хеле хуб арзёбӣ мекунад ва гузашта аз ин, мутазаккир мешавад, ки нақши уламои тоҷик дар гузашта мавриди истиқболи ҷаҳониён гардидааст. Ҳамчунин, Мамадшо Илолов ба ҳайси олими шинохта бахшҳои гуногуни илмро дар замони Шӯравӣ таҳқиқ намуда, чеҳраҳои калидии рушди соҳавии улуми ватаниро муаррифӣ мекунад ва зери унвони “мактаби риёзии тоҷик” таърихи пайдоиш ва рушди илми риёзиро дар кишвар баррасӣ менамояд. Аз ҷумла, менависад:

[27] Ҳамон ҷо, 167.

**“Яке аз самтҳои муосир ва хеле васеъ татбиқшавандаи риёзиёт таҳлили функсионалӣ ба ҳисоб меравад. Рушди ин шохаи риёзиёт дар Тоҷикистон аз аввали солҳои 60-уми асри XX шурӯъ мешавад ва он, пеш аз ҳама, аз равобити илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Воронеж сарчашма мегирад”[28]**

Дар китоби “Илм дар замони Рӯдакӣ” (Душанбе, 2008) зумраи нерӯманде аз донишмандони бо Рӯдакӣ муосирро мебинем, ки академик ба онҳо таваҷҷуҳ доштааст. Дар миёни онҳо риёзидону ҳайатшиносон, табибу ҷуғрофидонон ва донишмандони энсиклопедист ҳастанд ва инҷо чандин донишманди он замонро меорем:Аббоси Ҷавҳарӣ (риёзидон), Абдулҳамиди Хуталӣ (ҳисоб), Абдураҳмони Суфӣ (ҳайатшинос), Абулвафои Бузҷонӣ (табиатшинос), Абумаҳмуди Хуҷандӣ (ихтироъкор), Закариёи Розӣ (пизишк) ва ғайра. Ин омил шаҳодат аз ин медиҳад, ки Мамадшо Илолов таърихи илми табиатшиносиро дар садаҳои XIII – X муҳаққиқ шуда, асрори улуми табииро дар даврони Сомониён ҳамаҷониба муаррифӣ намудааст.

Дигар китобе, ки ҷиҳати баррасии ақоиди академик саҳмгузор мебошад, ҳамон муколамаи олим бо академик Акбари Турсон аст, ки “Тоҷикистон дар чорраҳаи

---

[28] Ҳамон ҷо, саҳ. 191.

Ховару Бохтар” номгузорӣ шудааст. Дар ин муколама академик ҷиҳати мушкилиҳои минтақавӣ бо дарназардошти тағйирёбии иқлим изҳори андеша карда, зимнан ин ҳарфҳоро изҳор мекунад: **“Чунонки мушкилии хушк шудани баҳри Арал проблемаи як худи Узбекистон нест, хатари фурӯрехтани оби кӯли Сарез ҳам проблемаи танҳо Тоҷикистон нест. Албатта, чунонки падару модарро баргузидан амри муҳол аст, кишвари ҳамсояро низ интихоб карда намешавад. Ҳамзамон, ба назар бояд гирифт, ки мо, ҳамагон дар як киштии экологӣ нишастаем”.** Ин ҷо метавон дарк намуд, ки бинобар хушкшавии оби баҳри Арал намак бухор гардида, боз ба замин дар шакли жола, ё худ тавассути хокбориш мерезад ва хушксолӣ, камҳосилӣ низ аз ҳамон намаки баҳрист, ки ба минтақа як хел зиён меорад. Аз ҳамин хотир, обшавии пиряхҳо низ дар оянда масоиби дардзо ба бор хоҳанд овард. Бинобар ин, ҷиҳати рафъи мушкилӣ бояд бо ҳам якмаром бошем ва нагузорем, ки кишварҳо рӯз аз рӯз ба об эҳтиёҷ пайдо кунанд. Аҷиб дар ин муколама баррасии ҷаҳонсозии амалист, аммо ҳар ду академик ин равандро саҳеҳ намедонанд, чунки бар манофеи қудратҳои ҷаҳонӣ матраҳ шудааст.

Нақши академик Мамадшо Илолов дар рушди илм, бавижа улуми дақиқ хеле шадид мушоҳида мешавад ва

бо эътимоди бузург метавон гуфт, ки мавсуф дар самти мазкур саҳми камназир дорад.

Силсилаи корҳои пешниҳодшуда аз монографияи "Масъалаҳои Коши барои баъзе синфҳои муодилаҳои абстрактии эволютсионӣ", ки соли 2001 нашр шудааст, бо иловаи 12 мақолаи дар маҷаллаҳои байналмилалии риёзӣ нашршуда иборат аст. Натиҷаҳое, ки дар ин силсилаи корҳо ба даст оварда шудаанд, хусусияти фундаменталӣ дошта, дар модулҳои гуногуни математикие, ки ҳангоми омӯзиши масъалаҳои биология, пайдоиши шуоъҳои кайҳонӣ ва робитаи байни параметрҳои электрикии модулҳои фотоэлектрикӣ ва омилҳои беруна ба монанди шиддати радиатсияи офтоб ва ҳарорат ба миён меоянд, истифода мешаванд. Натиҷаҳо ба таври мухтасар бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф карда мешаванд:

- Теоремаҳои мавҷудият ва ягонагӣ барои ҳалли масъалаи Коши барои муодилаҳои абстрактии параболӣ бо шартҳои ғайрихаттии аккретивӣ исбот карда шудаанд. Ин теоремаҳо дар назарияи ғайрихаттии муодилаҳо ва системаҳои параболӣ, биологияи

математикӣ татбиқ мешаванд ва умумияти теоремаи маъруфи Ҳилле-Йосид барои операторҳои хатӣ ба ҳолати ғайрихаттӣ мебошанд;

- Ҳалпазирӣ ва дуруст гузоштани масъалаи Коши барои муодилаҳои эволютсияи хатии касрӣ бо назардошти хотираи динамикӣ дар фазои Banach исбот шудааст. Ин натиҷа такмил ва рушди минбаъдаи тадқиқоти риёзидонҳои бузурги қарни XX С.Г. Крейн, Т. Като ва П. Соболевский ва шогирдонашон, инчунин дар мавриди муодилаҳои нимхатии тартиби касрӣ, дар масъалаҳои физикаи энергияи баланд корбурд доранд;

- Консепсияи нави интегроли стохастикӣ (тасодуфӣ) пешниҳод шудааст, ки аз интегролҳои маъруфи К. Ито ва Р.В. Стратанович, тавре ки ба синфи муодилаҳои дифференсиалии стохастикии тартиби касрӣ татбиқ карда мешавад, ки аз ҷараёни тасодуфии мутлақ ё садои сафеди навъи Балакришнан дар фазои Ҳилберт халалдор мешавад. Бо истифода аз мисоли ҳисоб кардани ҳосилаи Радон-Никодим барои ченакҳои ниҳоии аддитивӣ ба мақсад мувофиқ будани ҷорӣ намудани интегроли нави стохастикӣ нишон дода мешавад. Бояд гуфт, ки

элементҳои аввалини чунин ҳисобҳои интегролӣ ба риёзидони машҳури амрикоӣ А.Б. Балакришнан ва рушди босуръати риёзиёти молиявӣ ангезаи таҳқиқоти амиқтар ба консепсияи нави ҳисобҳои интегролӣ ва дифференсиалии стохастикӣ мебошад.

Илолов Мамадшо мутахассиси варзидаи соҳаи муодилаҳои абстрактии эволютсионӣ ва татбиқи он дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни амалии физикӣ, техникӣ, биология ва тиб буда, натичаҳои барҷаста ба даст овардааст. Вай нахуст назарияи муодилаҳои эволютсионии касриро дар фазоҳои беандоза офарида, зимнан асосгузори мактаби илмии ин самт дар Тоҷикистон гардид, ки дар Русия, ИМА, Қазоқистон, Эрон ва Туркия пайравони зиёд дорад. Чунин ба назар мерасад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника қадрдонӣ шудани академик Мамадшо Илолов баҳогузории муносибе ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-ташкилии риёзидон мебуд. Мавсуф чун риёзидон бештар мутахассиси соҳаи назарияи муодилаҳои эволютсионӣ

маҳсуб мешавад. Самтҳои асосии пажӯҳиши илмии мансуб ба Мамадшо Илолов назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ, татбиқи онҳост ва номбурда таърихи иктифоъ ба улуми ҳосилшударо инқирози илм донистааст. Ӯ дар китоби “Илм ва замон” ин фарзияро дунбол мегирад: “набояд фаромӯш кард, ки робитаи мутақобилаи илм ва ҷомеа низ нисбат ба солҳо ва давраҳои пеш шакли сифатан навро касб намудааст. Ҷомеаи тоҷик анъанаҳо ва суннатҳои ба худ хосро дорост ва бешак, олимони тоҷик дар омӯзиш ва рушди чунин суннатҳо ҳиссаи бузург доранд. Аз ҷониби дигар, илм дар сарҳади давлатӣ тамом намешавад.

## МАНИШИ ҚОНУНШИНОСӢ

*“Донистани қонунҳои ҳаёт аз бисёрии донишҳо муҳимтар аст, чунки онҳо моро мустақиман ба худмуайянкунӣ меоранд ва ин бардошт бузургтарин аҳамиятро дорост”.*

*Герберт Спенсер*

Дар ҳар оине ва маслаке риояи меъёр ҳатмӣ дониста мешавад. Агар бидуни риояи меъёре анҷумане барпо гардад, ҳатман созмондиҳандагони он ба нокомӣ мубтало хоҳанд шуд. Аз ин ҷост, ки мақоли машҳур мабнӣ ба ин ки “Аёз, ҳадди худ бишнос”, то рӯзгори омада расидааст. Чун мо ҷамъиятеро муаррифӣ мекунем, ҳатман ба қонунҳое рӯ ба рӯ хоҳем гашт, ки ҷиҳати танзими он таҳия ёфтаанд ва чун сухан аз қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ меравад, қонуншиносе ё ҳуқуқдоне пеши назар меояд. Ҷомеаи кишвар бо номи академик **Маҳкам Маҳмудзода** ошност. Номбурда ҷиҳати баррасии Қонуни асосӣ таваққуф карда, бахшҳои гуногуни онро таҳқиқ менамояд ва дар яке аз мақолаҳои ба ин мавзӯъ бахшидашудааш чунин таъкид мекунад: **“Дар назарияи илми ҳуқуқ мавҷудият ва амали бевоситаи Конститутсия нишондиҳандаи муҳими волоияти ҳуқуқ дар давлат, афзалият ва эҳтироми ҳуқуқҳои шахсият маҳсуб ёфта, ин ғояи конститутсионӣ татбиқи васеи худро қариб, ки дар тамоми дунё пайдо намуда, усулҳои**



**зӯроваронаи амалисозии ҳокимият ва идоракунии давлат, вайронкунии моҳияти қонунро инкор мекунад. Яке аз мақсадҳои заминавии ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ- ин қабули Конститутсияи муосир ва дар заминаи он бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ғояҳои муосири аз ҷониби умум пазируфташуда, дорои характери универсалӣ мебошад ва ба ҳама гуна низоми сиёсӣ ва идеологии халқиятҳои дар раванди таърихии давлатдории ҷаҳон мавҷудбуда мувофиқат менамояд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои аъзои собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар солҳои аввали ташаккули пояҳои истиқлоли миллӣ тавассути раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи нав қабул гардида, саҳифаи навро дар низоми таърихи давлатдории тоҷикон оғоз намуд ва дигаргунии куллиро дар ҳаёти ҷомеа ба миён оварда, самти ташаккули иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҷамъиятиву сиёсии давлатро муайян намуд**". Дигар мавод, ки аз ҷониби академик Маҳмудзода бобати ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ таълиф ёфтааст, маҷмӯи мақолаҳо ва маърӯзаҳои ӯст, ки "**Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ**" номгузорӣ шуда, соли 2017 интишор гардидааст. Бидуни тардид ин ҷо пажӯҳишро аз қонуни

оиладорӣ оғоз мекунем. Чунки раванди ҷаҳонишавӣ падидаҳои нави иҷтимоиро дар ҷаҳон мунташир сохт ва барои мутобиқ шудани шаҳрвандони Тоҷикистон бо қавонини наву усулҳои ҷадиди барпо кардани оила дар кишварҳои мутараққӣ тағйироти куллӣ дар низоми қонунгузории оилавӣ аз зумраи заруратҳое маҳсуб мешаванд, ки бо дарназардошти онҳо бархурдҳои оиладорӣ баррасӣ мешаванд. Алъон, дар кишварҳои мутараққӣ тоифае аз ҷавонон барпо кардани оиларо дар натиҷаи издивоҷ ғайри қобили қабул дониста, ҳаёти муҷаррадиро аз оиладорӣ афзал мешуморанд. Бояд иқрор намуд, ки таблиғи муҷаррадӣ дар Урупо ҳануз аз нимаи дувуми садаи XIX оғоз гардид ва айни замон ҷонибдорони чунин тарзи ҳаёт торафт меафзоянд. Мушкилӣ пиндоштани оила дар Ғарб боис шуд, ки ин қитъаро айни замон норасоии насл фаро гирифтааст. Инсони муосир мубтакир аст, ки барои хеш зиндагӣ кунад ва ҳеҷ тардиде нест, ки дар зиндагонии ӯ дигарон низ мушорикат кунанд. Яъне, печидагии фарди ҷомеа бо ғайри худ агар зинае аз худшиносист, аммо дар ниҳоди вай эҳсоси бағоят муҳими башардӯстиро нобуд мекунад ва инсоне, ки аз барпо кардани оила ба хотири таъмини озодиҳои фардии хеш сарпечӣ намудааст, оқибат ба пойбандӣ гирифтор хоҳад шуд. Ҷавонон масъул намебошанд, ки тавассути дигарон ва бо дастури

пайвандони хеш оила барпо карда, издивоҷ намоянд, аммо омилҳои биологӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки инсони болиғ ҳатман бояд издивоҷ кунад. Академик Маҳкам Маҳмудзода дар як мақолааш, ки "Заминаҳои ҳуқуқии ташаккули оила дар даврони истиқлолияти давлатӣ" мебошад, инъикосгардии баъзе аз самтҳои маълумнабудани қонунгузории оилавиро дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тазаккур менамояд. Шаҳрвандони кишвар имрӯз низ анъанаеро идома медиҳанд, ки мутобиқи он дар оила баробарии марду зан каноргузорӣ шуда, зӯроварии мард дар нисбати зан ҳувайдо мегардад. Бинобар ин, аксар бонувони издивоҷкунанда аз фаъолият боздошта шуда, минбаъд дар тобеияти мард қарор мегиранд ва нақши онҳо дар ҳаёти оилавӣ лағв мегардад. Бисёрии занон бо чунин авзоъ ва муҳити истеъдодкӯш муросо карда, бо пӯхтани ғизо ва дигар корҳои ҷисмонӣ қаноат мекунанд, ки дар авохир низоми оиладорӣ халал дида, ба буҳрони шадиде гирифтор мешавад. Аз ҳамин хотир, Маҳкам Маҳмудзода аз тағйиру иловаҳое ёдрас мегардад, ки алайҳи ин анъанаҳои поймолкунанда аз ҳуқуқи занону бонувон ба тасвиб расидаанд. Бавижа, бархе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқиро зикр карда, татбиқи онҳоро ҳатмӣ медонад: **"Ба зумраи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба танзими муносибатҳои оилавӣ равона гардидаанд,**

инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2000, №98 “Дар бораи тасдиқи Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ”; аз 8 августи соли 2001, №391 “Дар бораи барномаи давлатии “Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010”; аз 1 октябри соли 2004, №406 “Дар бораи тасдиқи номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будан шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) гирад”; аз 1 октябри соли 2004, №407 “Оид ба тасдиқи навъҳои музди меҳнат ва дигар даромадҳое, ки аз онҳо барои таъминоти кӯдакони ноболиғ алимент рӯёнида мешавад”; аз 1 ноябри соли 2006, №496 “Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016”; аз 29 майи соли 2010, №269 “Дар бораи тасдиқи “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”; аз 30 декабри соли 2015, №801 “Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии

**Тоҷикистон" ва дигар санадҳои зиёди ҳуқуқӣ дохил мешаванд"[29].**

Академик Маҳкам Маҳмудзода дар баррасии оилаҳои муосир иктифо карда, ҷиҳати таҳқиқ ба давраҳои бостонӣ рӯ меорад ва бинобар мушкилиҳо омилҳои муосири буҳрони оилавиро муаррифӣ намуда, сабаби рушди камбизоатиро дар оила баҳогузорӣ мекунад. Дар ин маврид, ӯ иқтибосе аз суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меоварад, ки матлаи он ин аст: "**Камбизоатӣ дар кишвари мо аз бисёр ҷиҳат ҷанбаи оилавӣ дорад. Мувофиқи маълумоти мавҷуда ҳоло ҳар як оилаи Тоҷикистон ба ҳисоби миёна аз 7 нафар иборат аст, яъне як нафар корманд тақрибан шаш нафарро мехӯронад ва мепӯшонад. Ҳол он ки дар мамлакатҳои тараққикарда дар аксарияти мавридҳо ду нафар саробонии як фарзандро ба ӯҳда доранд. Аз ин лиҳоз, банақшагирии оила воситаи муҳими паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва беҳдошти саломатии аҳолист"[30].**

Омилҳои дигар ҷиҳати поймолшавии ҳуқуқи занону бонувон гуногун мебошанд, аммо академик бо такя бо

---

[29] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. Душанбе, 2017, саҳ. 43.

[30] Эмомалӣ Раҳмон. Танзими оила-кафолати рушди устувори ҷомеа. Душанбе, Шарқи озод, саҳ. 13.

маълумоти оморӣ аз 15 ҳазор зане ҳарф мезанад, ки хондану навиштанро наёмӯхтаанд ва ҳангоми навиштани мавод ё хондани матлабе ба дигарон муроҷиат мекунанд.

Матлаби академик Маҳкам Маҳмудзода бобати риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар аҳди қадим хеле ҷолиб аст, чунки ниёгони мо, тоҷикон аз қадиммулайём дар муносиботи зану шавҳар нигоҳи нек дошта, зӯроварӣро нисбат ба ҳамдигар бидъат мепиндоштаанд: **“Ҳанӯз дар аҳди Зардушт, тақрибан асри IX қабл аз милод ба муносибатҳои мардону занон дар заминаи ҳуқуқ диққати ҷиддӣ дода мешуд. Зиёда аз ин, дар масъалаи танзими ҳуқуқии амволи оила дар Шарқи қадим пешравӣ нисбат ба Ғарб ба мушоҳида мерасад. Қадимтарин намунаи аҳдномаи никоҳро аз сангнавиштаҳои кӯҳи Муғ пайдо кардаанд, ки он ба асри VIII қабл аз милод тааллуқ дорад. Бунёди оила дар аҳди Зардушт амали муқаддас пиндошта шуда, ба инкишофи маънавияти ҷомеа алоқаманд ҳисобида мешуд... Масалан, дар “Қонунномаи Сосониён” сабт шуда буд, ки “инсон духтари хешро набояд зидди иродааш ба шавҳар диҳад”[31].**

Бисёр мушоҳида мешавад, ки зану марди ҷавон бинобар надонистани ҳуқуқу масъулиятҳои ҳамдигар

[31] Маҳмудзода М. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила. Душанбе, 2003, саҳ. 7.

фиреб мехӯранд ва зуд аз ҳамдигар ҷудо гардида, барои нав ҷустани шарики зиндагӣ иқдом мекунанд. Махсусан, пароканда шудани теъдоди муайяни оилаҳои ҷавон нигаронкунанда буда, шоҳид ба ин андеша аст, ки бархе аз ҷавонон ҳаёти мустақилонаро намепазиранд. Тафаккури бунёд сохтани оилаи нав дар сурати ҷудошавӣ аз каммасъулиятист, чунки фақат инсони бемасъулият ва маҳрум аз самимият дигарбора мехоҳад шарики нави зиндагиро интихоб карда, бо аввалӣ дар инзиво қарор бигирад. Ҷудошавии оилаҳои ҷавон гувоҳӣ медиҳанд, ки насли нави бо мо муосир интихоби ҳамсарро тариқи саҳлнигорӣ анҷом дода, худ таҳқиқ намекунанд, ки чаро онҳоро бояд ақди никоҳ баст. Гузашта аз ин, надонистани никоҳ ва онро чун сарборӣ пиндоштани бисёриҳо дар ояндаи наздик масоиби дардзо ба бор меоварад ва ҳамаи ин мушкилиҳо ба тарзи тафаккури ҷавонон тадохул дорад, чунки беаҳамиятӣ ба никоҳи ҳамсарон, бечунучаро беэътиноиро нисбат ба миллату давлат бунёд мекунад. Боз бармегардем ба андешаи академик Маҳкам Маҳмудзода, ки бобати ризоияти ҷонибайн мегӯяд: “**Яке аз хусусиятҳои муҳими никоҳ аз он иборат аст, ки он ихтиёрӣ баста мешавад. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳ ба ризоияти тарафайни зану мард асос меёбад. Азбаски асоси**

**никоҳро ризомандии тарафайн ташкил медиҳад ва қонун ин озодиро муҳофизат менамояд, ҳар гуна амали маҷбурӣ барои никоҳ на фақат боиси бекор кардани ин никоҳ мегардад, балки шахсоне, ки барои чунин амал гунаҳкоранд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ низ кашида мешаванд"[32].**

Аксуламал ба таҳияи оила дар муқобили ихтиёр истифода шудани ҷабр маҳсуб мешавад ва чунонки академик баён медорад, тадқиқот дар корхонаҳо ва муассисаҳои шаҳри Душанбе, дар судҳои ҷумҳурӣ гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки яке аз сабабҳои зиёд будани талоқи ҳамсарон – норозигии яке аз тарафҳо дар бунёди оила мебошад. Хеле бармаҳал, яъне дар синни ҳанӯз барвақтӣ (тахминан 17,18,19,20,21-солагӣ) оила барпо кардан низ тибқи тадқиқоти сотсиологӣ  аз зумраи авомилест, ки оқибат ба ҷудошавӣ меоранд. Ҳуқуқшиноси машҳури кишвар дар ин маврид менависад: **"Агар мард дар синни 17 – солагӣ издивоҷ кунад, оё душвориҳои ҳаёти оилавиро аз ҷиҳати моддӣ бартараф карда метавонад? Албатта, не. Зеро дар ин синну сол одатан, ҷавон ягон омодагии муайян надорад. Ӯ**

---

[32] Ҳамон ҷо, 35.

**маҷбур мешавад, ки аз ҳисоби маблағҳои волидайн ҳаёти оилавӣ гузаронад”[33].**

Яке аз проблемҳои тоҷикони муосир ҳамон никоҳи хешутаборист, чунки бо вуҷуди фарҳанги оламгир доштан гурӯҳе аз онҳо аз зумраи пайвандони наздиктарин ҳамсар интихоб мекунанд. Не, ин ҷо фикр нодуруст изҳор шуд. Интихоб не, балки ҷавононро пирони соҳибтаҷриба водор мекунанд, ки мабодо аз зумраи бегонагон ҳамсар накунӣ ва ба барвақтӣ хурдсолонро бо ҳам гаҳворабанд менамоянд. Дар Ғарб ин мушкилӣ вуҷуд надорад, чунки ҷавон дар Урупо пайванди худро бародару хоҳар мехонад ва никоҳ бо ононро айни шармандагӣ мешуморад. Дар кишвари мо бошад, бузургсолон бо баҳонаи ин ки мерос бегона нашавад, ҳамсарро аз миёни ақрабои наздиктарин интихоб мекунанд ва бо вуҷуди оқибатҳои вахим доштани никоҳи хешутаборӣ боз ҷиҳати риояи одати мавҷудбуда иқдом менамоянд. Академик Маҳмудзода М. Дар ин мавзӯъ тавaққуф намуда, дар натиҷаи пажӯҳиши густурда ба чунин хулоса меояд: “**Илми тиб муқаррар кардааст, ки никоҳи хешовандон ба насли онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Кӯдакони аз ин никоҳ тавлидёфта мурда ба дунё меоянд ё умри дароз**

[33] Ҳамон ҷо, саҳ. 39.

**намебинанд, ё гирифтори касалии вазнин мешаванд. Масалан, хатари ба касалии Дауна гирифтор шудани кӯдаки аз никоҳи хешу таборони наздик таваллудёфта нисбат ба кӯдакони аз никоҳи муқаррарӣ тавлидёфта ду баробар зиёдтар мебошад”[34].**

Пажӯҳишҳои гуногунсоҳа шаҳодат медиҳанд, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар дилхоҳ кишвари таъминкунандаи ашъёи хом бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро рушд мебахшад, аммо аз ин ду тамоили иҷтимоӣ бештар занону кӯдакон зиён мебинанд. Аз ҳамин хотир, мушкилии асосии оилавӣ низ дар нобаробарии ҳуқуқи зану шавҳар нисбат ба моликият маҳсуб мешавад. Дар чунин вазъ ҳуқуқи волидайн ба моликият бартарӣ ёфта, зану кӯдаки фарди муҳоҷир дар шароити ногувор қарор мегиранд. Бинобар ин, дар бархе аз мавридҳо сабри бонувон лабрез гардида, дархости бекор кардани ақди никоҳ аз ҷониби онҳо пайдо мегардад. Асоситарин омили ҷудошавӣ ҷаҳди соҳибшавии моликият мебошад, аммо дар оилаҳои бо тамоюли шарқӣ мусаллаҳшуда зимни баррасии молумулкӣ ғайр аз зану мард, боз волидони онҳо низ иштирок мекунанд, чунки дар оилаҳои анъанавӣ моликияти оилаҳои ҷавон дар пояи дороии молумулкии

[34] Ҳамон ҷо, саҳ. 44.

падарону модарон ташкил мешавад ва хоҳ-нохоҳ дар чунин вазъи иҷтимоӣ вобастагии оилаҳои ҷавон аз волидайни хеш ба вуҷуд меояд. Яъне, оилаҳои ҷавон бо ибораи саҳеҳ мустақил нестанд ва муҳоҷирати меҳнатии ҷавонмарди хонадоршуда низ хусусияти инфиродӣ дошта, масъалаи ҳиҷрат танҳо ба ӯ дахолат дорад. Ҳуқуқи зану кӯдак низ ҷиҳати ҳамроҳ бо шавҳар муҳоҷират кардан ғолибан поймол мегардад. Поймолшавии ҳуқуқи занону духтарон зимни тақсими мерос низ мушоҳида мегардад, чунки мардон дар ин маврид мутмаин ҳастанд, ки занони зиёндида дар ҳеҷ сурат ба муассисаҳои дахлдор муроҷиат намекунанд. Ин омил бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки донишҳои сиёсии оилаҳои ҷавон коста аст ва онҳо ҳатто дар ин маврид маълумот надоранд. Зимни хонадор кардани писар волидайни ӯ талош меварзанд, ки барояш ҳамсари оромтабиат интихоб кунанд ва ин бори дигар исбот менамояд, ки дар аксар оилаҳо ба занон ҳуқуқи молик будан ба дороиҳо дода намешавад.

Маросими хонадоршавии ҷавонон дар аксар мавридҳо хусусияти фармоишӣ доранд ва истиқлоли фикр дар марду зани издивоҷкунанда мушоҳида намешавад. Чун истиқлол дар рафтори онҳо дида намешавад, минбаъд онҳо ҷиҳати ҳалли масоил ва мушкилиҳо ба волидайни худ муроҷиат мекунанд ва дар

ҳаллу фасл кардани умур мустақил нестанд, ҳол он ки издивоҷ маънои гусел кардани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона мебошад. Дар ин маврид академик Маҳкам Маҳмудзода менигорад: **“Дар ҳақиқат, бо вуҷуди мавҷудияти базаи ҳуқуқӣ занон имконияти воқеии татбиқи онҳоро махсусан дар соҳаи иқтисод надоранд ва сабабҳои онро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: аввалан, майлони дастрасии нобаробар ба меҳнати дорои музди баланд; дуюм, монеаҳо дар харидорӣ, соҳибият ва ба мерос гирифтани моликият; сеюм, арзёбии нобаробари меҳнати хона. Мутобиқи маълумотҳои муоинаи интихобӣ, ки Комитети давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дод, дар байни сарварони оилаҳо 21 фоизро занон ташкил медиҳанд. Дар баробари ин зан ба буҷети оила, ки сарвараш мард аст, саҳми бештар ворид мекунад, вале ғояҳои гендерӣ ва умумиятҳои ба онҳо мутобиқ кам тағйир ёфтаанд”[35].**

Воқеан, бисёр ба чашм мехӯранд заноне, ки дар соҳаҳои мухталиф кору фаъолият мекунанд, аммо онҳо аз ҷониби шавҳаронашон пайваста назорат мешаванд. Нобоварӣ ба якдигар низ дар оилаҳои ҷавон низову иғвоҳои навбатиро ба вуҷуд оварда, дар камолёбии оила монеаҳо эҷод мекунад. Албатта гуногунандешӣ омили

---

[35] Ҳамон ҷо, саҳ. 111.

пешрафт аст ва бояд барои андешаи худро доштан мо инсонҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо насозем, аммо нобоварии марду зани ҷавон нисбат ба ҳамдигар имкон намедиҳад, ки оилаҳо рушд кунанд, чунки рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аз тараққии оилаҳо сарчашма мегирад.



## ПАЖӮҲИШГАРИ АҲДИ БОСТОН

Аз зумраи бостоншиносон, ки дар улуми дигар низ рисолаҳо нигошта ва таҳқиқи илмиро дар пояи манобеъ ба роҳ мондаанд, бегуфтугӯ ангуштшумор ҳастанд. Яке аз ин тоифаи ангуштшумор академик Юсуфшоҳи Яқубшоҳ аст, ки дар таҳқиқи мавзеҳои бостонӣ нақши калидӣ дошта, нахустин маротиб ба осори ривоятӣ бо нигоҳи илмӣ баҳогузорӣ кардааст. Гузашта аз ин,

номбурда ба шахсияти Зартушт, замони зуҳур ва паҳлӯҳои гуногуни таълимоташ, биниши аслӣ ба китоби “Апастак” бо таҳрирҳои минбаъд ҷараёндошта, силсилаи Каёниён ва ҳақиқати Ҷамшед таваҷҷуҳ зоҳир намуда, замони зарурат марзи забоншиносиро убур мекунад ва ба баррасии масоили вожашиносӣ мепардозад. Аз ҳамин хотир, муаррих, бостоншинос, муҳақиқи осори аҳди бостонии ориёиёни қадим ин лаҳзаҳо бо нозукбаёнӣ диқатҳоро ба худ ҷалб намуда, дар рушди илми ватанӣ саҳми арзандае гузоштааст.

Юсуфшоҳи Яқубшоҳ айни замон дар илми соҳавии тахассусӣ (таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ) ягона академик мебошад. Теъдоди рисолаҳои нигоштааш хеле зиёданд ва ба муҷиби бисёрии монографияҳо онҳоро бо ангушт шуморида намешавад. Тасмими мост, ки ҷонибҳои асосии осори илмии академик тибқи номгузорӣ муаррифӣ гардад ва бинобар ҳамин ҳадаф мо ба таҳқиқи шахсият ва фаъолияти илмии Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ ҳусни оғоз мебахшем.

**а) Ковишҳои бостоншиносӣ**

Бостоншиноси шинохта аксар вақти хешро дар ковишҳои бостоншиносӣ сипарӣ карда, қариб дар ҳамаи манотиқи кишвар дар ҳафриётҳо ширкат доштааст. Дар ҳолномаи муҳаққиқ, ки бо қалами академик нигошта шудааст, ширкат доштани ӯ дар ҳафриёт тасдиқ

мегардад, чунки пас аз хатми Донишгоҳ номбурда аз соли 1960 то кунун ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ буда, бинобар омӯхтани усули ковишҳои бостоншиносии мактаби бостоншиносии шаҳри Санкт Петербург дар пойгоҳҳои ҳафриётии дохили кишвар ва хориҷи мамлакат мушорикат доштааст. Масалан, ҳафриёти рақами VII ва XVI шаҳри Панҷакент (1960-1963), ҳафриёти гурӯҳи Б. А. Литвинский дар Аҷинатеппа, Ҳулбук, Фархор, Вахш, ҳафриёти гурӯҳи Н. Неъматов дар Шаҳристон, Чилдухтарон, Ашт, соли 1964 дар ноҳияи Айнӣ (ҳафриёти Гардани Ҳисор ва қалъаи Кум), Норак ва Чиртаки шаҳри Ваҳдат (солҳои 1971-1992), ҳафриёти навоҳии Файзобод, Нуробод, Рашт ва Лахш (1978-1982), ҳафриёти ноҳияи Мастчоҳ (1998), ҳафриёти харобаҳои Карон дар ноҳияи Дарвоз (соли 2012) ва ғайра. Ҳамчунин, академик Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ дар чандин экспедитсияҳои байналмилалии бостоншиносон ширкат карда, ҳанӯз соли 2017 ба унвони олии академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сарфароз мегардад. Мавсуф дар муддати 60 соли мудовим, ки дар АМИТ фаъолият намудааст, беш аз 30 рисола ва зиёда аз 800 мақолаҳои илмӣ нигошта, бархе аз онҳо аз ҷониби бостоншиносони хориҷӣ бо забонҳои гуногун тарҷима шудаанд. Рисолаи бунёдии академик

таҳти унвони “Дини қадими Суғд”, ки соли 1996 таълиф ёфтааст, дар соли 2011 аз ҷониби ҷопониҳо бо забони ҷопонӣ тарҷима мешавад. 60 соли фаъолият ба академик имкон фароҳам овард, ки бештар аз 140 ёдгориҳои давраҳои гуногуни таърихиро таҳқиқ намуда, гӯристони сакҳои садаҳои IV – III пеш аз солшумории мелодӣ, ёдгориҳои асри биринчи Ғелот, харобаҳои шаҳраки асри VIII-I то мелод, кафши боқимондаи шаҳри пеш аз исломии Андичароғ дар ҳудуди ноҳияи Фархор, бурҷи Оташ (маъбад), маъбади рӯди Тойтиёи Нек (Панҷ), хонаи ситорашиносӣ, майдони чавгонбозӣ, дахмаи зардуштӣ дар маҳалии Верчи Боло, Диж, Шаҳристон дар маҳалли Дашти манора ва кабристони асри биринҷӣ дар мавзеи Пушинги Курговат (ноҳияи Дарвоз) ва ғайраро таҳқиқ намояд. 47 муҳри аз гили пухтаро дар ҳафриёти шаҳри Панҷакент дастрас намуда, онро нишастгоҳи Диваштак номид ва бостоншиносони соҳибтаҷриба фарзияи ӯро қабул намуданд. Гузашта аз он, таҳқиқоти дар деҳаҳои Чиртак ва Дубеда (шаҳри Ваҳдат) ҷараёндошта натиҷа дод ва бостоншинос дар ин мавзеъ гӯристони асри биринҷиро кашф кард. Тадқиқоти густурдаро бостоншинос дар мавзеи таърихии “Карон” анҷом дода, даҳҳо мақолаҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷиҳати баррасии он иншо намудааст.

**б) Таҳрифи ҳақиқати таърихӣ ва устура**

Юсуфшоҳи Яқубшоҳ бо дарназардошти манобеи таърихӣ ба таърих мутаваҷҷеҳ шуда, алорағми соири муаррихин ба устураҳо баҳои нав дод ва дар асари илмии хеш таҳти унвони “Давлати Каёниён” исбот намуд, ки силсилае бо ин ном маҳсули тахайюли ориёиҳои қадим набуда, балки ҳақиқати таърихист ва бояд дар асоси сарчашмаҳо (хаттӣ ва ғайри он) эътирофи мавҷудияти силсилаи ҳоким бо ҳамин ном вазифаи навбатии муҳаққиқони ориёиёни қадим маҳсуб мешавад. Ҷиҳати таҳқиқи Каёниён қадимтарин сарчашма “Абасто” аст, лекин онро чунонки бар ҳамагон маълум аст, Сикандари Румӣ сӯхт ва бахшҳои муфидро аз ин китоб барои тарҷима ба Рум фиристода, эрониёнро муддатҳо аз набиштаҳои хеш маҳрум сохт. Абастое, ки дар замони Оли Сосон интишор гардид, дар қиёс бо Апастаки замони Ҳахоманишҳо хеле кӯчак аст ва шояд маҳз ҳамин омил ҳанӯз ҳам имкон намедиҳад, ки мо дар мавриди ҳақиқати таърихии ниёгони худ назарияи воҳидро қабул намоем. Шоҳасари Фирдавсӣ “Шоҳнома” ва “Осор-ул-боқия” – и Абӯрайҳони Берунӣ ба ҳайси манобеъ таърихро чун устура инъикос намудаанд, вале аксар далоили дар ин сарчашмаҳо ҷойдошта ҳақиқати худро дар осори дигарон исбот намудаанд. Бинобар ин, рӯоварии академик Юсуфшоҳи Яқубшоҳ ба ин манобеъ ҳангоми нигориши силсилаи Каёниён пажӯҳиши ӯро

устувор сохтааст. Номбурда ҷиҳати исбот намудани фарзияи илмии хеш такя бар тадқиқоти ховаршиноси машҳур Артур Кристенсен менамояд, ки ӯ ҳанӯз солҳои сиюми садаи гузашта зимни баррасиҳои илмии худ дар мавриди Абасто ва шахсияти Зартушту шоҳони Каёнӣ ҳақиқати таърихӣ доштани шоҳони силсиларо иброз намудааст. Тибқи маълумоти Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ **“таърихи давлати Каёниён аз ибтидои ҳазораи дувуми асрҳои XX- XIX пеш аз милод шурӯъ гардид”**[36], яъне қабл аз Ҳахоманишиҳо силсилаи дигаре ба мардуми ориёнӣ ҳукумат менамуданд, ки бинобар хеле қадим будани таърихи онҳо ҳақиқати таърихиашон дар зеҳни наслҳои баъдина ба устура мубаддал гардидааст. Эҳёи ному пайкори онҳо дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва бо омӯхтани манобеи қадимтар чун Абасто ва сарчашмаҳои ба замони таълифи он тааллуқдошта ба бостоншинос имкон додаанд, ки силсилаи мазкурро нахустин ҳукумати аҷдодии тоҷикон муаррифӣ кунад. Сабаби ба устура табдил ёфтани таърих аз нигоҳи бостоншинос паҳншавии дини ислом ва гиравидани аксар эрониҳо ба дини нав маҳсуб мешавад, ки тадриҷан бо инкор кардани гузаштаи қабл аз исломӣ аз ҷониби ориётаборон ин таърихи қадим ба гӯшаи фаромӯшӣ уфтодааст.

[36] Юсуфшоҳи Яқубшоҳ. Давлати Каёниён. Душанбе, 2012. Саҳ. 4.

Муҳаққиқи силсилаи Каёниён омӯхтани онҳоро зарурати аввал медонад, чунки давраи таърихии марбут ба ин силсила дар сарзамини аҷдодии тоҷикон таъсис ёфта, бо гузашти айём густариш меёбад. Номбурда давлатдории Каёниёнро беш аз дигарон таъкид намуда, таърихи мавҷудияти ононро ба 700 сол нисбат додааст. Ба ақидаи бостоншинос яке аз авомили вуҷуд доштани давлати Каёниён силсилаи Ҳахоманиш аст, ки бо вуҷуди надоштани ҳеҷ иртиботе худро ворисони Каёниҳо донистаанд. Барои исботи фарзияи пешниҳодшуда бостоншиноси тоҷик аз баррасиҳои муҳаққиқи аҳди бостон Пури Довуд бамаврид истифода намудааст, ки дувумӣ асотир пиндоштани ҳақиқати таърихиро чунин инъикос менамояд: **“Пас аз нуфузи ислом дар Эрон ҳамон тавре ки дини мо ба тороҷи дини араб рафт ва забони мо олуда ва хатти мо нобуд ва русуму одати мо дигар гашт, достонҳои миллии мо низ ба қиссаҳои ақвоми сомӣ омехта шуд. Номварон ва подшоҳони мо бо паёмбарони бани Исроил сару кор пайдо карданд. Дар кутуби муаррихини араб ва иронӣ ба зикри подшоҳоне барнамехӯрем, ки бо яке аз анбиёҳои бани Исроил марбут набошанд ё як қисм пайванд ва хешӣ бо яке аз онон надошта бошанд. Басо таассуби арабӣ муаррихинро бар он дошт, ки ин подшоҳонро пайрави дини яке аз анбиёҳои**

**бани Исроил пиндоранд ва бо ин восита ононро аз қаҳру ғазаб наҷотдода донистаанд"[37].**

Бостоншиноси тоҷик фарзияи хешро дар хало бунёд накарда, ҷиҳати васетар матраҳсозии он аз сарчашмаҳои чинию юнонии аҳди бостон истифода мекунад. Ӯ бо такя ба манобеъ Кайқубодро бунёдгузори силсилаи Каёниён ном бурда, алоқаи хешиашро бо Манучеҳр тазаккур медиҳад. Мусаннифи китоб дар ин миён боз дигар сарчашмаҳоро ёдоварӣ мекунад, ки аз зумраи онҳо "Таърихи Табарӣ", "Форснома" ё худ манбаҳое мисли Бундаҳишн, Динкард ва ғайра маҳсуб мешаванд. Дигар паҳлӯи баррасиҳои бостоншиносро ситезаи Кайафросиёб ва дигар тӯрониҳо алайҳи Каёниён ташкил медиҳад. Афросиёб (Дар Абасто Франграшан), ки аз дудмони Тур аст, сарвари ориёиҳои саҳронишин буд ва чунонки таърих гувоҳ аст, қабоили саҳрой ба ақвоми муқимнишин тохтутоз карда, бештар зиндагии худро дар пояи ғоратгарӣ бунёд месохтанд. Манотиқи Варорудд дар замони Каёниён Хоразму Суғд буд ва тибқи маълумоти сарчашмаҳо нақши Каёниён (минҷумла Сиёвуш ва писараш Кайхусрав) дар обод кардани ин минтақа бориз аст. Масалан, Наршахӣ дар "Таърихи Бухоро" меоварад: **"Сиёвуш ибни Кайковус аз падари хеш бигрехту аз**

[37] Ҳамон ҷо, 9.

**Ҷайҳун бигзашту назди Афросиёб омад. Афросиёб ӯро бинвохту духтари хешро ба занӣ ба ӯ дод ва гуфтанд, ки ҷумла мулки хешро ба ӯ дод. Сиёвуш хост, ки аз ӯ осоре монад дар ин вилоят, аз баҳри он ки ин вилоят ӯро орият буд. Пас вай ин ҳисори Бухоро бино кард ва бештар онҷо буд. Ва миёни вай ва Афросиёб бадгӯӣ карданд ва Афросиёб ӯро бикушт ва ҳам дар ҳисор бад-он мавзеъ, ки аз дари шарқӣ андаройӣ онро дарвозаи Ғурон хонанд, ӯро онҷо дафн карданд. Ва муғони Бухоро бад-ин сабаб онҷоро азиз доранд ва ҳар соле ҳар марде онҷо яке хурӯс барад ва бикушад, пеш аз баромадани Офтоб – рӯзи Наврӯз. Ва мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳост ва дар ҳамаи вилоятҳо маъруф аст ва мутрибон онро суруд сохтаанд ва мегӯянд ва қавволон онро гиристани муғон хонанд. Ва ин суханро зиёда аз се ҳазор сол аст”[38].**

Академик Юсуфшоҳи Яқубшоҳ масъалаи ба Тӯрон печидани турконро як навъи миллирабоӣ ном бурда, асоси илмӣ надоштани иртиботи турконро ба ин сарзамин баён медорад, чунки пайдоиши турк дар Осиёи Марказӣ ба асри VI солшумории масеҳӣ марбут аст ва ҳеҷ саҳеҳияте нест, ки Тӯрон макони будубоши саҳронишинони турк пиндошта шавад. Дар ҳоле ки

[38] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. саҳ. 32.

Тӯрон ҳамон Ховари Миёнаи аҳди қадим аст, ки онҷо қабоили саҳронишини ориёӣ сукунат менамуданд ва дар бархурд бо ориёиҳои муқимнишин қарор доштанд. Муҳаққиқ вожаи “тур”-ро шарҳ дода, зимни тафсири номвожа чунин мегӯяд: **“Вожаи “тур”-ро забоншиносон-паҳлавон, баҳодур, далер, нотарс шарҳ додаанд. Дар забони санскритӣ низ калимаи тур ба ҳамин маънӣ: далеру шуҷоъ кор фармуда мешавад. Тур исми писари калонии Фаридун, номи духтари Эраҷ, номи духтари Ҷамшед аз батни духтари подшоҳи Кобул Говранг буд”[39].**

Кайлуҳраспа (Луҳросп) ва Кайвиштаспа (Гуштосп) аз зумраи шоҳони каёнӣ маҳсуб мешаванд, ки пас аз Кайхусрав ҳукумат кардаанд ва маҳз дар давраи онҳо ҷангҳои Ирону Тӯрон тақвият ёфт. Виштаспа дар таърих на танҳо ҷиҳати истиқбол аз дини Зартушт ва китоби Абасто, балки барои созмон додани девонҳо, ки ба идораи давлат тааллуқ доштанд, машҳур мебошад. Ин девонҳо вазифаи вазоратро адо менамуданд ва ба се шоха тақсимшавии ҳокимияти давлатӣ (ҳокимияти қонунбарор, ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти судӣ) маҳз аз ҷониби ориёиҳо роҳандозӣ шуда, баъдан башар ин анъанаи онҳоро қабул доштааст. Девондорӣ дар умури давлатдорӣ таҷрибаи андухтаи ниёгони мост, ки баъдан

---

[39] Ҳамон ҷо, 382.

дар замони подшоҳии Куруши Кабир, Оли Сосон ва бавижа дар аҳди салтанати Оли Сомон густариш ёфтааст. Бофтаи дигар, ки таассуби арабро возеҳтар ошкор месозад, ин никоҳест, ки шоҳони каёнӣ гӯё бо духтару модаронашон мебастаанд ва саҳеҳтар онҳо гӯё бо наздикони худ муҷомиат мекардаанд. Академик Юсуфшоҳи Яқубшоҳ ин устураи дар натиҷаи таассуб пайдошударо чунин шарҳ додааст: **“Ривояти ба занӣ гирифтани Баҳман духтарашро ва аз ӯ зодани писаре бо номи Доро, ба гумони мо, устураи бофтаи замони Сосониён аст, ки мехостанд шоҳони Ҳахоманиширо идомабахши тоҷу тахти Каёниён ҷилвагар созанд”[40].**

Зартушт ва Абасто ҳар кадом ховаршиносро водор кардаанд, ки зимни таҳқиқи аҳди қадим ба онҳо мутаваҷҷеҳ шаванд, аммо аввалан, замони ин шахсият то ҳанӯз дақиқ нест ва расман ӯро ба садаи VII пеш аз милод интиқол додаанд, сониян, мутассибин ӯро ба дуализм туҳмат кардаанд ва солисан, Абасто чун осори Зартушт аз байн рафта, пас аз садсолаҳо бо забони дигар ва аз ҷониби инсонҳои дигар нигошта мешавад. Ба ибораи дигар, бознигарӣ шудани Абасто он маъниро медиҳад, ки мусаннифон маънаван китобро таҳриф намуда, дар он андешаронии ғайр пайдо шудааст. Ин аз

[40] Юсуфшоҳи Яқубшоҳ. Давлати Каёниён. саҳ. 203.

як ҷониб. Аз паҳлӯи дигар маълум мешавад, ки таҳияи Абастои давраи Сосонӣ эҳёи фарҳанг ва тамаддунест, ки ниёгони мо дар аҳди силсилаи Каёниён офаридаанд. Ҳақиқати таърихӣ новобаста ба мавзеъ ва замон иборат аз хусусиятест, ки нобудшудагонро қудрати иловагӣ дода, ба қавли тоҷикон "аз пашша фил месозанд" ва чунин шабеҳсозии инсони муқаррарӣ ба сифоти холиқ дар ҳар миллате ва қавме мушоҳида мешавад. Аммо устураҳои мансуб ба ақвоми сомӣ на танҳо дар замони қабл аз Ҳахоманишӣ, балки дар аҳди хилофати араб низ дар таолими мутасаввифа роҳ ёфта, омили тарвиҷи он ғалабаи бадавӣ бо расму анъанаҳои хеш ба фарҳанги мардумони оритабор мебошад. Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ ҷиҳати қудрати сиёсии Куруши Кабир баҳогузорӣ намуда, ба хулосае меояд, ки бузургии ӯ аз Зартушт аст, чунки Куруш дар пояи таълимоти ӯ ҳукумат карда, низоми давлатдориро дар барпо кардани адолат ва баробарии ҳуқуқии афрод дидааст. Таъсири таолими Зартушт инчунин дар осори фалсафаи юнониёни қадим, динҳову мазоҳиби сомӣ (**ибрӣ, масеҳӣ, ислом**), фалсафаи Олмон (**Ҳегел, Ничше**), ақвоми славянӣ ва ғайра мушоҳида мешавад. Бостоншинос замон ва мавзеи зуҳури Зартуштро, ки муаррихин расман дар кутуби таълмӣ ҷой додаанд, қабул надорад ва бо далел фарзия пеш меронад, ки мо таърихи зуҳури ӯро ҳади аққал 1200

сол ба сӯи хеш овардаем. Гузашта аз ин, дар ҳеҷ сурат муҳаққиқ Эрони Ғарбиро ватани Зартушт намепиндорад ва зуҳури ӯро дар Эрони Шарқӣ маҳсуб медонад (Давлати Каёниён, саҳ. 248-268). Тибқи андешаи бостоншинос таълимоти Зартушт дар қиёс бо дигар таълимотҳо ва адён ба ҳайсияти миллии афрод мутаваҷҷеҳ буда, ҳолномаи инсонро тибқи мансубиятҳояш роҳандозӣ намудааст. Масалан, сухани Дориюши Кабир ҷиҳати асли хеш: **“Ман Дориюш ҳастам подшаҳи подшаҳон, подшоҳи мамлакат ва писари касе, ки аз Пос аст, ориёӣ ва ориёнажод ҳастам”[41].**

Бостоншиноси тоҷик ба васфи Абасто пардохта, ба хулосае меояд, ки **:”Ҳеҷ миллате дар ҷаҳон чунин асари гаронбаҳои таърихӣ надорад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 283).** Чунки ҳеҷ китобе пас аз сӯхтан баргардон нашудааст ва ҳеҷ китобе баъди баргардон шудани қисмате аз асли худ дувумбора зимни ғасбкориҳои араб сӯзонида намешавад. Ба иборaи дигар, Абасто андаккитобе набуд, ки ғосиб бо дидану шуниданаш бар он таваҷҷуҳ накунад, ё китобе бо муҳтавои холӣ набуд, ки бузурге мисли Сикандари Румӣ асли онро барои тарҷима ба Рум фиристоду нусхаашро дар марзи Эрон сӯхт. Нусхаи ин китоб, ки имрӯз дастрас аст, ҳамон баргардонии дувуми ниёгони мост, ки дар

---

41 Ҳамон ҷо, саҳ. 277.

қуруни IX-XI китобат гардидааст. Академики тоҷик барои исботи ин фарзияи пешниҳодшуда абастошиноси олмониро мисол меоварад, ки исми шарифаш М. Хауг буда, исбот сохтааст, ки **“бахшҳои Абасто, аз ҷумла Готҳо ба давраҳои гуногун мутааллиқанд”.** Яъне ин бахшҳо дар замонҳои гуногун ва аз ҷониби ашхоси гуногун китобат шудааст. Дар таълимоти Зартушт се шакли ҳувият мавҷуд аст, ки барои камолоти маънавии инсон мусоидат мекунад ва шакли нахустини он ҳувияти фардӣ маҳсуб мешавад. Сипас, ҳувияти динӣ меояд ва баъдан ҳувияти иҷтимоӣ.

**в) Баррасиҳои ормонӣ ва дар чигунагии Ҷам**

Тибқи фарзияҳои илмии бостоншиноси маъруфи тоҷик барои таҳқиқи вожаи Тур зарурати омӯхтани Ҷам ва муайян намудани замони ҳукмронии ӯ пеш меояд. Муҳаққиқ агарчи дақиқ маълум сохтани замони ҳукмронии ин шахсияти таърихиро ғайри имкон медонад, аммо бо дарназардошти навиштаҳои бахшҳое аз китоби Абасто фарзияе пешниҳод намудааст, ки давраи мавриди баррасиро ба яхбандиҳои таърихӣ, ё худ қабл аз ин ҳаводис нисбат медиҳад. Гузашта аз ин, на танҳо ориёиҳо, балки ҳиндуҳо низ дар маохизи бостонии хеш аз ин шахсият ситоишномаҳо доранд ва гувоҳи ин ҳарф Ригведо мебошад. Бинобар ин, Ҷам боз Ям ё худ Йима низ баррасӣ шуда, дар манобеъ, ки хусусияти

парастиданӣ доранд аз қабили Ригведо, Маҳабҳарато, Абасто, дигаргуна ва ҳатто хилофи якдигар муаррифӣ шудаанд. Дар манобеи зартуштӣ Ҷам аз зумраи шоҳонест, ки ба боввариҳои динӣ мутаваҷҷеҳ нест ва эҳсоси ватанхоҳӣ дар ниҳодаш аз ҳамаи ҳасосиятҳои динӣ-мазҳабӣ бузургтар арзёбӣ мешудааст. Аз ин ҷост, ки дар дини Зартушт низ ба ақлу дониши инсон бештар эътибор мавҷуд мебошад, чунки озодӣ ва ихтиёр маслаки Ҷам буд ва дар ориён то кунун ин хусусият мушоҳида мегардад.

Юсуфшоҳи Яқубшоҳ Бохтари қадимро на танҳо ватани Каёниён, балки мавзеи будубоши Пешдодиён муаррифӣ мекунад. Ӯ дар мақолаи илмии хеш таҳти унвони **“Зартушт аз кӯҳистони Бохтар буд**”, бо такя ба масоили вожашиносии Бохтари Шарқӣ чунин мегӯяд: **“Афсонаи Ҷамшед ва бо Худо гуфтугӯ кардани он дар Ориён Виҷ, дар бораи омадани тӯфони барфу борони марговар ва барои наҷоти олами набототт ва ҳайвонот, сохтани Вар- Ҷамкардҳо дар ин ҷо тавлид шудаанд, яъне мо метавонем бигӯем, Бохтар на танҳо ватани Каёниён, балки Пешдодиён низ ҳаст”[42].**

Сарчашмаҳои дини зартуштӣ шаҳриёрии Ҷамро сесад зимистон гуфтаанд ва иловатан мутазаккир

---

[42] Юсуфшоҳи Яқубшоҳ, 2014, саҳ. 27.

шудаанд, ки "Ҷам барандаи шаҳриёрист". Яъне, қонуни идоракунии ҷамъият ва таҳияи низоми сиёсии давлат дар таърихи башар ба Ҷамшед итлоқ мешавад ва ӯ шаҳриёриро бидуни интихобу ихтиёри авомуннос истиқбол накардааст. Чун ба ӯ пешниҳод мешавад то тавассути ӯ паёми Яздон муаррифӣ гардад, қабул накарда, табиати ботинии инсонро аз ҳама гуна афкори таблиғӣ, аз ҷумла бовариҳои динӣ муқаддам медонад ва омили тасвири худбохтагии Ҷам дар манобеъ низ ҳамин аст, ки Ҷам бидуни ихтиёр ба роҳандозӣ шудани аҳкоми пешниҳодшудае иқдом намекардааст. Бинобар ин, ҳақиқати Ҷам зулм набуд, агарчи дар кутуб фаровон гуфтаанд, ки зулми ӯ омили пайдоиши Аздаҳаки аҷнабӣ гардид. Ба Ҷамшед тасарруфи заминҳои нав ва ба ибораи дигар васеъ намудани ҷои зисти махлуқот тааллуқ дорад. Шояд ин ҳикмати ҷамшедӣ ҷиҳати рафъи мушкилии эҳтиёҷи одамон нисбат ба замин, ба об, ба чарогоҳу таҳияи фарҳанге мушаххас алайҳи фарҳанги пешин, имрӯз низ муфид бошад.

Бостоншинос ҳиҷрати Ҷамро чунин шарҳе додааст: **"Ҷам аз кӯҳистон ба поён, ба сӯи таҳдаштҳо дар мезолит ва неолит кӯч бастаанд. Аммо замони молу говдорӣ, бештар ба неолит ва асри биринҷ рост меояд ва аз бар намудани заминҳои аз барфу об озод шуда, аз ҷониби ориёиҳо дар ҳамин вақт шурӯъ мешавад. Дар ҳамин вақт,**

**ориёиҳо Ҳиндустонро ба тасаруф медаронанд. Асри неолит ва ибтидои биринҷ, асри ориёиҳо буд, онҳо ба шарқу ғарб ва шимолу ҷануб паҳн шуда буданд”[43].**

Манобеи зартуштӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ омадани Ҷамро ҷиҳати кишти зироат ва тадбир ҷустани ӯ дар ин маврид баён кардаанд. Махсусан, дар Абасто муколамаи Ҷам бо холиқи худ дар ин масъала омадааст: **“Он гоҳ Ҷам андешид: Чигуна ман ин варро бисозам, ки Аҳура Маздо гуфт: Эй Ҷами ҳурчеҳр, писари Вивангаҳон! Ин заминро бо пошна биспар ва бо даст биварз; ба - донгуна, ки акнун мардум хоки шефтаро нарм мекунанд".**

Бостоншинос ҳаводиси яхбандии марбут ба Ҷамро чунин тасвир менамояд: **“Аз таърих маълум аст, ки озодшавии замин аз барфу ях дар ҳазораҳои 17 шурӯъ мешавад ва таҳдаштҳо зери об буданд ва мардумон дар баландкӯҳо мезистанд. Вақтее об паст шуд, одамон аз боло ба поён омада, ба ободонӣ сар намудаанд”[44].**

**“Форснома”**, ки яке аз сарчашмаҳои муфид ҷиҳати давраи бостонии таърихи тоҷикон аст, Ҷамро чунин васф сохтааст: **“Ҷамшед бини Ваюҷаҳон, ба ривояте бародари Таҳмурас ва ба ривояти дигар бародарзодаи ӯ будааст ва падарашро Ваюнҷаҳон гуфтандӣ. Писари Ваюнҷаҳон ва**

---

[43] Юсуфшоҳи Яқубшоҳ. Достони Ҷамшед. саҳ. 6.

[44] Ҳамон ҷо, саҳ. 9.

**маънии “шед” нур, дурахшанда ва зеборо дорад. Ин Ҷамшед бар сифате буд, аз ҷамолу варҷ-шону шавкат, ҳеҷ кас аз мулки фурс монанди ӯ набудӣ ва чандон қувват дошт, ки ҳар чиро аз сибоъ, чун шеру ғайри он бигирифтӣ ва танҳо бикуштӣ. Ва боз илму ақл ва рои ӯ ба дараҷаи камол буд ва муддати мулки ӯ 716 сол буд. Муддате осоре намудӣ, ки пеш аз рӯзгори ӯ монанди он набуда буд ва шарҳи баъзе аз он дода ояд. Ба ибтидои мулки ӯ муддати 50 сол силоҳҳои гуногун месохт, баъзе аз оҳан ва пулод пушиданӣ ва аз баҳри захм. Ва пулод ӯ берун овард ва шамшер ӯ сохт ва олотҳои ҳунарҳои дигар ва дастафзолҳо бо санъти баланд падид овард”.**

Ҷамро бештари сарчашмаҳои илмию адабӣ низ ба ҳайси бунёдгузори ҷашни шукуҳманди **“Наврӯз”** баррасӣ намудаанд ва дар ин маврид баҳогузории **Берунӣ** дар **“Осор-ул-боқия”** ҷоиз ба тазаккур мебошад. Ҳофиз мутахаллис ба “Лисон-ул-ғайб” ба ашхоси ба устура мубаддалгашта, аз ҷумла ба Ҷамшед андешаи мушаххаси хешро дорост ва як байте аз ғазали машҳуре ҷавҳари андешаронии асримиёнагиро баён медорад:

Солҳо дил талаби Ҷоми Ҷам аз мо мекард,

Он чӣ худ дошт, зи бегона таманно мекард...

Яъне, муддатҳо ба ғайри худ илтифот доштем ва азбаски гавҳари нуҳуфтаи хешро намедидем, ҳамаи шоистагиро на аз хеш, балки аз бегона таманно доштем.

Истифода аз Ҷам ва пайвастани ҳикмате бар ӯ дар гузашта ва имрӯз бо теъдоди ногуфтанӣ ба назар мерасад ва нестанд ҳакимоне, ки аз Ҷам ёдоварӣ накарда бошанд.

**г) Тоҷикшиносӣ**

Феълан, таҳқиқи вожаи "тоҷик" ва баррасии забони такаллуми тоҷикон аз ҷанбаҳои нозуктарини илми муосир баррасӣ мешавад ва ҳадаф аз тоҷикшиносӣ танҳо таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ нест, балки забону фарҳанг ва дигар паҳлӯҳои ба истилоҳ ҳамоҳангбударо низ дар бар мегирад. Юсуфшоҳи Яқубшоҳ баробари китоби "**Тоҷикон**", боз пажӯҳише таҳти унвони "**Таърихи пайдоиши этноним ва забони тоҷик**" боқӣ гузоштаанд (Юсуфшоҳи Яқубшоҳ. Таърихи пайдоиши этноним ва забони тоҷик.Душанбе, 2018, 200 саҳифа). Ба қавли бостоншинос асосгузори илми тоҷикшиносӣ олими рус Н. В. Хаников маҳсуб мешавад (Ҳамон ҷо, саҳ. 5). Ағлаб тоҷикшиносон зимни баррасии калимаи "**тоҷик**" истифода аз вожаи кулоҳро бамаврид медонанд ва Юсуфшоҳи Ёқубшоҳ дар баёни кулоҳ овардааст: **"Ҳанӯз дар асри V пеш аз милод падари таърих Ҳеродот навишта буд, ки ҳамаи сакоиҳо кулоҳи нӯгборик доранд. Осори аввалин инсон бо кулоҳи нӯгборик аз қабристонҳои вилояти Синзияни Чин (Бухорои Хурд - М.А.) ба даст омадааст, ки ба асрҳои**

**XXI-XVI пеш аз милод тааллуқ доранд. Дар гӯрхона ба сабаби хушкии хоки регзор лавозиму либоси ашхоси гӯронидашуда боқӣ мондаанд. Онҳо ду нишонаи хоси ориёӣ: кулоҳи нӯгтез ва танбон-шарвор доранд. Қабристонҳо низ мудаввар, ба монанди хаймаи Офтоб сохта шудаанд, ки шоҳиди гӯёи ба ақвоми ориёинажод тааллуқ доштани онҳо мебошад”[45].**

Дар матнҳои паҳлавӣ тоҷик тожик омада ва тоҷ тож, аммо дар замони ҳукумати араб барои араб пиндоштани тоҷикон ва мункир шудани осори хаттии онҳо, ки ба башар ҷиҳати рушди маънавӣ хидмат намудааст, тожик ба тоҷик мубаддал гардида, асли пайвандии тоҷик ба ориёӣ бурида мешавад. Масъалаи дигар дар баррасии этноними тоҷик унвондорӣ ва номгузорист, ки муҳаққиқи тоҷикшиносӣ дар ин маврид менависад: **“Ҳокимони ҳар минтақа лақаби иҷтимоӣ доштанд, ки вобаста ба гӯиши маҳалли худ унвони шоҳ ва ё калимаи баробарниҳоди онро ифода менамуданд. Ин унвонҳоро туркон, ки дар дар воҳаи маданӣ-этникии ориёиҳо сукунат доштанд, қабул намуда, мувофиқ ба гӯишҳои худ ба шакли буғро, ябғу, бег, бек ва бой, ки ҳамрешаи калимаи ориёии “баға” – худо мебошанд, истифода мебурданд. Агар мо ба маводи мардумшиносӣ**

[45] Ҳамон ҷо, саҳ. 14.

**назар андозем, номи ағлаби мардони Бадахшон, Дарвоз, Даштиҷум, Ховалинг, Сари Хосор, Рашт бо пасванди “шоҳ” ва “бег” хотима меёбад. Дар минтақаҳои Чоч, Фарғона, Истаравшан, Самарқанду Бухоро ва Кешу Хоразм вожаи “бой” бештар мустаъмал аст. Оё ин далелҳо ҳамон ривояти маъруфро, ки гӯё ҳамаи ориёиҳо аз авлоди худоён ва шоҳон мебошанд, тасдиқ намекунад? Чунин номгузорӣ аз ҳамон анъанаҳои қадими ориёӣ маншаъ гирифта, ба мақоми иҷтимоии кунунии соҳиби ном рабт надорад. Дар амал бештари ашхосе, ки исми онҳо дорои калимоти “бой” ва “шоҳ” аст, камбизоату бенавоянд. Аз инҷо бармеояд, ки вожаҳои “тоҷ” ва “тоҷдор”, ки ба калимаи “шоҳ” пайвасти ногусастанӣ доранд, низ аз ҳамон суннати худшиносии иҷтимоӣ ва қавмии ориёиҳои бостон сарчашма мегиранд”[46].**

Дигар вожаҳое, ки ба тоҷик нисбат медиҳанд, истилоҳи паҳлавии “**озодагон**” ва тарҷимаи арабии он бо номи “**аҳрор**” мебошанд. Дар манобеи араб бани Аҳрор бештар марзбонони импературии Эронро мегуфтанд ва дар “Шоҳнома” матлаб аз озодагон шоҳону ашрофон ва сипоҳиён дарк мегардад. Номи дигари тоҷик, ки дар сарчашмаҳо омадааст, деҳгон, ё худ деҳқон аст, ки бо гузашти айём маънии луғавии хешро тағйир додааст.

[46] Ҳамон ҷо, саҳ. 30.

**д) Анҷомнома**

Юсуфшоҳи Яқубшоҳ чун муҳаққиқ мероси гаронбаҳои хаттӣ дорад, ки дар онҳо пешниҳоди фарзияҳои илмӣ ва проблемгузорӣ мушоҳида мешаванд. Осори арзишманде, ки ба қалами бостоншинос таалluқ доранд, инҳоянд: Ёдгориҳои болооби Зарафшон", "Паргар дар асрҳои VII- VIII милодӣ", "Бошишгоҳҳои деҳотиёни аввали асримиёнагии кӯҳистони Суғд", "Тоҷикон", "Тоҷикшинос", "Дини қадими Суғд", "Маниши миллӣ", "Таърихи Кӯлоб аз давраҳои қадим то замони муосир". "Давлати Каёниён", "Достони Ҷамшед", "Ҳулбук пойтахти қадими Хатлон" ва ғайра. Имрӯз бо сарбаландӣ метавон гуфт, ки бостоншиносе бо исми Юсуфшоҳи Яқубшоҳ бидуни шакке ба унвони олии академик соҳиб шудааст. Хидмати номбурда дар таҳияи таърихи мансуб ба миллате ва давлате бо исми тоҷик бағоят бузург мебошад ва азбаски осори илмии бостоншинос барои ҳамагон пешкаш нашуда ва ба гурӯҳи хурди уламо ва пажӯҳишгарони таърих тавсеа мегардад, зарурати расонаӣ намудани фарзияҳои илмии ӯ пайдо шудааст ва ошношавии мо бо бостоншинос айни замон он маъниро дорад, ки мо таърихи бостонии миллати хешро аз бар хоҳем кард.



# ҲАҚИҚАТИ ИНСОНИ МУОСИР

**Мулоҳизаҳо ҷиҳати баррасии илм ва тавзеҳи навтарини дин тибқи хостаҳои бозигарони қудратҳои ҷаҳонӣ дар ҳошияи китобҳои Саймумин Ятимов...**

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар садаи XXI бо сатҳу сифати ҳувияти миллӣ баррасӣ шуда, инсон дар он гаронтарин армуғон шинохта мешавад. Дар ҷомеаҳои рушдкунанда тибқи меъёрҳои илмиву ақлӣ ба ҳар инсоне баҳогузорӣ шуда, фаъолияти ӯ бо дарназардошти сифати ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти марзӣ натиҷагирӣ хоҳад шуд. Бешубҳа, кишварҳои мутараққӣ ҷиҳати роҳандозӣ шудани ҳадафҳои геополитикии хеш дигар миллатҳову кишварҳоро омӯхта, бинобар ҷалб намудани гурӯҳе аз дохили давлатҳо бо истифода аз тахрибкорӣ ба ноором кардани низоми сиёсии он давлат иқдом мекунанд. Махсусан, хатари тағйир додани низоми сиёсӣ бо

истифода аз инқилоб ва дигар навъҳои табаддулоти давлатӣ тавассути афроди зархарид ба кишварҳои нав истиқлолёфта таҳдид мекунад. Бинобар ин, барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ зарурати таъмин намудани амнияти шаҳрвандон дар фазои орому осоиштаи Ватан пеш омада, нақши зиёиён дар таблиғи ҷаҳонбинии илмӣ дучанд меафзояд, чунки таҳиякунандагони кирдорҳои экстремистӣ кишвари мавриди назарро аз лиҳози пойбандии аҳолӣ ба андешаҳои динӣ баррасӣ мекунанд ва бо роҳҳои таҳмил сохтани ақидаҳои динии родикалӣ барои аз байн бурдани давлате ва кишваре ҷаҳд менамоянд. Ин матлаб дар китоби "Илм ва амният", ки муаллифи он С. Ятимов мебошад, хеле сода ва бамаврид таҳлил ёфтааст. Аз ҷумла, номбурда меоварад: **"Хатарҳое, ки зидди осудагии як миллат, барои ба гирдоби бало андохтани он тарҳрезӣ мешаванд, зуҳуроти тасодуфӣ ё бетартибона нестанд. Дар асоси нақшаҳои муайян коркардшуда, аз ҷумла таҷрибаи хадамоти махсуси давлатҳои манфиатдор ва амалияи дастандаркорони ҳамин гуна аъмол дар минтақа ва ҷаҳон роҳандозӣ мегарданд. Эътироф бояд кард, ки тахрибкорӣ, ноором сохтани як давлат, бесаранҷом, бесарусомон**

**кардани як миллат вобаста ба тақдир ё чизи тасодуфӣ нест. Илм аст”[47].**

Субъектҳое, ки ба онҳо андешаҳои фасодкорӣ таҳмил мешаванд, дар аксар маврид аҳли зиё мебошанд ва аҷнабӣ бо онҳо тавассути “хайрия, “грант” ва дигар шаклҳои иртиботҷӯӣ ҳамоҳанг мешаванд. Ин масъаларо метавон дар мисоли бархе аз олимон ва пайвастани онҳо ба созмони террористии “Ихвонулмуслимин” баррасӣ кард. Чаро олим дидаву дониста аз гурӯҳе пайравӣ мекунад, ки ба тахрибкорӣ муваззаф шудааст? Гузашта аз ин, мутахассисони забони арабӣ дар Донишгоҳҳову Донишкадаҳои ҷумҳуриамон, яъне ашхосе, ки аз дин огаҳии комил доранду онҳоро фирефтан ғайриимкон мебошад. Пас ин гурӯҳи худогоҳ ва воқиф аз Қуръону ҳадис дар пояи кадом омил ба худфиребӣ олуда гаштаанд? Посухашро дар китоби “Илм ва амният” меҷӯем: **“Бадбахтии мухолифони манфиатҳои миллии мо иборат аз он аст, ки онҳо “ҳақиқат” – и худро доранд. Дурустар ифода гардад, “ҳақиқат”-е, ки тавассути “хайрия”, “”грант”, пулу моли аҷнабиён дар майнаи онҳо ҷо кунонида шудааст”[48].**

---

[47] Ятимов С.С. Илм ва амният. Душанбе, 2019, саҳ. 10.

[48] Ҳамон ҷо, саҳ. 14.

Омили асосии ба тахрибкорӣ рӯоварии гурӯҳе аз шаҳрвандони кишвар пойбандии онҳо ба бовариҳои динӣ маҳсуб мешавад. Ҳатто бартарӣ доштани ҷаҳонбинии динӣ бар ҷаҳонбинии илмӣ баъзе аз зиёиёни кишварро субъекти таҳмилҳои аҷнабӣ кардааст. Далели ин гуфтаҳо шабакаҳои иртиботӣ ҳастанд, ки он ҷо орифу оммӣ ва хурду бузурги миллат парастиши "рӯзи ҷумъа"-ро ихтироъ намудаанд. Гузашта аз ин, масъалаи бартарии дини ислом аз дигар динҳою мазҳабҳо ва рӯоварии шахсиятҳо ба ин дин ҳамарӯза баррасӣ шуда, андешаҳои пук он ҷо корида мешаванд. Вале бархе аз уламо вазифадор шудаанд, ки бартарии динро аз илм тавассути табъу нашри мақолаҳои оммавӣ исбот намуда, дар мағзи хонанда розҷӯии диниро таҳмил кунанд. Бинобар ин, шабакаҳои иртиботӣ дар қиёс бо рисолати олимони зархарид ончунон масъул намебошанд, чунки тағйир додани матни донишмандон ва онҳоро дигаргуна муаррифӣ намудани олими муосир барои таҳиякунандагони партовҳои таҳмилӣ арзиши ҳангуфте дорад. Шояд ҳамин омил С. Ятимовро водор кард, ки "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковусро аз диди нав баҳогузорӣ кунад ва исбот намояд, ки номбурда зимни тадвини асар манфиатҳои миллиро аз ҳама муқаддам мегузорад: **"Қобуснома китобест ҷамъ аз донишҳое, ки дар самтҳои муайяни фаъолияти инсонӣ андухта**

**шудаанд. Ҷойи тааҷҷуб нест, дар тамоми даврони инкишоф дар ҷомеа неруҳое мавҷуданд, ки ба илму маориф мухолифат ва душманӣ меварзанд. Ва ин амали онҳо қасдан сурат мегирад. Дониш, қазовати дуруст, аксуламали муносибу баробар ба воқеияти мавҷуди табиат, ҷомеа ва тафаккур наметавонад барои тамоми қишрҳои иҷтимоӣ судманд бошад. Тавоноии инсон баробарвазн ва ҳамрадифи доноии ӯст. Фалсафаи Шарқ зиёда аз ду ҳазор сол қабл ба оламиён ҳушдор медиҳад: "дониш он аст, ки ҳақиқатро тасдиқ ва дурӯғро инкор мекунад, бесаводӣ он аст, ки ҳақиқатро инкор ва дурӯғро ҷонибдорӣ менамояд"[49].**

Дар мавриди "геополитика" таваққуф намудани С. Ятимов дар аксар китобҳояш гувоҳӣ медиҳад, ки хатари асосӣ аз хориҷи мамлакат таҳия шуда, тавассути ашхоси зархарид таҳмил мегардад. Аз ҳамин хотир, омӯхтани таърихи сиёсии миллат ва баррасӣ кардани руйдодҳои таърихӣ, ки ғолибан, авомили динӣ доштанд, барои муосирин зарурат дошта, вокуниши ҳамватанонро нисбат ба хатарҳои навбатии эҷодгардида илқо менамояд. Чунончӣ: **"Дар чаҳорчӯбаи нақшаҳои геополитикӣ, дин воситаи таъмини манфиатҳои сирф ғаразҷӯёна, ба хотири даст доштан дар сиёсати глобалӣ**

---

[49] Ятимов С.С. Унсуралмаолии Кайковус дар бораи хирад. Душанбе, 2015, саҳ. 33.

**ва минтақавӣ, дахолат кардан ба корҳои дохилии давлатҳои мавриди ҳадаф қароргирифта, азхудкунии манбаъҳои ашёи хоми стратегӣ, нооромсохтани вазъи дохилии мамлакатҳо барои тағйири масири роҳҳои транзитии нақлиёт, газ, нафт ба манфиати хеш, эҷоди мушкил ба рақибони стратегии худ ва монанди инҳо хизмат мекунад. Ба хун оғушта кардан, бехонумон, сарсону саргардон намудани миллионҳо одамони бегуноҳ барои ин бозигарон касб, кори ҳаррӯза, чизи одӣ, маъмулист. Бадбахтӣ он аст, ки дар ин масир, хадамоти махсуси кишварҳои мавриди назар аз имконоти худи мусулмонон истифода мекунанд”[50].**

Ҳақиқати таърихие, ки ҷиҳати таҳмили андешаҳои аҷнабиён мусоидат мекунад, бегонапарастист ва шояд барои нафароне, ки субъекти ақоиди таҳмилӣ қарор гирифтаанду хориҷ аз давлати тоҷикон ба сангпартоӣ машғуланд, ватангадоӣ хос асту ҳисси беватанӣ дар ниҳодашон ғолиб омадааст. Ба ин матни иқтибосӣ таваҷҷуҳ кунед: **“Бозиҳои геополитикии муосир ҷанбаҳои гуногун дорад. Мақсадҳои асосии ин раванди фарогири муносиботи субъектҳои байналмилалӣ, ки ҳам дар шакли глобалӣ ва ҳам дар шакли минтақавӣ амал мекунанд, худро ба ҳайси қудрати ҷаҳонӣ ё минтақавӣ муаррифӣ**

---

[50] Ятимов С.С. Илм ва амният, саҳ. 26.

**намудан ва дар қаламрави кишварҳои мавриди назар рӯҳияи бегонапарастиро талқин кардан мебошад. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки мардум, махсусан, ҷавонон ва наврасонро аз нангу номуси ватандорӣ, забони модарӣ, муҳаббат ба сарзамини аҷдодии худ дур созанд. Зери эҳсосоти дурӯғин, махсусан таҳти пӯшиш ва баҳонаи авомфиребонаи дину мазҳаб дар замири онҳо нисбат ба давлати худ, ки номи миллати ӯро дорад ва макони зисти миллати ӯст, ҳисси бадбинӣ бедор кунанд. Дар воқеъ, миллат бе давлат вуҷуд дошта наметавонад. Ҳақиқати космополитиро (ҳисси беватанӣ, сарфи назар кардани сарзамини мушаххас ҳамчун макони таваллуд ва зист, бегонапарастӣ, ватангадоӣ таҳти шиору баҳонаҳои гуногун) маъруфтарин донишмандони дунё маҳкум кардаанд ва чунин ҳолатро ҳатто ваҳшоният шумурдаанд"[51].**

Ба ин таҳлилҳо қонеъ нашуда, Саймумин Ятимов дар китоби дигар чунин ваҳшониятро аз нигоҳи файласуфи олмонӣ Иммануил Кант муаррифӣ карда, ба хулосаи дақиқ меояд, ки инсонҳо дар натиҷаи коркард қарор доштан аз ҷониби хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ метавонанд ба ҳамон асли ваҳшигӣ баргарданд: **"Хатари бозгашт ба ҳолати ваҳшоният И. Кантро доим**

---

[51] Ятимов С.С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. Душанбе, 2019, саҳ. 24.

**хавотир мекунад. Маҳз ба ҳамин хотир ӯ таъкид менамояд, ки дар ҷавҳари инсон табиати ваҳшигӣ доимо боқӣ мемонад, аммо "интизом намегузорад, ки одам аз таъйиноти худ, ҳамчун инсон, ба он ҳолат бозгардад""[52].**

Ваҳшоният дар таърихи тамаддуни башар хос ва аз зумраи дастовардҳои ақвоми бадавӣ маҳсуб мешавад. Вайрону валангор кардани минтақаи обод, сарсону саргардон намудани инсонҳо, қатли ом кардани онҳо, овехтану аз ҷисмашон сохтани калламанораҳо аз саҳифаҳои ториктарини таърихи инсоният аст ва ҳар касе, ки бо фарҳанг ошност, ин ваҳшигариро маҳкум менамояд. Лекин таърихро касе месозад, ки ғолиб бошад ва дар назди миллати созандаи тоҷик низ масъулияте меистад, ки дар ҳеҷ сурат аз ваҳшоният ва афроди девсирати тамаҷҷӯй пайравӣ накарда, ба тантанаи ҷабру зулм мусоидат накунанд. Дар гузашта ниёгони мо дар лаҳзаҳои сарнавиштсоз бо пайравӣ аз тудаи дар ғафлати сиёсӣ қарордоштаи рӯҳониёни динӣ теша ба решаи худ зада, имкон фароҳам оварданд, ки қудрати сиёсиро аҷнабӣ дар мулки мо соҳиб шаванд ва ин иштибоҳ то кунун давом мепазирад. Чунки муллову мударрису муаззину муттаввалӣ имрӯз ҳам амалан ба касе майл доранд, ки аз ӯ манфиат мебинанд. Аммо манфиатҷӯйӣ

[52] Ятимов С.С. Иммануил Кант ва ташаккули субъекти сиёсӣ. Душанбе, 2019, саҳ. 23.

роҳи ҳифзи давлату миллат набуд, нест ва намебошад. Фикр мекунам, ки бо роҳи қироати Қуръон тороҷ кардани ҳаммеҳанони худ ва аз ҳисоби буҷаи оилавии онҳо зистану мавқеъ ёфтан ҳанӯз касб нест ва бекасбӣ, бетахассусӣ чун бекорӣ инсонро новобаста аз сатҳи ҷаҳонбинӣ муҳтоҷ месозад. Ҳофиз низ садсолаҳо пештар ёдрас намудааст: "Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро". Аммо ҳамаи мо ба дигарон ниёз дорем, ба лутфу суханҳои ширин эҳтиёҷ дорем, лекин чунин ниёзҳо моро ба соилӣ водор накардааст. Пас луриён ба гадоӣ шуғл меварзанд на аз хотири эҳтиёҷ доштан, балки ин машғулиятро агар надошта бошанд, онҳоро касе лурӣ намехонад. Беш аз ҳазор сол касе ин рӯҳониёнро эрод нагирифтааст, касе ҳақиқати ҳоли онҳоро муаррифӣ нанамудааст, касе алайҳи амр ба маъруфашон вокуниш нишон надодааст. Пас агар амалҳои хубу зишти шуморо баррасӣ накунанд, беихтиёр фикр мекунед, ки барои ҷомеа зишту хуб ҳамоҳанг аст. Саймумин Ятимов зимни таҳлили осори Иммануил Кант низоми ба ваҳшӣ табдил ёфтани шахси аз ҷониби дигарон мавриди интиқод қарорнаёфтаро бамаврид инъикос намудааст: "**Надонистани ҳудуд, салоҳияти маънавӣ ва риоя накардани он дар муносибатҳо мушкилӣ ва бадбахтиҳо ба бор меорад. Ба ақидаи ӯ (яъне Иммануил Кант-Ш.Қ), зиндагии воқеӣ қонуният ва равандҳои худро дорад. Дар**

**олами атроф на ҳама чиз ба хостаҳои фард сохта шудааст. Чунин шароит, мушкили рӯзгор як умр одамро таъқиб мекунад. И. Кант ба ҳамин муносибат таъкид месозад: “Агар дар овони ҷавонӣ ҳама чиз ба хоҳиши одам ранг бигирад, амалӣ шавад, ба ӯ ягон муқобилат, эътироз ва вокуниши донистани ҳад омӯзонида нашавад, он вақт дар инсон як навъ хислати ваҳшигӣ боқӣ мемонад. Чунин ҳолати рӯҳӣ тамоми умр ӯро дунболагирӣ мекунад””[53].**

Аксар маврид, ки мо ба шахсиятҳои донишманди Ғарб чун Гегелу Кант, Гобсу Ничче, Марксу Гёте ниёз пайдо мекунем, беихтиёр ба мақолаҳои Саймумин Ятимов рӯ меорему ормонҳоямонро тавассути андешаҳои ӯ мебарорем. Мехоҳем бо андешаҳои мутафаккирони Шарқ ошно шавем ва ин хоҳиш моро ба навиштаҳои фарди тазаккурёфта мебарад. Пас аз мутолиа мо эҳсос мекунем, ки каме ҳам бошад худро такмил кардаем ва минбаъд метавонем озодона баъзе паҳлуҳои сиёсати имрӯзро баррасӣ диҳем ва дигаронро низ кӯмак кунем то онҳо зиндагии хешро дар пояи тафаккури худшиносӣ бунёд намоянд. Азбаски мавсуф доктори илмҳои фалсафа ҳастанд, зимни баррасии дилхоҳ мавзӯъ таҳлилҳои амиқу назаррас дошта, ба хонанда нигоҳи навро тақдим медоранд. Чунки дар

[53] Ҳамон ҷо, саҳ. 30.

замони муосир бехабар будан аз бозиҳои сиёсии кишварҳои манфиатҷӯ ва ҳадафҳои геосиёсии дували абарқудрат он маъниро дорад, ки мулки шуморо бо роҳҳои найранг истифода мекунанд.

Рисолае, ки “Идеология ва манфиатҳои миллӣ” номгузорӣ шуда, ба қалами Саймумин Ятимов тааллуқ дорад, давлатсозии миллиро дар шароити таҳоҷуми хабарӣ ва татбиқсозии нақшаҳои геополитикӣ муаррифӣ мекунад, чунки бузургтарин арзиш дар гузашта, имрӯз ва дар оянда ин ҷаҳонбинӣ буду ҳаст ва мемонад. Бинобар ин, лаҳзае дар ғафлат қарор доштан маънии истиқбол аз бегонагирой буда, бо ду дасти адаб вогузор намудани мулки хеш дар ихтиёри аҷнабӣ маҳсуб мешавад. Муаллифи китоби мазкур ин мушкилии ҳамагониро ба таври зайл баён намудааст: **“Дар ҷое, ки манфиат ҳаст, он ҷо идеология пайдо мешавад. Дар ҷое, ки идеология ҳаст, он ҷо манфиат вуҷуд дорад. Шарт нест, ки дар ҳамаи тасаввуроти идеологӣ тафсирҳои илмӣ вуҷуд дошта бошанд. Тавре дар боло ишора шуд, пайгирии назариявии масъалаи идеология, дар замонҳои баъдӣ оғоз гардидааст. Мафҳуми идеология агар он илмӣ бошад, бо мафҳуми ҳақиқат пайвастагии зич дорад. Умуман,**

**идеологияе, ки даъвогари ҳақиқат дар ҷаҳон набошад, умуман вуҷуд надорад”[54].**

Аммо дар замони муосир дахолатварзӣ дар умури дохилии кишварҳо низ тарҳи ҷадид касб намуда, аввалан, гурӯҳи мухолиф дар дохили давлати муайян аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешаванд, чунки иқдоми аз дохил фалаҷ сохтани низоми сиёсии кишваре тавассути шаҳрвандони норозии он осонтар аз иқдомҳои глобалӣ мебошад. Дар ин маврид С. Ятимов дар ҳамон китоби зикршуда чунин андешаронӣ мекунад: **“Барои ҳар миллат, он ҳолатеро метавон фоҷиабор ҳисобид, вақте ки манфиатҳои бозигарони минтақавӣ ва ё геополитикӣ бо мақсадҳои ғаразноки шахсиятҳо ва гурӯҳҳои дохилидавлатӣ мувофиқ омада, охиринҳо мекӯшанд манфиатҳои нопок ва худхоҳонаашонро ҳамчун ормонҳои миллӣ вонамуд созанд...Табиист, ки дар чунин ҳолатҳо тарафи маблағгузор ташаккулёбии идея, назария, ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи барояш заруриро фармоиш медиҳад. Ҳамин тариқ, амалҳое тақозо мешаванд, ки ба таври куллӣ ба манфиатҳои амнияти идеологӣ ва фарҳангии давлати миллӣ мухолиф мебошанд”[55].**

---

[54] Ятимов С.С. Идеология ва манфиатҳои илмӣ, Душанбе, 2015, саҳ. 15.

[55] Ҳамон ҷо, саҳ. 20.

Ҷоиз ба ёдоварист, ки ҳама гуна партовҳои таҳмилӣ, ки Урупо дар таҷрибаи худ ташхис намуда, онро дар тӯли таърихи кишварҳои ин минтақа аз нигоҳи манфӣ хулосабарорӣ намудаанд, дар замони муосир онҳоро барои ғайри худшон таҳмил менамоянд. Нахустин ва асоситарин партови идеологӣ барои Ғарб маҳкуми дунё ва дунявӣ будани давлат дар либоси дини ислом мебошад. Тамаддуни Ғарб танҳо дар сурате рушди тасаввурнопазир кард, вақте ки уламои дину дунё ҷудо намудани динро аз давлат талаб намуданд. Мо бошем, андешаеро таблиғ менамоем, ки тибқи меъёрҳои он дину давлат якест ва ҳамоҳангии онҳо ҷудонопазир мебошад. Ҳеҷ зарурате намемонад, ки шаҳрванд парчами сафед бардошта дар инқилоби исломӣ ширкат намояд, чунки интиқолдиҳандагони инқилобҳо аз зумраи ашхоси зархариде маҳсуб мешаванд, ки бо дастури аҷнабӣ дар дохили кишвари хеш идеологияи таҳмилии бегонагонро роҳандозӣ мекунад. С. Ятимов аз зумраи ашхоси бохабарест, ки найранги асосии мубаллиғини Ғарбро баррасӣ намудааст. Аз ҷумла дар китоби зикргардида ин гуфтаҳоро вомехӯрем: **“Нисбати халқиятҳое, ки пайрави ислом мебошанд, бозигарони геополитикӣ маҳз аз ҳамин омили дин, истифода мекунанд. Аниқтараш на худи дин, балки сиёсӣ намудани аҳкоми он. Бо тағйир додани хислатҳои трансседентӣ он ба олоти бозигарони**

**геополитикӣ мубаддал мегардад. Барои паҳнсозӣ ва амиқгардонии ин ақида, ҳамасола миллиардҳо доллар харҷ мешавад. Аҷоиботаш дар он аст, ки худи Ғарб аз ин пушаймон нашуд. Барои он ки имрӯз пурра аз муноқишаву низоъҳои динӣ дур шудааст, чунин ҳолат ба диндорони одӣ ҳам хеле писанд аст. Захираҳои давлатӣ ба самти рушди иқтисодӣ-иҷтимоии худи миллат равона мегардад, на ин ки ба муҳофизат аз терроризм, экстремизм ва идеологияю таълимоти онҳо. Ғарб инро озмуда, боварӣ ҳосил кард ва имрӯзҳо шаклу принсипҳои дунявии давлатдориро пурра татбиқ менамояд"[56].**

Воқеъан, бо истифода аз сиёсисозии дин ва аҳкоми он манфиатҳо дар дилхоҳ манотиқ роҳандозӣ мешаванд, аммо масъалаи дунявият хоси мусалмонон буда, афкори дунёбадбинӣ дар заминаи тафаккури тасаввуфи исломӣ таҳмил меёбанд. Бинобар ин, онҳое ки таҳмилгаро ҳастанд, аз таҷрибаи таърихии хеш воқиф ҳастанд, ки дунёбезорӣ тавассути қудрати дин бар давлат инҳитот буда, ҷомеаи шаҳрвандиро аз рушду тараққӣ бозмедорад. Маҳз бо ҳамин сабаб онҳо барои ғалабаи ҳувияти динӣ бар ҳувияти миллӣ дар ҷомеаҳои исломӣ талош варзида, ҳатто маблағҳои гушношунидро сарфи назар мекунанд то ба мақсадҳояшон расанд. Дар сурати

[56] Ҳамон ҷо, саҳ. 21.

заъфи ҳувияти миллӣ мусалмонон, ба вижа тоҷикон низ дар хурофот мепечанд ва баҳсҳои дунявӣ сохтани ҷомеаи шаҳрвандӣ аз байн меравад. Бинобар ин, камина тасмим гирифтам, матни ба мавзӯи фавқ бахшидашудаи ҷомеашиноси рус А. В. Смирновро, ки ҷиҳати ҳувияти миллӣ - фарҳангӣ ва таносуби он бо ислом маҳсуб мешавад, аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷима намоям ва он мазмун ба сурати зайл мебошад: **«Ислом, ки таърихан аз ҷониби намояндагони милали мухталиф пазируфта шуда, дар ҳама ҳолат василаи рафъи мушкилӣ ва масоили гуногуне маҳсуб мешавад, ғолибан чун нишонаи ҳувияти этникӣ пазируфта шуда, тибқи анъанаи мушаххас якмаром баррасӣ меёбад. Масалан, totor, яъне мусалмон ва ба ибораи дигар қавми исломовар шинохта мешавад. Барои муслимин роҳи асосии худшиносӣ буда, ислом имкони хеле хуби вуруд ба ин фазои ҳувияти миллии сохташударо дорад. Ва ин ҷо, албатта, хатари ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ва дар ниҳоят, гуногунии фарҳангии исломӣ. Ислом на танҳо як эътиқод ва фарҳанг, балки тамаддун аст ва тавре ки мо хуб медонем, ҳеҷ фарҳанге ва тамаддуне ҷанг намекунанд. Эътиқодҳо наметавонанд дар мубориза барои ақл ва қалби одамон рақобат кунанд, зеро ҳар эътиқод мехоҳад исбот кунад, ки он ва танҳо он ҳақ аст. Дар акси ҳол, ин эътиқод нест. Дар мавриди фарҳангҳо онҳо рақобат намекунанд, балки ҳамкорӣ**

**мекунанд. Ҳатто агар онҳо ҷанг кунанд ҳам, ин мубориза сулҳомез аст”.**

Табдил додани тамаддуне ба ҷангномае маҳсули афкор ва идеологияе мебошад, ки барои тасхири кишваре ва тасарруфи минтақае таҳия гардидааст. Аммо барои татбиқи чунин афкор ва назарияҳои таҳмилӣ гурӯҳҳои иҷтимоие зарур мебошанд, ки дар дохили ин ё он кишвар нуфуз доранд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли гурӯҳҳои зикргардида уламои илму дин маҳсуб мешаванд, ки яке дар замони муосир зиёӣ мебошанд ва дигаре дар гузашта аҳли зиёи миллат дониста мешуданд. Маҳз гурӯҳи мутазаккир шогирдону пайравони зиёде аз миёни ҷавонони донишандӯз доранд ва таълимоти таҳмилии онҳо метавонад дар муддати кӯтоҳтарин фасоди маънавиро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд оварад. С. Ятимов онҳоро дар рисолаи хеш “ҷараёнҳои сиёсӣ” ном бурдааст: **“Аз ин хотир, ин қабил ҷараёнҳои сиёсӣ идеологияи худро аз шаклҳои хурофотӣ (сакралӣ) ва транссендентии шуури ҷамъиятӣ иқтибос мекунанд”[57].**

Ҷаҳонбинӣ низ дар шароити таҳоҷуми нави иттилоотӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ бояд нав гардад, чунки дар мубориза бо стратегияҳо ва идеологияҳои нави таҳмилӣ он ҷаҳонбинии динии қаблан мавҷудбуда

---

[57] Ятимов С.С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ, саҳ. 26.

кифоягӣ намекунад. Моро зарур аст, ки арзишҳои замони муосирро омӯзем, таҳқиқ кунем ва хулосаи даркории судмандро мутобиқи меъёрҳои манфиати миллӣ барорем. Ҷаҳони муосир иборат аз тасодуми афкор аст ва дар чунин вазъ таъмин намудани идомаи ҳастии миллату давлат ба идеяҳои нави дорои аҳамияти миллӣ ниёз дорад. Танҳо ҷаҳонбинии илмие моро аз ин бархурдҳо раҳо карда, аз нестшавӣ эмин медорад, ки бо манфиатҳои миллӣ ҳамоҳангӣ кунад.

Қалб дар осор ва сангнабиштаҳои аҳди бостон баррасӣ шуда, омили мартаба ва нуфузи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди башарро бо дарназардошти таҳияи марказ ҷиҳати аз лиҳози сиёсӣ идора намудани дилхоҳ ҷомеа инъикос мекунанд. Дар замони муосир бошад, таваҷҷуҳ ба марказ ва рӯоварии аксар шаҳрвандони кишварҳо ба пойтахт аз вижагиҳои густариши ҳувияти фарҳангӣ шаҳодат медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки замони постмодерн бинобар кӯчиши ҳангуфти аҳолӣ аз рустоҳо ба пойтахти давлатҳо муаррифӣ шуда, вижагиҳои ҳувияти фарҳангии миллатҳои муосирро ошкор месозад. Ба ибораи дигар муҳоҷирати аҳолӣ аз як мавзеъ ба мавзеи дигар ва хосатан аз русто ба шаҳр натиҷаи раванди тағйирёбии

ҳувияти фарҳангист, ки дар навбати аввал вижагиҳои диалектикиро дар бар мегирад. Агар ин раванд боиси густариши ҳувияти фарҳангӣ намебуд, дар ҳеҷ сурат ҷомеашиноси машҳури амрикоӣ С. Ҳантингтон макони густариши ҳувиятҳоро ба шаҳр ва муҳити шаҳрӣ мансуб намедонист. Постмодерн тавассути раванде муаррифӣ мешавад, ки хусусияти аслии он ҳиҷрат аст ва сафарномаҳое, ки ниёкони мо, тоҷикон ҳазор сол муқаддам офаридаанд, ҳамин вижагиҳои ҳувияти фарҳангии дилхоҳ миллату кишвареро инъикос намудаанд. Ин натиҷа паҳлуи якҷонибаи масъала аст, аммо паҳлуи дигари масоилро бархурд ва баҳамоии тамаддунҳо ва фарҳангҳо дар бар мегиранд. Бо навъи дигари ҳунари суханварӣ ин хусусиятро метавон ҷаҳонсозӣ гуфт, ки муосирин онро раванди ҷаҳонишавӣ муаррифӣ мекунанд. Инсон, ки дар муҳити русто ва шаҳр маскун мебошад, тибқи қонунҳои муҳит аз фарҳанг ва тамаддун бархурдор аст ва чун миллатҳое, ки аз фарҳангу тамаддунҳои миллӣ маҳрум мондаанд, ночор ба фарҳанграбоӣ мурочиат мекунанд. Агар муҳити шаҳру русторо муқоиса кунем, дер ё зуд дармеёбем, ки

дар он фарҳанги ғолиб маҳз он фарҳанге маҳсуб мешавад, ки дар шаҳр густариш ёфтааст. Ё худ рустоии бофарҳанг ба шаҳр ворид шуда, баъзан ба баъзе вижагиҳои он бархурд мекунад. Пас ба ин масъала диққат диҳед, ки шаҳрҳои асримиёнагӣ макони синтезу баҳамоии фарҳангҳо ва гуфтугӯйи тамаддунҳо будаанд, яъне ҷаҳонишавӣ чун падидаи иҷтимоӣ баробар бо пайдоиши нахусттамаддуни башар зуҳур карда, бо мурури замон тақвият ёфтааст. Ҷомеашинос Саймумин Ятимов ин хусусиятро дар китобе, ки ба пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ихтисос додааст, аз инкишофи табии ҷомеа ном мебарад ва зимни баррасии ин масъала зикр менамояд, ки: **“Соҳиб шудан ба давлати миллӣ – натиҷаи муборизаҳои ҷоннисорона барои истиқлоли миллӣ мебошад. Ва бидуни ташкилоти сиёсии марказонидашуда, устувор мондан, ҳифз кардани абадияти миллат, ҳамчунон нишонаҳои асосии он — забон, фарҳанг, анъана, урфу одат ва рифоҳи миллӣ ғайриимкон аст. Миллат зуҳуроти сирф диалектикист. Давраҳои пайдоиш, рушд ва камолот дорад. Инкишофи миллатҳо аз хосияти этникӣ, характер, анъана, урфу**

**одат, рӯҳ ва мафкураи миллӣ, захираҳои табиӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, релйеф, таносуб ва муносибатҳои геополитикӣ вобаста мебошад”[58].**

Ҳувияти фарҳангӣ тибқи баҳогузории муосир сатҳи олии шинохти вижагиҳои фарҳангӣ аст, ки бо номи шумо мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиши илмӣ қарор мегирад. Бинобар ин, чун мо ба таҳлили муҳити шаҳрнишинӣ иқдом мекунем, хоҳ-нохоҳ он анъана ва хосиятҳои хоси фарҳанги ориёии мансуб ба гузаштагонамон пеши назар меоянд, ки на фақат барои мо, балки барои дигарон низ мояи фарҳангсолорӣ гардидаанд. Ҷомеашиносон ҳануз дар замони Шӯравӣ ин ақидаро иброз доштаанд, ки шаҳри Душанбе осорхонаи таърихи аҳди бостон буда, ҳануз дар асри XVIII барои сокинонаш чандин тамаддун ва фарҳангҳои мухталиф омехта шудаанд, чунки дар миёни афроде, ки дар Душанбе он айём сукно доштанд, ғайр аз муслимин, пайравони яҳудият ва масеҳият низ будаанд ва новобаста аз тафаккур гуфтугӯи онҳо оғоз

---

[58] Ятимов С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат, “Илм ва ҷомеа”, №5 (27), - 2021.

гардидааст. Душанбе чун маркази маъмурӣ ва аз лиҳози ҳарорат мутобиқ ҷиҳати иқомат ва маскуншавӣ ғайр аз тоҷикони соҳибфарҳанг боз миллали мутамаддинро низ ба худ мутаваҷҷеҳ сохтааст. Ҳануз дар садаи XVIII яҳудиёни Бухоро назди амири манғит арз карданд, ки мехоҳанд ғайр аз маркази Аморат, боз дар мавзеи Душанбе бобати раҳли иқоматгузинии абадӣ иҷозат бигиранд. Он овон дар ин мавзеъ, ки дар манобеъи русӣ "Бухорои Шарқӣ" номгузорӣ шудааст, масеҳиён низ сукунат доштанд ва коршиносони Русияи подшоҳӣ, ки ғолибан, яҳудитабор буданд, ин маконро беҳтарин ва мусоидтарин пиндошта, азм намуданд то мавзеи мазкурро аз марказҳои асосии імперотурии Русия дар Ховари Марказӣ табдил диҳанд. Чунонки С. Ятимов дар китоби зикршуда қайд мекунад, пойтахт ҷойи рушд кардани касбомӯзӣ ва камол ёфтани шахсиятҳо буда, ба фарди ҷомеа имкон фароҳам меорад, ки худогоҳии миллии хешро такмил диҳад: **“...бояд эътироф намуд, ки элитаи сиёсӣ, илмӣ ва беҳтарин мутахассисони миллӣ дар пойтахт касб омӯхтаанд. Кишварро рушду нумуъ бахшидаанд. Ва ҳоло онро сарварӣ мекунанд... ҳар**

**иқдоме, ки аз пойтахт, аз шаҳри Душанбе бармеояд, ташаббуси давлатмардонест, ки мардуми Тоҷикистон сарнавишти худро маҳз ба онҳо бовар кардааст".**

Муҳаққиқони муосир ғолибан ба назми Рӯдакӣ ҷиҳати иштиёқи амир ба Бухоро иктифо карда, ин тасвири шоири бузургро то кунун дар ҳар шакле изҳор менамоянд. Воқеан, ғазали мазкур, ки матлаи аввали он "Бӯйи ҷӯйи Муллиён" аст, вижагиҳои ташаккули ҳувияти фарҳангиро моҳирона ба қалам оварда, дар мисоли амир исбот мекунад, ки яке аз рукнҳои давлатдорӣ ва фарҳангофаринӣ эҳтироми мавзеъест, ки он ҷо давлат идора карда мешавад.

Саймумин Ятимов дар мақолае, ки "Пойтахт – оинаи суботи мамлакат" унвонгузорӣ шудааст, бобати мартабаи маркази давлат чунин мегӯяд: **"Пойтахти давлат – гаҳвораи тақдири миллат аст. Он таҳаввулоти инқилобие, ки дар навсозии шаҳр, мисли ҷаҳони нав дида**

**мешавад, мебояд дар ботини сокинони пойтахт, махсусан, ҷавонон, дидгоҳ ва ҷаҳонбинии нав тавлид намояд”[59].**

Лозим ба ёдоварист, ки зимни пажӯҳиши илмӣ бобати нахустин шарти давлатсозӣ дар таҳияи марказ ҷомеашиносон бисёр навиштаанд, аммо ин нукта бебаҳс аст, ки маҳз пойтахти кишвар густариши ҳувияти фарҳангии ҷомеаро таъин менамояд ва барои тақвият пазируфтани вижагиҳои он мусоидат мекунад.

## ҲУҚУҚДОНӢ ФАРҲАНГИ ВОЛОСТ

[59] Ятимов С. Пойтахт – оинаи суботи мамлакат”, дар китоби “Душанбе қалби Тоҷикистон, ҷилди 3, Душанбе, -2021, 344 с., саҳ. 32.

Ҳеҷ қонуне байни мардум ба андозаи қонуни
қудрат ва иттилоот вуҷуд надорад.
Томас Корлейл

Фарҳанг бешубҳа ифодагари рӯҳи миллӣ, расму
русум, анъана ва хотираи таърихии ҳар халқу
миллат мебошад, аз фарҳангу ҳунар дида,
башарият барои ба ҳам наздик кардани
инсонҳо ва ваҳдати умум воситаи
самараноктареро эҷод накардааст.
Эмомалӣ Раҳмон

Тафовути шаҳру деҳот аз саноат аст ва вуҷуди корхонаҳои саноатӣ дар шаҳр ҳувияти сокинонро аз бошандагони русто баланд мебарад. Бинобар ин, дар шаҳр зистану бехабар мондан аз ҳуқуқҳое, ки қудрат бароятон эҳдо намудааст, бефарҳангист. Чунки заъфи фарҳангӣ рӯзе инсонро аз шаҳр ба русто мебарад, чунонки кӯшишҳои ҷаҳон дидану ҷаҳон омӯхтан рустоиҳоро ба шаҳр меорад. Дар ин маврид мо кӯшиш



хоҳем кард, ки зимни муроҷиат ба илми ҳуқуқ фарҳанги ҳуқуқиро баррасӣ карда, авомили поймолшавии ҳуқуқи шаҳрвандро низ дар ин ҷода пажӯҳиш намоем. Лекин камфарҳангӣ низ метавонад ба поймолшавии ҳуқуқ мусоидат кунад. Ҷиҳати боло бурдани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ узви вобастаи АМИТ Насриддинзода Эмомалӣ дар китобе таҳқиқӣ таҳти унвони "**Фарҳанги ҳуқуқӣ**" масъалаи зайлро баррасӣ карда ва муҳаққиқ Раҳмон Д.С. дар пешгуфтори ин китоб чунин мегӯяд: "**Бунёди ҷомеаи воқеан шаҳрвандӣ ва эъмори давлати ҳуқуқӣ танҳо замоне имконпазир мегардад, ки сокинони он аз сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ бархӯрдор бошанд, масъулияти баланди шаҳрвандӣ дошта бошанд, ба қонун ва арзишҳои ҳуқуқӣ эҳтиром ва ба қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ арҷ гузоранд. Бо дарки зарурати таҳкими ин масъала дар даврони соҳибихтиёрии давлатӣ як силсила фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расиданд, ки дар умум ба хотири боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар нигаронида шудаанд"[60].**

[60] Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ, Душанбе, - 2016, саҳ. 5.

Ба андешаи муаллиф замони соҳибистиқлолӣ фарҳанги нави ҳуқуқиро ба вуҷуд овард ва фарҳанги аҳди Шӯравӣ шадидан тағйир хӯрд. Шаклгирии арзишҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар солҳои Истиқлол ба вуқуъ пайваст ва феълан барои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар аз байн бурдани  бархе аз анъанаҳо, ки дар рушди маърифати шаҳрнишинӣ монеаҳо эҷод мекунанд, зарурат пеш омадааст. Аммо фарҳанг чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз шарҳу тафсирҳои мухталиф дошта, дар ҳар ҷомеае тибқи низоми сиёсӣ ва идеологии он баррасӣ шудаанд. Масалан, тафсири марксистии фарҳанг дар аҳди Шӯравӣ басе маъмул буд ва ҳоли ҳозир аз арзишҳои фарҳангии ҷаҳонбинии сусиёлистӣ касе ҳимоят намекунад. Яъне, фарҳангҳо бинобар тағйирхӯрии низоми сиёсӣ дигаргун гашта, ба худ пероҳани нав ба бар хоҳанд кард. Ба қавле дар адабиёти шӯравии ахири солҳои 90-уми садаи сипаришуда қариб 500 шарҳи мафҳуми фарҳанг вуҷуд доштааст. Падидаи соҳибистиқлолӣ моро водор сохт, ки фарҳанги истифода аз нерӯи баркро ҳам омӯзем ва ҳам истифода кунем, чунки чунин фарҳангҳо бо озодиҳо ва ҷаҳонбинии

ҳуқуқии афрод ҳамоҳангӣ дошта, дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ ба миён меоянд. Масалан, дар Япония вобаста ба рушди техника сайқал пазируфтани фарҳанги истифода аз партовҳои мухталиф ва мавриди коркард ва бозгардонии он партовҳо ҷиҳати истифодашавӣ аз ҷониби инсонҳо роҳандозӣ гардида, фарҳангҳои ҷадиде тавлид меёбанд, ки дар гузашта дар ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд надоштанд. Ҳамаи ин пешравиҳо болорави сатҳи фарҳангдориро иқтизо мекунад. Баръакси ин фановариҳо ҷомеаҳои анъанавӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо тафаккури техникӣ суст рушд мекунад ва инсонҳо, ки дар чунин ҷомеаҳо иқомат доранд, бештар ба зоҳир мутаваҷҷеҳ ҳастанд, чунки рушди ҷаҳонбинии динӣ дар мафкураашон мушоҳида мешавад. Иктифо доштани инсон танҳо ба донишҳои динӣ таноқузро дар зеҳн ба вуҷуд оварда, оқибат хушунатро дар муносиботи афрод тавлид менамояд. Дар чунин авзоъ манфиат бар ҳуқуқ синтез гардида, боиси пайдоиши амалҳои ифротгароёна хоҳад шуд. Бинобар ин, зуҳури озодандешии динӣ аксуламале хоҳад буд, ки алайҳи хушунат ва поймолшавии ҳуқуқи инсонҳо муқовимат мекунад.

Насриддинзода чун пажӯҳишкунандаи фарҳанг ва ҳуқуқ лозим донистааст, ки ин мафҳумҳоро аз дидгоҳи илм шарҳ диҳад: “**Шарҳу баёни мафҳумӣ аз даричаи таносуби ҳуқуқу фарҳанг имкон медиҳад мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ бар асоси бархӯрдҳои гуногун ба фарҳанг ҳамчун падидаи бисёрҷабҳаи иҷтимоӣ шарҳу баён гардад. Аз он ки фарҳанг ва ҳуқуқ чи гуна дарку фаҳмида мешаванд, ба шарҳи созгори фарҳанги ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Чи тавре ки таҳлили анҷомшуда дар боби пешин нишон дод, зимни бархӯрди васеи фалсафӣ ва фарҳангшиносӣ, фарҳанг ҳамчун низоми арзишҳои моддиву маънавӣ, ки аз ҷониби инсон офарида шуда, ҷилвагар мешавад. Аз сӯи дигар, фарҳанг воситаест, ки дастовардҳои мадании инсониятро аз насл ба насл интиқол дода, дар зимн нишони сатҳи инкишофи ҷамъият мегардад”[61].**

Иртибот доштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба тамаддун бешубҳа аз болоравӣ ва мавқеи ҳуқуқдонии инсонҳо дарак медиҳад. Агар тамаддуне, ки бар кишваре ва минтақае тааллуқ пазируфтааст, дар қиёс бо дигар тамаддунҳо бартарӣ ёфта, таъсиргузорӣ дар алоқаи онҳо

[61] Ҳамон ҷо, саҳ. 42.

мушоҳида шавад, пас фарҳанги ҳуқуқии онҳо низ назар бар дигарон такмилёфта аст. Аз ҳамин хотир, Насриддинзода қайд менамояд: “**Ҳар қадар ки сатҳи тараққии тамаддун баланд бошад, ҳамон қадар сатҳи ҳуқуқ ва ҷузъҳои мадании он баланд аст. Бо ин хусусият метавон фарқи миёни навъҳои таърихии ҳуқуқро, ки дар даврaҳои мухталифи инкишофи таърихӣ шакл гирифтаанд, муайян кард. Ба андозаи инкишофи тамаддуни инсонӣ мутаносибан худи ҳуқуқ низ мутамаддин мешавад”[62].**

Дар илми муосир истилоҳи “антикултура” истифода мешавад, ки воқеиятро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ошкор сохта, муқовимат бо фарҳанг низ чун падидаи иҷтимоӣ ошкор месозад. Агар мо ҳаёти рӯзмарраро мушоҳида карда, сипас онро таҳқиқ кунем, пас ба хулосае меоем, ки ваҳшоният ҳанӯз ҳам реҳлат накардааст ва инсон чун ҷонвар новобаста аз суръати шадиди тараққӣ боқӣ мемонад. Бинобар ин, Насриддинзода Эмомалӣ вокунишҳои одамонро алайҳи фарҳанг чунин арзёбӣ мекунад: “**Ҳамин тариқ, мафҳуми “зидди фарҳанг”, ки**

[62] Ҳамон ҷо, саҳ.43

**дар ҷомеашиносӣ ва фарҳангшиносӣ истифода мешавад, ифодагари вокуниши манфии гурӯҳҳои муайяни иҷтимоии ҷомеа ба якфикрӣ, ягонагӣ ва консервативизми фарҳанги суннатӣ мебошад. Зидфарҳанг ҳамчунин дар фарҳангшиносӣ чун шакли радия ё қабул накардани фарҳанг ба таври умум фаҳмида мешавад. Агар зидфарҳанг ҳамчун зуҳури эътирозӣ ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, ба муқобили шакли шахшудаи фарҳанг, занҷири озодии инсон хидмат кунад, пас антикултура ин комилан рад кардани фарҳанг аст”[63].**

Таҳқиқоти мушаххаси илмӣ ҷиҳати фарҳанграбоӣ, масоили синтезу баҳамоии фарҳангҳо ва бархӯрд миёни онҳо аллакай гувоҳӣ медиҳанд, ки ба фарҳанг ҳама гуна вуҷуди биологии инсон алоқаманд аст ва бидуни баррасии фарҳанг имкон вуҷуд надорад то фард дар муҳити афрод мавқеъе пайдо карда, аз меъёрҳои фарҳангӣ истифода набарад. Бефарҳангӣ ва зидди фарҳанг қарор доштани инсони муосир амре аз афкор ва эҳсоси судҷӯёнаест, ки ҳар яке аз афродро дунбол мегирад ва бидуни манфӣ мо мусбатро дарк нахоҳем

---

[63] Ҳамон ҷо, саҳ. 65.

кард. Аммо бархе аз муҳаққиқин бар ин ақидаанд, ки фарҳанги ҳуқуқӣ бо мурури замон аз байн меравад. Аммо Насридинзода чунин меандешад, ки бо мурури замон фарҳанги ҳуқуқӣ такмил ёфта, эътибори он тавассути муайянсозиҳои гуногун тадриҷан афзун мегардад. Масалан, дар ин маврид барои аз байн бурдани вобастагӣ ин андешаро изҳор кардааст: "**Бо мақсади гузаронидани экспертизаи мустақил, бартараф намудани таъсири идоравӣ, назорати ягонаи методӣ аз рӯи сифат ва истеҳсолоти экспертизаи судӣ, ташкили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои экспертӣ, муайян намудани кормандон аз рӯи ихтисос, таҷрибаи корӣ ва хусусияти фаъолият, баланд бардоштани сатҳ ва сифати ташкили экспертизаи судӣ ва таҷрибаи тафтишотӣ, муҷаҳҳаз намудани онҳо бо дастгоҳҳои замонавӣ ва ҳамчунин ҷиҳати роҳ надодан ба хатоиҳо дар рафти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, амалияи судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз байн бурдани такроршавии вазифаҳои онҳо бояд муассисаҳои**

**экспертӣ ба як сохтори мустақили давлатии берун аз таъсири идоравӣ табдил дода шавад[64]”.**

Муҳаққиқи ҳуқуқшинос Эмсомалӣ Насриддинзода ҷиҳати муаррифӣ, таҳқиқ ва баррасии фарҳанги ҳуқуқӣ талош намуда, аз тарзи тафаккур ва пажӯҳиши аксар ҷомеашиносон бохабар мегардад ва ин мафҳумро барои баррасии ҷаҳониён пешниҳод менамояд.

# АНДЕШАҲО БОБАТИ ПЕЧИДАГИИ ИЛМ БО СИЁСАТ

**ё худ мушоҳидаҳои судманд ҷиҳати пажӯҳиши макони бадеӣ ва замони беҳудуд дар пиндорҳое, ки мероси хаттии марбут ба илми адабиётро ташкил медиҳанд...**

[64] Ҳамон ҷо, саҳ. 230.

*“Ҳеҷ чиз барои мубориза алайҳи меланхолик чун грамматика хидмат намекунад”.*

*Эмил Мишел Чоран (Сьоран)*

Ҳадаф дар ин навишта академик Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз мебошад, ки тавассути муаррифии осори илмии ӯ ҳамоҳангии илму қудратро метавон баррасӣ намуд. Номбурда баъди хатми Донишгоҳ ба илми филологӣ рӯйоварӣ карда, дар муҳити илмии



донишгоҳӣ ба таҳқиқу таҳлилҳои илми адабиётшиносии муосир пардохт. Агарчи таваҷҷуҳ ба улуми филологӣ дар ҷаҳони муосир кам шуда бошад, аммо дар кишвари мо бобати баррасиҳои имии адабиётшиносӣ шавқу шаҳомати он афзудааст. Суоли матраҳ низ аз ҳамин бармеояд, ки чаро дигар милал ниёзҳои худро ба баррасиҳои вижагии илми адабиётшиносӣ кам кардаанду тоҷикон ниёзҳояшонро ба улуми мазкур афзудаанд? Ба ин пурсиш ҳангоми пажӯҳиш дар афкор ва осори донишмандони тоҷиктабор посух метавон ёфт, чунки аз Рӯдакӣ шурӯъ шуда, ба таҳқиқи кунишу вокуниши шоире мисли Шамсуддин Шоҳин анҷом мепазирад, лекин ҳар як

намояндаи адаби миллӣ дар назму наср бо ҳикмат ва улуми ҷомеашиносӣ пайванд буда, ғайр аз мушкилиҳои илми филологӣ боз фалсафа ва ҳикматро дар бар кардааст. Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба илми адабиётшиносии ватанӣ имрӯз боқӣ монда, пажӯҳишҳои илмӣ дар ин замир беш аз пеш мушоҳида мешавад.

Академик Раҳмонзода қариб дар ҳамаи тадқиқоти назарраси хеш ба маърифати замон пайвастагӣ дошта, дар пояи баррасии андешаҳои шахсиятҳои таърихӣ ба дилхоҳ мавзӯъ мурочиат кардааст. Масалан, зимни баррасии адаби асотирӣ ҳудудро як сӯ гузошта, мавзӯи зайлро дар марзҳои беҳудуд таҳқиқ менамояд. Ин ҳадафро номбурда дар як ҷумла инъикос кардааст: **"Рӯҳи миллии санъаткори ҳақиқӣ башардӯстона аст"[65].**

Ҷоиз ба тазаккур аст, ки ҳамосаи миллии мавсум ба "Шоҳнома", ки ба қалами Ҳаким Фирдавсии Тусӣ тааллуқ мепазирад, дар нигоҳи Раҳмонзода А.А. арзишмандтарин нигораи ҷаҳонист ва имрӯз ҳамосаи мазкур дар қитъаҳои мухталиф сайри маънавии хешро идома медиҳад. Оид ба пиндорҳои асотирӣ ва иртибот пайдо кардани онҳо бо ҳақиқати таърихӣ муҳаққиқ ҷиҳати баррасии рӯҳи баду неки гузашта иктифо намуда, ба худ иҷоза медиҳад то ин баҳогузориро бар дигарон

---

[65] Раҳмонзода А.А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ, Душанбе, 1999, саҳ. 115.

ироа намояд: **“Аз ин пиндошти асотирӣ муносибати шоир ба гузашта ва таърихи он ошкор мегардад. Дар ин биниши асотирии Фирдавсӣ замон беҳудуд мебошад, танҳо перомуни макони бадеии “дарахти барӯманд” ҳамчун шакли рамзии Коинот ва мавҷудоти қадимияти фосилаи замониро дар таркиби матни байт муайян намудан мумкин аст, ки низ арзиши асотирӣ дорад. Пас, Фирдавсӣ танҳо ба хотири эҳтироми бузурге, ки ба халқаш дорад, майл ба сӯи ҳаводиси гузашта менамояд ва беҳтарин лаҳзаҳои онро дар “Шоҳнома”-и худ ҷойгузин мегардонад”[66].**

Воқеъан, омили асосии рӯоварии донишмандони тоҷик ба асотир ва мероси хаттии сӯзонидашуда аз сӯи аҷнабӣ, амиқтараш ғосиб эҳёи фикри миллӣ тавассути аз нав навиштани ёдгориҳои таърихии мансуб ба миллати соҳибхат аст ва ҳаким Фирдавсӣ тафовути андеша ва тафаккурро дар байни мардуми бумӣ ва ғосибони бадавӣ чунин изҳор медорад:

*Аз Эрону аз турку аз тозиён,*
*Нажоде падидояд андар миён.*
*На деҳқон на турку на тозӣ бувад,*
*Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.*
*Чунон фош гардад ғаму ранҷу шӯр,*
*Ки шодӣ ба ҳангоми Баҳроми Гӯр.*

[66] Ҳамон ҷо, саҳ. 95.

*Зиёни касон аз пайи суди хеш,*
*Биҷӯянду дин андар оранд пеш.*

Ҳамаи рухдодҳову қиссанигориҳои Фирдавсӣ ба таври дақиқ дорои сарчашмаҳое мебошанд, ки дар «Авасто» ё худ дигар матнҳои зардуштӣ тасвир шудаанд. Масалан, образи Гаёмарт аз он ҷумла аст ва нест насабе дар “Шоҳнома”, ки дар “Авасто” набошад. Аммо дар замони шоир бо дарназардошти ҳамлаҳои маънавии ғосибони саҳроӣ ба мероси миллии тоҷикон ва дигар эронитаборон ин иқдом қаҳрамонӣ буд, яъне тасовири замони гузашта дар давраи тамоман дигар ва муосир, ки он замони сипаришударо бо ҳар баҳона дар шуури муосирин доғдор мекунанд, ҷуз таҳрифи хотираи миллӣ ё ин ки лағв намудани биниши миллӣ тавассути бадномсозии ниёгон ва мероси маънавии онҳо чизе буда наметавонад. Аммо ҳамаи ин ноҷуриҳои таърихӣ ба тарзи тафаккури донишманд иртибот дорад ва агар олими адабиётшинос бинобар сатҳи пасти ҷаҳонбинии илмии хеш дар замон мадфун бимонад, пажӯҳиши ӯ барои як миллате ҷуз зиён дигар чизе нест. Раҳмонзода А.А. дар ин маврид менависад: **“Иддае аз адабиётшиносон ва мунаққидон ҳангоми таҳқиқ ва баррасии осори намояндагони адабиёти гузаштаву муосир муносибати мустақим ва ғайри мустақими худро ба дарки моҳияти устура ва корбандию истеъмоли образу сужетҳои**

**асотирӣ иброз намудаанд. Мутаассифона, то ҳол ба истисној чанд тадқиқот дар бораи нақши устура ва таъсири он дар осори адабиёти садаи XX пажӯҳиши комил ва дақиқ ба анҷом нарасидааст”[67].**

Фикри академик Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз бобати пайванди асотир бо ғазалсароӣ аз манбаъе бармеояд, ки дар нигориши ғазал маъниро бо мурури замон такмил додаанд. Ғазал ба пиндори мавсуф тасовир аст ва ӯ муътақид мебошад, ки дар ғазал ормонҳои ботинии инсон инъикос мешаванд: **“Ғазал бо ин ки табиатан шӯрангезӣ ва рӯҳнавозӣ дорад, боз бо мурури замон табиати худро бо тасвирҳои орифона қувват бахшида, таркиби худро боз ҳам мураккабтар ва бою ғанӣ гардонид. Дар ғазал тасвири ҳолати ботинии инсон аз ҳама муҳим мебошад”[68].**

Академик муътақид мебошад, ки анъанаи ғазалсароӣ бар асари сабки нигориш муҳтаво пазируфтааст ва сабкҳои хуросонӣ ва ироқӣ дар мазмуни ғазал нақшгузорӣ кардаанд. Шояд аз ҳамин хотир бошад, ки бархе аз муҳаққиқон ду шоири ғазалсарои Шерозро бо тасаввуф ҳамоҳанг сохта, ҳатто Ҳофизро аз

---

[67] Ҳамон ҷо, саҳ. 6.

[68] Раҳмонов А.А. Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғасалсароӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX.

зумраи маломатиён пиндоштаанд, дар ҳоле ки Ҳофиз ва Саъдӣ бо тариқаҳои тасаввуфи исломӣ ҳеҷ рабте надоранд. Бинобар ин, иқтибоси зайл намунае аз ихтилофи ғазалиёт мутобиқ ба сабкнигорист: **“Манбаъҳои таърихиву асотирӣ дар таркиби ғазал бештар ҷой гирифт. Агар онҳо бештар дар сабки хуросонӣ ҳолати равонии ошиқ ва маъшуқро баён созанд, дар сабки ироқӣ бо арзишҳои ирфонӣ пайванд шуда, ифодагари ҳолати суфӣ ва пири ӯ гардиданд”[69].**

Дар таҳқиқи ғазал ва дигар жанрҳои назм академик Раҳмонзода Шамсиддин Шоҳинро интихоб намуда, тавассути баррасии осори ӯ назму насри охири асри XIX ва аввали асри XX-ро муҳаққиқ шудааст. Аз ҷумла, ӯ тарзи баёни шоирро чунин шарҳ медиҳад: **“Шоҳин дар замоне, ки умр ба сар мебурд, ниҳоят воқеъбинона доир ба замона сухан мегуфт ва муҳимтарин масъалаҳои даври хешро тасвир менамуд. Дар назари бадеии Шоҳин муҳити Бухоро барои тасвири воқеият тангӣ менамуд ва ӯ имкон надошт, барои рӯшан гуфтани тамоми фисқу фуҷур шароит пайдо намояд”[70].**

Шоҳин чун соири шуарои гузашта ва муосир аз шеъри Ҳофиз таъсирпазир будааст. Ба ибораи дигар,

---

[69] Ҳамон ҷо, саҳ. 53.

[70] Ҳамон ҷо, саҳ. 15.

Шамсиддин Шоҳин бо таърихи илми адаб хеле хуб ошно буда, лаёқати нотакрори ғасалсаройӣ дошт ва ин истеъдод ӯро ба навиштани нигораҳое чун Лайливу Маҷнун, Тӯҳфаи дӯстон ва рисолаи насриаш “Бадоеъ-усс-саноеъ” водор сохтааст. Дар ин маврид Раҳмонзода сабақомӯзии Шоҳинро аз шуарои пешин мушоҳида карда, ба таҳқиқи он мепардозад. Ӯ мутаъқид аст, ки **“Дар шеъри Шоҳин на танҳо фалсафаи мураккаби дунёи орифонаи Ҳофиз, балки мароми шоирони дигари классик низ эҳсос мешавад. Маълум мегардад, ки Шоҳин дар шинохти шеър аз осори гузаштагон сабақ омӯхта, аз баъзе таъбироти адибони гавҳарофар ба хубӣ истифода низ намуда будааст”[71].**

“Бадоеъ-ус-саноеъ” аз зумраи осори таҳқиқии Шоҳин буда, дар он ҳамаи асрори давлатдории хонаводаи Манғитияро, ки иттилоъ дошт, дар ин асари насриаш фош кардааст. Ин навишта дар пайравии рисолаи машҳури Аҳмади Дониш бо номи “Наводир-ул-вақоеъ” ба қалам омада, яке аз шоҳкориҳои нимаи дувуми садаи XIX дар адабиётшиносии миллӣ мебошад. Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз зимни баррасии ин рисола чунин мегӯяд: **“Дар ин рисола (яъне, Бадоеъ-ус-саноеъ) дар тарзи баёни Шоҳин як навъ навҷӯиҳоро мушоҳида**

[71] Ҳамон ҷо, саҳ. 35.

**кардан мумкин аст. Баъзе воқеаҳои таърихӣ дар ин рисола ранги бадеӣ гирифта, ҳадафи Шоҳин бештар бо ҳикояҳои хурди тамсилӣ ва ибораҳои киноямез баён шуда, назари нависандаро бо замон муайян гардонидааст”[72].**

Тахассуси замонии нависанда ва шоир ва соири мунаққидони тоҷик ҷиҳати мансуб будани онҳо ба марзи муайяне, ки номаш “замон” аст, хеле хуб баррасӣ мешавад, аммо баъзан мушоҳида мекунем, ки фарди эҷодкор аз ҳудуди замонии хеш фирор карда, ояндаи ин замонро, ки муосиронаш дар он муҳит фаъолият доранд, пешгӯӣ мекунад ва осоре меофарад, ки то ҷаҳон боқист, аз хонанда маҳрум нест ва аз зумраи инчунин осор баробари “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Носируддин рисолаи “Бадоеъ-ус-саноеъ” низ аз зумраи чунин осор маҳсуб мешавад. Инчунин баҳогузориро метавон ба шуарои ҳар як сада аз замони силсилаи Оли Сомон то имрӯз нисбат дод, чунки дар ҳар садае нобиғаи илми адаби тоҷик зуҳур кардааст ва бешубҳа нақши тоҷикон дар инъикос ва тавзеҳи замону макон бо истифода аз назму насри бадеӣ дастоварди бузургест, ки онро ҷаҳониён мутолиа мекунанд. Масалан, ҳамосаи миллӣ мавсум ба “Шоҳнома” дар воқеънигорӣ ва ҳақбаёнӣ то

[72] Ҳамон ҷо, саҳ. 41.

ҳадди ахир ҷуръат намудааст, ки ҳеҷ муҳаққиқе дар баррасии он ин авомилро фаромӯш намекунад. Кутуб аз саҳни ҳастӣ нобуд карда мешаванд, ғасбкунандагони ҷоҳил навиштаҳои нодирро месӯзонанд, аммо миллати соҳибқалам ҳамоно ба нигориши шоҳкориҳо машғул мешавад ва тохтутозҳо дар замон мисли соири бадкомиҳои мутааллиқ ба замона аз байн рафта, таваҷҷуҳ ба он низ ба як хотир идома хоҳад ёфт, ки аз рухдоди вахшиёнае бехабар набошанд. Академик Раҳмонзода устурапардозиро аз ашколи худогоҳӣ пиндоштааст: **“Устурапардозӣ дар аҳди Сомониён дар як шакл зуҳур наёфта, дар самтҳои мухталиф инкишоф меёфт. Самти аввал агар омӯзиш, ҷамъоварӣва дар эҷоди адабӣ истифода намудани асотир бошад, самти дигар эҷоду падид овардани устураҳои нави адабӣ мебошад, ки аз тарзи тафаккури бадеии аксари адибони ин аҳд падид омадааст. Агар Дақиқӣ асотири қадимаро дар шеъри худ ба шакл даровардан оғоз намуда бошад, устод Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Майсарӣ ва дигарон дар қолаби ривоёти асотирӣ, таърихӣ ва ахлоқиву ҳакимона мазмунҳои баланди худогоҳона эҷод мекарданд”[73].**

Аввалин манзили илми адаби миллӣ иборат аз ин аст, ки мо ба ҳайси миллати воҳид чӣ касе ҳастем?

---

[73] Раҳмонов А.А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ, саҳ. 77.

Бинобар ин, омӯзиши осори адабии ниёгон моро водор хоҳад кард, ки фикри мустақил пайдо карда, аз ғайри хеш таъсирпазир набошем. Шояд ҳамин омили дохилии илми адаб, ки печидигаии онро бо улуми ҷомеашиносӣ тасдиқ мекунад, таваҷҷуҳи шаҳрвандонро ба худ пайдо кардааст.

## МИНБАРДОРИ ИЛМУ АДАБИ МИЛЛӢ

Дар замони муосир ҷиҳати таҳқиқ ва татбиқи масъалаҳои ба адабиётшиносӣ дахлдошта нигоҳҳои нав



баён гардида, бархурдҳо дар низоми ақидавии олимони ватанӣ мушоҳида мешавад. Махсусан, дар шароити ормонгардонии таҳоҷуми хабарӣ аз хориҷи кишвар ва таҳмил намудани фарҳанги воҳид дар зери ниқоби ҷаҳонишавӣ бархе аз олимони нуктасанҷ минбарҳо ташкил намуда, баҳри дифоъ аз фарҳанг ва адаби миллӣ ҷаҳд намуданд. Яке аз зумраи онҳо академик Маҳмадюсуф Имомзода аст, ки ба пажӯҳиши осор ва аҳволи устод Айнӣ пардохта, дар айнишиносӣ саҳми бориз гузоштааст. Се асари мавсуф бо номҳои “Санъати портретӣ дар насри Айнӣ”, “Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ” ва “Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ” аз ин шаҳодат медиҳанд, ки тоҷикон ҷиҳати ҳифзи ормонҳо, фарҳанг ва ҳувияти миллии худ бояд аз нигоҳу вазъи иҷтимоии донишмандоне чун Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода бохабар бошанд. Ин шахсиятҳои маъруфи таърих зиндагии муқаррарӣ

надоштанд, чунки соҳибандеша буданд ва ҳеҷ гурӯҳе андешаи бегонаро ба онҳо таҳмил карда наметавонист. Имрӯз аксар зиёиёни мо майли хешро ба афкори таҳмилӣ пинҳон надошта, гузашта аз ин, дар хидмати бегонагон қарор доранд, чунки онҳо бо аҳволу авзоъ ва осори шахсиятҳои таърихии дар боло зикршуда ошно нестанд. Бинобар ин, академик Маҳмадюсуф Имомзода давомдиҳандаи кору фаъолияти донишмандоне чун Соҳиб Табаров ва Ҳудойназар Асозода гардида, ба давраи мубҳами таърихи миллат ва ба аҳди ақоиди тоҷикситезӣ рӯ овард. Ӯ менависад: **“Рақиб ҳама ганҷро нест карда метавонаду бурда метавонад, аммо газанде ба он ганҷи маънавӣ расонида наметавонад. Саҳифаҳои таърих гувоҳанд, ки дар тӯли таърих мулки тоҷик борҳо ғорат гардид. «Ҳар чӣ ӯ аз моли дунё дошт дод...», наҳангҳо аз ӯ молу ганҷро гирифтанд, аммо нангу номусу ҳувиятро натавонистанд”.**

Дар воқеъ, М. С. Имомзода дар ҳимояи ормонҳои миллӣ ва фарҳанги ба тоҷикон хос нақши бориз дорад ва дар маснадҳое, ки ифои вазифа дошту алҳол медорад, барои ашхоси донишпажӯҳ такягоҳи асосӣ мебошад. Ба вижа, мавсуф дар мавриди арзиши истиқлолияти давлатӣ чунин менависад: ***“Файзу баракати истиқлолро ҳамон вақт дарк мекунему мебинем, ки агар оташи муҳаббату нангу номуси ватандорӣ дар вуҷуди мо аланга дошта***

***бошад. Муҳаббат ба Ватан имкон медиҳад, ки истиқлол таъмин шавад ва истиқлол имкон медиҳад дунёи ин муҳаббатҳо вусъат пайдо намояд”.***

Адабиётшиноси маъруф, мунаққиди адабиёт, профессор Имомзода М. С. дар адабиётшиносии муосир мақому мартабаи хоса дорад ва саҳми ӯ дар рушди улуми филологӣ беназир аст. Пажӯҳишҳои илмию назарии ӯ масоили мубрами таърих ва назарияи адабиёт ва ҳамчунин нақди адабӣ, адабиётшиносии киёсӣ, назарияи тарҷума ва дигар ҷанбаҳои назму насри бадеиро фаро мегирад. Бо ташаббуси ин муҳаққиқ дар адабиётшиносии муосири тоҷик самти нави илмии марбут ба масоили поэтикаи наср дар асоси таҳқиқ ва пажӯҳиши осори насрии адабиёти муосир бунёнгузорӣ шуд.

Ҳамакнун, зарур медонем, андаке шарҳи ҳоли ӯро ин ҷо бигзорем. Имомзода Маҳмадюсуф Сайидалӣ дар санаи 28 апрели соли 1959 Дар ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 1981 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленинро бо ихтиссоси “забон ва адабиёти тоҷик” хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиро чун лаборанти калони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оғоз бахшидааст (1981-1984), баъдан солҳои 1984-1985

номзад-таҷрибаомӯзи Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи М. Горкийи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ будааст.  Аз соли 1985 то соли 1990 ба ҳайси ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон фаъолият намуда, зимнан рисолаи номзадиро дар мавзӯи "Санъати портретӣ дар насри Айнӣ" соли 1990 дифоъ кард.

Баъдан дар вазифаҳои декани факултети филологияи тоҷики ДМТ (1999-2004) ва ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия (2004-2012) раҳбарӣ намудааст.

Аз соли 2012 то соли 2020 дар маснади ректори ДМТ фаъолият намуда, аз 24-уми январи соли 2020 то кунун Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муаллифи беш аз 200 мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ ҷиҳати баррасии масоили марбут ба адабиёти тоҷик маҳсуб мешавад.

Мавсуф номзади илмҳо (1990) ва доктори илмҳои филология (2002), профессор (2006), узви вобаста (2008) ва академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (2014) мебошад.

Дар садаи XXI нигоҳҳо ва ҷараёнҳои нав дар адабиёншиносии ҷаҳонӣ пайдо шуд ва бохабарӣ аз онҳо академик Имомзодаро водор кард, ки дар таҳқиқи мавзӯҳои марбут ба адабиёти тоҷик аз дидгоҳҳи навин

муроҷиат намуда, мавзӯро бо дарназардошти меъёрҳои матншиносии муосир мавриди баррасӣ қарор диҳад. Таҳти сарварии ӯ 5 нафар унвонҷӯён рисолаҳои докторӣ ва 13 нафар рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намудаанд.

Муаллифи монография ва маҷмӯаи мақолоти илмии «Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ», «Маънавият ва нақши зоҳир», «Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ», «Хирмани андеша» ва ғайра мебошад.

Осори илмию методии профессор Имомзода М. С. аз қабили «Масъалаҳои забон ва адабиёти тоҷик» (1998), «Маънавият ва нақши зоҳир» (2000), «Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ» (2001), «Таърихи Сиистон» (2014) ба масъалаҳои мубрами улуми филологӣ бахшида шудаанд.

Зимни роҳбарӣ профессор Имомзода М.С. дар Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон барои густариши равобити фарҳангии Тоҷикистону Русия ва роҳандозӣ шудани таваҷҷуҳ ва омӯзиши забони русӣ дар кишвар бо кумаки ташкилоти ба таблиғи фарҳанги миллии русӣ машғул буда (Русский мир) муваффақ гардида, дар робита бо муассисаҳои олии илмию таълимии Русия дар болоравии тафаккур ва рушди ҷаҳонбинии илмӣ саҳми беназир гузоштааст. Ҳамчунин,

бо талошҳои ӯ се маркази бузург, ки бо масоили гуногуни кишварҳои ИДМ машғул мешаванд, бо унвони “Маркази пажӯҳишҳои геополитикӣ”, Маркази “Шарқ – Ғарб” ва “Маркази забони тоҷикӣ” дар Донишгоҳи давлатии забоншиносии Москва таъсис дода шуд.

Имомзода М.С. яке аз бунёдгузорони маҷаллаи илмии “Ҷустуҷӯҳои адабӣ” буда, ҷиҳати минбар пайдо кардани олимони адабиёт талош варзид, ки дар саҳифаҳои он мақолаҳои беҳтарину арзишманди илмии олимони варзидаи адабиётшиносиро ба нашр расонидааст ва дар баробари ин мақолаҳои басо арзишманди худро дастраси олимону толибилмони соҳаи фарҳангу адабиёт намудааст. Ба ин марди ватандӯст бурдбориҳоро таманно дорем.

Ҳамакнун мехоҳем баъзе масъалаҳои марбут ба омӯзгориро инҷо баррасӣ кунем, чунки айни ҳол Имомзода дар раъси Вазорати маориф ва илм қарор дорад ва маҳз бо ҳамин нигоҳ бархе аз андешоҳи хешро дар иртибот бо низоми таълим ва тарбия баён медорем. Пеш аз ҳама, бо такя бо гуфтаҳои равоншиносон, ки тарбияро бозрасӣ намуда, омӯзгорро ба фарде монанд кардаанд, ки тибқи тахассус барои дигарон фикр мекунад, ин масъаларо пажӯҳиш хоҳем кард. Масалан, В.О. Ключкевский дар ин бора мефармояд: “**Ба муаллимон сухан дода мешавад танҳо ба ин хотир, ки**

**онҳо на ақидаҳои хешро изҳор накунанд, балки фикри каси дигарро бедор намоянд**”.

Бузургтарин неъмат դониш аст ва чун дар ҷомеае, ки мо дар он фаъолият мекунем, аксар инсонҳо нодону бехабар бимонанд, зиён тамоми ҷамъият мебинад, чунки садае, ки мо дар он қарор дорем, садаи иттилооту маълумоту донишҳои гуногунест ва чун шумо аз ин донишҳо бехабар бимонед, дар баробари шумо дигар аъзои ҷомеа низ ранҷ мебаранд. Хушбахтии фарде ниҳон дар саодати ҷамъият аст ва агар ҷомеа саҳеҳ набошад, андешаронии саҳеҳи фарде ба манфиат нахоҳад буд. Носаҳеҳии ақидавии афрод аз мактаб оғоз мегардад ва вазифаи омӯзгор, ки барои дигар ва ғайри худ муваззаф шудааст, иборат аз ҳамин аст, ки номусоидро мусоид гардонида, дар такмили шахсияти инсон нақше боқӣ гузорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам **Эмомалӣ Раҳмон** ҷиҳати масъулияти омӯзгорони кишвар ин ҳарфҳоро муносиб дидааст: “**Вазифаи асосии муаллим дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчунин омӯзонидани адаб ва ҳидояту роҳнамоии шогирдон ба роҳи рост мебошад. Ин**

**амр бояд ба меъёри ахлоқии фаъолияти муаллим табдил ёбад**”.

Омӯзгор будан шараф аст ва маҳз бо ҳамин андеша дар ҷомеаи Тоҷикистон ба ихтисоси омӯзгорӣ баҳогузорӣ мешавад. Омили ин баҳогузорӣ чист ғайр аз фидокорие, ки аксар омӯзгорон тибқи тахассуси худ анҷом медиҳанд? Чаро онҳо баҳри дигарон ба фидокорӣ рафтаанд? Оё омӯзгоре пайи дифоъ аз манофеи хеш афтад, дар мактаб ҷонибдоре пайдо хоҳад кард?

Мо, тоҷикон фарҳанги ғанӣ дорем ва дар он ба масъалаи омӯзонидан таваҷҷуҳи хосса дода мешавад, аммо омӯзгор аз зумраи афродест, ки толибилмонро ба гурӯҳҳо ҷудо намекунад ва сухане, ки аз бузургони қуруни гузашта овардем, иборат аз ҳамин мебошад, ки масъалаи илмомӯзӣ яксон аст ва якеро дар муқобили дигаре гузоштан аз одоби омӯзгорӣ хуруҷ мекунад. Бале, беадабро адаб омӯхтан мушкил аст, вале қонуни нонавиштаи омӯзгорӣ низ илқо аз ин матлаб хоҳад кард, ки толиби илм новобаста аз сатҳи донишандӯзӣ аз ҷониби омӯзгор мавриди инобату иноят қарор гирад, чунки ҳадаф аз омӯхтан касеро соҳибадаб кардан аст.

Инсон агар ба таҳсил фаро гирифта нашавад, дар ҷомеа пазируфта намешавад. Чун инсонро ҷомеаи шаҳрвандӣ қабул надошт, бешак ба ифротгароӣ рӯ меорад ва аз касе пайравӣ хоҳад кард, ки ба ҷаҳониён эҳсоси бадбинӣ дорад. Агар мо рафтору гуфтори дигареро мақбул надонем, ба он маъно нест, ки ононро сарнагун созем ва мақоли бузурге аз ҳамин ақида сарчашма мегирад, ки муҳтавои он чунин аст: "**Адаб аз кӣ омӯхтӣ? Аз беадабон!**". Яъне, беадабӣ набошад, адабомӯзӣ нест, чунонки хониши аъло бидуни қаноатхон намешавад. Хусусияи ҷамъият ин аст, ки аксар инсонҳо аз фарде ё афроде пайравӣ мекунанд, чунки рафтору кирдору гуфтори ӯро мақбул донистаанд ва ин хосият новобаста аз рушду тараққӣ боқӣ мемонад. Муваффақ ҳамонест, ки ҷаҳонро бо нигоҳи хеш мебинад ва ҷаҳду кӯшиш мекунад то ба дигарон монандӣ надошта бошад, вале омӯзгор мехоҳад ҳама яксон аълохон бошанд, агарчи аксарашон бо таъсири як нафар хонанда намунаи ибрат шудаанд. Ин иштибоҳ, ки мо мехоҳем ҳама мисли мо бошанд, хоси ҷомеаҳоест, ки он ҷо алтернатив нест ва ҳама мехоҳанд нусхаи каси дигар бошанд. Чунин ҷамъият такмил

намеёбад, чунки дар он бархурд нест ва чун бархурд набошад, рақобат низ мемирад. Ин тафаккур ба омӯзгор аз замони Шӯравӣ боқӣ монда, ҳанӯз ҳам таблиғ мешавад, чунки то кунун дар ҷомеаҳои пасошӯравӣ таълим ва тарбияи инсонҳои хурд тибқи меъёрҳои кӯҳнашудаву ҳатто табдилёфта ба партовҳои маънавӣ анҷом мепазирад. Тадрисҳои алтернативӣ кам истиқбол мешаванд ва агар бошанд ҳам, тафовути онҳо аз таҳсилоти муқаррарӣ он қадар чашмрас нест. Ҳатто бузургтарин омӯзгори ҳазорсолаи ахир, ки **Унсуралмаолии Кайковус ибни Вушмагир** маҳсуб мешавад, дар таълифоти машҳуре бо номи "Қобуснома" меоварад: "**Бадтарини мардумон касест, ки бар ӯ салом накунанд**".

Қаҳрамони Тоҷикистон, устод **Садриддин Айнӣ** аз мактабҳое ёдоварӣ кардааст, ки он ҷо омӯхтан бо зарби чуб татбиқ мешуд, аммо барои ҳамагон маълум аст, ки бо роҳи зӯроварӣ таълим гирифта намешавад. Омӯзгори муосир бояд равоншинос бошад ва бо ҳар хулқею рафторе ва сатҳи истеъдоди донишандӯзии толибилм димломатияи мусоидатро истифода карда, ҳадафе дар

пеш дошта бошад, ки ҳар инсоне бояд соҳибмаълумот гардад, вагарна бе маълумот мондани бархе аз хонандагон аллакай мушкилиҳоро дарояндаи наздик барои дигарон эҷод хоҳад кард. Вақте, ки ҳамсабақи мо бемаълумот мемонад, мисоли он аст, ки шумо бо маводи ғизоӣ таъмин мебошед, аммо ҳамсояи шумо аз надоштани чунин мавод ранҷ мекашад. Бинобар ин, мақсад аз таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ пайдо кунондани ҷаҳонбинии ғайри муқаррарӣ дар зеҳни хонандагон буда, омода шунанашон дар коргузорӣ ва фаъолияти давлатӣ аст, чунки давлат ниёз ба онҳо дорад, дар ҳоле ки онҳо ба дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ пайдо мекунанд. Давлат рушд меёбад вақте ки инсонҳои хурд соҳибмаълумот гардида, мутахассис мешаванд ва сипас, дар муассисоти гуногун ба фаъолият шуруъ менамоянд. Нақши омӯзгор дар ин раванди ҳалкунанда бағоят бузург аст, чунки маҳз омӯзгор беҳтар аз дигарон лаёқати соҳавии донишандӯзро дарк карда, донишҳои ӯро дар самти мушаххас такмил медиҳад ва ӯро чун донандаи риштае аз донишҳои соҳавӣ омода месозад. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳаёти ҳар фарди рушдкунандаи ҷаҳони муосир

нақши омӯзгорон беш аз дигарон таъкид мегардад ва мо ба хулосае дар ин мавврид меоем, ки Саъдии ширинсухан 800 сол муқаддам беҳуда нагуфта буд: “**Ҷаври устод беҳ, ки меҳри падар**”.

Илми адаби тоҷикон хеле паҳновару пурарзиш буда, дар такмил ёфтани ҷаҳониён солиёни сол хидмат намуда ва мекунад ва мо имконе бештар дорем, ки бо фаро гирифтани илму адаби миллӣ ҷаҳонбинии худро тақвият бубахшем ва ҷомеаи шаҳрвандие, ки дар он фаъолият дорем, ба кохи адабу бохабарӣ мубаддал созем, аммо кӯшиши холӣ аз истеъдод дар ин ҷода нокомӣ аст. Ба қавли **Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ:**

**Дӯст дорад ёр, ин ошуфтагӣ,**

**Кӯшиши беҳуда беҳ аз хуфтагӣ.**

Ҷои дигар **Ғании Кашмирӣ** ин андешаро изҳор медорад, ки хеле андарзи побарҷост ва дар адабомӯзӣ беҳтарин ҳарфест, ки ҳеҷ бузурге дар ин поя нафармудааст:

**Сайъ коре накунад, чун набувад истеъдод.**

Яъне, ҳар фарде ботинан лаёқате дорад ва дар ошкор кардани он омӯзгор саҳми арзандае бояд бигзорад. Хонандагонро тибқи истеъдоди фитриашон дарк карда, роҳнамоӣ намудан аз ҳадафҳоест, ки давлат дар назди худ гузоштааст ва дарки лаёқати ҳар фарде аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷанбаи асосии фаъолияти омӯзгорист. Аз ҳамин хотир, тибқи масъулият омӯзгорон дар ҳамаи кишварҳо мавриди эҳтиром ва истиқболи аҳли ҷамъият қарор гирифтаанд.

# МУҲАҚҚИҚИ ВАЗИФАШИНОС



Муосирини мо воқифанд, ки академик Кароматулло Олимов дар рушди илм чӣ нақше боқӣ гузоштааст, чунки мавсуф дар баробари пажӯҳиши самтҳои гуногуни илм, боз дар маснадҳои мухталифи давлатӣ раҳбарӣ доштанд. Гузашта аз ин, фаъолият дар Комиссияи оштии миллӣ номбурдаро машҳур сохт. То кунун андешаҳои Кароматулло Олимов дар мавриди сулҳ аҳамияти таърихии хешро гум накардаанд. Дар як очерке, ки ба ин масъала бахшида мешавад, олими тоҷик майли тоҷиконро барои ба даст овардани сулҳ иқрор намудааст. Воқеъан, ҷанги таҳмилӣ кишвари моро даҳсолаҳо аз рушду тараққӣ боздошта буд: **“Ҷумҳурии мо то июни соли 1997, яъне то имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҳолати таҳдиди хатарҳои гуманитарӣ қарор дошт. Имзои Созишнома ба халқи зарардида ҳамчун чароғи равшани раҳнамо ва умеди тоза гардид. Бояд махсус зикр кард, ки то имзои Созишнома чандин даври музокироти ҷонибҳо доир шуда**

**буданд, ки бисёр вақт бенатиҷа мемонданд. Вале музокирот бо душворӣ, марҳала ба марҳала ҷонибҳои мухолифи ҳамдигарро ба мақсади асосӣ наздик мекарданд. Президент Эмомалӣ Раҳмон аз таҳдидҳо наҳаросида барои мулоқот бо мухолифони ҳукумат ба маҳалҳои хатарнок сафар мекард, то боварии ҷониби дигарро ба воқеӣ будани пешниҳодҳо ва зарурати ваҳдати миллӣ ба вуҷуд орад"[74].**

Новобаста аз таҳқиқу пажӯҳиши пайваста олими шинохтаи тоҷик дар мансабҳои гуногуни давлатӣ ифои вазифа намуда, имрӯз бо сарбаландӣ дар назди миллату давлат рӯ ба рӯст, чунки инсони комилро вазифаҳо аз хеш бехабар намесозанд ва дар ӯ кибру ғурури омиёнаро эҷод намекунанд. Кароматулло Олимов ҳамеша ба инсон чун шаҳрванд бо арзи салом муроҷиат мекунад ва ҳангоми баррасии мавзӯъ ҳеҷ гоҳ тундгӯиро пеша накардааст. Ӯ Вазири фарҳанг буд, муддати се сол дар вазифаи Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хидмат намуд, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинов, ҳамчунин директори Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АМИТ будааст. Илова

[74] Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ, Душанбе, 2014, саҳ. 219.

бар он ноиби президенти АМИТ буду ҳамеша барои афроди мурочиаткунанда вақт меёфт ва ба суолҳояшон посухҳои қонеъкунанда медод, аммо номбурда бо вуҷуди масъулият эҳсос кардан шарти асосии ҳастиро, ки одамгарист, фаромӯш намекард. Шояд ҳамин омил буд, ки пиру барно имрӯз ҳам ба истиқболи ӯ мешитобанд ва бо унвони "домулло" бо ӯ суҳбат менамоянд.

Яке аз мавзӯҳое, ки мавсуф ба пажӯҳиши он даст бурдааст, ин сатҳи худшиносии миллӣ маҳсуб мешавад. Аз назари ӯ худшиносии миллии тоҷикон тӯли замони асримиёнагӣ дар натиҷаи истеъмор коста шудааст ва алҳол бо пайдо шудани истиқлолияти давлатӣ сатҳи худшиносии миллӣ дар миёни тоҷикон рушд мекунад: **"Худшиносии миллати мо дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар натиҷаи қатлу ғорати оммавӣ ва истеъмори истилогарони аҷнабӣ ва пароканадагии иҷборӣ коста гардида буд"[75].**

Олими шинохта косташавии сатҳи худшиносии миллиро дар миёни тоҷикон дар гумроҳии гурӯҳе аз иҷтимоъ бо номи рӯҳониёни дин медонад, ки бо истифода аз камхабарии омма давлатро танҳо аз хотири манфиатҷӯӣ истифода кардаанд.Тибқи андешаи мавсуф

[75] Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ, Душанбе, Эр-граф, 2013, саҳ. 6.

бинобар равнақ пазируфтани маорифпарварӣ дар нимаи дувуми садаи XIX густариши худшиносии динӣ мушоҳида шуда, таалluқи динии инсонҳо дар қиёс бо мансубияти миллӣ бартарӣ пайдо мекунад. Дар замони Шӯравӣ бартарии маҳаллии тоҷик аз ҳувияти миллӣ болотар рафта, ҳар фарде аз зумраи тоҷикон мансубияти маҳаллии хешро авлотар медонист. Дар чунин муҳит бегонагирой рушд карду инсонҳои андаке аз ҷомеасозӣ бохабар забони бегонаро аз забони миллӣ бартарӣ доданд ва дар муҳити шаҳрҳо лаҳни аҷнабӣ бар лафзи миллат ғолиб омад.

Яке аз масоили умда дар осори таҳқиқии Кароматулло Олимов рӯоварии ӯ ба тасаввуфи Хуросон ва иртиботи он ба ҳикмати Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит аст. Ин масъала аз таҳқиқи олами андешаҳои ҳаким Саноӣ оғоз мегардад, ки бинобар дар Хуросон иқомат доштанаш ба зумраи мутасаввифаи хуросонӣ шомил шудааст. Донишманди илми фалсафа ҳаким Саноиро дар як сатри бағоят кӯтоҳе муаррифӣ намудааст: **“Саноӣ гоҳо як шахсест комилан муташарреъ, гоҳо лоуболи маломатӣ, гоҳо гӯшанишин, гоҳо сӯфии сукрпешаи пайрави Боязид ва Мансур ва гоҳо шахси**

**маъюсу бепарво ҷилвагар мегардад. Вале ӯ орифест мутафаккир, ҳақиқатҷӯ ва адолатхоҳ"[76].**

Саноӣ зимни илҳом гирифтан аз сухани имом Абӯҳанифа ин мисраъҳоро эҷод мекунад, ки дар замони муосир низ аз бузургтарин масоили ҷомеаҳои шаҳрвандӣ боқӣ мондаанд:

*Илм хондӣ нагаштӣ аҳли амал,*
*Ҷаҳл аз ин илми ту басе беҳтар.*
*Илм бо кор судманд бувад,*
*Илми бекор пойбанд бувад.*

Дунболи Саноӣ шайх Абӯсаиди Абулхайр, Боязиди Бистомӣ, Абулҳасани Ҳарақонӣ, Абдураҳмони Сулламӣ, Абулқосими Қушайрӣ ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифта, муҳаққиқи ирфон нигоҳи навро ба тасаввуфи исломӣ пешниҳод менамояд, аммо академик Кароматулло Олимов новобаста аз дигаргуниҳои куллӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ яке аз ҳаводорони таълимоти Маркс ва пайравонаш боқӣ мемонад.

Дигар паҳлуҳои фаъолият дар зиндагиномаи Кароматулло Олимов шуғли шеърнависӣ мебошад. Ду байти зайл, ки ба қалами олими шинохта тааллуқ дорад,

---

[76] Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ, саҳ. 59.

тасвири аҷибест, ки маҳорати шоирии ӯро гувоҳӣ медиҳад:

*Аз давлати поядаи худ фахр намоям,*
*Аз миллати созандаи худ фахр намоям.*
*Имрӯз Ватан гашт гулистони саодат,*
*Бо кишвариояндаи худ фахр намоям.*

Ба наздикӣ китоби нави академик Олимов ба табъ расид, ки "**Симои сиёсӣ ва фарҳангии Пешвои миллат**" ном дорад. Дар ин китоб муаллиф кӯшидааст, ки паҳлӯҳои гуногуни фаъолият ва андешаронии Сарвари давлатро баррасӣ карда, ба баъзе пурсишҳо посух диҳад, ки аз авомили асосии таъмин намукдани рушди ҳамаҷонибаи кишвар ихтиёр доштани раҳбар аст. Дар ин китоб мо ҷонибҳои гуногуни фаъолияти сарварро мехонем ва мушоҳида менамоем. Масалан, таваҷҷуҳ ба илм: "**Яке аз корҳои муҳим ва ватанпарастонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хоса ва ғамхорӣ ба илм аст. Маорифпарвари тоҷик Мирзо Сироҷи Бухорой як сабаби ақибмонӣ ва заволи аморати Бухороро дар хор кардани илм аз тарафи амир ва умарои он кишвар медонист. Маҳз ба шарофати пуштибонии Пешвои миллат дар ҷумҳуриамон Академияи илмҳо боқӣ монд, ҳарчанд вобаста ба талаботи замон таъминоти илм хеле беҳбудӣ мехоҳад. Имрӯз таҳқиқи масъалаҳои муҳими**

**илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносиву гуманитарӣ дар Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои соҳавӣ ва марказҳои илмӣ ва кафедраҳои мактабҳои олии ҷумҳуриамон идома дорад, ки гувоҳи дастгирии Сарвар ва давлати соҳибистиқлол мебошад”[77].**

Нақши Пешвои миллат тибқи андешаи мусанниф дар рушду такомули фарҳанги миллӣ бағоят бузург аст. Дар ин маврид Кароматулло Олимов таҷрибаи ҷаҳониёнро мисол оварда, ба хулосае меояд, ки иктифо ба фарҳангу анъанаҳои миллӣ ва наомӯхтани фарҳангҳо ва тамаддунҳо ҳанӯз рушд намебошад: “**Афзалияти бузург дар ҷаҳони ҳамвор он кишваре дорад, ки фарҳангаш табиатан ба глокализатсия майл дорад, яъне идеяҳои беҳтарини хориҷӣ, дастовардҳо ва методҳои кориро аз худ намуда, бо анъанаҳои худ мудғам месозад. Ин масъала барои таърихи навини Тоҷикистон, хусусан барои эҷоди ҷомеаи демократӣ ва озод хеле муҳим аст. Чунки, тавре таҷрубаи солҳои ноором нишон дод, гурӯҳе ки давлатро исломӣ кардан мехостанд ва барои амалӣ кардани ин ҳадаф ҷангро василаи асосӣ медонистанд, ва муваффақ ҳам шуданд, ки ҷангро бо силоҳҳои оташфишон доман зананд, танҳо фарҳанги исломиро мехостанд мутлақан ҷорӣ кунанд ва ҳатто онро ба**

---

[77] Олимов К. Симои сиёсӣ ва фарҳангии Пешвои миллат, Душанбе, - 2021, саҳ. 39.

**фарҳангҳои дигари пешрафтаи ҷаҳонӣ муқобил гузоранд, осори тоисломиро низ аз байн баранд. Амалӣ шудани ин ақидаро дар мисоли рафтори “Толибон” дар Афғонистон мебинем, ки бист сол пеш муҷассамаҳои Буддои 53 ва 35 метраро ба воситаи динамитҳо тарконда, нобуд карданд”[78].**

Маротиби аввал ҳамон солҳои навадум буд, ки гурӯҳи бехабар аз сиёсати вақт ҳолу аҳволи миллатро анқариб ба нестӣ расониданд ва чун диданд, ки авзоро баргардонида наметавонанд, шармандавор аз марзи кишвар фирор намуданд. Алъон боз ҳамин гурӯҳ бо маблағҳои аҷнабӣ сайъ дорад то Тоҷикистонро аз рушду тараққӣ боздоранд. Фаҳши сиёсие, ки дар он олудаед, бар миллати хеш таҳмил насозед, лек ҳазорон афсус, ки маънии муқаддаси миллат барои шумо ва амсолатон риддакҳои аҷнабӣ ноошност. Пас аз истиқрори сулҳ ба Ватан бозгаштед ва чӣ амале бар манофеи миллату Меҳан анҷом додед? Ғайр аз азхудкунии кӯмакҳое, ки аз хотири шаҳидон мегирифтед, магар корхонае сохтед, ки дар он ҳаммеҳанони шумо бо ҷои кор таъмин гарданд? Магар ҷиҳоде, ки шумо мефаҳмед, пайгирӣ аз аҷнабӣ

---

[78] Ҳамон ҷо, саҳ. 96.

нест? Агар чунин набошад, чаро дунболи аҷнабӣ қарор доштеду доред? Чун бозичаи дасти афроди қудратманд гардидед, пас аз адами нангу номус дар Эъломия даъво мекунед, ки башар аз модар озод таваллуд мешавад, пас чаро бидуни кӯмакҳо ва дастгирии дигарон ба фаъолияти густурда камар намебандеду ҳамеша чун сояи аҷнабӣ падид меоед?

Агар ба тарзи тафаккур ва фарзияҳои илмии Олимов аз наздик ошно бошед, дер ё зуд пай мебаред, ки номбурда ба ҳайси воқеанигор ҳақиқатгӯст ва шояд ҳамин омил боис шудааст, ки файласуф пайравони зиёде пайдо кардааст. Дар яке аз таҳқиқҳояш мефармояд: "**Омӯхтани таърихи илму адабиёт ва маориф, дину ирфони тоҷик нишон медиҳад, ки дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX сарнавишти бисёр шахсиятҳои соҳибистеъдоду миллатдӯсти тоҷик мураккаб ва фоҷеабор будааст**[79].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муколама аз доираи фарҳангу воқеият (фазои фарҳангӣ) берун рафта, дар

[79] Олимов К. Ҷусторе дар аҳвол, осор ва ҷаҳонбинии Ҷавҳарии Истаравшанӣ, Душанбе, - 2020, саҳ. 6.

фазои худ афроди дорои ҷаҳонбинии динӣ ва муносибатҳои сиёсии гуногунро фаро мегирад ва онҳо ба мақсад мувофиқ ва зарурӣ буда, барои ҳалли масъала муттаҳид мешаванд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ муколамаи фарҳангҳо рисолати созиши некиро иҷро мекунад, ки фазои муколамаи байни тамаддуни фарҳангҳоро тавассути шаклҳои муташаккили институтсионалии ассотсиатсияҳо, марказҳо, ҷамъиятҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ташкил медиҳад. Раванди ҷаҳонишавии муосир як навъи махсуси муколамаи фарҳангҳоро актуалӣ мегардонад, ки бо самти созанда ба амал – муколамаи сиёсӣ фарқ мекунад. Таҷассуми аслии он Созмони ҳамкории Шанхай мебошад, ки асоси идеологии он ба истилоҳ “Рӯҳи Шанхай” ҳамчун ифодаи ниятҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироии фарҳангӣ мебошад. Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамчун як консенсуси кишварҳои баробарҳуқуқ намунаи муколамаи Шарқу Ғарбро муаррифӣ мекунад, ки дар он ратсионализми аврупоӣ (дар қабули қарор) ва прагматизми шарқӣ (дар иҷрои қарорҳо) таҷассум ёфтааст. Кароматулло Олимов ҷиҳати пажӯҳиши “Гуфтугӯи фарҳангҳо” нигоҳи мусбат дошта, зимни иштирок дар хонишҳои илмии Лихачёвӣ,

ки 13-14-уми майи соли 2010 дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардид, таҳқиқоте анҷом дода, диди амиқе бобати баррасии “фарҳанги ҷаҳонӣ” изҳор намудааст: “Лозим аст доманаи мафҳуми “фарҳанги ҷаҳонӣ” мушаххас шавад. Оё нишондиҳанда маҷмӯи фарҳангҳои мардуми ҷаҳон аст ё фарҳанги кишварҳои тавсеаёфта? Оё ин фарҳанг равобити байни давлатҳо ва ниҳодҳои ҷаҳонии фаромиллӣ аст, ки муҳтавои сиёсӣ доранду аз лиҳози мундариҷа бештар аз он маҳсуб мешаванд? Барои ҷилавгирӣ аз талаққии фарҳанги ҷаҳонӣ ба унвони аъҷубае (монстр), ки фарҳангҳои дигарро фуру хоҳад бурд, лозим аст усули ахлоқии тавсеаёфта тавассути талошҳои ҷаҳонии бештар ба унвони маъқулаи аслии ин фарҳанг таъин шавад”[80].

Синтези фарҳангҳо бо нигоҳ доштани гуногунии фарҳангҳо аз аҳдофе маҳсуб мешавад, ки раванди ҷаҳонишавӣ онро роҳандозӣ мекунад, аммо аксуламали ҷаҳонисозӣ низ дар тақвияти ҳадафҳое саъй мекунад, ки

[80]Диалог культур и партнерство цивилизаций: становление глобальной культуры, Санкт Петербург, - 2010, с. 284.

такмили гуногунии фарҳангҳоро дар замони муосир пайгирӣ хоҳад кард.

Аз омилҳои таърихии ташаккул ва тақвият ёфтани ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир вижагиҳои бархурд ва баҳамоии аносири фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Масалан, бинобар қавли ҷомеашиноси муосири амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон, агар асоси ҳувияти фарҳангии амрикоӣ “протестантизми британӣ” бошад, бегуфтугӯ пояҳои асосии ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии ориёӣ ва махлутшавии он бо андешаи исломӣ аст, ки алҳол дар анъана ва ҷашну маросими тоҷикон мушоҳида мешаванд. Гузашта аз ин, тамаддуни ориёӣ (эронӣ), ки дар номгӯи А. Тойнби ҷиҳати баррасии тамаддунҳои ҷаҳонӣ ворид гардидааст, майли гуфтугӯ бо ғайр ва баҳамоии тамаддунҳоро инкор намекунад ва чунонки ҳаким Фирдавсии Тусӣ дар “Шоҳнома”, дар бахши “Достони дувоздаҳ рух” дар мисоли Пиррони Виса мутазаккир мешавад, ориёиҳо агарчи дар ғасби сарзаминҳои нав мушорикат доштанд, аммо суботи ҷомеаро авлотар шуморида, “баҳамоварӣ” – ро рукни ба ҳадаф мувофиқ медонистанд. Бинобар ин,

афкори ориёӣ дар замони хилофати араб ва пасон низ ҳукумат мекард, агарчи араб бинобар кинварзӣ ба ориёиҳо ҳамаи вижагиҳои фарҳангии онҳоро аз номи худ матраҳ намуда, сохти давлатдории мансуб ба ориёиҳоро бардурӯғ таҳриф менамуданд. Мисоли ин гуна таҳрифсозиҳо “никоҳи маҳорим” ва “умумӣ будани занон” дар бовариҳои динии ориёҳост, аммо таърихи ниёкони мо гувоҳ аст, ки онҳо маслакҳои мухталифе эҷод кардаанд ва дар баробари тавҳид, гурӯҳе аз онҳо ба бутпарастӣ дар марзи Бохтари қадим машғул будаанд. Яъне, на фақат таърих ва бостоншиносӣ, балки хусусиятҳои фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста ба таҳмилшавии ислом феълан анъанаҳои гуногуне ва мансуб ба фарҳангҳои мухталиф мавҷуданд ва агар онҳоро қудрати исломӣ дар таърихи 1400 – солаи худ маҳв накардааст, пас чӣ гуна метавон гуфт, ки раванди ҷаҳонишавӣ ғалабаи ҳувияти амрикоиро бар соири ҳувиятҳо таъмин намудааст? Лекин ҷомеаи Тоҷикистон дар замони муосир ба таҳмили афкори зиддимиллӣ дучор гардида, пояҳои асосии фарҳанги миллӣ дигаргуна баррасӣ мешаванд. Масалан,

чун ҳукумати Тоҷикистон иқдом намуд, ки озмуне ҷиҳати баррасии китоби академик Бобоҷон Ғафуров бо унвони “Тоҷикон” роҳандозӣ хоҳад кард, ҳатман дар васоити ахбори коммуникатсионӣ аз забони олимони Ғарб ин андешаи номақбуле расонаӣ шуд, ки ниёкони мо ҷиҳати ҷалби сайёҳӣ ва тиҷорат ба бутсозӣ машғул мегардидаанд, дар ҳоле ки омили асосии интишори ин ақида, ки бо таърих моҷаро дорад, аслан бартараф сохтани таваҷҷуҳи шаҳрвандони кишвар ба китоби “Тоҷикон” аст.

Кароматулло Олимов низ дар як мақолаашон таҳти унвони “Давлатҳои миллӣ ва ниҳодҳои ҷаҳонӣ: таамул дар роҳҳои шаклгирии фарҳанги ҷаҳонӣ” чунин менависанд: “Ҷиддитарин таззодҳо, ки байни ҷаҳонбинӣ ва идеология шомил мебошанд, динӣ ва дунявӣ ҳастанд. Ба таври мутаноқиз дар шароити ҷаҳонишавӣ дин гоҳе ба унвони механизме барои ҳифозат аз фарҳанги миллӣ амал мекунад ва ин муддат омили ташкили ҳувияти миллӣ хоҳад буд”[81].

[81] Там же, с. 285.

Лозим ба ёдоварист, ки вижагиҳои фарҳанги ориёӣ дар зиндагии рӯзмарраи тоҷикони муосир маҳфуз мондаанд ва тавассути онҳо умр ба сар мебаранд. Масалан, ҳунари гулдӯзӣ дар шаклу рақам ва дар тасвири худ тафаккури ориёиро баён дошта, ғолибан муҳтавои мобаъдуттабиӣ доранд. Гузашта аз ин, дар баъзе манотиқи кишвар рангҳое мисли сафеду сурх то кунун дар пӯшишҳои миллӣ нақшандозӣ мегарданд, ки бори дигар иртиботи имрӯзиёнро бо фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ муаррифӣ мекунад, чунки ақвоми ориёӣ рангҳои мазкурро мунтахаб медонистанд. Дигар аз аносири фарҳанги замони ҷаҳонишавӣ бештар татбиқшавии андешаҳои утопиявӣ аст, ки чунин иқдоми башар таърихи дуру дароз дошта, вазъи нави ҷомеаро қудрат дорад баррасӣ кунад. О. Шпенглер нишон медиҳад, ки навъҳои шахсият ва навъҳои фарҳанг ба ҳамдигар вобастаанд. Ҳар як фарҳанг афсонаҳои худро дар бораи худ эҷод мекунад ва хусусияти вобаста ба давра, мавҷудият ё набудани буҳрон ва ғайра, ки дар фарҳангҳои гуногун вуҷуд доранд, падидаҳои табиатро шарҳ медиҳанд. Кумак ба бунёди муносибатҳо, меъёрҳои

ахлоқӣ, кумак ба зинда мондан навъе аз вижагиҳои фарҳангист. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки худшиносии инсон вобаста ба заминаи фарҳангӣ ва таърихӣ, зерфарҳангӣ ва дар айни замон, афсонасозӣ зарур аст. Худи ҳаёт як ҳикоя аст, аммо дар умқи ҳар як шахс пинҳон аст, зеро тасвири ҷомеа дар рӯйи замин нест. Таҳлили чунин вазъият моро нохост ба хулосае меорад, ки мо бар асоси экзистенсиализми муосир ирфонӣ сухан меронем ва тамоили бозгаштан ба замони бостон мекунем, чунки нодонӣ ва хурофот дар ҳар як утопия мавҷуд аст. Бинобар ин, аз вижагиҳои таҳқиқу баррасии ҳувияти фарҳангии дилхоҳ ҷомеа зеҳнияти ҳамон миллат нақши калидӣ дорад, ки низоми давлатӣ дар дасти ӯст ва истилоҳи менталитет – (аз вожаи лотинии mentalis – равонӣ) – тарзи тафаккур, маҷмӯаи маҳоратҳои равонӣ, муносибатҳои равонӣ ва анъанаҳои фарҳангии хоси шахсият ё ҷомеаи инсонӣ маҳсуб мешавад. Истилоҳи «менталитет» -ро файласуфи амрикоӣ Р. Эммерсон (1856) ҳамчун истилоҳи илмӣ ворид кардааст. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки менталитет як намуди мушаххаси тафаккур аст ва сатҳи шуури фардӣ

ва коллективиро инъикос мекунад. Он дар зери шуур таваллуд мешавад, аммо тадриҷан умумиятеро, ки аз маълумоти табиӣ ва унсурҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснокшуда иборат аст ва дар ниҳоят дар ғояи ҳаёт ва ҷаҳони атроф ифода ёфтааст, азхуд мекунад. Баръакси муносибатҳои зудтағйирёбандаи идеологӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ, менталитет бештар табиати доимӣ дорад, зеро дар он одатҳои устувор, одоб ва шаклҳои рафтор инъикос меёбад. Бинобар ин, тоҷикон менталитети хоси худро доранд, ки онро аз ниёи худ мерос гирифтаанд ва вижагии он ба ҳайси зеҳнияти такмилёфта дар гузашта ва имрӯз пазироии дунё алайҳи дунёбезории сомӣ мебошад. Агар ба вижагиҳои зиндагӣ ва тарзи тафаккури тоҷикон таваҷҷуҳ кунем, дер ё зуд дармеёбем, ки онҳо бинобар иқрори лафзии пайрави ислом буданшон, боз аз падидаҳое дастгирӣ мекунанд, ки хоси ориёиҳои қадим мебошанд. Асолати миллӣ ҷиҳати баён доштани тарзи тафаккур дар тоҷикон вижагиҳои дунявӣ дорад, чунки осори гаронқадри ориёӣ ва адабиёти паҳлавӣ гетиороиро чун падидаи аслии созвораи иҷтимоӣ муаррифӣ мекунанд. Аммо андешаи

марбут ба исломгароӣ ва пазироии ақидаи аҷнабӣ тоҷиконро дар созишу иртиқои дугунае ба унвони ҳамоҳангии дунявият бо хиради раҳбонӣ, ки маҳсули тафаккури сомӣ мебошад, олуда сохтааст. Ирқан тоҷикон ориёӣ ҳастанд ва лаҳни онҳо ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ворид мегардад, аммо бовариҳои динӣ онҳоро бо ақвоми бадавии нимҷазираи Арабистон ва соири тангчашмони қитъаи Осиё наздик кардааст. Бинобар ин, ҳувияти фарҳангии тоҷикӣ вижагиҳое махлут дар заминаи олудагии ду навъи тафаккур (дунявӣ ва раҳбонӣ, ориёӣ ва сомӣ) аст ва таҳқиқи чунин вижагиҳо аз ҳадафҳои аслии нигоранда маҳсуб мешавад.

Кароматулло Олимов ягона ҷомеашинос аз Ховари Марказӣ буд, ки дар хонишҳои лихачёвии шаҳри Санкт-Петербург иштирок карда, назари хешро оид ба баҳамоии фарҳангҳо ва ғамшарикии тамаддунҳо сароҳатан изҳор намуда, вазъи чунин гуфтугуро дар минтақа баррасӣ намудааст. Бинобар ин, дар дилхоҳ давлатҳои пасошӯравӣ агар суҳбат аз ҷомеашиносии муосир равад, уламои Россия ҳатман исми К. Олимовро бар забон меоранд. Ин эҳтиром ба донишманди тоҷик

гувоҳӣ медиҳад, ки номбурда ҷиҳати баррасӣ ва пажӯҳиши вижагиҳои раванди ҷаҳонишавӣ бо дарназардошти ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир ва гирифтории он ба буҳрон талош доштааст. Бо истифода аз фурсат мо низ нақши боризи устоди сухан Кароматулло Олимовро мутазаккир шуда, дар кору эҷоди ӯ пешравиҳо таманно мекунем.

# СИЁСАТШИНОСИ ТОҶИК

Сиёсатшиносӣ ба номгузорӣ илми ҷадид аст, на бар муҳтаво, чунки дар давраи Шӯроҳо фанҳое дар мактабҳои олӣ аз қабили “Коммунизми илмӣ” тадрис мешуданд, ки хусусияти идеологӣ доштанд. Имрӯз низ илми “Сиёсатшиносӣ” дар фановарӣ мактаби хос буда, бохабарӣ аз муҳтавои он барои хатмкунандаи макотиби олӣ ҳатмист. Бояд иқрор кард, ки нахустин тоҷик, ки дараҷаи илмии доктириро бо ихтисоси “сиёсатшинос” гирифтааст, Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз мебошад.



Нахустин пурсиш дар илми Сиёсатшиносӣ ин аст, ки инсон чӣ махлуқест ва чаро ҷиҳати идора кардани дигарон сиёсатро эҷод намудааст? Магар сиёсат маҳрум кардани инсонҳо аз истиқлоли фикрӣ нест? Ё худ чаро аксарият аз аққалият пайравӣ мекунанд ва магар пайрави дигарон будан пойбандӣ нест? Ин ва ба он монанд пурсишҳо моро водор хоҳанд кард, ки дар осори илмии мавсуф ворид гардида, андешаҳоеро пажӯҳиш намоем, ки ба пурсишҳоямон посухҳои дуруст медиҳанд.

Муҳаммад Абдураҳмон ба ҳайси сиёсатшинос зимни баррасии истиқлол дар тафаккур ба ин хулосаи аҷиб омадааст: “**Лозимаи истиқлоли фикрӣ ин нест, ки ҳақиқати илмиро аз ноҳияи дигарон нагирем ва ё**

**тамаддуни хориҷиро иқтибос накунем. Бояд тазакур дод, ки илму ҳунару дин ва фалсафаву сиёсат ватан надоранд ва ҳамеша вобастаи инсон мебошанд**”[82].

Чунонки Бӯалӣ Сино ҷиҳати муаррифии инсон ибораи “**ҷонвари гӯё**” – ро истифода мекунад, муҳаққиқони илми сиёсатшиносӣ низ муътақиданд, ки инсон аз соири ҳайвонҳо бо далели суханварӣ бартарӣ дорад, агарчи нафс аз авомили ҳукумат доштан дар тафаккури инсон мебошад. Бинобар ин, дар ҷаҳон мушоҳида карда мешавад, ки инсонҳои дорои тафаккури олӣ ангуштшумор ҳастанд ва ин падида аз зуҳуроти табиат маҳсуб мешавад: “**Бояд гуфт, ки ҳар он чӣ якнавохт аст, қобилияти эҷоди нобиға ё мутафаккирро надорад ва омма ҳеҷ гоҳ тавлидкунандаи нубӯғ ё ин ки хирадманд нест, ин афзалияти фардӣ аст. Таҷрибаи илмҳои сиёсӣ исбот менамояд, ки дар тамоми ҷаҳон камбуди ашхоси эҷодкор дорои хиради олӣ эҳсос мешавад. Дар ҳама ҷо афзалияти меъёр – аз сиёсат то идоракунии молиявӣ ва ҳоказо ба назар мерасад. Ҷомеа аз нарасидани ашхоси хирадманд, ки ба ибтикороти бузург қодир нестанд, ҳамеша танқисӣ мекашад**”[83].

---

[82] Муҳаммад Абдураҳмон.Инсон, сиёсат ва ҷомеа, Душанбе, - 2018, саҳ. 31.

[83] Ҳамон ҷо, саҳ. 33.

Шояд ҳамин навоқиз буд, ки аҳли хирад аз қадим то кунун ба таблиғи донишпажӯҳӣ ва донишандӯзӣ пардохта, дар васфи хирад осори гаронмояро боқӣ гузоштаанд ва сиёсат чун силоҳи идора кардани ҷомеа падид омад. Мавсуф дар ин маврид гуфтааст: “**Сиёсатшиносӣ илми одамсозӣ нест, балки илмест, ки барои фаъол гардонидан, ба кору амал ҷалб намудан, идора намудани мардум хизмат мекунад ва бештар ба рафтор ва фаъолияти сиёсии одамон сару кор дорад**”[84].

Дар иртибот бо ақидаҳои ҷомеашиносони аҳди қадим номбурда мавриди парастиш қарор додани инсонро аз зумраи падидаҳое ном мебарад, ки дар пояи ҳамин таълимот ба вуқӯъ пайвастаанд ва аз Афлотун иқтибос меорад, ки инсон махлуқи сиёсист. Гузашта аз ин, Макс Вебер ба сиёсат, яъне ба идора кардани дигарон рӯовардани инсонро ба ҳамагон итлоқ দониста, онҳоро ба тасодуфиву муваққатӣ ва касбӣ ҷудо мекунад. Аммо майли инсонҳо ба сиёсат онҳоро ба шахсиятпарастӣ оварда, дар ниҳодашон хӯи ғуломиро эҳдо намудааст, вале ба ақидаи муаллиф фақат ғулом ва шикастарӯҳ, бинобар тавлиди мушкилӣ қодир аст бар миллату Меҳан хиёнат карда, ба ғасби Ватан аз сӯи аҷнабӣ мусоидат кунад. Мавқеи махсусро дар ин самт

[84] Ҳамон ҷо, саҳ. 35.

дин мебозад. Баъзеҳо бар ин назаранд, ки дин дар эҷоди тамаддунҳо нақши муҳиме дорад. Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ Самуэл Хантингтон дар китоби “**Бархурди тамаддунҳо**” 7 ё худ 8 тамаддунро рақобатпазир медонад, аммо аз ин 8 тамаддун яке исломӣ, дигарӣ исломӣ-андалузӣ ва савумӣ арабист. Ба ибораи дигар муҳаққиқини амрикоӣ бо истифода аз дин мехоҳанд дар кишварҳои ҷаҳони савум манфиатҳои хешро роҳандозӣ кунанд ва барои расидан ба ин ҳадаф онҳо бо ҳар роҳу восита ба таблиғи ҷаҳонбинии динӣ мепардозанд, чунки аз таҷрибаи Ғарб хеле хуб медонанд, ки омили пасрафти миллате ё давлате барпо кардани ҳукумати афродест, ки дар дини хеш басе мутаассиб ҷилвагар ҳастанд. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки айни ҳол дар сароғози садаи нави масеҳӣ ҷангҳои салибӣ таҳти ихтилофоти мазоҳиби исломӣ ҷараён гирифта, дар ҳудуди кишварҳое, ки шаҳрвандонашон ғолибан мусалмонон маҳсуб мешаванд, андешаҳои таҳмилӣ бо ниқоби ислом таҳмил мегарданд. Бинобар ин, дар ҳамаи кишварҳое, ки аҳолии онҳоро мусалмонон ташкил мекунанд, бенизомӣ ва бетартибиҳо ҳукумат карда, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пояи низоъ гӯё рушд мекунад. Чунончи, марзи Афғонистон бо дарназардошти ғасб гардидани он аз ҷониби террористон мавсум ба Толибон аз зумраи дахлварзиҳоест, ки қудратҳои ҷаҳонӣ баҳри манофеи

геополитикии худ ин саҳнаи сиёсиро эҷод менамоянд. Сиёсисозии дин дар замони муосир идомаи ҳамон ҷанги сардест, ки феълан ба набарди иттилоотӣ ва ё ин ки таҳоҷуми хабарӣ табдил ёфтааст. Аммо таҳоҷуми хабарӣ ҷиҳати дигаргун сохтани низоми сиёсӣ ниёз ба тафаккуре дорад, ки дар як давлат не, балки дар ҳамаи давлатҳо амалан татбиқ шавад.

Дар илми сиёсатшиносӣ мафҳумҳои **"истиқлол"** ва **"озодӣ"** нақши муассире доранд, аммо ин ду вожа дар ашколи маҳдуд ва ғайримаҳдуд истифода мешаванд. Ҳатто истиқлоли дилхоҳ давлате навъи муайяни ба худ хосе маҳсуб мешавад, ки дар навъҳои дигари истиқлоли давлатҳо мушоҳида намешавад. Озодӣ низ ба истиқлол монанд аст, аммо озодии маҳдудшуда ҳамеша натиҷаҳои нокомиро ба бор оварда, оқибат барои аз байн рафтани он кӯмак мекунад. Бобати ин мавзӯъ Муҳаммад Абдураҳмон чунин андеша дорад: "**Озодии маҳдудшуда ҳамеша садди роҳи рушди ҷомеа ва пешрафтҳои давлат мегардад. Ба ҳар ҳол, озодӣ ва соҳибистиқлолӣ таъсири бечуночарои худро ба гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа расонида, ҳувиятдорӣ ва ҳувиятсозии шаҳрвандонро муайян менамояд. Мафҳуми "истиқлоли фикрӣ" бошад, табиист ки аз ҷониби муҳаққиқон бо шаклҳои мухталиф тафсир карда шудааст. Дар таърихи афкори сиёсӣ мутафаккирони зиёде дар бораи масъалаҳои инкишофи**

**таърихӣ ё шароити кишварҳои алоҳида ва дарки истиқлол дар маъноҳои гуногун баҳс намудаанд”[85].**

Сиёсатшинос Муҳаммад Абдураҳмон зимни таҳқиқи ҷанги шаҳрвандӣ ба як пажӯҳиши басе нодири академик Бобоҷон Ғафуров иктифо карда, сипас аз он таҳлилҳо иқтибосе меорад, ки ба сурати зайл аст: “**Агар хонҳо бо Сомониён дар масъалаи дин муноқиша мекарданд, бо онҳо мубориза бурдан ҳатмӣ буд, вале вақте ки мубориза аз барои неъматҳои ин дунё меравад, ба мусалмонҳо шоиста нест, ки худро қурбонӣ кунанд ва ба ҳалокат расонанд. Тарзи ҳаёти онҳо дуруст аст ва эътиқодашон саҳеҳ, аз ин лиҳоз беҳтар он аст, ки аз ҳар гуна мудохила худдорӣ карда шавад”[86].**

Мавсуф ҷанги шаҳрвандиро яке аз рухдодҳои хоси рӯҳониюн ва матлабҳои аз аҳдофи миллӣ гумшудае баррасӣ карда, оқибат ба чунин хулосае меояд, ки: “**Заминаи асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар фаъолияти муташаккилонаи нерӯҳои ба ҳам зид: гурӯҳҳои мухталифи бюрократ, зиёиён ва рӯҳониён таҷассум мегардид. Мутаассифона, рӯҳониёни ифротӣ тавонистанд бо дастгирии хоҷагони хориҷии худ дигар гурӯҳҳоро зери**

---

[85] Муҳаммад Абдураҳмон. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, Душанбе, - 2021, саҳ. 7.

[86] Гафуров Б. Таджики, - Москва, 1972, -стр. 347.

**назорати худ қарор диҳанд. Дар натиҷаи ба ҳам омадани омилҳои субъективию объективӣ Тоҷикистон ба гирдоби кашмакашиҳои даҳшатангез кашида шуд, ки то ҳанӯз таъсири фалокатбори ҷанги шаҳрвандӣ аз зеҳну тафаккури шаҳрвандон дур нагаштааст”[87]**.

Яке аз падидаҳои асосии илми сиёсатшиносӣ ва соири улуми ҷомеашиносӣ дар замони муосир ҷаҳонӣ шудани фарҳангҳо ва тамаддунҳост. Муҳаққиқони ҷаҳонишавӣ ин равандро шарҳҳои мухталиф дода, оғози онро аз солҳои 80-уми садаи гузашта пиндоштаанд. Минбаъд ҷаҳонишавӣ ба илм ворид гардида, аз мавзӯҳои асосии он мубаддал гардид. Муҳаммад Абдураҳмон раванди ҷаҳони шуданро таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки пайравӣ аз тамаддуни ғолиб маънии ҷаҳонишавиро намедиҳад, чунки башар имрӯз фарҳангҳоеро офаридааст, ки худ айни замон ҷаҳонӣ ҳастанд ва ҳеҷ зарурат нест, ки ҷаҳонӣ боз ҷаҳонӣ шавад: “**Фарҳанги ҷаҳонии дар ҳоли рушду инкишоф қарордошта каме пештар фарҳанги англосаксонӣ ба шумор мерафт, ки он таърихан бо ахлоқи протестантӣ алоқаи зич дошт. Аммо дар ҷаҳони муосир кам нестанд мамлакат ва ё минтақаҳое, ки дар раванди тӯлонии рушди таърих фарҳанги хосаи сатҳи ҷаҳониро ташаккул**

---

[87] Муҳаммад Абдураҳмон. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, саҳ. 37.

**додаанд. Махсусан, Ҳиндустон, Хитой, ҷаҳони араб, Ҷопон, Фаронса ва Россия ба ин мисол шуда метавонанд, ки фарҳанги онҳо дар алоҳидагӣ ба низоми арзишҳои садҳо миллион одамон таъсири амиқ мерасонанд. Дар кишварҳои номбурда аксуламали миллӣ бар зидди ҷаҳонишавӣ нигаронида шуда, ҳамзамон дар миёни аҳолии онҳо рӯҳияи зиддиамрикоӣ низ ташаккул меёбад. Бо дарназардошти чунин вазъият, як қатор муҳаққиқон, аз ҷумла С. Хантингтон дар бораи мухолифатҳои тамаддунӣ ибрози андеша намуда, низоъҳои муосири ҷаҳониро бо он асоснок менамояд. Аммо фоҷиаҳои охири асри XX, ки бо ҷангу инқилобҳо ҳеҷ иртиботе надоштанд, С. Хантингтонро ба хулосае овард, ки раванди ҷаҳонишавӣ тамаддуни ягонаи ҷаҳониро ба вуҷуд наоварда, баръакс он бархурди тамаддунҳоро метезонад”[88].**

Аз ин натиҷагириҳо чунин бармеояд, ки ҷаҳонӣ шудан бо дарназардошти манофеи геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ ҷаҳонсозист ва агар саҳеҳтар иқрор кунем, ин раванд давоми ҳамон сиёсатест, ки бо номи “тасхири ҷаҳон” машҳур гаштааст ва асосгузораш низ Отто Бисмарк маҳсуб мешавад. Ин назарияи ғайрисаҳеҳ омили асосии сар задани ҷангҳои ҷаҳонист ва

[88] Ҳамон ҷо, саҳ. 121.

ҷаҳонишавӣ низ, ки ғолибан дар маънии "ғарбшавӣ" фаҳмида мешавад, ҷангҳову низоъҳои гӯшношунидеро ба вуқӯъ мепайвандад. Дар ин маврид Муҳаммад Абдураҳмон ҷои дигар мегӯяд: "**Аксари ҷомеашиносон ва сиёсатшиносони Ғарб раванди ҷаҳонишавиро ба таври мусбат баҳогузорӣ намуда, ҳамзамон қайд менамоянд, ки ин раванд боиси муттаҳидии сокинони сайёра гардида, низоъҳоро аз байн мебарад ва барои рушди устувори иҷтимоиёт, баробарҳуқуқӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум заминаи хуб фароҳам меоварад. Аммо таҳлили воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ нишон медиҳад, ки раванди ҷаҳонишавӣ натиҷаҳои куллан баръаксро ба вуҷуд меоварад**"[89].

Вокунише алайҳи ҷаҳонишавӣ дар асри ҳозир мушоҳида мешавад ва онро ҷомеашиносон **"маниши миллӣ"** ном ниҳодаанд. Дар осори илмии сиёсатшинос Муҳаммад Абдураҳмон ин андеша бо номи **"идеяи миллӣ"** баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, бинобар баррасии он номбурда ин ҳарфҳоро зарур донистааст: "**Идеяи миллӣ на барои шахсонест, ки танҳо дар бораи пешравии шахсии худ фикр менамоянд, балки барои нафаронест, ки**

[89] Муҳаммад Абдураҳмон.Инсон, сиёсат ва ҷомеа, саҳ. 99.

**пешрафту шукуфой ва хушбахтии давлату миллатро мехоҳанд”[90].**

Рукни асосии маниши миллиро ҳувият ташкил медиҳад ва заъфи ҳувият инсонро намегузорад то ояндабин бошад. Ӯ беҳбудии хонаводагии хешро берун аз ҷомеаи шаҳрвандӣ тасаввур карда, ҳамеша дар садад мешавад, ки чӣ гуна авзоъи хонаводагии худро беҳтар гардонад. Ӯ фикр карда наметавонад, ки сарватҳои доштааш дар мулки рушднокарда суде надорад. Бинобар ин, бо дарназардошти чунин каҷфаҳмиҳо ба ғорат намудани мулки хеш камар бубаста, боиси эҷоди монеаҳо дар рушди давлатдории миллӣ мешавад.

Муҳаммад Абдураҳмон бо дарназардошти пажӯҳишҳои густурдае дар улуми ҷомеашиносӣ аз равандҳои наве гувоҳӣ медиҳад, ки хулосаи онҳо иваз намудани муҳтавои ҷараёнҳои пешин маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, чун давлати рушдкунанда кишвари моро зарур меояд бо он руҳдодҳое, ки дарояндаи наздик ба вуқӯъ мепайванданд, омодагии шадиде нишон диҳад. Илова бар ин, набояд фаромӯш сохт, ки ғасбкориҳои асримиёнагиро дар замони муосир ҷаҳонишавӣ ном мегиранд ва таҳоҷуми хабарӣ низ бо унвони саҳеҳтаре,

---

[90] Муҳаммад Абдураҳмон. Муқаддимаи идеяи миллӣ, Душанбе, “Эр-граф”, - 2013, саҳ. 45.

ки барои шаҳрванд хушоянд бошад, чун пиндори нек баррасӣ шуда, тавсия мешаванд ва чун истиқбол нагардид, бо роҳи зӯроварӣ таҳмил меёбанд.

# 1. АСОСГУЗОРИ АНТРОПОЛОГИЯИ СИСТЕМАВӢ

*“Антропологияро ба се қисм ҷудо намудан лозим аст:*

1. *Тасвир намудани инсон аз намуди зоҳирии ӯ, яъне аз ҷиҳати объективӣ ё худ ҷисмонӣ;*
2. *Тасвир намудани ботини инсон, яъне аз ҷиҳати субъективӣ ё худ хиради ӯ;*
3. *Тасвири муносибати хирад бо ҷисми инсон.”*

***Артур Шопенгауэр***

*“Антропология илми қадимтарин дар бораи инсон аст. Дар муқоиса бо фанҳои ҷудогона, ки дар барои зуҳуроти ҷудогонаи инсон маълумот медиҳанд, антропология инсонро ҳамчун мавҷуди биологӣ ва психофизиологии кулл ва худбасанда меомӯзад.”*

***Ю. М. Федоров***



Барои оғоз бахшидани ин нигошта аввалан зарур мешуморем, ки маънои луғавии мафҳуми “антропология” – ро равшан созем, чунки инҷо сухан дар мавриди фарде хоҳад рафт, ки ӯро поягузори антропологияи системавӣ муаррифӣ кардаанд. Калимаи “антропология” – юнонӣ буда, маънои таълимот дар бораи инсонро дорад. Аз ошноӣ бо навиштаҳои устод Муҳаммадали Музаффарӣ бармеояд, ки ӯ тарҷумаи мафҳуми “антропология” – ро

дар шакли инсоншиносӣ напазируфтааст. Ба ақидаи ӯ вожаи “шинохтан” маънои “логия” – ро намедиҳад. Бинобар ин ҳангоми истифодаи мафҳуми “инсоншиносӣ” то андозае маънои “таълимот дар бораи инсон” маҳдуд мегардад. Аз ин рӯ, дар адабиёти фалсафии форсзабон мафҳуми “антропология” – ро тарҷума накардаанд ва дар шакли юнонии худ истифода мебаранд. Муаллифи ин мафҳум файласуфи Юнони қадим Арасту ҳисобида мешавад. Устод М. Музаффарӣ дар бораи мафҳуми антропология таърихи ташаккули андешаҳои антропологӣ дар асари худ бо номи “Введение в антропологию” чунин баён намудааст: **“Антропология (аз юнонӣ “anthropos” – одам ва “ logos” – илм, яъне илм дар бораи одам). Арасту антропологияро ҳамчун таълимот дар бораи табиати ҷисмонӣ ва равонии инсон номида буд. Табиати инсон аз ҷанбаъҳои гуногун иборат аст, ки онҳоро бахши ҳастӣ ва маърифатӣ меноманд. Гурӯҳе аз фаласуфон, аз он ҷумла, файласуфи асри XX Макс Шелер табиат ва моҳияти инсонро дар асари худ “Мавқеи инсон дар кайҳон” мавриди таҳқиқ қарор дода буд. Аввалин бор мафҳуми антропологияро Магнус Хундт дар асари худ “Антропология о достоинстве, природе и свойствах человека и об элементах, частях, членах человеческого тела” соли 1501 дар Лейпсиг истифода бурдааст. Баъдан соли 1533 асари олими итолиёвӣ Галеатсио Капелла бо номгӯи “Антропология или рассуждение о человеческой природе” ва асари Касман “Антропология или учение о человеческой душе” нашр гардидаанд.**

**Дар таърихи ташаккулёбии антропология баъзе аз пажӯҳишгарон ин илмро ба биология ва баъзе ба илмҳои гуманитарӣ мансуб медонистанд. Дар фалсафаи классикии олмон антропология аз тарафи И. Кант ва В. Гегел шарҳи муфассал дода шудааст. Дар фалсафаи марксистӣ антропология ҳамчун илми биологӣ ҳисобида мешуд ва аз ин сабаб вайро бе се қисм тақсим намудаанд: самти антропогенез, морфология ва нажодшиносӣ. Дар адабиёти гуманитарӣ антропология бо самтҳои гуногун, аз он ҷумла, антропологияи таърихӣ, антропологияи сиёсӣ, антропологияи ҳуқуқӣ ва ғайра тақсимбандӣ шудааст, вале чунин тақсимбандӣ асоси таърихӣ ва мантиқӣ надорад. Дар баробари ин, пажӯҳишҳои навин антропологияро ҳамчун илми ягона ва кулл (А. Гелен) муаррифӣ намудаанд. Дар нитиҷа антропология хамчун илми фалсафӣ эътироф шудааст.”**

Хизмати Муҳаммадали Музаффарӣ дар мураттаб сохтани андешаҳои антропологӣ дар чист ва чаро мо устодро асосгузори “**Антропологияи системавӣ**” меноманд?

Устод М. Музаффарӣ пеш аз ҳама объект ва предмети ин илмро муайян намудааст. Солҳои 1999 ҳангоми дифои рисолаи доктории хеш дар Шӯрои диссертатсионии Институти фалсафаи Академияи илмҳои Россия нахустин бор масъалаи муаяйн намудани мавқеи антропологияро дар системаи илмҳо матраҳ намуд. Ин андешаҳоро ӯ дар рисолаи докторӣ бо номгӯи

“Антропология, её предмет, проблемы и место в системе философских наук” баррасӣ намуда, бо ҳамин тариқ масъалаҳои антропологияро дар шакли системавӣ ба миён гузошта буд, ки аз тарафи аъзоёни Шӯрои илмӣ пазируфта шудаанд.

М. Музаффарӣ антропологияро ба се қисм тақсим намудааст, ки якеро ҷанбаи таърих ва методология, дигареро ҷанбаи назариявӣ ва сеюмро ҷанбаи амалӣ ташкил медиҳад. Ба ақидаи ӯ, ҷанбаи таърих масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули антропологияро ташкил дода, ҷанбаи методологӣ бошад, масъалаҳои мафҳум, объект, предмет ва сохтори антропологияро дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари ӯ қисми назариявӣ ва амалии антропология аз 17 бахши илмӣ иборат аст. Қисми назариявии антропология аз самтҳои нисбатан мустақили илмӣ иборат будааст, ки ба ӯ илмҳои антропогенез, ҷанбаи хирадии инсон, психология, биохимия, физиология, анатомия, соматология, морфология, ахлоқ, зебоишиносӣ, аксеология, характерология, гносеология ва онтология шомиланд. Қисми амалии антропологияро ҷанбаи методии таҳқиқоти хислат ва сотериология ташкил медиҳанд. Қисми хотимавии антропология масоили танатологиро дар бар мегирад. Натиҷагирӣ аз чунин таҳқиқот боиси он гардид, ки устод М. Музаффарӣ ҳамчун поягузори “**Антропологияи системавӣ**” аз тарафи Шӯрои диссертатсионии Институти фалсафаи Академияи илмҳои Россия эътироф гардад. Ҳамчун идомаи

андешаҳои баёншуда, масъалаҳои антропологӣ дар ҷилди аввали китоби навбатии М. Музаффарӣ таҳти унвони “Антропологияи системавӣ”, ки омодаи нашр аст, ба тариқи муфассал таҳлил ва танзим шудаанд.

Муҳақиқ антропологияро яке аз илмҳои ҳастишиносӣ номида, онро бинобар омӯзиши ҳастии инсон ва маърифатшиносии ӯ илми фалсафӣ мегӯяд ва қабул надорад тавсифи ин калидвожаро, вақте ки ба он истилоҳи “фалсафӣ” – ро зам мекунанд. Ба ақидаи ӯ **“Агар инсон объекти омӯзиши антропология қарор гирад, ин илми онтологӣ бояд табиат ва моҳияти инсонро бутун, бапуррагӣ, бе тақсимбандии предметӣ биомӯзад. Бо ин сабаб, антропология монанди дигар илмҳои бунёдӣ фалсафӣ-методологӣ буда, барои 49 самти илмии зикршуда, ки инсонро меомӯзанд, ҳамчун имли умумӣ, методологӣ ва ҷаҳонбиниофар хизмат мекунад. Чунин мавқеъро илмҳои дигари ҳастишиносӣ (теология, космология, сотсиология) низ ишғол мекунанд. Аз сабаби илми умумӣ ва фалсафӣ будани антропология мо ибораи “антропологияи фалсафӣ” – ро дуруст намешуморем, чунки антропология, чунонки гуфта шуд, худ илми фалсафист”[91].**

Асарҳои М. Музаффарӣ ба монанди “Фардияти инсон”, “Инсон ҳамчун объекти омӯзиш”,

---

[91] Ҷаҳон дар равзанаи антропология (мусоҳиба бо файласуфи муосир М. Музаффарӣ), сомонаи Равшанфикр, 01. 08. 2017.

“Антропология”, “Мадхали антропология”, “Антропологияи ориёӣ” ва мақолаҳои зиёди илмии ба масъалаҳои антропологӣ бахшидашуда, таҳлил ва барарасии ҳаматарафаро тақозо доранд. Дар ин гузориш мо тасмим гирифтем, ки баъзе андешаҳои антропологии ҷанбаи ахлоқидоштаро, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Номбурда соли 2006 китоберо интишор намуд, ки “Антропологияи ориёӣ” номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ ба ду сарчашма, ки Ведҳо ва Авасто мебошанд, таваҷҷуҳ намуда, ҷиҳати баррасии ахлоқ ва иртибот доштани он бо адён тафаққуф мекунад. Яке аз нозукиҳои зиндагӣ гирифторист ва Муҳаммадалӣ Музаффарӣ дар баёни он хеле баҳс мекунад ва ба хулосае меояд, ки хулқ олудагии шадид бо дин дошта, беш аз пеш дар пӯшиши бовариҳои динӣ матраҳ мегардад, дар ҳоле ки андарзҳои динӣ-ахлоқӣ аз қабили “зино макун”, “дуздӣ нанмо”, “дурӯғ магӯ” ва амсолашон тибқи пажӯҳиш инсонро аз рушд бозмедорад ва чун инсон аз тараққӣ бозмонд, ҳатман гирифтор мешавад: “**Илмҳои антропологӣ маълум сохтаанд, ки зиндагии бе ҳадаф, новобаста аз беҳбудии иқтисодию иҷтимоӣ инсонро бо нохушиҳои психофизиологӣ рӯ ба рӯ месозад. Дар зиндагӣ, инсон ба ҳолате гирифтор мешавад, ки асоси чунин ҳолат дар чашми зоҳирбин ноаён аст. Аз як тараф инсон дар иҳотаи ёру дӯстон, ва молу ашё, хона ва дигар лавозимот таъмин**

**ва бениёз аст, вале дар симои вай аз хушбахтӣ осоре нест. Сабабашро дар набудани ҳадаф дар зиндагӣ ва нафаҳмидани моҳияти он ҷустуҷӯ бояд кард. Дар бештари ин ҳолат инсон барои худ роҳи "гурез аз зиндагӣ" ва ё дар оғуши маризӣ паноҳ ёфтанро интихоб мекунанд"[92].**

Бинобар омилҳои зикргардида инсонҳо бо дарназардошти синнусол ва муҳити иқомат ва фаъолият аз мушкилиҳо мегурезанд. Масалан, аксар мардон пас аз балоғати фарзанд муҳити хонаводаро тарк гуфта, боқимонда ҳаёти хешро дар мусофират ва дар дилхушии бардавом гузаронида, оқибат дар муҳити бегонаи носозгоре гирифтор мешаванд ва раҳоӣ ҷустан аз онро ғайриимкон мешуморанд. Аммо дар тафаккури ориёӣ оила муқаддас аст ва бо дарназардошти қоидаҳо ва анъанаҳои хос инсоншиноси тоҷик дар масоили худшиносии сирф ориёӣ таҳқиқоти назаррасе анҷом медиҳад: "**Анъанаи ҷаҳонбинии ориёӣ ҳар як рафтору гуфтору пиндорро ба масоили маърифат ва худшиносӣ алоқамандбуда меҳисобад. Вале мушкилоти инсон дар он аст, ки худ барои худ шавқовар ва аҷиб нест. Бо кӯшиши аз худ ҳарчи дуртар гурехтан, инсон саргарми бозию ҳалли муаммои олами модист. Худшиносӣ ва озодии**

---

[92] Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ, Душанбе, - 2006, саҳ. 19.

**шахсӣ бе таҷрибаи маърифатӣ, бе истодагарӣ дар қабул ва инкори “бозиҳои“ олами моддӣ ба даст намеояд”[93].**

Ба иборাи маъмул инсон побанд аз зиндагии муқаррарӣ гардида, роҳҳои тафаккур ва такмили ҷаҳонбинӣ дар ӯ баста шудаанд. Бинобар ин, дар рафтору гуфтораш мо озодиро мушоҳида намекунем, чунки фақат озодист, ки барои инсон имкон фароҳам меорад то тавассути он дурӯғро аз ростӣ фарқ гузорад. Вақте ки андешаи дигарӣ дар инсон таҳмил гардида, бидуни дарккунӣ истиқбол мегардад, пас дар ӯ ҷаҳонбинӣ нест, чунки агар шахс дорои ҷаҳонбинии хос бошад, ба истиқболи фикри дигар иқдом накарда, кӯшиш мекунад, ки андешаронихои дигаронро дар торозуи ақли хеш санҷида, сипас хулосаи даркорӣ барорад. Чун инсон маҳрум аз тарзи тафаккури инфиродист, тафовути неку бадро намепазирад ва чунонки дар антропологияи ориёӣ таззоди некӣ бо бадӣ аз пояҳои асосии таълимоти инсоншиносии ҷамшедӣ ва зардуштӣ маҳсуб мешавад, ғолибан ҷомеашиносон ҷиҳати баррасии неку бад ба иштибоҳ рафта, якеро дар муқобили дигарӣ муаррифӣ кардаанд, ки тибқи ҷаҳонбинии ориёӣ дуруст нест. Некиро дар бадӣ бояд ҷуст ва баръакс, яъне дар ин маврид яке ҳомили дигаре

---

93 Ҳамон ҷо, саҳ. 21.

мебошад ва онҳоро ҷудо аз ҳамдигар пажӯҳиш намудан хатост. Мутаваҷҷеҳ бошед: "**То замоне, ки инсон дар ҷисми биологии худ маҳдуд аст, ҳисси "ман"-и худӣ ҳамеша бо ӯст. Ҳангоме, ки шахс ба моҳияти асрори "худӣ" сарфаҳм меравад, маҳдудӣ ва фарохии ин асрорро фаҳмида, ба хулосаҳои лозимӣ хоҳад омад. Чунки аз шахсияти хеш набояд даст кашидан, алалхусус дар ҳолате, ки чунин шахсият ташаккул наёфта бошад"[94].**

Дастбардорӣ аз такмили шахсият, ки бозгӯкунандаи ҳақиқати ҳол аст, зулмದониста мешавад ва зулмро ориёиҳо нодонӣ пиндоштаанд, ки бадӣ аст. Яъне, инсони худогоҳ метавонад дар андак муддат бинобар адами майл ба фаъолгардии инфиродӣ зулмро бунёд карда, дар табодули неку бад дар гуфтору рафтору пиндори хеш мусоидат кунад. Дар ин маврид Муҳаммадалӣ Музаффарӣ ба чунин хулосае омадааст, ки инкори он қобили қабул нест: "**Тадқиқоти физиологӣ нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои эҳсосӣ на танҳо дар асоси равишҳои психикӣ, балки ҳолатҳои тасаввури ахлоқӣ низ сурат мегиранд. Чунин ҳолатҳо метавонанд бо роҳи воридшавӣ ба таҳтулшуур боиси амалиёти мусбат ва ё манфии инсон гарданд. Бесабаб нест, ки як лаҳза тасаввури манфии ба ахлоқ вобаста ҳолати**

[94] Ҳамон ҷо, саҳ. 41.

**психофизиологии манфиро ба миён меорад. Аз таҷриба равшан аст, ки дар ҳолати иҷрои ин ва ё он кор мо новобаста аз он, ки натиҷаи амали худро хуб дарк мекунем ва аз камбудиву муваффақияти худ огоҳем, вале баъзан дар ҳолати ногуворе худро ҳис мекунем, ки моро ғаму андӯҳ фаро мегирад ва мо худро гирифтори кундзеҳнӣ ва хастагию бемадорӣ мебинем”[95].**

Беш аз пеш зоҳир алайҳи ботин ва баръакс баррасӣ мешавад, вале дар антропологияи Музаффарӣ дарки ботин дар қиёс ба зоҳир мушкилӣ эҷод мекунад, чунки зоҳир диданисту ба шинохт ниёз надорад, аммо ботин диданӣ нест ва ҳар шайъ, ки диданӣ нест, эҳтиёҷ ба маърифат дорад: “**Шинохт ва донистани колбади ҷисмонии инсон душвор нест, чунки вай дидашаванда ва пурра даркшаванда аст, вале дарки ду колбади дигар, яъне равонию хирадӣ, ки бо сабаби ноаён будани сохторашон боиси гуногунфаҳми миёни тадқиқотчиён қарор гирифтаанд, хеле душвор аст. Аз ин рӯ, муайян намудани сохтори равонии инсон яке аз масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст. Ягонагӣ ва якдигарфаҳмӣ**

---

[95] Ҳамон ҷо, саҳ. 43.

**миёни файласуфон ва равоншиносон дар масъалаи сохтори равонии инсон, то ҳол вуҷуд надорад”[96].**

Ҳамин тариқ, бо истифода аз баъзе назарпардозиҳо қисме аз ҳақиқати инсоншиносӣ дар мисоли осори илмии Муҳаммадалӣ Музаффарӣ баррасӣ шуд, аммо ин пажӯҳишро идома додан аз манфиат холӣ нест, чунки дар замони муосир тамоми бахшҳои улуми ҷомеашиносӣ дар иртибот бо таҳқиқи табиати инсон ва ҳастии ӯ пайваста буда, дар ҷаҳонбинии илмӣ нуҳуфта мебошанд.

## 2. ТАФАККУРИ ДУНЯВИИ ОРИЁӢ

Агар фалсафа дар тамоюли созандагӣ дарк шавад, пас хулоса чунин хоҳад буд, ки на ҳар миллати бофарҳанг фалсафаи хоси хешро бунёд намудааст, чунки фалсафа дар асли худ андешидан бидуни таъсирпазирӣ аз дигарон маҳсуб мешавад. Ҳар инсоне, ки бо хатту имло ошност, метавонад бо навъҳои фалсафаи ҷаҳонӣ воқиф гардида, муҳтавои онҳоро ҳифз намояд, аммо фақат бо ин роҳ инсон фарҳангзо ва файласуф нахоҳад гашт. Мақсад аз ин ҳарфҳо баррасии китобе таҳти

[96] Музаффарӣ М. Шаклҳои маърифат ва сохтори равонии инсон, маҷаллаи Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, №1, Душанбе, - 2021, саҳ. 13.

унвони “Антропологияи ориёӣ” мебошад, ки ба қалами файласуфи муосири тоҷик, узви вобастаи АМИТ, доктори улуми фалсафа Муҳаммадалӣ Музаффарӣ тааллуқ дорад. Мавсуф аз зумраи донишмандоне аст, ки вуқуф ва бархурдориро аз таърихи фалсафа илм намедонад ва пайваста таъкид мекунад, ки олими ба фалсафа сарукордошта зотан фалсафӣ буда, баробар бо донистани дидгоҳҳо боз назари хешро низ баррасӣ кунад, чунки инсони муқаррарӣ ҳам имкон дорад аз осори фалосифа бархурдор гардад. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки олими саршинос дар санаи 27.05.2022 ба синни 75-солагӣ гом мениҳад ва камина бо ин муносибат тасмим гирифтам бархе аз дидгоҳи инфиродии ӯро бобати антропологияи миллии тоҷикон баррасӣ карда, натиҷаи пажӯҳишҳои илмии мавсуфро барои хонандагон пешниҳод намоям.

Ҳамакнун, бармегардем ба матраҳсозии имрӯзу дирӯзи илми ватанӣ. Саъдулло Раҳимов бобати муборизаи аздод, ки дар андешаи Зартушт мушоҳида мешуд, мегӯяд: “Зартушт ба дарки ин нукта наздик буд, ки ҷаҳоне дар баробари нигоҳу дарки инсон зотан ба ин

таззодҳо қарор мегирад ва асоси дигаргуниҳо, тағйирхӯриҳо ва ҳатто муборизаи аздодро ташкил медиҳад”[97].

Ба қавли файласуф Комил Бекзода, фарҳанге, ки ба тоҷикон мансуб аст, аз замонҳои хеле қадимтарин то кунун дар асоси дуализми хештаншиносӣ такмил меёбад: аввалӣ худогоҳии этникӣ буда, бунёдгузори он Ҷамшед мебошад, дувумӣ худшиносии эътиқодист, ки онро Зартушт поягузорӣ кард, аммо фалсафаи Зартушт тибқи андешаи Комил Бекзода дар зеҳни бузургтарин файласуфон шуруъ аз Афлотун то замони зуҳури Ҳегел таъсиргузор будааст. Мавсуф чунин меандешад, ки Фридрих Нитше идеяи абармардро дар шахсияти таърихии Зартушт барои ҷаҳониён муаррифӣ намудааст. Тафовути қобили қабули таълими Зартушт аз соири адён таваҷҷуҳи ӯ бар дунявият ва табиати инсон маҳсуб мешавад ва бар хилофи динҳои насронӣ ва ислом Зартушт таъини сарнавишти башарро дар дӯши вай мегузорад.

97

Инсоншиноси тоҷик Маҳмадалӣ Музаффарӣ бамаврид қайд кардааст: “Ба қавли Зартушт, сарнавишти ҳар фарде дар дастони ӯст, зеро дар ниҳоят чизе ҷуз маҷмӯаи пиндор, гуфтор ва кирдори солеҳ нест. Танҳо натиҷаи муштараки се мазҳари номбурда метавонад масири чархи сарнавишти инсонро тағйир диҳад”[98]. Ин ҷо мо ба муҷиби набудани саҳеҳият дар манобеъ маънаван гуфта наметавонем, ки Зартушт поягузори асли фалсафаест, ки алҳол ба он илми муосир такя мекунад, вале мурочиат ба тафаккури ӯ уламои Ғарбро дарки саҳеҳтари ҷамъиятӣ ато намудааст. Алорағми ҷаҳонбинии муосири илми ватанӣ дар таълимоти ориёӣ тафаккури дунявӣ баррасӣ шуда, масъалаҳои гуногуне дар пояи идроку такомули инфиродӣ пажӯҳиш ёфтаанд.

Равобити фарҳангии ом на ба сурати табиӣ, балки ба навъи татбиқшавӣ дар муҳити сиёсии иҷтимоӣ анҷом мепазирад. Сиёсати мазкур ҳам дар Иёлоти Муттаҳида ва ҳам дар Федератсияи Россия мубтанӣ бар омилҳои

---

[98]Музаффарий М. Атропологияи ориёӣ. Душанбе, “Дониш”, - 2006, 124 с.

фарҳангӣ нестанд ва агарчи ба гуногунии фарҳангӣ асос ёфтааст, аммо ба унвони идғоми сиёсӣ ва асли шаҳрвандӣ нуфуз кардааст. Мушкили Чин дар гузариш аз ҳувияти фарҳангӣ ба ҳувияти миллӣ арзёбӣ мешавад, мушкили русҳо тасодум байни гироишҳои авруосиёӣ (славянӣ) ва ғарбзадагӣ мебошад, аммо мушкили ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳёи фарҳанги миллӣ бо дарназардошти ғолибияти ангезаҳои динӣ маҳсуб мешавад. Муҳаққиқ Муҳаммадалӣ Музаффарӣ аз ҳадди тавсеашуда убур кардани ҳарфҳоро ҷиҳати одобу ахлоқ аз омилҳои мушкилзо баррасӣ карда, ҳангоми таҳқиқи "Антропологияи ориёӣ" менависад: "Дар боби ахлоқ бисёр сухан гуфтан далели он аст, ки дар ҳаёти фард ва ё ҷомеа нуқсонҳо пайдост"[99]. Ба ибораи дигар, чун мо ба якдигар бештар андарзҳо мегӯем ва суҳбатҳоямон вижагиҳои пандомез доранд, бешубҳа ин омил аз нуқсони маънавӣ дар тафаккури мо гувоҳӣ медиҳад ва новобаста аз ин ки меросбари фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳастем, андарзгӯйӣ ва суханбозиҳои бемавриде, ки алҳол дар пӯшиши назм интишор мекунем, нишона аз

[99] Музаффарий М. Атропологияи ориёӣ. Душанбе, "Дониш", - 2006, 124 с.

мушкили маънавии мост. Зимни баррасии фалсафаи ориёӣ мавсуф ҷаҳонбинии мушахассеро таҳлил карда, ҷиҳати тафовути неку бад ба чунин хулосаи амиқ омадааст: “То замоне, ки инсон дар ҷисми биологии худ маҳдуд аст, ҳисси “Ман”-и худӣ ҳамеша бо ӯст”. Номбурда бо таваҷҷуҳ ба манобеъи ориёӣ, ки “Қонуни Мануҳ” мебошад, асли афкори басе интишоршударо бо номи ориёиҳои аҳди бостон таҳқиқ намуда, зимни баррасии он баъзе бардоштҳоро мутазаккир шудааст. Масалан, тафаккуре, ки дар қонуни мавҷуд зикр ёфтааст: “Ҳама чиз, ки дар натиҷаи иродаи шахси дигаранд, бадӣ ва ҳар чиз, ки аз иродаи худи шахс аст, некист”. Аз ин фалсафа, ки ба ориёҳо мансуб мебошад, донишманди муосири тоҷик натиҷагирӣ карда, онро дуруст арзёбӣ мекунад, чунки инсон фақат бо тафаккур ва фаҳмишҳои хоси хеш метавонад нақши инфиродии босазое дошта бошад. Агар фикр дар фард таҳмил гардад, пас маълум мегардад, ки инсон маънаван мавҷуд набуда, ҷисман инъикоскунандаи афкор ва ҳадафҳои шахси бегона аст. Чун инсон ба ҳайси мавҷуди биологӣ дар асорати маънавии бегона ва аҷнабӣ қарор дорад, дар ҳеҷ сурат

ӯро инсон пазируфтан нашояд ва яке аз омилҳои бартарӣ пайдо кардани тафаккури ориёӣ бар ақидаи сомӣ баррасии воқебинонаи масоили марбут ба ҷаҳонбинии дунявии ниёкони мо, тоҷикон аст, ки чандин маротиб аз ҷониби ғосибони марзбуми аҷдодӣ сӯзонида шудаанд. Онҳое, ки мутақоид ба дуаслӣ ва баррасии неку бад дар маҳалли худ ҳастанд, сахт иштибоҳ мекунанд, чунки тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии мансуб ба ориёиҳои қадим неку бад дар замини тафавути нисбат ба якдигар доштаашон матраҳ насохтаанд ва ин ки дини Зартушт оташро меҳвари парастиш қарор додааст, ҳақиқати воқеӣ надошта, ҳарфе аз қабили туҳмат ба шахсияти ӯст. Ба қавли Музаффарӣ, "фикр ҷаҳонро офаридааст, на ҷаҳон фикрро". Гузашта аз ин, Музаффарӣ бад-ин бовар аст, ки тасодуми фикр ва гуногунии биологӣ омили пешрафт ва якрангиву яккасолорӣ нишони маҳвшавӣ маҳсуб мешавад. Аз ҳамин хотир, зимни таҳқиқи андеша ва ҷаҳонбинии ориёӣ чунин менависад: "Агар ҳамаи одамон дар тафаккури худ андешаи зинда мондан ва

мутобиқ шуданро парваранд, зиндагӣ моҳияти худро гум мекунад”[100].

Ориёҳои қадим “Мани номаҳдуд”-ро нодиданӣ пиндоштаанд ва ин тамоили худогоҳии фалсафӣ то кунун истиқбол мегардад, чунки ҳар шайъ, ки диданӣ нест, барои шинохтан эҳтиёҷ пайдо мекунад ва фақат диданиҳо андоми зоҳирии шайъ маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, муҳаққиқ аз тафаккури ориёӣ ин фикри бикрро иқтибос кардааст: “Нодонӣ, зулмот – роҳи таҳаввул аст”[101].

Тибқи баррасии масоили фалсафӣ дар “Ригведа”, ки аз зумраи интишороти ориёӣ аст, “нодонӣ” зулм аст ва инсон дар як сурат инсон номида мешавад, ки фаҳмиши инфиродӣ дошта бошад. Дар сурати дарк накардани шайъ инсон аз соири ҷонварон мутафовит нест ва чун сутур баррасӣ мешавад. Шояд ҳамин омил аст, ки Музаффарӣ ҳини таҳқиқи ҳикмати ориёӣ ба якчунин

[100] Музаффарий М. Атропологияи ориёй. Душанбе, “Дониш”, - 2006, 124 с.

[101] Ҳамон ҷо, саҳ. 97.

хулосаи дақиқ меоянд ва мефармоянд: "Зӯроварӣ хоси табиати ҳайвонӣ аст"[102].

Афкори ориёӣ чунонки аз манобеъи мухталиф бармеоянд, алорағми тафаккури раҳбонӣ, ки ба гӯяндагони забони ибрӣ тааллуқ доштааст, ё амиқтараш бархурди андешаи ориёӣ бо ақидаи сомӣ аз дерзамон аз омилҳои тақвият ёфтани тамаддуни башар маҳсуб мешавад. Новобаста аз ин ки китоби Зартушт бо унвони "Апастак" чандин маротиб аз сӯйи ғосибони кишвари ориёиҳо нобуд гардид, аммо ниёкони тоҷикон он мероси ғании хаттиро дигарбора барқарор менамуданд ва аз эҳтимол дур нест, ки китобсӯзон дар мисоли мақдуниҳо ва аъроби дар ҷаҳлу торикӣ қарордошта афкори ба ислом тааллуқдоштаи хешро аз манобеъе чун "Абасто" ва баъдан "Менуи хирад", ё худ "Шаҳристони Эрон" ва амсолашон, ки феълан таҳти унвони "адабиёти паҳлавӣ" интишор мешаванд, бардошт намудаанд, чунки тафаккури ориёӣ дар баробари ақоиди сомӣ дар осори хаттии исломӣ мушоҳида мегардад ва чунин дидгоҳ

---

[102] Музаффарий М. Атропологияи ориёӣ. Душанбе, "Дониш", - 2006, 124 с.

дигарбора исбот мекунад, ки китобҳо чун ганҷинаи пурбаҳо аз якдигар баҳрабардорӣ кардаанд. Масалан, рост истодану ҳамон лаҳза пешоб рондан, ки дар “Менуи хирад” маҳкум мешавад, дар дигар китоб ва эътиқодот интиқод ёфтааст ва чунин такроршавии тарзи тафаккур ҷиҳати бадгӯии дунявият низ бесабаб намебошад, чунки агар мо тафаккури мансуб ба Зартушт ва ориёиҳои аҳди бостонро дар заминаи майл пайдо кардани онҳо ба дунявият пиндорем, пас ягона тафаккуре, ки бо он тафаккур қиёспазир асту андешаи сомӣ дониста мешавад, дар пояи ақоиди раҳбонӣ то кунун баррасӣ мешавад. Чунин бархурдҳо дар андешаронӣ ва рушди ҷаҳонбиниҳо имрӯз низ идома дорад ва басе муҳлатҳост мушоҳида мекунем, ки ҳамин ду тарзи тафаккур аз ҷониби милалу дували муосир пайгирӣ хоҳад ёфт, агарчи ба унвони мудерн ва постмудерн паҳн карда мешавад. Махсусан, муҳаққиқоне чун Алии Шариатӣ ва манобеъе чун “Муқаддима” – и Ибни Халдун бархурди мазкурро дар ду истилоҳ: яке бадавӣ ва дигаре шаҳрнишинӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Идораи қудрат бидуни истифода аз дину эътиқодот ва баръакс, ҳукумат кардани

ақвоми бадавӣ бо истифода аз боварихои динӣ, ё худ амиқтараш тавассути диндорӣ аз зумраи афкори басе шигифт аст, ки мо ҷиҳати баррасии калидвожаи “дунявӣ” вомехӯрем.

# ПАЖӮҲИШГАРИ МАСЪАЛАҲОИ ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ

“Шумо бояд табиатро аз худатон бифаҳмед, на худро аз табиат. Ин асли инқилоби ман аст”.

Артур Шопенгауэр



Ҳадафи мо ин ҷо ёдоварӣ кардани тарҷумаи ҳоли фарде нест, балки тавсифи он кӯшишҳоест, ки як нафар муҳаққиқ дар пешрафти илми биология намудааст. Хизматҳои устод Абдусаттор Саидов дар таҳия ва ба чоп расонидани як силсила асарҳои дастаҷамъона, аз ҷумла нашри дуюми Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015, 2017), “Кӯли Сарез” (2018), “Канаск” (2017), “Сари Хосор” (2018) ва “Камароб” (2019) хеле арзанда мебошад. Махсусан, китоби сурх ҷиҳати дарки гуногунии биологӣ ва муаррифии ҷонварону паррандагоне, ки дар кишвари мо то кунун маҳфуз

мондаанд, маводи арзишманд буда, 222 намудҳои нодир ва дар зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордоштаро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Аз ҷумла, узви вобастаи АМИТ Саидов А., ки муҳаррири илмии китоби мазкур мебошад, чунин менависад: **“Таҳлили таъсири омилҳои антропогенӣ ба олами ҳайвоноти Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар 50 соли охир дар таркиби олами ҳайвононти Тоҷикистон тағйиротҳои зиёде ба амал омадааст. Дар давраи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ 3 намуди ҳайвононти сутунмуҳрадор – паланги туронӣ (Panthera tigris virgata), суғури Мензбир (Marmota menzbiri), моҳии белбинии сирдарёӣ (Pseudoscaphirhynhus fedtschenkoi) пурра маҳв гардидаанд”[103].**

Дар китоб мавқеи таснифотӣ, номҳои лотинӣ ва тоҷикӣ, мақоми ҳифз, хусусиятҳои биологӣ ва экологӣ, тадбирҳои ҳифз, харитаи паҳншавӣ ва аксҳои ҳар як намуди растанӣ ва ҳайвонот оварда шудааст. Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати давлатӣ буда, барои кормандони соҳаҳои ҳифзи муҳити зист, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, хоҷагии ҷангал,

[103] Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон,нашри дувум, Душанбе, -2015, саҳ. 9.

мутахассисони соҳаҳои ботаника ва зоология, омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ ва оммаи васеи хонандагону дӯстдорони табиат тавсия карда мешавад.

Дигар аз пажӯҳишҳои густурдаи Саидов А. баррасии Кӯли Сарез мебошад, ки дар омӯзиши он маводи таҳлилие маҳсуб мешавад. Таърихи пайдоиши ин кӯлро шарҳи мазкур гувоҳӣ медиҳад: **“Дар натиҷаи заминҷунбии шадиди 18 феврали соли 1911 руҳдода, аз нишебии кӯҳи Музкӯл кӯҳпораи ҳаҷмаш тахминан ба 2.0-2.2 км кубӣ фаромада, водӣ ва маҷрои дарёи Мурғобро баст, ки ин сабаби пурра зери ярч мондани деҳаи Усой гардид ва деҳаи Сарез пас аз баланд шудани сатҳи оби кӯли нав пайдо шуда, зери об монд. Баъдан, садди ба вуҷудомада садди Усой ва кӯли нав Сарез номгузорӣ карда шуд”[104].**

Китоби дигари арзишманде, ки зери таҳрири А. Саидов интишор гардидааст, “**Камароб**” аст, ки дар он канданиҳои фоиданоки ин мавзеъ моҳирона тафсил ёфтаанд. Китоби мазкур, ки соли 2020 нашр гардид, дар мавриди гиёҳҳои шифобахши мавзеи Камароб

---

[104] Кӯли Сарез, Дониш, Душанбе, - 2018, саҳ. 9.

маълумоти дақиқ пешниҳод мекунад. Аммо китобе, ки дар он А. Саидов ба ҳайси муаллиф омадааст, таҳти унвони "**Хояндаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон**" соли 2010 бо забони русӣ чоп шудааст. Бояд мутазаккир шуд, ки номбурда муҳаққиқи хояндаҳо мебошад ва баҳогузории илми ӯ аз ҷониби биологҳои кишварҳои хориҷӣ низ истиқбол гардидааст. Таснифот ва табақабандии ҳашарот ва дигар ҷонварҳо аз ҷониби олим тавре ҷараён мепазирад, ки дар аввад мақоми ҳифз ва баъдан паҳншавӣ, сипас, муҳитисукунат таҳқиқ шуда, оқибат душманони ӯ муаррифӣ мешаванд. Масалан, дар яке аз пажӯҳишҳои хеш Абдусаттор Саидов меоварад: "**Калтакалоси пойдарози зард бори нахуст дар ҳавзаи дарёи Вахш, дар атрофи Қурғонтеппа ба қайд гирифта шудааст. Онро дар мамнуъгоҳи "Бешаи палангон", мавзеи Ганҷина, деҳаи Обикиик, кӯҳҳои Рангонтов, атрофи Данғара, Фархор, туғайзорони поёноби дарёи Қизилсу, доманакӯҳҳои Қаратов, атрофи Темурмалик, деҳаи Хоҷасартез, қаторкӯҳҳои Ҳисор ва ғайра дарёфт намудаанд"**[105].

[105] Саидов К.Х., Саидов А.С. Калтакалосҳои мамнуъгоҳи "Даштиҷум", Душанбе, -

Бояд иқрор кард, ки кӯшишҳои Абдусатор Саидов дар мубориза бо поймолкунии муҳити зист ва шикори ғайрирасмӣ дар тӯли чандин даҳсолаҳо ҳамакнун дар замони паҳншавии пандемияи гӯшношуниде натиҷаҳои дилхоҳ додаанд, чунки аксар маводи дорувории аз гиёҳҳою рустаниҳои ватанӣ истеҳсолшуда бо ибтикори ӯ сурат гирифта, оқибат дилхоҳ натиҷаро ба бор овардааст. Масалан, истеҳсоли мавод аз оби нуқра, истифода аз шираи камоли тоҷикӣ, ки дар Ҳиндустон маҳз бо чунин ном муаррифӣ мешавад, ва дигар гиёҳҳои мавҷудбуда дар флора ва фаунаи кишвар аз зумраи иқдомоти биологи машҳур Абдусаттор Саидов мебошанд. Алҳол, метавон бо эътимоди комил гуфт, ки фаъолияти илмии донишманд ба ҷомеаи шаҳрвандӣ судманд мебошад.

Калимаи "Хояндаҳо" аз решаи лотинии "Rodere" гирифта шудааст, ки маънои газидан, кофтан ва пӯшиданро дорад. Онҳо чунин ном доранд, зеро ҳояндаҳо барои кӯтоҳ кардани дандонҳои пеши худ, ки пайваста афзоиш меёбанд, машғуланд. Хояндаҳо дар

---

2016, саҳ. 31.

байни 28 оила, 443 насл ва зиёда аз 2280 намуд калонтарин тартиби ширхӯрон мебошанд. Ҳамин тавр, аз 4629 намуди ширхӯрон 43 фоизи намудҳо ба қатори хояндаҳо тааллуқ доранд. 40 фоизи тамоми ширхӯрон хояндаҳо мебошанд ва онҳо дар ҳама қитъаҳо, ба истисноиАнтарктида вомехӯранд. Ба ҳояндаҳои маъмулӣ мушҳо, каламушҳо, суғурҳо, хукҳо, сагҳои обӣ ва ғайра дохил мешаванд. Аз ҷиҳати зиёд будани саршумор хояндаҳо аз ҳама зиёданд. Гуногунии шаклҳо дар хояндаҳо хеле калон аст ва онро аз муши 5-граммӣ то капибараи 70 кг дидан мумкин аст. Ба қавли доктори улуми биологӣ, профессор Абдусаттор Саидов, хояндаҳоро дар қисмати ҷанубу ғарбии кишвар тибқи гуногунии навъӣ 8 оила, 10 зероила ва 15 авлод муттаҳид месозад: "Ҳангоми тавсифи шароити иқлимии ҷанубу ғарбии Тоҷикистон бояд таъкид кард, ки иқлими гарми ин минтақа ба хусусияти биологӣ ва экологии ҳояндаҳо таъсир мерасонад. Дар шароити тирамоҳи гарм ва зимистони ҳалим намудҳо аз қабили каламушҳои дандондор, мушҳои хонагӣ ва ҷангал, муши мори шарқӣ

ва муши афғон дар қаторкӯҳҳои поёнӣ тамоми сол зиёд мешаванд”[106].

Тақрибан 7о фисади хояндаҳо ба оилаи мушҳо (Muridae) дохил мешаванд ва баъзе аъзои ин оила, аз қабили мушҳои хонагӣ ва мушҳои сиёҳ, дар тамоми қитъаҳои ҷаҳон, аз ҷумла Австралия, инчунин ҷазираҳои уқёнусӣ мавҷуданд. Суғурҳо инчунин дар ҷаҳон васеъ паҳн шудаанд ва онҳоро дар дигар ҷойҳо ғайр аз Австралия ва Сахараи Африқо дидан мумкин аст. Намудҳои хояндаро тақрибан дар тамоми минтақаҳои Машриқзамин дидан мумкин аст. Бархе аз навъҳо, аз қабили мушҳои хонагӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳншавии васеъ доранд, аммо баъзе намудҳо, аз қабили гӯсфанди барфӣ ва гӯсфанди байнидарёӣ паҳншавии маҳдуд доранд. Ба қавли Абдусаттор Саидов, агар дар кишвар 30 намуди хояндаҳо мавҷуд бошанд, пас дар ҷанубу ғарбии мамлакат навъҳои хояндаҳо 20 ададро ташкил мекунад: “То имруз дар Точикистон 30 намуди хояндаҳо ба таври эътимодбахш муайян карда шудаанд.

[106] Саидов А.С. Грызуны юго-западного Таджикистана, Душанбе, “Дониш”, -2010, с. 23.

Фаунаи хояндаҳои ҷанубу ғарбии Тоҷикистон 20 намудро дар бар мегирад, ки 66,7% тамоми намудҳои дар қаламрави Тоҷикистон сабтшударо ташкил медиҳанд”[107]. Хусусияти асосии хояндаҳо дорои 2 ҷуфт дандонҳои пеши дарози қабеҳшакл, як ҷуфт дар ҷоғи боло ва як ҷуфт дар ҷоғи поён буда, пайваста меафзоянд. Ин маънои онро дорад, ки он решаи фаъол дорад, ки дар як шабонарӯз аз 0,3 то 0,4 мм месабзад, аммо хояндаҳо бо хоидани масолеҳи гуногун ва дандонҳои худро бо ҳам газида дарозии худро доимӣ нигоҳ медоранд. Теъдоди дандонҳо дар онҳо хеле кам аз 22 дандон зиёд мешавад, ба истиснои як навъи каламушҳои гӯрдор, ки дар Африқои марказӣ ва шарқӣ зиндагӣ мекунад ва беш аз 28 дандон доранд. Қисми пеши дандонҳои пеш бо сирдор пӯшида шуда, қисми қафои дандон сирдор надорад ва аз фарсудашавии дандонҳои боло тез мешавад. Андоза ва шакли баромадани дандонҳои намудҳои гуногун дар хояндаҳо аз ғизо вобаста аст. Дар баъзе намудҳо чашмҳо гум мешаванд, аммо дар намудҳои шабона чашмҳо калон мешаванд. Пойҳо мудаввар ва кӯтоҳанд. Пойҳои

[107] Ҳамон ҷо, саҳ. 28.

пеш дар баъзе намудҳо бо чанголҳои дароз, ки барои кофтан истифода мешаванд, анҷом меёбанд. Дар ҳоле, ки баъзе намудҳо, аз қабили гӯсфанд, бо дандонҳои худ заминро кофтаанд. Як қатор хояндаҳо, аз қабили дупояҳо, барои ҷаҳидан махсус гардонида шудаанд. Одатан, дар хояндаҳо пойҳои қафо мушакҳои мустаҳкамтар доранд ва нисбат ба пойҳои пеш дарозтаранд. Баъзеҳо ба зиндагӣ дар муҳити об мутобиқ шудаанд, баъзеҳо ба монанди сагҳои обӣ думҳо ва пойҳои белакдор доранд ва баъзеҳо мисли сутунҳои дарахтӣ барои зиндагӣ дар дарахтон тахассус доранд. Аксарияти хояндаҳо дар атрофи рухсораҳо ва манаҳ мӯйҳои ҳассос доранд. Бинобар таҳқиқи густурдаи навъҳои хояндаҳо дар Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ, доктори улуми биологӣ, профессор Абдусаттор Саидов мавзеи будубоши хояндаҳоро дар наздикии дарёҳо муқаррар намудааст. Гузашта аз ин, муҳаққиқи хояндаҳои маскуни ҷанубу ғарбии кишвар минтақаро бо шимоли Тоҷикистон қиёс намуда, ба хулосае меояд, ки дар байни хояндаҳо бештар муши хонагӣ нуфуз кардааст ва хоҳу нохоҳ дар аксари

мавридҳо бо ин навъи хоянда дучор омадан амри табиист, чунонки дар Мурғоб, ки ҳарорат аксар вақт нарм мебошад, дидани суғур низ бештар муяссар мегардад: “Дар ҷанубу ғарби Тоҷикистон муши хонагӣ қариб дар ҳама ҷо паҳн шудааст. Фақат биотипҳои табиии пуштаҳои Вахш ва қаторкӯҳи Хазрати Шоҳ истисно мебошанд. Саршумори ваҳшии ин ҳайвон дар биосфераҳои дашти зериобмонии Вахш, Кофарниҳон, Кизилсу, Ёхсу ва тамоми обанборҳои водиҳои ҳамшафати ин дарёҳо зиндагӣ мекунанд”[108].

Хояндаҳо бо хӯрокҳои гуногун, аз ҷумла қисмҳои теризаминӣ ва рӯизаминии растаниҳо, ҳашарот, моҳӣ, хазандагон, паррандагон ва ширхӯрон ғизо мегиранд. Аммо ғизои асосии хояндаҳо маводи растанӣ мебошад. Қисмҳои гуногуни растанӣ аз қабили тухмҳо, меваҳо, навдаҳо, баргҳо, пояҳо ва решаҳоро хояндаҳо мехӯранд. Бисёр намудҳо ғизо захира мекунанд. Баъзе хояндаҳо ҳама чизхӯранд ва меъда ва рӯдаи дароз доранд, ки ғизоро ҳазм кунанд, баъзеҳо махсусгардонида шудаанд ва аз занбӯруғҳо ва ҳайвоноти бесутунмӯҳра ғизо

[108] Ҳамон ҷо, саҳ. 76.

мегиранд. Абдусаттор Саидов мутмаин аст, ки хӯриши аслии муши хонагӣ дар иртибот бо мушҳои туркистонӣ гандум ва дигар растаниҳо маҳсуб мешаванд, дар ҳоле ки муш ба табақаи ширхӯрон шомил аст ва аксар маврид чунин андеша пайдо мешавад, ки ширхӯр новобаста аз ҷисми андак бояд гӯшт истеъмол кунад, аммо гувоҳи муҳаққиқ меъдаи муш мебошад, ки зимни таҳқиқот аз гандум иборат будааст: “Муши хонагӣ пеш аз ҳама хояндаҳои гандумхӯр аст ва дар вижагиҳои ғизоии шахсияти хоянда тағйирот ба назар намерасад. Дар таркиби меъдаи мушҳои ваҳшӣ 49,7%-и тухмии навъҳои растании кишт ва худрӯй пайдо шуд”[109]. Дигар хояндаҳо аз қабили гули об, ҳашароти обӣ ва моҳӣ ғизо мегиранд. Якчанд намуди хояндаҳо гӯштхӯранд, ба монанди каламуши кабуди австралиягӣ, ки моҳии хурд ва қурбоққаро мехӯрад. Аксарияти хояндаҳо бинобар маҳдудияти ҳаёти ҳаррӯза шабона фаъол ҳастанд. Эҳсоси хояндаҳо вобаста ба намуди ҳаёташон гуногун аст. Хояндаҳо, ки дар зери замин зиндагӣ мекунанд, биноҳои суст доранд, аммо ҳисси ламс дар онҳо хеле қавӣ

[109] Ҳамон ҷо, саҳ. 83.

мебошад. Ҳисси шунавоӣ дар хояндаҳои зеризаминӣ низ хеле заиф аст, аммо дар хояндаҳо, монанди дупояҳо, ки дар саҳроҳои кушод ва биёбон зиндагӣ мекунанд, хеле қавӣ аст. Афзоиши пардаи гӯш аксар вақт ба қувваи шунавоӣ мутаносиб аст.

Аксарияти хояндаҳо барои худ дар замин лона месозанд. Дар навъҳои гуногуни хояндаҳо чуқурии лонаҳо, шумораи даромадгоҳҳо ва мураккабии лонаҳо гуногунанд. Дар ҳаёти хояндаҳо лона кардан ва дар чуқурии замин зиндагӣ кардан хеле муҳим аст. Аксарияти хояндаҳо тамоми фаслҳои сол фаъоланд. Баъзеҳо дар фасли сармо ба хоби зимистон мераванд ва баъзеҳо дар тобистон, вақте ки ҳарорати муҳити атроф баланд аст ва ғизо кам аст. Хояндаҳо дар аксари маконҳои зист зиндагӣ мекунанд ва баъзеи онҳо аз сабаби мутобиқшавии баланди худ ҳатто дар биёбонҳои хушктарини ҷаҳон зинда монда метавонанд. Мутобиқшавӣ ба намудҳои гуногуни зист боиси пайдоиши шаклҳои гуногуни ҳаёт, аз қабили хояндаҳои дарахтӣ, зеризаминӣ, ҷаҳиш ва нимобӣ гардид. Онҳо дар аксари минтақаҳо, ба истисноИ баъзе ҷазираҳои арктикӣ,

ҷазираҳои уқёнусӣ, Зеландияи Нав ва Антарктида зиндагӣ мекунанд. Баъзе аъзои оилаи каламушҳо, аз қабили каламуши қаҳваранг ва каламуши сиёҳ, аз ҷониби одамон дар тамоми гӯшаҳои ҷаҳон пароканда карда шудаанд.

Хояндаҳо низ таъсири зиёди муфид доранд. Фаъолияти кофтани намудҳои зеризаминӣ боиси ҳавои замин мегардад ва ба қабати болоии хок нуриҳои минералӣ меорад. Хояндаҳо яке аз муҳимтарин ҳайвоноти ширхӯранд, ки таҳқиқи онҳо аз ҷиҳати аҳамияти онҳо дар ҷанбаҳои мухталиф, аз қабили кишоварзӣ ва тандурустӣ зарур аст. Дар байни ширхӯрони ҷанубу ғарбии Тоҷикистон хояндаҳо ба далели аҳамияти онҳо дар паҳншавии бемориҳо, осеб дидани зироатҳо, осонии ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ ба таври васеъ омӯхта шудаанд.

# БУНЁДГУЗОРИ СЕЙСМОЛОГИЯИ ВАТАНӢ



“Ҳеҷ чиз монанди оташгудозии вулқонҳо ва зилзила ба такрори ҷуғрофиё кумак намекунад”.

Антуан де Сент-Экзюпери

Дар минтақае, ки мову шумо иқомат дорем, рух додани заминҷунбӣ ба амри муқаррарӣ табдил ёфта, дар қиёс бо дигар манотиқи ҷаҳон ба қайдгирии зилзилаҳо бештар мушоҳида мешаванд. Бинобар ин, бо дарназардошти ин ки 93 фисади ҳудуди кишвар кӯҳистон асту он ҷо заминҷунбиҳо дар сатҳи болотаре ба вуқуъ мепайванданд, таҳқиқи роҳҳои муқовимат бо чунин руйдодҳои табиӣ аз лавозим аст ва бегуфтугӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули мактаби зилзиласанҷӣ бо номи поягузори он академик Собит Ҳабибуллоевич Неъматуллоев ҳамоҳангӣ дорад. Мавсуф дар бахши пажӯҳиши зилзила, муҳандисии НБО – ҳо ва баррасии захоири бузурги манбаъҳои обу энержӣ дар ҷаҳони

муосир маъруф буда, ҷиҳати таҳқиқ ва таҳлили масоили марбут ба зилзила дидгоҳҳои инфиродиро соҳиб мебошад. Ба қавли донишманди зилзилашинос, кишвари мо агар аз назари андозаи ҳудудиаш дар ҷаҳон ҷои 85 – умро бигирад, пас аз лиҳози захираи гидроэнергетикӣ дар дунё пас аз мамолики Чин, Русия, ИМА, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада ҷои ҳаштумро соҳиб аст ва гузашта аз ин, бобати манбаҳои гидроэнергетикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи баҳогузории ҳудудӣ дар ҷои аввал қарор дорад. Собит Неъматуллоев муаллиф ва ҳаммуаллифи зиёда аз 50 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла чандин монографияҳои илмӣ-тадқиқотӣ: “Схемаҳои ҳисобу китоби динамикии биноҳо ва лаппишҳои озоди онҳо” (1971) “Мушкилиҳои ҳозиразамони сейсмологияи муҳандисӣ ва назарияи зилзиласанҷӣ” (1976), “Хадамоти зилзилашиносии муҳандисӣ дар сарбандҳои Тоҷикистон” (2000), “Истифодаи забти ҳаракоти қавӣ ҷиҳати баҳогузории оқибати зилзилаҳо дар сохтмонҳо” (1986), “Шабеҳсозии зилзила ба манзури озмоиши сохтмонҳо аз нигоҳи муқовимат ба заминҷунбӣ” (1986) ва ғайра мебошад; як зумра аз осори илмии донишманд

бо забонҳои хориҷӣ низ баргардонида шуда, дар кишварҳои мухталиф интишор ёфтаанд. Номбурда муддати ҳафт сол (1988-1995) президенти АМИТ буда, ҷиҳати таъмин ва ташвиқи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ нақши созандаро гузоштаанд. Барои исботи ин андеша ба осори барҷомондаи донишманд рӯ меорем, ки ин нуктаро изҳор доштааст: "Тарроҳӣ ва иҷрои маҳалоти муҳандисӣ, ба вижа ҳаётӣ дар манотиқи зилзилахез монанди нерӯгоҳҳои ҳастаӣ ва анвои дастгоҳҳои муртабит ба тавлиди маводи кимиёвӣ, сохтмонҳои бисёрқабата ва амсолашон аз муқовимати зилзиласанҷӣ дар мавзеъҳои муҳандисӣ тавсиаи муҳиме дорад. Масъалаи ҳифозат, ба вижа барои Тоҷикистон, ки яке аз манотиқи зилзилахезтарин дар Иттиҳоди Шӯравист, қарор аст дар ояндаи наздик ба яке аз пойгоҳҳои энержӣ ва маъданшиносии кимиёвии ин кишвар табдил ёбад"[110].

Дар воқеъ, назари академик Собит Неъматуллоев ҷиҳати пажӯҳиши зилзиласанҷӣ дар мамлакат вижагиҳои

[110]Негматуллаев С.Х. Имитация сейсмического воздействия с целью испытания зданий и сооружений на сейсмостойкость, Душанбе, «Дониш», - 1986, 152 с.

хешро дорост ва яке аз чунин хусусиёт таҳлили ҳамаҷониба маҳсуб мешавад. Аз озмоиши заминҷунбӣ оғоз карда, бо истифода аз таркишҳои зеризаминӣ ва обанборҳои маснӯӣ фаъолияти илмии академик муаррифӣ меёбад, аммо аз назари мавсуф илми зилзилашиносӣ фақат маълум кардани офат набуда, балки пешгирӣ аз онҳо маҳсуб мешавад. Ба қавли мавсуф, системҳои тавсеаёфта ҷиҳати ҳифозати минтақа аз заминларза қонекунанда нестанд ва бояд онҳо минбаъд такмил дода шаванд. Номбурда дар ин маврид менависад: “Ин системҳои тавсеаёфта ҳеҷ коркарди амалии густурдае пайдо накардаанд, пиёдасозии онҳо ҷудо шудааст. Яке аз далоилии аслии ин амр камбуди маводи озмоишӣ аст, ки метавон аз он барои қазоват дар мавриди дараҷаи муқовимат ба заминҷунбӣ ба сохтмонҳои нерӯгоҳҳо ва иншоотҳои муҷаҳҳаз ба системҳои ҳифозати зилзилаи фаъол таҳти таъсироти ҳаракоти қавӣ ҷиҳати баҳогузории зилзилаҳо истифода кард. Бисёре аз тарроҳии пешниҳодӣ барои озмоиш

қобили қабул нестанд ва ба таҳқиқоти бештаре ниёз доранд”[111].

Ба қавли академик зилзилашиноси маъруф, се равиши аслии баррасии муқовимат ҷиҳати муайянсозии сатҳи заминҷунбӣ вуҷуд дорад: аввал – тадқиқоти назариявӣ, сонӣ – равишҳои таҷрибӣ ва савум – озмоиши табиии заминҷунбии қавӣ бар иншоот[112]. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки академик Собит Неъматуллоев ҳануз аз даврони Шӯравӣ инҷониб ҳузури бино ва иншооти серқабатаро дар марзи Тоҷикистон инкор мекард ва алҳол дар ҳамин ақида устувор аст, ки дар муҳити мо чун минтақаи зилзилахез сохтмонҳои бинову иншооти бисёрқабата имкон дорад бо вуқуъ пайвастани зилзила осебҳои ҷуброннопазире ба бор оварад. Зарур медонем аз китобе иқтибос орем, ки он соли 1986 бо унвонии “Низомҳои ҳифозат аз зилзилаҳои қавӣ барои биноҳо ва иншоот ва имконоти таҳқиқи эксперименталии онҳо дар мавзеи Лоҳур” интишор шудааст. Он ҷо муаллиф ҷиҳати номусоид будани шароити кӯҳистони Тоҷикистон ба

---

[111]Ҳамон ҷо, саҳ. 7.

[112] Негматуллаев С.Х., Золотарев А.И. Использование сильных движений для оценки сейсмических реакций зданий и сооружений, Душанбе, «Дониш», - 1986, 212 с.

сохтмонҳои азими бисёрқабата чунин мегӯяд: “Тавсеаи ин ҷиҳат низ ношӣ аз раванди афзоиши табақаҳои сохтмонҳо аст, ки тайи даҳсолаи гузашта дар манотиқи зилзилахез бо тарроҳии муҳандисӣ падид омадааст, аммо шароит ва ҳифозат аз муҳити зист мусоид нест ва шояд замоне заминҷунбӣ осебҳои ҷуброннопазирро эҷод кунад”[113].

Бо вуҷуди ин, метавон натиҷагирӣ кард, ки агар сохтмони иншоот аз таҳкурсӣ то бом аз масолеҳи ҷавобгӯ ба меъёрҳои стандартии ҷаҳонии сохтмон анҷом пазируфта, дар кори он мутахассисони соҳибтаҷриба фаъолият намуда бошанд, пас аз эътимод дур нест, ки биноҳои бисёрқабатаро метавон дар манотиқи зилзилахез бунёд намуд. Рушди илму техника имкон фароҳам овардааст, ки дар садаи XXI иншооти баландошёнаро дар дилхоҳ минтақа бунёд карда, бо меъмории ҷалбкунанда як мавзеро бо навгониҳои соҳавӣ боз ҳам зеботар гардонем. Собит Неъматуллоев чун зилзилашинос ва муҳандиси сохтмони нерӯгоҳҳою

[113] Негматуллаев С.Х., Золотарев А.И. Системы активной сейсмозащиты зданий и сооружений и возможности их экспериментального исследования на полигоне “Ляур”, Душанбе, “Дониш”, - 1986, 80 с.

иншооти мухталиф тағйири динамикии қабатҳоро асос дониста, тарзи тарроҳии онҳоро бо дарназардошти ҳифозати биноҳову иншооти азим  зимни ба вуқуъ пайвастани зилзилаҳо дар дараҷаи қобили қабул будани чунин тағйири динамикӣ медонад: “Вижагиҳои аслии роҳандозӣ шудани системҳои татбиқи мубтанӣ бар тағйир дар хусусиётии динамикии биноҳо ҳангоми заминҷунбӣ аст. Ин тағйир бо хомуш кардани пайвандҳои тарроҳишудаи хос рух медиҳад”[114]

Ҳамчунин, сазовор донистем ин ҷо аз бархе руйдодҳои зиндагиномаи академик Собит Неъматуллоев далелҳо оварем, ки ҷиҳати муаррифии донишманд кумак хоҳад кард. Собит Неъматуллоев Институти политехникии Сталинободро (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ) дар соли 1961 хатм кардааст, ихтисос — «сохтмони ба зилзила тобовар ва сейсмология». Директори ифтихории Институти сохтмони ба зилзила тобовар ва сейсмологияи АМИТ дар соли 2004, сарходими илмии Институти сохтмони ба зилзила тобовар ва

[114] Ҳамон ҷо, саҳ. 10

сейсмологияи АМИТ (1995—2010), сардори Муассисаи илмии «Хадамоти геофизикӣ» ва роҳбари ОО «PMP International», мудири озмоишгоҳи сейсмологияи минтақавии Институти сохтмони ба зилзила тобовар ва сейсмология.

# ТАБИАТШИНОСИ МУОСИР



Шояд аз зумраи нахустин пурсишҳое, ки дар зеҳн пайдо мешавад, ин бошад: олимон - академикҳои тоҷик дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар чӣ нақше доранд? Барои посух ёфтан ба пурсиши зайл хостем академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳикмат Ҳисориевро бо дарназардошти фаъолияти илмӣ матраҳ кунем, аммо бидуни тарҷимаи ҳолу муаррифиномае, ки аксар маврид аз мо, олимон мунтазиранд.

Мавсуф мутахассиси пажӯҳишгар дар самти биология аст ва солҳои охир 3 монография ҷиҳати таҳқиқу баррасии обсабзҳо, ки калонтарин гурӯҳи растаниҳои талломӣ маҳсуб мешаванд, анҷом додааст. Дар назар чунин менамояд, ки таҳқиқи рустаниҳо, флора ва фаунаи мамлакат он қадар заҳматталаб нест ва он чӣ

олимони табиатшинос дар ин маврид пешниҳод намудаанд, аз зумраи пажӯҳиши уламо аст ва нақше дар рушди табиатшиносӣ дорад, чунки андеша метавонад бозгӯ шавад. Аммо ин нигоҳ дар таҳқиқи Ҳикмат Ҳисориев мушоҳида намешавад, чунки мавсуф зимни пажӯҳишҳояш бештар андешаҳои навро изҳор менамояд. Барои исботи фикр пешниҳоди иқтибосҳоро аз монографияҳои зикргардида зарур медонем. Масалан, ба ин андеша мутаваҷҷеҳ шавед: "Обсабзҳо (Algae) дар зиндагии инсон аҳамияти муҳим доранд. Бидуни он ки онҳо ҳамчун ғизои сервитамину серсафеда, серангиштоба дар мамлакатҳои соҳили баҳрӣ васеъ истеъмол мешаванд, як зумра намудҳои онҳо ҳамчун манбаи маводи мухталифи кимиёвӣ, рангуборӣ, давоӣ, ҳосил кардани агар-агар ва дигар анвои ашёи хом истифода мешаванд. Натиҷаҳои омӯзиши ҳаматарафа ва дақиқ дар оянда имкон медиҳанд, ки генофон ва аҳамияти намудҳои обсабзҳоро таҳқиқ намуда, онҳоро дар амалия ва пеш аз ҳама ҳамчун манбаи моддаҳои кимиёвӣ ва фаъоли биологӣ, витаминҳо, ангиштобу сафедаҳо ҳамчунин, дар баҳодиҳӣ, ташхис ва танзими

мувозинати экосистемаҳои обии кишвар ва минтақа васеъ истифода кунем". Аз дидгоҳҳо (илмиву дунявӣ) инсон ҷузъи табиат ва мавҷуди биолужӣ маҳсуб мешавад ва гуногунии биолужӣ ба ӯ имкон фароҳам меорад, ки ҷиҳати ҳифзи организмҳои зинда фақат аз хотири асли биологии худ кӯшиш карда, муҳити экологиро созмон диҳад. Дар сурати тороҷгарӣ ва аз байн бурдани мавҷудоти зиндаи табиӣ худи инсон беш аз дигарон зиён хоҳад дид, аммо ин ҳарфҳо ба орифу оммии замони мо маълум аст ва ҳеҷ ҳоҷат нест, ки чунин андешаро ба ҳайси ихтироот ва ё кашфиёт муаррифӣ кунем. Лекин надонистани вазъ ва аҳволи мавҷудоте, ки ҳастии мо тавассути онҳо таъмин мегардад, имкон дорад ба нобуди муҳити табии башар мусоидат кунад. Бинобар ин, омӯхтан ва омӯзонидани ҳар мавҷуди ҳастшуда дар мисоли ҷамоду наботу ҳайвон аз вазифаҳои олии башар дар замони муосир аст ва бидуни гуфтугӯ ҳар гуна паёмадҳои ногувор чун тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо натиҷаи он таҳоҷумҳоест, ки башар ҷиҳати беҳтар сохтани авзоъ ва аҳволи хештан дар табиат роҳандозӣ мекунад. Ба қавли академик, "Бо сабаби дар

саросари ҷаҳон мунтазам ва босуръат зиёд шудани аҳолӣ, рушди технологияҳои нав ва торафт васеъ гардидани заминҳои обёришаванда, талабот ба оби ошомиданӣ босуръат афзуда истодааст. Дар ҷараёни имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, индустриализатсия ва тағйирёбии саросари иқлим, ки боиси баландшавии ҳарорати миёнаи солонаи сайёра, обшавии пиряххо, ифлосшавии обу рӯдҳо ва нуфузи биёбоншавӣ дар сайёраамон гардида истодааст, ба боз ҳам кам шудани захираҳои ночизи оби ошомиданӣ дар кишварҳои Осиёву Африқо таҳдид мекунад".

Пажӯҳишгари табиатшинос ягона роҳи ҳалли чунин мушкилиро дар тақвият додани гуногунии биологӣ мебинад ва ҳифзи ҳамаи мавҷудҳоро ҳатмӣ медонад. Агар саҳеҳтар тафаккур кунем, чунин андеша ғолиб меояд, ки торафт афзудани аҳолӣ аллакай таҳдиди қавӣ ҷиҳати ҳастии сайёраи Замин маҳсуб мешавад ва пайдошавию паҳншавии пандемияи ҳамагири COVID-19 ва амсолашон натиҷаи ҳамоқату бетартибиҳои башар бояд муаррифӣ гардад. Табиати зинда аз ҷониби инсон тороҷ мешавад, дар ҳоле ки чунин таҳоҷуми башар ба

табиат оқибат марги инсонро замина хоҳад гузошт. Таҳқиқ наёфтани дарёву дарёчаҳо дар манотиқи гуногун боис мешавад, ки мавзеҳои табиӣ бо дахолати инсон чун мавҷуди мутаҷовиз олуда гардида, паёмадҳои ногуворро эҷод хоҳад кард. Дар ин маврид, Ҳикмат Ҳисориев чунин менигорад: "Боиси таассуф аст, ки аз сабаби норасоии технологияи ҳозиразамон, пеш аз ҳама микроскопҳои (заррабинҳо) электорнӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ тадқиқотҳо доир ба омӯзиши обсабзҳо, ки мебоист яке аз соҳаи пешқадами биология мешуданд, торафт кам шуда истодаанд ва ин на танҳо ба пешрафти ин кишварҳо монеъ мегардад, балки истифодаи комёбиҳои илми алгологияи ҳозиразамонро номумкин мегардонад".

Бо истифода аз фурсати муносиб зарур медонам тазаккур диҳам, ки таҳқиқи академик Ҳикмат Ҳисориев ҷиҳати гуногунии биологии минтақа ва ҷаҳон дорои аҳамияти бузурги илмӣ буда, моро ҳушдор месозад, ки бобати ҳастии хеш бетараф набошем ва барои пешрафти табиатшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн кардани дидгоҳҳои академикро амри табиӣ медонем.

Чунонки Ҳисориев Ҳикмат қайд менамояд, кишвари кӯҳсор ва пурғановати Тоҷикистон аз ҷиҳати гуногунии биологии экосистемаҳои табиӣ ва алалхусус таркиби таснифотии растаниҳои гулдор (зиёда аз 4500 намуд), обсабзҳо (зиёда аз 2200 намуд), гулсангҳо (зиёда аз 600 намуд), замбӯруғҳо (зиёда аз 2000 намуд) ташаккул ёфтаанд. Дар таркиби набототи кишвар миқдори растаниҳои муфиди ғизоӣ, шифобахш, равғандеҳ, ороишӣ (зиёда аз 1500 намуд), нодир ва намудҳои эндемикию субэндемикӣ - 1500 (яъне хоси Тоҷикистон, ки дар ҳеҷ ҷойи дигари олам намерӯянд) ва садҳо намудҳои реликтӣ (боқимондаҳои растаниҳои асрҳои геологии куҳани давраҳои яхбандии чаҳорум ва сейюм) ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳои ҳаммарз ва минтиқа ҳамто надорад.

Гуногунии олами наботот ва пурғановатии гурӯҳҳои таснифотии набототи Тоҷикистон, агар аз як тараф шароити кӯҳистонӣ ва шаклҳои мухталифи ҷойи зисти организмҳо бошад, аз дигар тараф - ин сарзамин, бо силсила қаторкӯҳҳои Помиру Олой доманпӯш аст, ки дар рафти эволютсияи олами растаниҳо ҳамчун роҳрав

ва ё купруки мигратсионӣ ва ё кӯчиши намудҳо аз Осиёи Ҷанубӣ ба Осиёи Шимолӣ ва аз Шарқ ба Ғарб ва баръакс, нақши беҳамто бозидааст. Қисме аз растаниҳо ҳангоми кӯчиш аз дигар минтақаҳо сарзамини деринаи Тоҷикистонро убур карда бошанд, қисми дигарашон дар ин табиати гуногуншароити Тоҷикистон маскани муфиди сабзиш ёфта, дар инҷо муқимӣ гаштанд.

Пайдоиши растаниҳои эндемикии Тоҷикистон бошад дар қарнҳои қарн дар ҷараёни таҳаввулот аз дигар намудҳо бо роҳҳои тағйирпазирӣ, ирсият ва мубориза барои ҳаёт дар интихоби табиӣ зӯр баромада, дар шароитҳои табиии Тоҷикистон бунёд ва мутобиқат пайдо намудаанд. Олими тоҷик дар хусуси таъсири гармшавии глобалии иқлим ба экосистемаҳои Тоҷикистон ибрози ақида намуда, қайд менамояд, ки қабати набототи дарахтию буттагии доманакӯҳ ва баландкӯҳҳои Тоҷикистон ба таъсири ин омил хеле мутаасиранд ва қайд гардидааст, ки дар 50 соли охир майдони паҳншавии экосистемаҳои мазкур ҳам аз сатҳи боло ва ҳам аз сатҳи поёнӣ маҳдуд гардидааст. Агар, сабаби камшавии қабати ҷангалзор дар сатҳи аз ҳама

болои он аз таъсири гармшавии саросари иқлим таназзул ёфта бошад, таназзули қабати ҷангалзори кӯҳистони Тоҷикистон дар сатҳи поёнӣ, бешубҳа, аз таъсири омили антропогенӣ ва ё ҷамъяти инсонӣ мебошад.

Аз як тараф, албатта, гармшавиҳои саросари иқлим ва сардшавию яхбандиҳои глобалии сайёраи Замин даврӣ буда, сабабҳои табиӣ доранд. Дар таърихи чанд миллиардаи ҳаёташ саёраи мо,- мегӯяд академик Ҳикмат Ҳисориев, садҳо гармшавиҳо ва сардшавиҳои глобалии даврӣ ва ё саросариро аз сар гузаронидааст. Танҳо дар давраи геологии наздиктарин – Антропосен ва зинаҳои пайдо ва ташаккулёбии ҷамъияти инсонӣ (Антропоген) дар сайёраи Замин 4 маротиба сардшавиҳо-яхбандиҳои глобалӣ ва дар байни онҳо мунтаззам гармшавиҳои саросар ва авҷ ёфтани биёбоншавӣ ба қайд гирифта шудааст. Айни ҳол мо дар зинаҳои охирини таназзулёбии яхбандии чаҳорум қарор дошта, дере нагузашта, дар остонаи яхбандии 5-уми глобалӣ хоҳем расид.

Ивазшавии даврии иқлими Замин ҳамчунин ба ҳаводисҳои дигари дохилии сайёра (пайдоиш ва ташаккули олами растаниҳо ва аз ҳамин сабаб дар атмосфераи Замин пайдо шудани оксиген ва гуногуншакл ва танзим ёфтани олами ҳайвонот; хурӯҷу таназзули вулқонҳо, пайдо ва таназзули кӯҳҳо, заминҷунбиҳои шаддид, якҷояшавӣ ва аз ҳам рехтани қитъаҳо ва ғ.) ва ҳаводисҳои кайҳонӣ (васеъшавӣ ва фишурдашавии ҷирмҳои кайҳонӣ, афтиши нурҳои кайҳонӣ, мавҷҳои электромагнити ситораҳои таназзул ва пошхурда, борони метеоритҳою астероидҳо, тағйири кунҷи меҳвари гардиши Замин ва бурҷи афтиши селаи рӯшноии офтоб, мутассил аз Замин дур шудани Моҳтоб ва ғ.) вобастагии зич дорад. Хуллас, ҳаводисҳои номбурда дар ҷараёни эволютсияи олами органикӣ ва мутобиқат пайдо кардани организмҳо дар экосистемаҳои мухталиф таъсири беназир гузоштаанд. Тассавур намоед, ки шумораи намудҳои организмҳои зиндаи рӯи Замин, ки аз авлодҳои деринаашон алҳол 2-3 миллион намуд боқӣ мондааст, ҳамагӣ 1 дар сади ҳамаи намудҳои организмҳои аз ин пеш дар рӯи Замин зистаро ташкил

медиҳад. Яъне дар ҷараёни эволютсия ва ё таҳаввулот танҳо миқдори ночизи намудҳое боқӣ ва авлодгузор мешаванд, ки онҳо ба тағйирёбиҳои даврӣ ва ё баҳангомавии омилҳои табиии Замин бештар ва зудтар мутобиқат пайдо карда, дар мубориза барои ҳаёт ғолиб бароянд...

Аз дигар тараф – дар таърихи миллионҳо сол ба вуҷуд омадани инсон ҳамчун намуди биологӣ ва муваффақи адаптивӣ (Homo sapiens sapiens) пайдо карда, тавонист дар муддати кӯтоҳ ташаккули мутобиқатии васеъро ба даст орад ва аз зинаи ҳаёти табии-биологӣ баромада, ба ҳаётгузаронии нав – шакли ҷамъиятии муқтадири саноатӣ ва истеҳсолотию истеъмолитии зинаи нави инкишоф барояд.

Инсон акнун тавлидкунандаи миллиардҳо тонна моддаҳои нав ва мухталифи техникӣ, кимиёвӣ, ғизоӣ, давоӣ ва дигар анвои мубодилотию ғализи синтетикӣ гардида, пасмондаҳои ҳамаи онро ба биосфера (муҳити ҳаётбоби Замин) ва дигар қабатҳои он (атмосфера, гидросфера, литосфера) ҳамчун партовҳои истеҳсолотӣ, комуналӣ, хоҷагидории таҷзиянопазир баровард.

Бештари анвои саноатии синтетикии кимиёвӣ аз ин пеш дар Замин вуҷуд надошт ва занҷири экологии мубодилотии сайёраамон барои таҷзия шудани онҳо то моддаҳои ҷудогонаи кимиёвию истеъмолотӣ алҳол қудрат надорад. Аз инҷост, ки партовҳои ғализ, аз ҷумла ду оксиди карбон (CO2) торафт дар ҳавои атмосфера аз ҳадди зарурии мунтаззамии ҳаётгузаронӣ афзуда, ҳодисаи "Гулхонаги"-ро ба вуҷуд овардааст, ки яке аз сабабҳои гармшавии афзоянда ва глобалии иқлим дар арсаи имрӯза ҳам ҳамин аст. Яъне имрӯзҳо муносибатҳои ғайриоқилонаи мубодилотӣ ва истеъмолотии захираҳои табиии Замин аз тарафи инсон ҳамчун омили муқтадир ба мувозинати экосистемаҳои табиӣ ва кулли биосфера таъсири ногувор мерасонанд.



## МУҲАҚҚИҚИ СОЗВОРАИ БИОЛОГӢ

Пажӯҳишҳои илмӣ ва ба вижа, дар улуми табиӣ ҷиҳати ҷалб ва баррасии ақидаҳои бонувон дар илм барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз ҳам дар ҳадди қонекунанда нест ва басе нигаронкунанда низ ҳаст, ки занону бонувони мо бинобар пажӯҳишҳои илмии соҳавӣ баъзан мавриди истиқбол қарор намегиранд. Дар аксар мавридҳо чун баҳс ҷиҳати баррасиҳои илмӣ сурат пазируфт, мардон бо хабар ёфтан аз мансубияти ҷинсии пажӯҳишгар ҳамаро канор гузошта, оқибат ин ҳарфҳоро бар забон меоранд: муҳаққиқ зан будааст... Бинобар ин, ковишҳои мо алҳол ба бонуе иртибот дорад, ки ба дараҷаи академики АМИТ расида ва дар масъалаҳои гуногунии биологӣ нақши сазоворе дар улуми дақиқ ва табиатшиносӣ дар замони соҳибистиқлолӣ боқӣ гузоштааст. Номбурда

академики АМИТ, доктори илмҳои биологӣ, профессор Муҳиба Якубова маҳсуб мешавад.

Омӯзиши модулӣ ҳамчун технологияи педагогӣ дар амалияи таълими биология васеъ паҳн шудааст. Моҳияти таълими модулӣ дар он аст, ки хонанда дар ҷараёни кор бо модул ба мақсадҳои мушаххаси фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ комилан мустақилона ноил мегардад. Модул як воҳиди функсионалии мақсаднок мебошад, ки мундариҷаи таълим ва технологияро барои азхудкунии он муттаҳид мекунад. Дарси модулӣ аз дарси муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки мактаббачагон мустақилона кор кардан, бо якдигар муомила кардан, ба кори худ ва рафиқи худ баҳо доданро ёд мегиранд. Ба он диққати махсус дода мешавад, ки ҳар як талаба мақсади дарсро фаҳмад — чиро ва чӣ тавр омӯхтан, ба чӣ диққат додан лозим аст. Барои инкишофи тафаккури мустақилона, ҷустуҷӯи эҷодии талабагон ин навъи омӯзиш имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Тафаккур аз пайдоиши масъала, савол, вазифае оғоз мешавад, ки бомуваффақият тавассути ҷустуҷӯи қисман ё усули эвристикӣ ҳал карда

мешавад. Моҳияти он дар он аст, ки як ишораи хурди омӯзгор майдони ҷустуҷӯро кам мекунад ё супориш ба зервазифаҳо тақсим мешавад ва ба ин васила мушкилот боқӣ мемонад ва ҳаракати қадам ба қадам ба сӯи ҳалли ниҳоӣ мусоидат мекунад. Усули ҷустуҷӯ сатҳи баландтарини омӯзиши мушкилот аст. Хусусияти он аз ин иборат аст, ки талабагон бидуни кумаки назарраси муаллим дониш ва усулҳои амали навро тавассути мураттабсозии масъалаҳои тарбия ва ҳалли онҳо мустақилона кашф ва азхуд мекунанд. Ин усул дар мактаби миёна, вақте ки хонандагон аллакай заминаи кофии назариявӣ ва сатҳи муайяни ҷаҳонбинӣ доранд, истифода мешавад. Дар мактаби миёна усули чустуҷӯро ба дарсҳое, ки дар шакли семинар гузаронида мешаванд, дохил кардан мумкин аст. Академик Якубова Муҳиба аз зумраи омӯзгороне аст, ки дар тадрис ва таълими фанни биология аз намудҳои гуногуни технологияҳои муосир истифода мекунад ва ба қавли донишандӯзон, дарси мавсуф бинобар истифода аз мадракҳои муосири илми биология хеле шавқовар мегузарад. Ҳамакнун, тадқиқоти Якубоваро чун академик дар соҳаи биологияи ватанӣ баррасӣ мекунем. Мавсуф аксар тадқиқотро дар

риштаи раванди ҳосилбандии ниҳоли пахта ва чунонки онро дар аксар кишварҳои ҷаҳон чун пунба муаррифӣ мекунанд, анҷом додааст. Яке аз рисолаҳои тахассусии мавсуф таҳти унвони “Ҷанбаҳои физиологию биохимиявӣ ва молекулавию генетикии раванди ҳосилбандии пахта” таъсири хусусиятҳои сохторӣ ва амалкарди дастгоҳи фотосинтезиро баррасӣ намудааст[115]. Консепсияи “раванди сабзиш дар ниҳоли пунбадона” – и Якубова аз навовариҳои илми биология дар замони Шӯравӣ мебошад ва таҳқиқи ҳамин масъала ва вижагиҳои хос дар биологияи муосир дар замони соҳибистиқлолӣ идома ёфтааст. Муҳиба Якубова чун муҳаққиқи ҷанбаҳои биофизикии элементҳо тавсифи муқоисавии сохтори молекулавии зарраҳои фотосинтетикиро дар мисоли навъи 108-Ф пешниҳод намудааст[116].

Ташаккули малакаи муқоисаи ашё аз фаҳмонидани он чи будани муқоиса ва чи тавр анҷом додани он оғоз

[115] Якубова М.М. Физиолого-биохимические и молекулярно-генетические аспект прдукционного процесса хлопчатника, Душанбе, «Дониш», - 2013, 284 с.

[116] Якубова М.М. Биофизические аспекты фотосинтетического аппарата хлопчатника, Душанбе, “Дониш”, - 2010, 108 с.

мегардад. Ҳар як муқоиса дорои унсурҳои таҳлил ва синтез мебошад. Муқоисаро дар асоси матн, расмҳо, диаграммаҳо ва тарҳрезӣ дар шакли ҷадвал ва диаграммаҳо анҷом додан мумкин аст. Масалан: Мавзӯъ: «Нафасгирӣ ва фотосинтез». Хусусиятҳои раванди фотосинтези нафаскашӣ кадомҳоянд? Он дар кадом ҳуҷайраҳо пайдо мешавад? Кадом газ ҷаббида мешавад? Кадом газ хориҷ мешавад? Бо моддаҳои органикӣ чӣ мешавад? Дар кор бо китоби дарсӣ расмҳо низ ёрии калон мерасонанд. Онҳо барои иҷрои вазифаи таҳлил ва муқоиса истифода мешаванд.

Ин навъи технология аз шаклҳои фаъолияти таълимӣ иборат аст, ки барои донишгоҳҳо хосанд. Азбаски мактаби миёна бештар ба дохил шудан ба донишгоҳ нигаронида шудааст ва дар он таълими профилӣ амалӣ карда мешавад, хонандагони синфҳои болоӣ бояд пешакӣ ба муҳити нави таълим омода шаванд. Ва дар таълими биология ин шакли фаъолияти таълимиро аллакай дар звенои миёна истифода бурдан мумкин аст. Барои муаллими биология азхуд кардани ин технология душвор нест, элементҳои алоҳида кайҳо боз дар

мактабҳо васеъ истифода мешаванд. Аммо, муаллим бояд технологияҳои хусусии зеринро азхуд кунад: омодагӣ ба лексияҳо, семинарҳо, санҷишҳо, мубоҳисаҳо; ташкили фаъолияти тарбиявӣ; идоракунии фаъолияти таълимӣ; худтаҳлили натиҷаҳои таълим.

Курси биологияи мактабӣ барои ҳалли масъалаи актуалии дар мамлакат ташаккул додани маданияти экологии насли наврас имкониятҳои калон дорад. Дар рисола таърихи масъалаи таълими биология дар мактабҳои шӯравӣ моделҳои асосии тарбияи экологӣ, шаклу усулҳои таълимро, ки барои ташаккули маданияти экологӣ бештар самарабахшанд, баррасӣ мекунад. Аз рӯйи ҷадвал таҳлили барномаи биология барои мактабҳои маълумоти умумӣ, консепсияҳои экологиро дар мазмуни курс, шаклу усулҳои барои ифшои онҳо тавсияшуда нишон додан зарур мебошад.

Тачрибаи муаллимони биологияро дар ҳалли проблемаҳои таълиму тарбияи экологӣ бо роҳи тамошои дарсҳо, машғулиятҳои берунazсинфӣ ва экскурсияҳо омӯзед. Мусоҳиба бо муаллима дар бораи он, ки онҳо чӣ

гуна проблемаи ташаккули фарҳанги экологиро дар синф ва корҳои беруназсинфӣ ҳал мекунанд, аз бар карда, мустақиман дар ин маврид тафаккур кунед. Гузаронидани пурсиши хаттии донишҷӯён аз рӯи саволҳои: Фарҳанги экологиро онҳо чӣ мефаҳманд? Оё онҳо худро аз ҷиҳати экологӣ фарҳангӣ медонанд ва чаро? Кадом мушкилоти экологии кишвар (ҳудуд, маҳал)-ро медонанд ва дар кадом ҳалли онҳо ширкат кардаанд?, барои беҳтаргардонии сифати таълим нақши боризро мебозад. Дар асоси таҳлили адабиёт шартҳои методии ташаккули фарҳанги экологии мактаббачагон дар рафти таълими биологияро нишон диҳед, ки ҷиҳати ҷалб намудани онҳо ба раванди тадрис хушоянд аст. Фанни биологияро чӣ гуна татбиқ менамоянд. Муносибати муаллимонро ба имтиҳон, ҷиҳатҳои мусбат ва камбудиҳои онро фаҳмед. Мусоҳиба аз хонандагони синфҳои гуногун (6-9) - чӣ гуна онҳо ба шаклҳо ва намудҳои гуногуни назорат алоқамандананд, кадомашро афзал медонанд ва чаро? Чунки ин навъи тадрис иштироки толибилмро ба омӯзиши фанни биология фаъол мегардонад. Агар дар таълими фанни биология

навгонӣ пайдо нашавад, тадриҷан таваҷҷуҳ ба он кам хоҳад шуд ва хонандагони мактаб бинобар эҳсос нашудани тағйирот ва навоварӣ ба он дилгир мешаванд.

Китобҳои дарсӣ ва курсҳои таълимии электронӣ ҳама ё якчанд намуди дар боло зикршударо дар як маҷмааи ягона муттаҳид мекунанд. Масалан, аз донишҷӯён хоҳиш карда мешавад, ки аввал курси омӯзишӣ (презентатсия) тамошо кунанд, сипас дар асоси донишҳои ҳангоми тамошои курси омӯзишӣ гирифташуда таҷрибаи вертуалӣ ташкил кунанд (системаи таҷрибаҳои вертуалӣ). Аксар вақт дар ин марҳила донишҷӯён инчунин ба маълумотномаи электронӣ барои курси омӯхташаванда дастрасӣ доранд ва дар охир онҳо бояд ба як қатор саволҳо ҷавоб диҳанд ва ё якчанд масъалаҳоро ҳал кунанд (системаҳои нармафзори идоракунии дониш).

Гузаронидани дарсҳо бо истифода аз видеоплеер шавқу ҳаваси хонандагонро ба ин мавзӯъ эҷод мекунад. Истеҳсолкунандагони хориҷии филмҳои ҳуҷҷатии илмию оммавӣ, аз қабили National Geographic, Discovery

ва ғайра, маҷмӯи бузурги ҳикояҳо доранд, ки дар дарсҳои биология намоиш медиҳанд. Дар синфҳои 6-7 дар дарсҳо бархе аз омӯзгорони фанни биология дар бораи гуногунии ҳайвонот ва набототот аз силсилафилмҳои “Life” истифода мекунанд, ки дар бораи ҳаёти хазандагон, амфибияҳо, ширхӯрон, моҳӣ, паррандагон, ҳашарот ва растаниҳо нақл мекунанд. Дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти маориф ва мактаб проблемаи дар синфҳо истифода бурдани техникаи ҳисоббарор аҳамияти калон пайдо мекунад. Технологияи информатсионӣ имкони беҳамтоеро фароҳам меорад, ки на танҳо донишҷӯ, балки омӯзгорро низ инкишоф диҳад. Компютер калимаи зиндаи муаллимро иваз карда наметавонад, аммо захираҳои нав кори муаллими муосирро осонтар намуда, онро шавқовару таъсирбахш мегардонанд. Гузашта аз ин, ҳавасмандии хонандагонро ба омӯзиши фанни биология зиёд мекунанд. Технологияи пешрафтаи наворбардории видео ва истифодаи графикаи махсуси компютерӣ имкон медиҳад, ки кори организмҳо, гӯё «аз дарун» пайгирӣ карда, хусусиятҳо ва асрори онҳо ошкор карда шавад. Ин боиси болоравии

бузурги эмотсионалӣ ва баланд шудани дараҷаи азхудкунии маводи биологӣ мегардад, ташаббус ва тафаккури эчодиро тақвият мебахшад. Ҳамин тариқ, истифодаи пойгоҳҳои таълимию таҷрибавӣ дар раванди таълими фанни биология таъсиргузор буда, самаранокии онро афзун менамояд, онро аёнан, бойтар мегардонад, ба ташаккули малакаҳои гуногуни умумии таълимии мактаббачагон мусоидат мекунад, сифати таълимро беҳтар мекунад, ва корро дар синф осон мегардонад. Истифода аз технологияҳои муосир дар дарси биология ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ҳамчун омӯзгор аз тамоюлҳои рушди илми педагогӣ огоҳ шавад. Баланд бардоштани сатҳи касбӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва муҳимтар аз ҳама, он ба шумо имкон медиҳад, ки тавассути муколамаи фаъоли байни донишҷӯ ва компютер, тавассути самти таълим ба муваффақият ҳавасмандии омӯзишро зиёд кунед; донишҳои асосӣ оид ба биология, ба низом даровардани онҳо; малакаи кори мустақилона бо китоби дарсӣ ва адабиёти иловагӣ ташаккул дода шавад.

# ИҚТИСОД МИЁНАРАВӢ АСТ

“Се чиз миллатро бузургу обод мекунад: хоки ҳосилхез, саноати фаъол ва сабукии рафту омади мардум ва колоҳо”.

**Фрэнсис Бэкон**



Иқтисод чист ва ин калидвожа ба кадомин забони ҷаҳонӣ марбут аст? Зимни посух ёфтан ба суоли матраҳ ба маънии луғавии иқтисод мутаваҷҷеҳ бошед: иқтисод чун вожаи арабӣ ба маънии миёнаравӣ далолат мекунад, аммо ҳадафи инҷониб аз баррасии номвожаҳо таҳқиқи осори илмии яке аз нерӯмандтарин донишмандони иқтисодшиноси ҷомеаи Тоҷикистон академики АМИТ, доктори улуми иқтисодиёт, профессор Нуриддин Қаюмов аст ва гумон меравад, ки дар муҳити илмии кишварамон номбурда сазовори эҳтирому истиқболи ҳамкасбон гардидааст. Мавсуф ҳануз дар замони Шӯравӣ илми иқтисодро аз дидгоҳи болшевизм мавриди баррасӣ қарор дода, зимни фаъолияти хеш дар даврони соҳибистиқлолӣ ба

табодули фикрӣ роҳ надодааст, агарчи аксар дидгоҳҳои ба истилоҳи маъруф дар он давра мамнуъро муҳаққиқ шуда, илмро бо дарназардошти улуми муосир, ба вижа нававарии постмудернизми аврупоӣ баррасӣ намудааст. Номбурда дар вазифаҳои гуногун шуғл варзида, махсусан, дар давраи соҳибистиқлолии кишварамон яке аз чеҳраҳои маъруф ва аз зумраи риҷоли номовар пазируфта мешавад. Фақат вазифаҳо ин ақидаро исбот мекунанд: Мудири бахш, мудири шуъба, муовини директори Институти иқтисодиёти Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон (1970-1981), директори Институти иқтисодиёт ва усулҳои иқтисодиву математикии банақшагирӣ бо Маркази ҳисоби Госплани Ҷумҳурии Тоҷикистон (1981-1993), мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ (1994), директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995-1997), муовини вазири иқтисод ва робитаҳои берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1998-2001), директори Институти таҳқиқоти иқтисодии Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (2001-2009).

Дар ибтидои солҳои 90-ум Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ташаккули иқтисоди бозориро муайян карда буд. Дар амалияи ҷаҳонӣ аллакай мисолҳои ба иқтисоди бозорӣ табдил додани иқтисоди нақшавӣ, масалан, дар Ҷумҳурии Халқии Чин ва кишварҳои шарқи аврупоӣ мавҷуданд. Вале бояд қайд кард, ки мамлакатҳои дорои иқтисодиёти дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ шароити ибтидоии гуногун доштанд. Илми иқтисодӣ асосан назарияи баробарсозии буҳронҳои иқтисоди бозорӣ ва идоракунии хоҷагии халқро дар бозори муқарраршуда таҳия кардааст, на дар давраи гузариш. Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи гузариши ташаккули муносибатҳои бозорӣ, сарфи назар аз он, ки бисёр дигаргуниҳои институтсионалӣ дар кишварҳои дар ҳоли гузариш ба ҳам монанданд, хусусиятҳои худро дорад. Маҳз дар ибтидои давраи гузариш дар байни олимони иқтисодшинос чунин ақида ҳукмфармо буд, ки гӯё вайрон кардани механизмҳои назорат ба системаи маъмурию нақшасозии панҷсола барои ба амал баровардани тадбирҳои стандартии ба эътидол овардани иқтисодиёт, хусусигардонии қисми зиёди давлат кифоя

аст. Аммо давлат институтҳои кӯҳнаро дар як муддати кӯтоҳ барҳам дода, шароитеро фароҳам наовард, ки барои рушди устувори иқтисодиёт дар давраи гузариш кафолат дода шавад. Китоби академик Нуриддин Қаюмов таҳти унвони "Глобализатсияи иқтисодиёт ва равобити байналмилалии иқтисодии Тоҷикистон"[117], ки бо ҳаммуалифии Умаров Х.У. ба табъ расидааст, мавзӯи мазкурро ҳадалимкон мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дидгоҳи ҷаҳонишавии иқтисодӣ тибқи баҳогузории ихтисосӣ раванди мазкурро ба нафъи кишварҳои тавсеаёфта баррасӣ мекунад ва ин ҷо зарур донистем, ки фикри пажӯҳишгарони иқтисодро матраҳ намоем: "Аввалан, дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ тавзеҳи муҷаддади манобеъи тавлид ба нафъи кишварҳои тавсеаёфта сурат мегирад ва ноҳамворӣ дар сатҳи тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии байни гурӯҳҳои фардии кишварҳо, ба вижа кишварҳои рӯниҳода ба инкишоф мушоҳида мешавад. Ҷаҳонишавӣ, бар хилофи равандҳои идғоми иқтисоди сусиёлистии байналмилалӣ, ки замоне иттифоқ уфтод, ба

---

[117] Н.К. Каюмов, Х.У. Умаров. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана, Душанбе, «Деваштич», - 2005, 192 с.

маънои яксонсозии сатҳи тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии фардӣ ё гурӯҳе аз кишварҳо нест. Сониян, вобастагии мутақобили иқтисодии байни кишварҳо дар миқёси ҷаҳонӣ ба таври чашмгире мизони осебпазири ҳар як аз онҳоро афзоиш медиҳад. Буҳрони иқтисодии марбут ба қитъаи Осиё дар санаи 1998 ва соири буҳронҳои сохторӣ бар дараҷаи афзояндаи осебпазирӣ маҳсуб мешавад. Солисан, дар натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ба вижа, озодсозӣ дар иқтисод асарбахши механизмҳои танзими давлатии иқтисоди эҷодшуда тайи даҳсолаҳо рӯ ба коҳиш ниҳодааст. Давлатҳои миллӣ рӯз аз рӯз дар ҳоли мушкилилоти ҷиддӣ зимни тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нотавон мешаванд"[118]. Саҳеҳтар агар ин масъалаҳоро пажӯҳиш кунем, бегуфтугӯ чунин хулоса пайдо мегардад: Дар замони Шӯравӣ ва тадвини иқтисоди сусиёлистӣ шакли идғоми моликияти хусусӣ бар иқтисоди бозорӣ рақиб буд ва рақобати иқтисоди нақшавӣ бо ғайри худ дилхоҳ натиҷаро ба бор меовард. Шояд ҳамин омили рақобатпазирии ду навъи ҷаҳонбинии иқтисодӣ боис гардид, ки ислоҳоти

[118] Ҳамон ҷо, саҳ. 15.

иқтисодии камназир чун рейганомика ва тетчеризм нақши бағоят тавсеакунандаро дар кишварҳои ҷудогона иҷро кунад, аммо идғоми иқтисоди нақшавии хос ба кишварҳои пасошӯравӣ бо дарназардошти таҳмили раванди ҷаҳонисозии иқтисодӣ рушди кишварҳои рӯниҳода ба тарраққиро боздошту онҳоро бо давлатҳои тавсеаёфта мутамоил сохт. Бинобар ин, алҳол кишварҳои рӯ ба инкишоф аз бисёр ҷиҳат пойбанд аз давлатҳои рушдкарда мебошанд ва созмонҳои ҷаҳонии иқтисодӣ бар манфиати онҳо фаъол ҳастанд, яъне таҳқиқи ҷаҳонишавии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки раванди мазкур лағви заминаҳои рушд барои кишварҳои рӯ ба инкишоф маҳсуб мешавад. Минҷумла, Созмони ҷаҳонии Савдо ва муқаррароте, ки зимни шомилшавии давлатҳо ин созмон тарҳрезӣ намудааст. Яке аз пажӯҳишгарони созмони мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон академик Нуриддин Қаюмов дониста мешавад. Ба қавли номбурда, барои кишваре, ки арзиши бағоят пасти қувваи коргариро дорост ва илова бар он, он ҷо ки масоили ҷалби инвеститсия дар сатҳи пасттар баррасӣ мешавад, шомилшавӣ ба Созмони Ҷаҳонии

Савдо аҳамияти рушди тадриҷии иқтисодиро фароҳам меорад. Бинобар ин, академик Қаюмов бисёр талош меварзид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони мутазаккир шомил гардад. Номбурда бобати шомилгардии кишварҳои рӯ ба инкишоф ба ин созмони бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ таваққуф карда, фикр мекунад, ки дар сурати шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамсояҳояш бештари масъалаҳои иқтисодӣ ҳали хешро меёбанд: “Шаке нест, ки бо илҳоқи камубеш ва ҳамзамон шомилшавии Тоҷикистону ҳамсоягонаш ба Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат истифода аз обзорҳои зотии ин созмон имкони ҳали масоили васетаре пайдо мешаванд, ки дорои аҳамияти минтақавӣ ҳастанд”[119]. Аммо тарзи сохтор ва роҳҳои татбиқи афкори глобализатсияи қудрат дар замони мо суду зиёнро бо ҳам тавъам сохтааст ва ҳар гуна фоида, ки аз табодули иртиботӣ бо равандҳои сатҳи ҷаҳонӣ дастрас мешаванд, оқибат дар зиёни кишварҳои рӯ ба инкишоф матраҳ мегарданд ва дар ин маврид лоиҳаҳо гувоҳ ҳастанд, ки ҳар гуна кумакро бо дарназардошти ҳаҷми фоида аз нигоҳи ҳадафҳои

[119] Ҳамон ҷо, саҳ. 72.

геосиёсӣ мавриди таҳмил ва интиқол қарор медиҳанд. Чунки сарнавишти дилҳоҳ минтақа ва миллат дар замони муосир аз дидгоҳи ҷаҳонисозӣ баррасӣ шуда, лағви рушди иқтисодӣ ва рафъи суботи сиёсии дилхоҳ кишвари рӯ ба инкишоф дар пояи ормонҳои ҷаҳонисозӣ мутаҷҷаддид аст ва ин ақидаро метавон дар иқдомҳое мушоҳида кард, ки қудратҳои ҷаҳонӣ дар кишварҳои Белорус, Қазоқистон ва Тоҷикистон дар ду соли охир дар мисоли тазоҳурот ва роҳандозӣ шудани кирдорҳои террористӣ татбиқ намуданд.

Дар кишварҳои гуногун барои танзими ҳам истеҳсолот ва ҳам рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва ҳам ҷараёни моддӣ ва молиявӣ, нархҳо, шартҳои савдо ва хизматрасонии бонкӣ, пайвастани мустақилияти иқтисодӣ, ташаббус ва соҳибкорӣ бо танзими давлатӣ усулҳои гуногуни аз таҷриба санҷидашуда интихоб карда шудаанд. Муҳим аст, ки ин гуна усулҳо бо дарназардошти вазифаҳо ва шароити нави тараққии тамоми иқтисоди мамлакат мунтазам нав карда шаванд ва такмил дода шаванд. Дар ин вазъият на дар асоси муқобилияти онҳо, балки бо роҳи ба ҳам пайвастан

самарабахш истифода бурдани низоми нақшавии роҳандозӣ шудани иқтисод ва бозорро таъмин кардан мумкин аст.

Агар мо бо дарназардошти пазироии низоми иқтисоди бозорӣ ва такмили савдо ба мавқеи кишварҳои рӯ ба инкишоф назар афканем, ғолибан онҳо чун содиркунандаи маводи коркарднашуда ва ҳануз ба истеҳсоли маҳсулоти гуногун ниёздошта муаррифӣ мешаванд. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз ҳама ба истеҳсоли нахи пунба машғул аст, аммо чунин мавод бидуни қарор доштан дар истеҳсоли ашё баррасӣ шуда, дар шакли ҷамъоварии аввалиндараҷа ба хориҷ аз кишвар содир мегардад. Ҳамчунин, маҳсулоти кишоварзӣ дар мисоли меваҷот ва амсоли онҳо бидуни коркарди аввалия ба кишварҳои дигар содир карда шуда, бо дарназардошти сатҳи муомилоти байналмилалӣ чунин табодулоти иқтисодӣ ҳануз тавсеа ва рушди низоми муайяни иқтисодӣ намебошад. Гузашта аз ин, набудани ҷойҳои корӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба шуғл дар кишварҳои рӯ ба инкишоф мушкилоти интиқоли нерӯҳои коргариро ба дигар кишварҳо ба

вуҷуд меорад. Бинобар ин, суоли матраҳ зимни баррасии иқтисоди миллӣ ба парвариш, ҷамъоварӣ ва истеҳсолу содироти пунба тааллуқ дошта, моро аз он сабаб нигарон месозад, ки чаро дар аҳди Шӯроҳо фақат бахши пунба кишвари моро аз фақр раҳо мекарду ҳамакнун, дар замони соҳибистиқлолӣ на? Академик Қаюмов чунин меандашад, ки шомилшавии гурӯҳи давлатҳо ба СҶС, ки ғолибан, истеҳсолкунандаи пунба маҳсуб мешаванд ва Тоҷикистон низ дар сафи онҳост, кишварҳои мазкурро дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир намесозад ва маҳз ҳамин омил онҳоро дар бозори ҷаҳонӣ лағв хоҳад кард. Сармояи сатҳи ҷаҳонӣ бештар дар марзҳои иқтисодие будубош мекунад, ки он ҷо нахи пахтаи сифатан ҷавобгӯ ба меъёрҳои истондартҳои ҷаҳонӣ коркард ва истеҳсол мешавад. Аммо рушди ҳангуфти башарият дар авохири садаи XX ва авоили қарни XXI таваҷҷуҳи дилхоҳ давлатҳоро ба фановарии муосир ҷалб намудааст. Бобати рӯоварии кишварҳои тавсеаёфта ва ҳамакнун рӯ ба инкишоф дар тавзеҳи академик Нуриддин Қаюмов чунин аст: “Ҳамонтур, ки машҳур аст, беш аз 80 фисади аз тавлиди маҳсулоти илмии фишурда дар ҷаҳон дар

ҳоли ҳозир ширкатҳои мутааллиқ ба иттилоотиву коммуникатсионӣ мутамарказ аст. Бо ин аҳвол, моҳияти “инфиҷорӣ”-и густариши фановариҳои иттилоотиву иртиботӣ огоҳии умумиро дар сартосари ҷаҳон ба нафъи муаррифии ин фановариҳо дар тамоми арсаҳои зиндагӣ афзоиш додааст. Ниҳодҳои давлатӣ ва умумииҷтимоӣ муаррифии густурдаи ин қабил фановариро роҳи мустақим барои раҳоӣ аз фақр ва ҷубронҳои сохторӣ ва амсолашон медонистанд”[120]. Гузашта аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози арзиши қувваҳои коргарӣ дар ҳудуди пасошӯравӣ ҷои аввалро соҳибӣ мекунад ва воқеан, нерӯи кории мамлакат дар қиёс бо кишварҳои ҳамсоя ва дур камарзиш арзёбӣ гардида, ҳамин омил онро дар кишварҳои тавсеаёфта соҳибтаваҷҷуҳ сохтааст. Сафи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳадди ним миллионро гузаштааст ва агарчи маблағҳои мусоидаткунанда аз хориҷ ба мамлакат ворид мешавад, аммо ин нерӯҳои корӣ агар дар дохили кишвар мавриди истифода қарор мегирифтанд, авлотар мебуд. Чунки тибқи глобализатсияи иқтисоди кишварҳо дар бозори ҷаҳонӣ

[120] Ҳамон ҷо, саҳ. 68.

ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: тавсеаёфта ва рӯ ба инкишоф, лекин рақобати онҳо бар нафъи гурӯҳи аввалия анҷом ёфта, оқибат кишварҳои рӯ ба инкишоф мавзеи гардиши сармояи онҳо хоҳад буд. Бинобар ин, сармоядор дар кишварҳои рӯ ба инкишоф маҳсулотро бидуни коркард ба кишварҳои тавсеаёфта бо арзиши барояш номусоид содир мекунад ва ин маҳсулот, ки ғолибан, кишоварзӣ ҳастанд, монанд ба қувваи корӣ низ камарзиш мебошанд ва ҷиҳати таҳияи фоидаи назаррас аз сармояи мутазаккир чандон комёб намешаванд. Ба ҳамин монанд рақобатҳо дар самти сиёсӣ мушоҳида мешавад ва кишварҳои тавсеаёфта бештар инқилобҳо ва дигар шаклҳои табадуллоти давлатиро ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ интиқол медиҳанд, ки ҳодисаҳои ахири Қазоқистон, Белорус ва Тоҷикистон ин андешаро исбот мекунанд. Ба ибораи дигар, ҷаҳонишавии иқтисод айни замон рукни ҷаҳонисозӣ аст, ки саҳеҳан, ғалабаи қудратҳои ҷаҳониро ба қудратҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ таъмин месозад. Масалан, бидуни роҳҳои муосири байналмилалӣ идғоми иқтисоди Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ номумкин аст, вале чун масъалаи

татбиқсозии ҳадафҳои геосиёсӣ матраҳ мешавад, ашхоси ҳавасмандшуда ин роҳҳои байналмилалиро мебанданд ва дар минбарҳои созмонҳои сатҳи ҷаҳонӣ ҷои интиқод аз чунин кирдорҳо боз ононро имкон медиҳанд, ки роҳбандиро идома диҳанд. Барои исботи ин фикр беҳтарин далел бастани роҳи байналмилалии Душанбе-Кулма дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ аз ҷониби гурӯҳҳои иртиҷоии ҳавасмандгардида маҳсуб мешавад.

Дигар вижагиҳои рақобати иқтисодӣ дар бозори ҷаҳонӣ воридшавии маҳсулоти қочоқ мебошад, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ пас аз истиқлолият ба вуқуъ пайвастааст. Инсон низ қочоқ мешавад ва ин намуди интиқол ҳангоми гузариш аз як низом ба низоми дигари сиёсӣ пайдо мегардад. Имрӯз қочоқи занон ба кишварҳои мусалмоннишини нимҷазираи Арабистон ва мардон ба ин минтақа беш аз пеш мушоҳида мешавад ва ҷиҳати афзудани қочоқи одамон аз як мавзеъ ба мавзеи дигар кишварҳои шомил ба созмонҳои ҷаҳонӣ кумак мекунанд. Ба қавли академик Нуриддин Қаюмов қочоқи инсон дар Тоҷикистон дар солҳои ҷанги дохилӣ , ки аз хориҷ таҳмил шуда буд, оғоз гардидааст: “Аз бисёре аз

рустоҳо ва шаҳрҳои Тоҷикистон гузоришҳое аз ҷавононе вуҷуд доранд, ки чанд сол пеш барои касби кор ва дастрасии шуғл ба кишварҳои дигар рафта ва бидуни ҳеҷ иртиботе нопадид шудаанд ва хонаводаҳои онҳо аз сарнавишти онҳо иттилое надоранд. Мо дар мавриди садҳо нафар суҳбат мекунем, ба вижа, касоне ки дар натиҷаи ҷустуҷӯи тӯлонӣ ва номуваффақ барои дарёфти ҷойҳои корӣ аз назари шахсӣ рӯ ба таназзул ниҳодаанд”[121]. Ба андешаи академик, нахустомили қочоқи одамон, маводи мухаддир ва пеш аз ҳама интиқоли ришваситонӣ на фақат дар Тоҷикистон, балки дар ҳамаи кишварҳои пасошӯравӣ фақр маҳсуб мешавад. Ҳангоми гузариши ин кишварҳо ба низоми иқтисоди бозорӣ ва тақвият пазируфтани моликияти хусусӣ дар иҷтимоъ гурӯҳи кучак бо дастрасии сарчашмаи иқтидори молиявӣ сармоядор гардиданд ва аксарият ба фақр ғутида, ҷиҳати раҳоӣ аз он ба интиқоли қочоқ аз хориҷи мамлакат мусоидат намуданд. Бинобар ин, айни замон кишварҳои пасошӯравӣ бо вуҷуди таъсис ёфтани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ё худ

[121] Ҳамон ҷо, саҳ. 151.

муштаракулманофеъ бештар мавриди ҳамлаи иқтисодии кишварҳои тавсеаёфта қарор гирифта, пасон партовҳои фарҳанги ғолиб, ки ғарби Аврупо маҳсуб мешавад, ба ҳамин ҳудуди мутазаккир таҳмил мегарданд.

Дар дунёи мудерн чандин мудели аслӣ барои тавсеаи иқтисоди бозорӣ вуҷуд дорад, аммо ҳамаи онҳо ба сармоягузории озод ва нерӯҳои рақобат асос ёфта, ҷиҳати паҳн намудани қудрати воҳид сахткӯшанд. Бинобар ин, зимни воридшавӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ набояд фаромӯш кард, ки давлат ҷиҳати рақобати сатҳи ҷаҳонӣ бояд ба таҳияи саноати фаъол гузарад, чунки дар ҳоли ҳозир фақат саноат кишварҳоро рақобатпазир месозад. Ду низоми иқтисодӣ, ки дар садаи гузашта вуҷуд доштанд, бозорҳои ҷаҳонии худро таъсис дода буданд ва новобаста аз тақвият доштани аграрӣ дилхоҳ давлатҳо дар он бозорҳо мавқеъ доштанд, аммо дар баробари барҳам хӯрдани иқтисоди нақшавӣ аксар давлатҳои пасошӯравӣ бидуни бозор қарор ёфта, масъалаи таҳияи иқтисоди бозорӣ барояшон ба вуқуъ пайваст. Аммо дар чунин низом қудрат беш аз пеш таъсиргузор буда, интишори сармояро ба дӯши худ

гирифтааст. Ба ибораи дигар, рақобат дар чунин бозор, ки сармоягузории озодро таманно мекард, айни ҳол дастурҳои қудратро роҳандозӣ мекунад ва таҳияи низоми нави иқтисодӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф аз манфиат холӣ набуд. Мутаассифона, ҷиҳати таҳияи низоми нав кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба таҳоҷуми қудратҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ки таърих амсолашро надидааст. Бинобар ин, зарурати эҳёи муносибатҳои иқтисодии кишварҳои шомили Иттиҳоди давлатҳои мустақил пайдо гардидааст.

# МУҚОВИМАТИ АЛЮМИНИЙ АЛАЙҲИ КОРРОЗИЯ

**Зеҳни мо филизе аст, ки дар ашколи мухталиф истихроҷ мешавад ва бидуни шак ин шакл натиҷаи амалҳои мо дар зиндагист.**

**Анри Бергсон**

**Илм дороии олӣ аст, аммо ҳеҷ дороие он қадар пойдор нест, ки дар сурати хароб будани зарфе, ки дар он нигаҳдорӣ мешавад, бидуни хароб шудан ва тағйири он нигаҳдорӣ шавад.**

**Мишел де Монтен**



Коррозияи хӯлаҳои алюминий (Aluminium Alloys corrosion) маъмулан реаксияи кимиёвӣ ё электрохимиявии хӯлаҳои алюминийро бо муҳити атрофашон меноманд, ки боиси тағйирёбии хосиятҳои онҳо, зангзании хӯлаҳои алюминий мегардад. Алюминий филизи фаъол аст, аммо мо аз он фаъолияти зиёдеро намебинем, зеро дар сатҳи он ҳамеша қабати оксид ба вуҷуд меояд, ки хеле устувор ва часпак аст. Ин қабати оксид дар ҳарорати муҳити атроф наздики бетараф устувории хуб дорад ва сатҳи алюминийро ба истилоҳ ғайрифаъол месозад. Ин қабат аз ду қисм иборат аст, ки қабати

поёнии хеле тунуки монеадор номида мешавад, ки ғафсии он аморфӣ аст, пас аз ин қабати тунук, қабати сутуншакл ба вуҷуд меояд, ки ба нармӣ иртибот дорад ва нармӣ ҳар қадар баланд бошад, ҳамон қадар қабати ғафс мешавад. Ин қабат мисли қабати поёнӣ зич нест, аммо як қабати ковокест, ки дар он чизҳо низ нишаста метавонанд. Умуман, ҳарчанд қабати оксидие, ки дар рӯйи алюминий ба вуҷуд меояд, устуворӣ ва муқовимати хуб дорад, агар он дар муҳити дорои камтар аз 3 ё зиёда аз 9 ҷойгир карда шавад, ин қабат ҳал мешавад ва зангзании шадид ба амал меояд. Аммо тибқи назари академик Иззатулло Ғаниев, металли мазкур аз соири онҳо ҷиҳати муқовимат бо раванди зангзанӣ бартарӣ дорад, чунки: "алюминий аз ҷиҳати татбиқ дар соҳаҳои гуногуни технология баъд аз пӯлод ҷои дувумро ишғол карда, хӯлаҳои он аз он сабаб арзиши хоса доранд, ки онҳо нисбат ба пӯлоди дорои қувваи баробар тақрибан се маротиба сабуктаранд ва ба зангзании баланд муқовимат доранд"[122] [1, с. 5].

---

[122] Ганиев И., Умарова Т., Обидов З. Коррозия двойных сплавов алюминия с элементами периодической системы, М., "Авторское право", - 2011, с. 5.

Анодизатсия як раванди электрохимиявӣ мебошад, ки ба сатҳи металли ороишӣ, пойдор, ба зангзанӣ ва оксиди анодӣ тобовар аст. Гарчанде ки дигар металлҳои ранга, аз қабили магний ва титан низ метавонанд анод карда шаванд, аммо алюминий беҳтарин аст. Сохтори оксиди анодӣ аз субстрати алюминий сарчашма мегирад ва пурра аз оксиди алюминий иборат аст. Ин қабати оксиди алюминий мисли ранг ё пӯшиш офарида нашудааст, балки бо маводи асосӣ комилан муттаҳид шудааст ва аз ин рӯ мисли ранг намерезад. Ин қабат дорои сохтори ковок ва хеле ба тартиб оварда шудааст, ки ба равандҳои дуюмдараҷа, ба монанди рангкунӣ имкон медиҳад. Анодизатсия тавассути гудохтани алюминий дар ваннаи электролитии туршӣ ва аз он гузаштани ҷараёни барқ сурат мегирад. Дар дохили ваннаи электролитӣ катод гузошта шудааст ва алюминий ҳамчун анод баромад мекунад, аз ин рӯ, ионҳои оксиген аз маҳлули электролит ҷудо мешаванд ва бо атомҳои рӯйи алюминий пайваст мешаванд. Дар натиҷа, анодизатсия раванди оксидшавии хеле

назоратшаванда мебошад, ки дар табиат ба таври худкор ва хеле суст ба амал меояд.

Ҳангоми зангзании чуқурӣ сӯрохиҳои хеле хурди рӯйи мавод фазои анодӣ ва фазои атроф ба фазои катодӣ табдил меёбанд. Анод электронҳоро гум мекунад ва занг мезанад, катод электронҳоро мегирад ва барқарор мешавад. Махсусан, агар мо дар хӯла оҳан дошта бошем, онҳо хислати байниметаллӣ ба вуҷуд меоранд, ки хусусияти катодӣ дорад ё агар мо дар хӯла зарраҳои боришоти фазаи дуюмдараҷа дошта бошем, махсусан мис, ки аксепторҳои электронӣ мебошанд, мобайни маводро мехӯранд ва дар он ҷо ионҳои хлор ҷамъ шуда, шиддатро зиёд мекунанд ва бо ҳамин навъи махлутшавӣ коррозия зиёд мешавад. Нобаробарӣ дар металлургӣ, ба монанди ҷамъ шудани элементҳои хӯлаи дар як қисм, фарқияти потенсиалӣ, кафшер ва табдили сохтор ин намуди зангзаниро бадтар мекунад. Ҳамзамон, ин зангзании чоҳҳо метавонанд боиси тамаркузи стресс ва нуқтаи оғози тарқишҳои хастагӣ шаванд.

Ин намуди зангзанӣ ҳангоми якҷоя кардани ду металли маводи гуногун ба амал меояд. Аз сабаби

истеъмоли зиёди алюминий дар саноат, ин раванди зангзанӣ метавонад аз сабаби набудани маводи дақиқ рӯй диҳад. Дар ин навъи зангзанӣ, ки хеле хатарнок аст, пас аз чанд вақт порча аз дарун хӯрда, пароканда мешавад. Ин зангзанӣ, ки аз ғани будани сарҳадҳои донаҳо дар элементҳои хӯла ва зангзании осонтари онҳо дар марзҳои донагӣ ба амал меояд, бештар дар хӯлаҳои алюминий рух медиҳад. Яке аз роҳҳои пешгирии ин намуди зангзанӣ пешгирии ҳаракати мис ва магний ба сарҳадҳои дона мебошад. Дар зангзании стресс дар самти перпендикуляр ба самти қувва тарқиш ба вуҷуд меояд ва дар сарҳади дона ҳаракат мекунад ва дар микроструктура он шакли барқро мегирад. Барои он ки ин намуди фишор ба амал ояд, хӯла бояд ҳассос бошад, муҳити он, ки дар он ҷойгир аст, бояд зангзананда бошад ва фишор бояд мавҷуд ва кашиш яке аз роҳҳои ҷилавгирӣ аз ин навъи зангзанӣ ин пиршавии хӯлаи дар коркарди гармӣ мебошад; то он даме, ки таҳшинҳо калон шаванд ва шиддат аз тор бартараф карда шавад. Бинобар пажӯҳиши академик Ғаниев, ҷиҳати иртиботи металлҳо ва дар алюминий ҳузур доштани се навъи онҳо

метавон хулоса кард, ки ҳама металлҳое, ки кашф шудаанд, дар мадди аввал несткунандаи ҷисми биологии худ маҳсуб мешаванд: “Дар алюминий асосан се намуди аносири шимиёвӣ мавҷуд аст, ки оҳан, кремний ва мис мебошанд ва ҳар яке аз инҳо дар муқоиса бо алюминий дорои потенсиали баланди электроди табиӣ мебошанд”[123] [1, с. 12].

Коррозия истилоҳест, ки ба бад шудани металлҳо тавассути омезиши металл бо оксиген ва дигар моддаҳои кимиёвӣ дахл дорад. Зангзанӣ танҳо дар сурати оксидшавии оҳан ва хӯлаҳои оҳан дар ҳавои хушк ё нармӣ, ки маҳсули зангзании гидрати оҳан ё оксиди оҳан аст, истифода мешавад. Ба ин металлҳо металлҳои ишқори заминӣ дохил мешаванд, ки ҳангоми оксидшавӣ ҳаҷми қабати оксиди ҳосилшуда ковок буда, ба оксиген даромадан ба қабати оксид монеъ намешавад ва оксид ба металл намечаспад. Дар ҳарорати хеле паст оксидшавӣ ба таъхир меафтад ва оксиди дар ин ҳолат

[123] Ганиев И., Умарова Т., Обидов З. Коррозия двойных сплавов алюминия с элементами периодической системы, М., “Авторское право”, - 2011, с. 12.

ҳосилшуда часпак мешавад. Алюминий филизи мулоим ва сабук аст, аммо қавӣ буда, намуди зоҳирии нуқра-хокистарранг ва қабати тунуки оксидшавӣ, ки аз таъсири ҳаво дар рӯйи он пайдо мешавад, аз зангзании минбаъда пешгирӣ мекунад. Вазни алюминий тақрибан сеяки пӯлод ё мисро ташкил медиҳад, он тағйирпазир, чандир ва ба осонӣ хам мешавад. Он инчунин хеле устувор ва ба зангзанӣ тобовар аст. Санҷиши зангзании хӯлаҳои алюминий тафтиш кардани табиати химиявии алюминийро талаб мекунад. Алюминий як металли фаъол аст, ки муқовимати он ба зангзанӣ аз пассиватсия бо қабати муҳофизатии рӯйизаминӣ вобаста аст. Дар маҳлулҳои обӣ, шароити термодинамикӣ, ки дар он қабат мерӯяд, одатан бо диаграммаи потенсиал ифода карда мешавад. Аксарияти хӯлаҳои алюминий ба зангзании атмосфераи табиӣ, оби ширин, оби шӯр, бисёр равғанҳо ва маводи кимиёвӣ, инчунин ғизо тобоваранд. Дар хунуккунакҳои фреон қубурҳои алюминий истифода мешуданд.

Хӯлаҳои силсилаи муқовимат ба зангзаниро дар оби тозаи баланд, оби табиӣ ва оби баҳр нишон медиҳанд.

Вақте ки ин хӯлаҳо бори аввал ба оби тозаи баланд дучор мешаванд, реаксияи ҳалим ба амал меояд, аммо бо гузашти вақт ва ташаккули қабати оксиди муҳофизатӣ суръати реаксия коҳиш меёбад. Хӯлаҳои алюминий ба аксари обҳои табиӣ муқовимати хуб нишон медиҳанд. Агар зангзанӣ ба амал ояд, он дар шакли чуқурӣ хоҳад буд. Ҷузъҳои асосии оби табиие, ки ба зангзании чоҳҳои алюминий оварда мерасонанд, мис, бикарбонат, хлорид, сулфат ва ионҳои оксиген мебошанд. Аксари хӯлаҳои алюминий ба зангзании атмосфера муқовимати аъло доранд. Агар қабати оксиди рӯйизаминӣ дар муҳити маҳлул ба монанди кислотаи фосфорӣ ё гидроксиди натрий, алюминий ҷойгир карда шавад, он яксон ва пайваста об мешавад. Алюминий ва хӯлаҳои он дар муқоиса бо дигар металлҳо, ба истисноии магний, анодӣ мебошанд. Дар муҳите, ки алюминий ба чуқурӣ дучор мешавад, алюминий бояд аз пайвастшавӣ бо металлҳои катодӣ пешгирӣ карда шавад. Намунаи машҳури зангзании галвании хӯлаҳои алюминий ҳангоми кор ин аст, ки онҳо бо пӯлод ё мис дар тамос бошанд ва ба муҳити намнок ва шӯр дучор шаванд. Ҳамчунин,

истифодаи мис дар зарфҳои алюминий ва гармкунакҳое, ки дар системаҳои хунуккунии об истифода мешаванд, матлуб нест, зеро мавҷудияти чанд қисм дар як миллион мис дар оби воридотӣ эҳтимоли рахти алюминийро зиёд мекунад. Мавқеи алюминий дар силсилаи галванӣ, ки алюминий ва хӯлаҳои онро нисбат ба аксари металлҳо анодноктар мекунад, боиси он мегардад, ки ин металл ҳамчун анод қурбон карда шавад ва барои муҳофизати катодӣ аз хӯлаи асосӣ истифода шавад. Дар сурати мавҷуд набудани оксигени гудохташуда ё дигар реактивҳои катодӣ, алюминий чуқур намешавад, зеро он ба потенсиали чуқуршавӣ намерасад. Кавитатсия дар маҳлулҳои нейтралӣ одатан аз оксиген ба амал меояд. Суръати чоҳшавии алюминий аз рафтори поляризатсия вобаста аст. Мисли дигар металлҳои ғайрифаъол, зангзании алюминий дар диапазони ғайрифаъол метавонад чоҳҳо бошад. Коҳиши алюминий аз ин диапазон кам мешавад ва зангзанӣ яксон ба амал меояд. Коррозияи стресс дар хӯлаҳои алюминийи рехташуда одатан бо хӯлаҳое маҳдуд мешавад, ки миқдори зиёди элементҳои хӯлаи мис, магний, кремний доранд.

Хӯлаҳое, ки қувваи онҳоро тавассути кори хунук зиёд кардан мумкин аст, нисбат ба зангзании стресс эмин мебошанд. Коррозияи фишори хӯлаи алюминийи рехташуда дар табъ аз рӯйи ҳаҷм ва вақти татбиқи фишори кашиш ва инчунин самти татбиқи фишор муайян карда мешавад. Таъсири фишор дар самтҳои гуногун бо сохтори самти ғалладона, ки дар хӯлаҳои алюминийи рехташуда маъмул аст, ба вуҷуд меояд. Муқовимат, ки аз рӯйи миқдори фишори кашиш, ки барои эҷоди тарқиш зарур аст, чен карда мешавад, ҳадди баландтаринро ҳангоми фишори додашуда дар самти тулонӣ, ҳадди пасттарин дар самти кундалӣ ва дар дигар самтҳо миёна аст. Усули стандартии санҷиш барои муайян кардани ҳассосияти зангзании стресс дар хӯлаҳои алюминийи қувват мебошад. Ба қавли Изатулло Ғаниев, зангзании хуфравӣ, ки аз ҷониби Акимов Г.В. муқаррар гардид, раванди зангзании алюминийро дар дилхоҳ минтақа рад намекунад: “Таъсири омилҳои гуногун ба зангзании сила, ки дар он вақт аз ҷониби Г.В.Акимов муқаррар карда шуда буд, дар асарҳои минбаъдаи муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ тасдиқ карда шудааст.

Бисёре аз гипотезаҳои охирин дар бораи механизми зангзании чоҳ идеяи ташаккули ҳуҷайраҳои микрогалваниро дар минтақаи оғози чоҳ рад намекунанд”[124].

Коррозия сатҳест, ки аз рӯи он зангзании маҳсулот оғоз шуда, паҳн мешавад. Ин зангзанӣ дар хӯлаҳои алюминий ва мис-никел мушоҳида мешавад. Ҳамла аз чоҳҳо бо он фарқ мекунад, ки он намуди қаҳваранг дорад ва одатан дар сарҳади донаҳо рух медиҳад. Ҳамлаҳои зангзанӣ ба пошхӯрӣ ва баъзан оббозии рӯйи он оварда мерасонанд. Анҷоми намуна ба анбори кортҳо шабоҳат дорад, ки баъзеи онҳо аз ҳам ҷудо карда шудаанд. Дар ҳарорати муайян маҳсулоти рехташудаи хӯлаҳои алюминий ба зангзании қабат дучор мешаванд, ки боиси пайдо шудани маҳсулоти ламинатӣ мегардад. Он дорои сохтори самтест, ки дар он тухмҳо дароз карда мешаванд. Ин зангзанӣ дар хӯлаҳои рехташудаи бо гармӣ коркарднашаванда хеле кам дида мешавад. Барои бартараф кардани ин мушкилот коркарди гармӣ ва хӯла

[124] Ганиев И., Умарова Т., Обидов З. Коррозия двойных сплавов алюминия с элементами периодической системы, М., “Авторское право”, - 2011, с. 45.

кардан мумкин аст. Усули стандартии санҷиш барои муайян кардани ҳассосият ба зангзании байниқабатӣ, усули санҷиши таъмидӣ барои муайян кардани деламинатсия дар хӯлаҳои алюминий мебошад. Ин усули санҷиш барои рехтани маҳсулот ба монанди табақҳо, варақҳо, экструзияҳо ва чӯбкорӣ истифода мешавад.

Муқовимат ба зангзании байнигранулярӣ тавассути коркарди гармӣ ба даст оварда мешавад, ки боиси таҳшиншавии якхела дар дохили сохтори ғалладона ё маҳдуд кардани унсурҳои хӯлакунанда, ки боиси зангзании байнигранулаҳо мегардад, ба даст оварда мешавад. Коррозияи чуқуриҳои алюминийро дар оби тоза сарфи назар кардан мумкин аст. Дар оби шӯр зангзанӣ дар шакли чуқурӣ ба амал меояд ва суръати зангзанӣ паст аст. Алюминий ва хӯлаҳои он ба зангзанӣ, зарба ва абразиш ҳассос мебошанд. Хӯлаҳои алюминий, ба монанди аксари пӯлодҳо, ба зангзании хастагӣ каме муқовимат мекунанд. Коррозияи хастагии хӯлаҳои алюминий ба таври возеҳ интракристаллӣ аст ва аз вайроншавӣ дар натиҷаи зангзании стресс, ки одатан байни гранулҳо мебошад, фарқ мекунад. Коррозияи

маҳаллии сатҳи алюминий боиси зиёд шудани фишор мегардад ва қувваи хастагӣ ва дар натиҷа мӯҳлати хастагиро хеле кам мекунад. Дар баъзе омехтаҳои об/гликол, ки ингибитори мувофиқ надоранд, зангзании якхела рух дода метавонад. Коррозияи маҳаллӣ аз шикастани қабати пассивӣ тавассути ионҳои хлорид оғоз мешавад. Бо истифода аз ингибиторҳо зангзании чуқурӣ ва чуқуриро пешгирӣ кардан мумкин аст.

Азбаски реаксияи катодӣ ионҳои гидроксидро ба вуҷуд меорад, ҷараёни ин хӯлаҳо набояд ба қадри кофӣ баланд бошад, ки маҳлулро ишкор карда, зангзании назаррасро ба вуҷуд оварад. Умуман, хӯлаҳои алюминийи дорои қувваташон баландтарин аз ҷиҳати зангзанӣ тобовартарин ҳисобида мешаванд. Ин махсусан барои хӯлаҳои дорои фоизи баланди мис ё руҳ дуруст аст. Аз тарафи дигар, муқовимат ба зангзании алюминийи соф хеле баланд аст. Пӯшидани алюминий яке аз роҳҳои баланд бардоштани муқовимат ба зангзании хӯлаи дорои қувваи баланд мебошад. Дар ин процесс ба сатхи хӯлаи дилхоҳ қабати алюминийи соф часпонида мешавад ва дар натиҷа маҷмӯи хосиятҳои

дилхоҳ ба даст меояд. Ин усул махсусан барои маҳсулоти варақ мувофиқ аст. Истифодаи маснуоти спиртдор барои тобоварй ба зангзанй нагз ба рох монда шудааст. Хӯлаҳои алкалдӣ маҳсулоти таркибӣ мебошанд, ки дар он қабати тунуки хӯлаи алюминий (анодӣ), ки одатан 5-10% ғафсии умумиро ташкил медиҳад, ба таври металлургӣ бо хӯлаи асосӣ (катод) пайваст карда мешавад, то қувва ва рӯйпӯши заруриро эҷод кунад, то муқовимати максималиро эҷод кунад.  Коррозия махсусан бар зидди чуқурӣ интихоб мекунад. Фарқи потенсиалии байни хӯлаи асосӣ ва рӯйпӯш муҳофизати катодро барои ядро таъмин мекунад. Як рӯйпӯши маъмулан истифодашаванда хӯлаи 7072 мебошад, ки дорои 1% руҳ аст ва потенсиали ҳалли -0,96 В дорад, ки нисбат ба хӯлаҳои аслӣ ба монанди 3003 ва 6951 ҳадди аққал 100 мВ анодӣтар аст. Азбаски пӯшишҳо ба ядро анодӣ мебошанд, зангзании интихобии рӯйпӯш то интерфейси байни рӯйпӯш ва ядро ба амал меояд. Комбинатсияи муқаррарии маҳсулоти спиртӣ одатан дар барномаҳои гармидиҳӣ истифода мешавад. Маводҳои алюминий барои ҷойҳои кушод ба монанди биноҳо ба

рангҳои ба зангзанӣ тобовар ниёз надоранд. Коррозияи атмосфера он қадар сахт нест, ки ба мустаҳкамии бино таъсир мерасонад. Ба ҳар ҳол, рангубори алюминӣ бештар бо мақсади ободонӣ сурат мегирад. Агар муқовимати табиии алюминий барои баъзе муҳитҳо кофӣ набошад, пас роҳҳои баланд бардоштани муқовимати он вуҷуд дорад. Баъзе аз ин усулҳо иборатанд аз: рӯйпӯш бо алюминий, анодизатсия ё электропластика, рӯйпӯши сахт ва муҳофизати катодӣ. Ғафсшавии қабати оксид ва рӯйпӯшҳои органикӣ дар ин усул барои муқовимати баланд ба зангзании қабати пӯшиш, ки фавран дар сатҳи алюминии нав бурида ба вуҷуд меояд, истифода мешавад. Тавре ки қаблан зикр гардид, ин қабат омили табиии муқовимат ба зангзании ин металл мебошад. Дозинг аслан як намуди ғафсшавии қабати оксиди то чанд ҳазор маротиба аз қабати оксиди табиӣ мебошад. Анодизатсия як усули электрикӣ мебошад, ки навъҳои гуногуни он асосан аз рӯйи маҳлул, ки дар он металл коркард мешавад ва ғафсии қабати оксиди ҳосилшуда фарқ мекунад.

# МУОСИРИЯТ

**Касе ки илмро дорост, дар ҳеҷ сурат ниёзе ба дин надорад.**

**Иоганн Волфганг Гёте**

**Илми бузург шод зистани ин аст, ки фақат дар замони барои худ муосир зиндагӣ кунем.**

**Пифагор**



Зимни баррасии раванде, ки бо унвони муосирсозӣ муаррифӣ мешавад, диди уламо дар дохилу хориҷи кишвар мухталифанд. Ҷиҳати таҳқиқи масъала яке аз онҳоро интихоб карда, сайъ намудем афкори илмии ӯро барои аксар ҳаммеҳанони хеш ошно созем. Мунтахаби олимон доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистион  Усмонзода Хайриддин Усмон аст, ки муҳтавои муосириятро дар маънии “беҳтар аз ҳама”, “беҳтар аз пешина” ва “танҳо ба ҳозира хос” дарк карда, зимни баррасии илмии муосирият эътироф мекунад, ки

дар фалсафаи иҷтимоӣ чандин маънии вожаи мазкур пазируфта шудаанд: “1) муосирият – яъне дар зинаи инкишофи саноати сармоядорӣ қарор доштан ва ё ин марҳилаи инкишофро тай намудани ҷомеаҳо. Дар ин маврид таъкид мегардад, ки мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дар сафи пеши кишварҳое, ки ин марҳиларо пушти сар намуданд, қарор доранд... 2) муосирият – яъне бо пайравӣ аз намунаи рушди кишварҳои аврупоӣ ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи худро ба роҳ мондани кишварҳои ғайриғарбӣ... 3) муосирият – яъне табиӣ ҷараён гирифтани ҳаёти ҷомеаҳо дар марҳилаи муайяни замони нуҷумӣ, ки новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ ва сатҳи рушдашон ба ҳолати имрӯза алоқамандӣ дорад... 4) муосирият – яъне дар заминаи алоқамандии дастовардҳои тамаддуни саноатӣ ва анъанаҳои худӣ дар сатҳи “беҳтар аз пешина” ва хос ба ҳозиразамон ташкил намудани ҳаёти ҷамъиятӣ”[125].

Усмонзода Х.У. ҷиҳати пайванди ҳувият бо муосирият иктифо карда, номуайяниро бо такя бар андешаҳои уламои русзабон чун В. Г. Федотова, В. А. Калпаков ва

[125]Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, Душанбе, “Дониш”, - 2020, саҳ. 29.

ғайра шарти зарурии замони муосир ва ба вижа барои насли нав пешбинӣ мекунад: **“...**Вақте ки фард мустақил мешавад, ӯ ҷойи пештараи худро дар низом аз даст медиҳад ва муайянии навро пайдо намекунад. Ӯ маҳкум ба номуайянӣ мегардад. Барои ӯ қисмати худро назорат кардан сода нест, ӯ бовариро ба ҳувияти хеш, ки барояш тавассути мақоми иҷтимоӣ ё ҷойгоҳаш дар мартабаи муносибатҳои ҳокимиятӣ ба даст омада буд, гум мекунад. Вале маҳз масъалаҳои марбут ба ҳувияти фарҳангӣ ва ваҳдати иҷтимоӣ дар заминаи бархӯрдҳои таърихӣ дар Аврупо роҳро барои густариши муосирият боз намуданд. Миллат ҳамчун умумияте ташаккул меёбад, ки дорои мушахассот дар шакли ҳувияти миллӣ аст. Ваҳдат ҳамчун посух ба талоши густаришёбии муосирият инкишоф ёфт. Муосирият фардро аз табиат, аз мадори алоқаҳои пешкашнамудаи ҷомеа бо дигарон озод намуд”[126]. Дар воқеъ, яке аз падидаҳои асосии илми ҷомеашиносӣ дар замони муосир ҷаҳонӣ шудани фарҳангҳо ва тамаддунҳост. Муҳаққиқони ҷаҳонишавӣ ин равандро шарҳҳои мухталиф дода, оғози онро аз

[126] Ҳамон ҷо, саҳ. 43.

солҳои 80-уми садаи гузашта пиндоштаанд. Минбаъд ҷаҳонишавӣ ба илм ворид гардида, аз мавзуҳои асосии он мубаддал гардид.

Усмонзода Х.У. масъалаи имрӯзикунонии ҷомеаи шаҳрвандиро дар китоби "Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ" чунин баррасӣ кардааст: "... кӯшиши имрӯзикунонии ҷомеа ҳамон вақт раванди аҳлониро касб мекунад, ки агар он тавонад сармояи иҷтимоӣ ва менталитети имкони қабулу бозтавлиди навоварҳо доштаи мардумро чӣ дар соҳаи иқтисодию сиёсӣ ва чӣ иҷтимоию фарҳангӣ самаранок истифода барад. Дар алоқа бо ин саволе пайдо мешавад, ки оё анъанаҳои фарҳангии мо метавонанд бо навовариҳои тамаддуни муосир (технологияи нави сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғ.) сари кор дошта бошад, зеро маҳз онҳо замонати имрӯзикунонии ҷомеаро ба душ доранд. Барои мо дар роҳи дарки ин масъала омӯзиши таҷрибаи имрӯзикунонии соири ҷомеаҳои Осиёро омӯхтан мувофиқи мақсад аст"[127].

---

[127] Усмонзода Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйирёбии иҷтимоӣ, Душанбе, "Дониш", - 2020, саҳ. 84.

Кишварҳо ва ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ҷиҳати интихоб байни ваҳдати миллӣ ва гуногунфарҳангӣ ниёз надоранд, чунки мутобиқ ба назарсанҷиҳо ва мушоҳидаҳои роҳандозишуда онҳо метавонанд дар канори ҳамдигар зиндагӣ кунанд. Аммо чандфарҳангӣ сиёсате маҳсуб мешавад, ки ҳадафи он ҳифзи фарҳангҳо ва одобу русуму анъанаҳои ноқис аст. Барои аз байн бурдани чунин расму анъанаҳо, ки зиёиён дар буҷаи афрод доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим таҳия гардид, аммо ин санади ҳуқуқӣ аз ҷониби ашхоси манфиатҷӯ сахт интиқод ёфт. Бо вуҷуди ин, қонун расман ба тасвиб расид ва алҳол маълум мегардад, ки аксари шаҳрвандон аз бори гарони анъанаҳои сохташуда азият мекашиданд. Анъанаҳои хуб мемиранд, чунки онҳо муфид барои омма ҳастанд, лекин анъанаҳои фасодзо боқӣ мемонанд, чунки ҳузури онҳо ба манфиати гурӯҳе хоҳад буд ва агар чунин анъанаҳо аз байн раванд, пас тоифаи манфиатҷӯ мисли домуллоҳо аз суд маҳрум мешаванд. Бояд мутазаккир шуд, ки анъанаҳо дар як сурат судманд хоҳанд буд, ки аз будани онҳо халқи мазлум осеб набинад. Озодии

фарҳангӣ барои инсон имкон фароҳам меорад, ки ҳувияти фарҳангии хешро интихоб карда, ҳуқуқи дигаронро ҷиҳати таҳияи худогоҳии фарҳангӣ поймол насозад. Ҷунбишҳои фарҳангсолорӣ дар асри мо таҳдиде барои озодии фарҳангӣ ба бор оварда, мушкилиҳои пайдошударо ҳал карда наметавонанд. Афроде, ки чунин ҷунбишҳоро раҳбарӣ мекунанд, ба бартарии фарҳангии худ эътиқод доранд ва ба дунболи таҳмили идеологияи худ рафта, умри гаронмояи хешро сипарӣ мекунанд. Солҳои 90-уми садаи сипаришуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандоне, ки исломро аз соири адён бартар дониста, эътимод доштанд, ки онҳо нисбат ба дигарон ба Худо наздиктаранд, дар майдонҳои шаҳри Душанбе тазоҳурот намуданд. Таассуб ва нохудогоҳӣ онҳоро водор кард, ки ҷиҳати татбиқи андешаҳои худ дигаронро ба инобат нагирифта, аксар шаҳрвандонро маҳкум бинмоянд ва дар ин ҷода аз зӯроварӣ истифода кунанд. Ин амалҳои ношоиста то кунун аз лавҳи хотири инсонҳо зудуда нашудааст, чунки ҷабру зулм омили камбудӣ дар фарҳангдорӣ аст ва ҳар кӣ аз ҷумлаи чунин афрод маҳсуб мешавад, оқибат шармсор хоҳад шуд. Он

замон фазои кушодаи фарҳангӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ набуд ва интиқоли бархе аз аносири фарҳангӣ чун филмҳо, тасвирҳо, мусиқӣ, меъморӣ ва ғайра мушоҳида намешуданд. Фақат аз Эрон ярмаркаи фурӯши китобҳо дар санаи 1989 баргузор гардид ва пасон дукони китобфурӯшии "Алҳудо" дар маркази шаҳри Душанбе қомат афрохт, аммо агар таҳкурсии мубаллиғини илсомӣ барвақтар намебуд, ҳеҷ гоҳ бо фурӯши кутуб интиқоли инқилоби исломии Эрон дар кишвари мо роҳандозӣ намешуд. Шояд суол пайдо шавад, ки инқилоби исломӣ интиқол нашудааст, аммо шиорҳое, ки дар тазоҳуроти соли 1991 мушоҳида мешуд, ҳамагӣ шиорҳои асосии инқилоби исломии Эрон дар соли 1979 буданд. Алҳол, мубаллиғини хориҷӣ дар фурӯши силсилафилмҳои туркӣ ҳамаи меъёрҳои фарҳангиро таҷовуз намудаанд, лекин вазифаи асосии илм иборат аз ин аст, бо боло бурдани сатҳи ҳувияти фарҳангии шаҳрвандон онҳоро аз чанги аҷнабӣ раҳо кунад. Бар хилофи ин, ҷаҳонишавӣ мунҷар ба густариши доимии ҳамгирой ва баҳамоии фарҳангҳо байни мардуме мешавад, ки дар сайёраи мо сокин ҳастанд. Ҷаҳон дар

айни замон ба ҳамон андоза ниёзманди эҳтироми бештар ба ҳамгироист, ки фарди дорои ҷаҳонбинии ноқис ва таассубу ҳисси бадбинӣ онро дарк намекунад ва ҳатто барои дарк намудани чунин арзишҳо ниёз надорад. Бинобар ин, фикри бартарӣ додани худ ва фарҳангу тамаддуне, ки аз онҳо намояндагӣ хоҳед кард, басе фаҳмиши аҳмақона аст, ки инсонро дар муҳити иҷтимоӣ оқибат расво карда, чун нотавонбин дар назари ҳама муаррифӣ мекунад. Беҳтар пиндоштани худ аз дигарон василаи дунболи худ раҳнамоӣ кардани онҳост ва Алии Шариатӣ дар ин маврид менависад: "Ғарб бо бад нишон додани мо худашро ба сурати кулли бенуқсон, беайб, дорои ҳамаи имконоте, ки навъи баргузидаи башар метавонад дошта бошад, як кулли мутлақ муаррифӣ кард, ки ҳар чӣ меандешад, беҳтарин аст ва ҳар чӣ коре мекунад, коре аст, ки беҳтарин аст..."[128]. Ба қавли бархе аз ҷомеашиносони Ғарб, "яке аз далелҳои рад шудани фарҳанги бегона ин аст, ки дар чунин бархурде мавзӯи бартарии як фарҳанг ногузир матраҳ мешавад"[129]. Шояд

[128] Алии Шариатӣ. Сухане дар бораи китоб, суханронӣ дар рӯзи ифтитоҳи анҷумани китоб, Теҳрон, "Интишороти чопхуш", - 1356, саҳ. 32.

[129] Бжезинский З. Великое шахматное дела, М., АСТ, - 2018, с. 32.

барои афроде, ки собиқаи бадавӣ дошта, дар тӯли таърих ҳамеша фарҳангу тамаддуни милали ғасбгардидаро пазируфтаанд, имрӯз бартарии фарҳанге дар тафаккури онҳо нақши боризе боқӣ гузорад, аммо миллатҳое, ки фарҳанг офаридаанд, зимни ҳамгироии фарҳангҳо бартарӣ додани яке аз онҳо чандон эътимодбахш намебошад. Аммо дар замони соҳибистиқлолӣ дар минтақа ва дар ҳамсоякишварҳо ин баҳогузорӣ васеъ интишор гардид ва миллатҳое, ки таърихи начандон тӯлонӣ доранд, ба худ иҷоза доданд, ки Одам алайҳисаломро чун худ дониста, нахустин инсонҳоро ҳамтабори хеш муаррифӣ кунанд. Ин андеша, ки рӯирост таҳрифи таърих аст, бештар дар Ҷумҳуриҳои Қазоқистону Қирғизистон паҳн гардид ва олимони ин кишварҳо далелҳои маснӯӣ пешниҳод намуданд, ки миллатҳояшон қадимтарин дар сайёра маҳсуб мешаванд. Аммо ин иқдом аз нуқси ҳувияти фарҳангии онҳо мунташир шудааст, чунки агар инсон ва гузашта аз он, инсони пажӯҳишгар даъвоҳои дар таърих набударо эҷод карда, онҳоро бар худ муносиб бинад, пас ӯ дар ботлоқи нодонӣ ғутавар мебошад. Бар хилофи чунин иқдомоти

шармсорона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мероси хаттии ниёкон ба ҳамагон дастрас мешавад ва ҳадаф аз он ин аст, ки ҳар шаҳрванди кишвар бо гузаштаи худ ошно бошад ва эҳсос кунад, ки ниёкони ӯ дар гузашта соҳибфарҳанг будаанд.

Ба қавли файласуфи тоҷик Усмонзода Х.У., "фарҳангҳо на танҳо гузаштаву ҳозираро дарбар мегиранд, балки барои ояндагон низ ба мерос расида, сарнавишти минбаъдаи қавму миллатро муайян мекунанд"[130]. Мавсуф муътақид аст, ки фарҳангҳоро инсон меофаринад ва ин созандагӣ хусусияти тадриҷӣ дорад. Аммо тафаккури созандаро эҳтироми гӯшношуниде ба гузаштаи хеш маҳв месозад, чунки фард ҳамаи ормонҳои дарунии худро дар гузаштаи аҷдодӣ мебинад ва барои ӯ ақли созанда тадриҷан бо фарогирии мероси хаттии ниёкон оқибат ба хотири ҳифзкунанда табдил хоҳад ёфт. Фарҳанги мо бошад, бо гузаштаи хеш ифтихор дорад ва чун сухан аз таҳқиқ оғоз гардид,

---

[130] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, Душанбе, "Дониш", - 2020, саҳ. 166.

муҳаққиқон ғолибан ба шарҳу тафсири фарҳанги гузаштагон мепардозанд. Усмонзода низ тамоили мазкурро зикр намуда, ин ҳарфҳоро иқрор кардааст: “Омӯзиши ин масъала моро ба он рӯ ба рӯ месозад, ки дар фарҳанги мо имрӯз ҳисси эҳтироми баланд нисбат ба фарҳанги гузаштаамон мушоҳида мешавад ва ин таъсири худро дар фазои эҷоду роҳандозии ҳаёти маънавии ҷомеа аён месозад”[131]. Бо нишонаи эҳтиром ниёи худро ҷойи таҳқиқу баррасӣ ҳифз намудем ва бархе ҳамватанон дар ин амр хеле фарохтар рафта, ҳатто девонҳоро ҳифз кардаанд, аммо аз ҳифзи ҳикмати аҷдодӣ моро чӣ суд, вақте ки муҳтавои он ҳикматро надонем. Чун пажӯҳиш нест, тафаккур асли созандаро гум мекунад ва ба зеҳне табдил меёбад, ки ҳамеша аз андешаи ғайр таъсирпазир хоҳад буд. Агар фарҳанги Ғарбро баррасӣ кунем, бешубҳа хоҳем дид, ки дар он таърих ашхосе чун Мартин Лютер, Рене Декарт ва Фридрих Нитше гузаштаро бо имрӯза омезиш надода, балки имрӯзаро аз гузашта наҷот додаанд. Саввумӣ дини насрониро ба ҳайси шиканандаи

---

[131] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, Душанбе, “Дониш”, - 2020, саҳ. 173.

инсон муаррифӣ кардааст. Аввалӣ бошад, бар фарҳанги ҳамонвақтаи аврупоӣ эътироз кард ва протестантизм ҳосили ҳамон эътирозест, ки Лютер алайҳи католитсизм доштааст.

Посдорони фарҳанги миллии тоҷикон бошанд, дар гузашта барои аз қудрат рафтани намояндагони халқи хеш мусоидат карданд ва онҳоро дар ин ҷода рӯҳониёни мазҳабӣ ҳидоят намуданд, аҳли қалам бошад, бинобар авзои моддию молиявӣ ба даргоҳи аҷнабӣ рафта, онҳоро дар тазъиқу истеъмори миллати худ ҳампаймонӣ карданд ва чунин авзоъ имрӯз низ дар муҳити нашъунамои фарҳанги миллӣ ҳукумат мекунад. Имрӯз низ баъзе аз шаҳрвандони кишвари мо хориҷ аз Меҳани худ ба тахрибкорӣ машғуланд, ки намунаи олии таассуб ва хурофот аст. Дар замони муосир фарҳанги имрӯзро бо гузашта набояд муқоиса кард, агарчи бийни онҳо иртибот вуҷуд дорад, чунки муҳтавои фарҳангӣ ва масъулияти афроди соҳибфарҳанг дигар шудаанд, чунонки Усмонзода Х.У. мегӯяд: “Дар ҷомеаи воқеан мутамаддин фарҳанг на ҳамчун соҳаи фароғату дилхушӣ, балки пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи тавонои ташаккули

идеологияи миллӣ, рушди маънавӣ, муаррифгар ва муайянкунандаи мақому манзалати мамлакат дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад”[132].

Лозим ба ёдоварист, ки муҳаққиқи муосирият дар ҷодаи тағйирёбии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоисаи он бо кишварҳои дигари ҷаҳони муосир пажӯҳиши густурдаро анҷом дода, ҷиҳати баррасии раванди ҷаҳонисозии қудратҳои ҷаҳонӣ комёб гардидааст. Бояд иқрор кард, ки Хайриддин Усмонзода андешаи муносиб ба муосирсозии ҷомеаро пешниҳод карда, бурду бохти муосириятро дар дилхоҳ ҷомеаҳо баррасӣ намудааст.

---

[132] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, Душанбе, “Дониш”, - 2020, саҳ. 188.

# САНОАТИ ИСТИФОДА АЗ ПАРТОВ



Алюминий (арзиз) як унсури кимиёвӣ мебошад, ки дар ҷадвали даврии Менделеев аломати Al ва рақами атомии 13 дорад ва дар кишвари мо зимни истеҳсоли арзиз дар баробари роҳандозӣ шудани истеҳсолот боз олудашавии муҳити зист ба назар мерасад. Академики АМИТ, доктори илмҳои кимиёвӣ, профессор Ҳайдар Сафиев, ки солҳост дар корхонаи истеҳсол ва истихроҷи арзизи шаҳри Турсунзода ба коркарди партовҳои аз истеҳсоли алюминий пайдошуда машғул аст, ҷиҳати баррасии масъалаи фавқ маводи мавриди таваҷҷуҳро фасодкунандаи муҳит номида, ҳамчунин, онро дар саноати вазнин аз зумраи нодиртарин филиз ном бурдааст. Ба қавли кимиёшинос, арзиз дар саноат барои истеҳсоли миллионҳо маҳсулоти гуногун истифода мешавад ва унсури хеле муҳим дар иқтисоди ҷаҳонист,

чунки қисмҳои сохтории аз алюминий сохташуда дар саноати авиатсионӣ ва дигар самтҳои нақлиёт аҳамияти калон доранд. Инчунин, мавҷудияти ин унсури боэътимод дар сохторҳое, ки устувории вазн ва муқовимат дар онҳо заруранд, хеле муҳим аст. Алюминий як филизи мулоим ва сабук буда, қобилиятҳои зиёдеро дорост. Вазни алюминий кариб сеяки пӯлод ё мисро ташкил медиҳад ва хеле устувор ва ба зангзанӣ тобовар аст. Илова бар ин, ин элемент ғайримагнитӣ, шарорадор нест, металли дуюми тағйирёбанда мебошад. Арзиз баъд аз оҳан фоиданоктарин филиз буда, қариб дар ҳамаи соҳаҳои саноат аҳамияти калон дорад. Алюминийи соф нарм ва заиф аст, аммо метавонад бо миқдори ками мис, магний, кремний ва дигар элементҳо хӯлаҳо ҳосил кунад, ки хосиятҳои гуногуни фоиданок доранд. Ин хӯлаҳо ҷузъҳои муҳими ҳавопаймоҳо ва ракетаҳоро ташкил медиҳанд. Вақте ки алюминий дар вакуум бухор мешавад, он қабатеро ба вуҷуд меорад, ки ҳам нури намоён ва ҳам гармии радиатсияро инъикос мекунад. Ин рӯйпӯш як қабати тунуки оксиди алюминийи

муҳофизатиро ба вуҷуд меорад, ки хосиятҳои худро ба монанди рӯйпӯшҳои нуқра гум намекунад. Истифодаи дигари ин металл дар қабати оинаи телескопҳои астрономӣ мебошад.

Дар Рум ва Юнони қадим ин филизро ҳамчун устуворкунандаи ранг дар рангкунӣ ва ҳамчун бинти хуновар дар захмҳо истифода мекарданд ва ҳоло ҳам истифода мешавад, чунонки доруҳои хунгузарониро истифода мебаранд. Ҳарчанд алюминий дар ҷойи савум аз аносири фаровон дар қишри замин (18%) маҳсуб мешавад, аммо ин унсури шимиёвӣ дар ҳолати озоди худ хеле нодир аст ва замоне филизи гаронбаҳо аз тилло маҳсуб мешуд ва дар замони постмодерн низ баъзан маъдани мазкур беш аз дигарон бо арзиши муқаддам мавриди арзёбӣ қарор мегирад. Аз ин рӯ, наздикӣ ба он чун филизи саноатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд ва дар тӯли зиёда аз 100 сол дар миқёси тиҷоратӣ истифода мешавад. Дар аввал, вақте ки ин филиз кашф шуд, ҷудо кардани он аз сангҳо хеле душвор буд ва азбаски арзиз дар таркиби табиат мавҷуд аст, аз ҳама душвортарин металл ҷиҳати омодагардӣ буд. Алюминий, ки як унсури

нуқра ва чандир аст, ғолибан, чун маъдани боксит мавҷуд аст ва бо муқовимат ба оксидшавӣ, инчунин вазн ва қувваташ ҷолиб мебошад. Ба қавли кимиёшинос ва фарде, ки бевосита ба таҳқиқи партовҳои саноатӣ пардохта буд, коркарди дубораи партовҳо аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро соҳиб аст. Академик Ҳайдар Сафиев мутмаин аст, ки зимни коркарди партовҳо маводи пастсифати кимиёвӣ беҳсозӣ мешаванд: “Барои коркарди ашёи хоми алюминии кремнийи баланд, усулҳои кислотаҳо аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд, ки дар марҳилаи якуми технологӣ ҷудокунии интихобии гилхок ва кремнийро нисбатан осон мекунанд, ки ин як навъ беҳсозии кимиёвии пастсифат мебошад. Ҳангоми бо кислота таҷзия шудани маъдани алюминий қисми дорои кремний аз ҷараёни раванд хориҷ карда мешавад ва дар маҳлул асосан ҷузъҳои фоиданок истихроҷ карда мешаванд. Интихоби дурусти шароити оптималии ин марҳила умқи истихроҷи ҷузъҳои фоиданок, сарфи реактивҳо ва хароҷоти энергия ва аз ин

рӯ нишондодҳои техникӣ-иқтисодии тамоми технологияро муайян мекунад”[133].

Алюминий металли реактивӣ буда, онро аз маъданаш (боксит) бо усули редуксия ҷудо кардан мумкин нест. Ба ҷои ин, усули ҷудо кардани ин металл тавассути электролиз аст. Ин металлро дар маҳлул оксид мекунанд, баъд ҳамчун металли холис ҷудо мекунанд. Солҳои зиёд бокситро дар фториди натрий ва алюминии гудохта гузошта, гудозиши онро то 900 дараҷа паст мекарданд. Аммо имрӯз омехтаи сунъии алюминий, натрий ва фториди калсий ҷойи фториди натрий ва алюминийро гирифтааст. Маъдани боксит вобаста ба дараҷаи он бо роҳҳои гуногун коркард карда мешавад. Усули «Байер» барои боксити баланд истифода мешавад. Дар усули Байер, хокаи гилхок бо истифода аз обшавӣ дар ҳарорати нисбатан баланд истеҳсол карда мешавад. Барои бокситҳои дараҷаи паст усули "синтеризатсия" истифода мешавад, ки дар он маъдан дар якҷоягӣ бо мавод монанди оҳак, ангишт ва карбонати натрий дар

[133] Сафиев Х. Физико-химические основы комплексной переработки низкокачественного алюминийсодержащего сырья, М., - 1997.

оташдон дар ҳарорати баланд гарм карда мешавад. Маъдани боксит тавассути раванди Байер ба оксиди алюминий табдил меёбад. Барои ба вуҷуд овардани таркиби якхела ин минералро аввал омехта ва баъд майда карда, ба хок табдил медиҳанд. Ҳайдар Сафиев бинобар пажӯҳиши партовҳои саноатии марбут ба маводи пастсифати кимиёвӣ чунин натиҷагирӣ карда, оқибат ба хулосае меояд, ки зимни коркарди ашёи хом яке бар дигаре махлут гардида, дар заминаи табодули саноатӣ боз ба партов бозгашт менамоянд: "Вобастагии дараҷаи аз маҳлул бо кислотаи гидрохлорид гирифта шудани алюминий аз консентратсияи он ва давомнокии фаъолшавии механикии сиенити нефелин низ таҳқиқ карда шуд. Таъсири механикӣ баъди коркарди маъдан дар корхона аз ҳисоби зиёд шудани майдони хоси сатҳи он ва асосан аз ҳисоби вайрон шудани торҳои булурии минералҳои алюмосиликат ба амал меояд"[134].

Асои анодии ҷараёни электролиз аз карбон сохта мешавад, зеро карбон ба муқобили зангзании фторид тобовартарин мавод аст. Истеҳсол ва фурӯши ҳамаи

[134] Ҳамон ҷо, саҳ. 19.

маҳсулоти зикршуда мизони даромади сармояи кам дорад, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок нест. Ҳамчунин, дар сурати роҳандозии ин нақша ҳудуди 200 ҳазор тонна гилхок тавлид мешавад, ки ҳамагӣ 35% эҳтиёҷоти имрӯзаи дилхоҳ кишвареро қонеъ мекунад. Бинобар ин, бозгашти алюминий равандест, ки дар он пасмондаҳо ва партовҳо дар занҷири арзиши алюминий метавонанд дар маҳсулоти нав дубора истифода шаванд. Ин раванд назар ба истихроҷи алюминии нав бо роҳи электролизи оксиди алюминий хеле арзонтар аст, ки аввал маъдани бокситро аз конхо истихроҷ карда, баъд аз он бо усули Байер тоза кардан ва истифода бурдан лозим аст. Барои коркарди партовҳои алюминий танҳо 5% энергия барои тавлиди алюминийи нав лозим аст. Аз ин рӯ, тақрибан 31% тамоми алюминийи дар Иёлоти Муттаҳида истеҳсолшуда аз партовҳо коркард карда мешавад. Қисми зиёди партовҳои алюминийи коркардшуда дар зарфҳои нӯшокӣ истифода мешавад ва қисми зиёди он ба банкаҳои алюминӣ дубора коркард мешавад. Дар хӯлаҳои истифодашаванда ҳатто як қисми ками алюминийи аввалияро бо пораҳои беарзиш иваз кардан

бидуни ин ифлосиҳо, ки ба сифати хӯла таъсир мерасонанд, аз нуқтаи назари металлургия хеле арзишманд аст. Коркарди алюминий манфиатҳои зиёди экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ медиҳад. Ин раванд энергия, вақт, кам кардани хароҷот ва захираҳои гаронбаҳои табииро сарфа мекунад. Алюминийи аввалия аз конҳои боксит ва алюминийи дуюмдараҷа аз партовҳои алюминий истеҳсол карда мешавад. Ҳаҷми зиёди партовҳои алюминий ҳамеша ангезаи коркарди он буд ва аз нигоҳи ҷанбаи иқтисодӣ нигарониҳои экологӣ, уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи захираҳои алюминий дар асри гузашта аҳамияти бештар пайдо карданд.

Ҳайдар Сафиев бо дарназардошти таҳқиқоти физикӣ-химиявӣ гилхокро пояи асосии дастрас сохтани арзиз мепиндорад ва дар ин поя ба хулосае меояд, ки ҷиҳати истихроҷи нефелин ва дигар аносири шимиёвӣ ҳарорати баландтар мебояд: “Ҷузъҳои асосии лойи боксит, ки дар шароити оптималии таҷзияи кислота ба даст оварда мешаванд, каолинит ва миқдори ками оксидҳои оҳан ва кварс мебошанд. Тадқиқотҳои кристаллҳои оптикии лойи нефелин нишон доданд, ки

калсий дар ҳарорати 18 °C комилан нобуд шудааст, бинобар ин, барои таҷзияи нефелин ҳарорати баландтар лозим аст”. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи истихроҷ ва истифода аз партовҳои саноатии марбут ба арзиз ба КВД “Ширкати алюминийи тоҷик” воқеъ дар шаҳри Турсунзода иртибот дошта, тибқи маълумоти дастрасгардида корхонаи мазкур, ки дар замони Шӯравӣ сохта шудааст, иқтидори 517 ҳазор тонна фаро гирифта, айни замон беш аз 300 ҳазор тонна алюминий истеҳсол мекунад. Партовҳоро аз роҳи гуронидан, ё худ сӯзонидан ва чун ашёи хоми саноатӣ мавриди коркарди дубора қарор додан фақат имкон фароҳам меорад, ки онҳо истифода шаванд, аммо дар ҳеҷ сурат онҳоро нобуд карда намешавад, чунки дар сурати коркард аз партов боз партов тавлид ёфта, гуронидану сӯзонданашон муҳитро заҳролуд мегардонанд.

Рушди соҳаҳои саноат ва афзоиши босуръати аҳолӣ аз ҳисоби афзоиши масолеҳи истеъмолӣ ва дар натиҷа афзоиши партовҳои дурушт аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки вақтҳои охир боиси бухронҳои азими ҷомеаи инсонӣ гардидаанд. Бисёре аз саноатҳо боиси

ихроҷи ифлосшавии нав мешаванд ва дар баъзе мавридҳо боиси ихроҷи моддаҳои ифлоскунанда ба монанди моддаҳои кантсерогенӣ ва заҳролуд дар муҳити зист мешаванд. Партовҳои саноатӣ сахт, нимсахт ва моеъ буда, хеле гуногунанд. Рушди босуръати технология барои ноил шудан ба равандҳои нави истеҳсолӣ, иваз кардани маводи синтетикӣ ва пайвастагиҳои кимиёвӣ ҳаҷми партовҳои саноатиро афзоиш дод ва дар баъзе мавридҳо боиси тавлиди партовҳои хатарнок гардид. Аз ин рӯ, назорати самаранок ва идоракунии дурусти партовҳои саноатӣ барои саломатии муҳити зист ва идоракунии захираҳо аҳамияти хоса доранд. Соҳаҳо оид ба омилҳои асосии муҳити зист барои пешгирӣ ё кам кардани таъсири зараровари муҳити зист бояд дар бораи саноат ва маҳсулоти он, маводи партови дар натиҷа ба вуҷудомада ва намуди таъсири он маълумоти муфассал дошта бошанд. Алъон, дар бисьёр мамлакатҳои ҷаҳон нақшаи комплексии идора кардани партовҳои саноатӣ тартиб дода, ба амал бароварда шудааст. Дар тӯли чанд даҳсолаи охир ҷомеа ба яке аз оқибатҳои муҳимтарини рушди саноат, интиқол ва нобудсозии партовҳои

саноатӣ дучор шуд, ки қисми зиёди ифлосшавии муҳити зистро ташкил медиҳад ва таъсири харобиовари он дар эҷоди бӯҳронҳои экологӣ хеле равшан аст. Бисёр кишварҳо кӯшиш кардаанд, ки технология ва усулҳои илмии мувофиқро барои идоракунии партовҳои хатарноки худ интихоб кунанд. Бо вуҷуди ин, идоракунии партовҳои хатарнок ҳануз ҳам пеш рафта, инкишоф ёфта истодааст ва кишвари мо низ аз ин қоида истисно нест ва дар баробари рушди соҳаҳо ифлосшавиро низ назорат кардан лозим аст. Дар айни замон, дар аксари соҳаҳо системаи дурусти идоракунии партовҳои хатарнок вуҷуд надорад. Ва ин дар ояндаи муҳити зист ба мушкилоти ҷиддӣ дучор хоҳад шуд. Барои ташкили ин системаи идоракунӣ, пеш аз ҳама, муайян ва гурӯҳбандии партовҳои хатарноки дар минтақаи тадқиқот истеҳсолшуда зарур аст. Зеро донистани хусусиятҳои маводи партовҳои хатарнок ва дарозии умумии муайянкунии ин мавод метавонад ба мутахассисон дар интихоби усулҳои дурусти тозакунӣ, нигоҳдорӣ ва нобудсозии ин мавод кумак расонад.

Аморати Муттаҳидаи Араб бузургтарин тавлидкунандаи алюминий дар Шарқи Наздик аст ва ба ин соҳа 22 миллиард доллар сармоягузорӣ кардааст. Саноати алюминий дар Шарқи Наздик ба афзоиши савдои хориҷӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва тавсеаи иқтисоди минтақа тавассути васеъ кардани миқёс ва иншооти он мусоидат кард. Саҳми ин кишвар дар тавлиди умумии ҷаҳонии алюминий 3,4 дарсадро ташкил медиҳад, ки дар миёни кишварҳои тавлидкунандаи алюминий пас аз Чин, Русия ва Канада дар ҷойи чаҳорум қарор дорад. Омори кишварҳои Шарқи Наздик нишон медиҳад, ки ин минтақа ба маблағи 7,4 миллиард доллар воридот доштааст, ки дар миёни онҳо кишварҳои Арабистони Саудӣ ва Имороти Муттаҳида аз ҳама бештар воридотро ташкил медиҳанд.

Бар асоси натиҷаҳои баъзе омори нашршуда, ҳиссаи асосии истеъмоли алюминийи ҷаҳон дар солҳои 2013 ва 2025 ба Чин тааллуқ дорад. Ҳамин тариқ, ҳиссаи Чин аз 48%-и соли 2013 дар соли 2025 ба 56% мерасад. Бар асоси натиҷаҳо, интизор меравад, ки Аврупо дар соли 2025 12 дарсади истеъмоли алюминии ҷаҳонро

ташкил диҳад, ки ин фоиз дар муқоиса бо соли 2013 4 дарсад коҳишро нишон медиҳад. Ин дар ҳолест, ки тақозои Чин, Осиё, Уқёнусия ва Амрикои Лотинӣ ба истеъмоли алюминий афзоиш хоҳад ёфт, ки ин метавонад ба мавҷудияти зарфиятҳои рушди иқтисодӣ дар ин кишварҳо бошад ва дар натиҷа, дар солҳои оянда тақозо ба алюминий афзоиш хоҳад ёфт. Бинобар далели мушкилоти муҳити зист ва олудашавӣ, Чин дар пайи коҳиши иқтидори олудакунанда аст ва ҳукумати ин кишвар дар ин роҳ чораҳои ҷиддӣ андешидааст. Дар панҷ моҳи аввали соли 2018 тавлиди алюминий дар Чин 1,4 дарсад афзоиш ёфта, ба 13,6 миллион тонна расидааст. Коҳиши иқтидор дар Чин аз сабаби ифлосшавӣ метавонад маҳз ҳамон чизе бошад, ки кишварҳои ҷаҳон ҷустуҷӯ доранд.

# ГЕПАТИТИ МУЗМИН

**“Гуфт ӯ, ки Замин пуста дорад ва ин ғилоф мубтало ба беморист. Яке аз ин бемориҳо инсон ном дорад”.”**

**Фридрих Нитше**

**“Ҳеҷ чиз арзишмандтар аз бемори нест ва нодида гирифтани он низ беморист”.**

**Зигмунд Фрейд**



Ҷигар яке аз узвҳои ҳаётан муҳими бадан аст, ки барои пок кардани хун ва коркарди маводи ғизоии он ва мубориза бо сироятҳо масъул аст. Илтиҳоби ҷигар ё гепатит дар натиҷаи истеъмоли аз ҳад зиёди нӯшокиҳои спиртӣ, баъзе доруҳо ва сирояти намудҳои гуногуни вируси гепатит ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи сироятёбӣ бо вируси HBV гепатити шадид ё музмини B ба вуҷуд меояд. Ин вирус одатан ҳангоми таваллуд ва тавассути модар ба кӯдак, инчунин ҳангоми тамос бо хун ё дигар моеъҳои бадани шахси сироятшуда (тавассути алоқаи ҷинсӣ бо шахси сироятшуда ё бо истифода аз сӯзандоруи сироятшуда) мегузарад. Сироят бо вируси

гепатити В, ки бо номи HBV низ маълум аст, дар ниҳоят метавонад ба сиррози ҷигар (сахтшавӣ ва доғҳои бофтаи ҷигар) ва саратони ҷигар оварда расонад. Доктори илмҳои тиб, профессор ва узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ғиёсуддин Меъроҷов, ки соли 2022 барои силсилакитобҳояш ҷиҳати таҳқиқ ва баррасии илтиҳоби ҷигар бо ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино сазовор гардид, солҳост, ки ба муолиҷа ва пажӯҳиши бемории зикршуда машғул аст. Ба қавли пизишк ва донишманди тиб, ду намуди сирояти гепатити В вуҷуд дорад: Вақте ки шахс бори аввал бо HBV сироят мекунад, онҳо сирояти шадидро аз сар мегузаронанд. Дарвоқеъ, аз 5 беморони калонсоли гирифтори HBV 4 нафарашон аз ин беморӣ шифо меёбанд ва сироят аз бадани онҳо тоза мешавад. Масалан, дар монографияе, ки академик Ғиёсуддин Меъроҷов ба гепатити музмин ва илтиҳоби ҷигар бахшидааст, ин андеша баррасӣ мешавад: “Тадқиқот оид ба генотипҳои NDV нишон доданд, ки беморон аксар вақт бо генотипи NDV 1 мубтало мешаванд. Дар Италия, як генотип бо доираи васеи бемориҳои музмини

ҷигар алоқаманд аст. Муносибати байни 1 генотип ва хусусиятҳои ҷараёни клиникии беморӣ ёфт нашуд”[135].

Агар сироят аз бадани бемор дар давоми шаш моҳ ё бештар аз он хориҷ нашавад, бемор гепатити музмини В дорад. Гепатити музмини В боиси илтиҳоби ҷигар, мушкилоти ҷиддитар ва эҳтимолан марговар мегардад. Муолиҷаи саривақтӣ метавонад пешрафти бемориро суст кунад ва эҳтимолан мизони саратони ҷигарро коҳиш диҳад. Эҳтимолияти гирифтор шудан ба бемории музмин аз синну соли сирояти ӯ вобаста аст. Кӯдакони то 6-сола, ки ба вируси гепатити В гирифтор шудаанд, бештар ба сироятҳои музмин гирифтор мешаванд.

Дар соли 2015, тибқи маълумоти Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, 257 миллион нафар ба гепатити музмини HBV гирифтор шудаанд. Ҳамчунин, тибқи ин маълумот, дар соли 2015 гепатити В боиси марги 887 000 нафар шудааст, ки умдатан ба авҷгирии беморӣ ва густариши сиррози ҷигар ва саратони ҷигар (яъне саратони ибтидоии ҷигар) сабаб шудааст. Хушбахтона, гепатити

---

[135] Мироджов Г.К., Рахимова Х.К. Хронический гепатит и цирроз печени вируса D, Душанбе, - 2014, с. 13.

B-ро бо ваксинаҳои бехатар ва самаранок пешгирӣ кардан мумкин аст. Дар минтақаҳое, ки паҳншавии гепатити B зиёд аст, вирус одатан аз модар ба кӯдак ҳангоми таваллуд ё тавассути интиқоли уфуқӣ (таъсири хуни сироятшуда) мегузарад. Гепатити B инчунин тавассути сӯзанҳо ё сӯзандоруҳои олудашуда, татуировка бо сӯзанҳои олудашуда, дучор шудан бо хун ва моеъҳои олудашудаи бадан (ба мисли оби даҳон ва нутфа) паҳн мешавад. Аз ин рӯ, роҳҳои интиқоли HBV инҳоянд. Истифодаи ашёи ҳаррӯзаи шахсӣ, ки метавонанд бо моеъҳои бадан олуда шаванд. Масалан, зимни тарошидани риш, шустани дандонҳо, ҷавоҳироти сӯрох ва нохунгирӣ. Вақте ки кӯдак аз модари гирифтори гепатити B таваллуд мешавад, HBV ба ҳомила ҳам тавассути таваллуди табиӣ ва ҳам тавассути буридани қайсарӣ мегузарад. Аммо академик Меъроҷов далел меоварад, ки дар даҳсолаи ахир бемориҳои мазкур рушд кардаанд: “Дар даҳаи ахир, ба таври гӯшношуниде интиқол ва паҳн шудани гепатити вируси як мушкили ҷиддии пизишкӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ барои башар эҷод кардааст. Имрӯз дар ҷаҳон беш аз 700 миллион ҳомили

гепатити вирусӣ бо сирояти сӯзандору муайян карда шудааст, ки дар аксари мавридҳо онҳо сиррози музмини ҷигар ва карсиномаҳои гепатотселлюляриро ба вуҷуд меоранд. Тибқи гузориши Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, аз миёнаҳои қарни XX дар Амрико ва кишварҳои аврупоӣ гепатитҳои музмин ва сиррози ҷигар аз мақоми 10-ум ба ҷои 5-ум боло рафтааст”[136].

Сиррози ҷигар ва саратони ҷигар мушкилоти дарозмуддати сирояти HBV мебошанд. Саратони ҷигар босуръат пеш меравад ва бинобар маҳдуд будани имконоти табобат дар ин соҳа, умуман дар табобати бемор натиҷаҳои назаррас ба даст намеояд. Ҷарроҳӣ ва химиотерапия метавонад то андозае пешрафти бемориро суст кунад.

Се усули асосии ташхиси сирояти HBV вуҷуд дорад. 1. Санҷишҳои хун: Бо ташхиси клиникӣ дақиқ муайян кардани сабаби мушкилоти ҷигар ва фарқ кардани гепатити В аз гепатити аз дигар омилҳои вирусӣ ба вуҷуд омадан имконнопазир аст, аз ин рӯ барои ташхиси HBV

---

[136] Мироджов Г.К. Гепатология (Клинические очерки), Душанбе, “Истиқлол-2019”, - 2021, с. 136.

тасдиқи усулҳои лабораторӣ зарур аст. Як қатор санҷишҳои хун барои ташхис ва назорати одамони гирифтори гепатити B мавҷуданд, ки метавонанд барои ташхиси сироятҳои шадид ва музмин истифода шаванд. Санҷиши хун антигенҳои сатҳи вирусро (сафедаҳои махсусе, ки дар сатҳи вирус ҷойгиранд) муайян мекунад. Инчунин, санҷиши серологӣ барои санҷиши сатҳи вокуниши бадани шахси гирифтори HBV ё таъмини мавҷудияти масуният бар зидди вирус истифода мешавад. 2. УЗИ шикам: дар УЗИ мавҷҳои садо барои санҷидани андоза ва шакли ҷигар ва миқдори гардиши хуни ҷигар истифода мешаванд. 3. Биопсияи ҷигар: Намунаи хурди бофтаи ҷигари бемор гирифта мешавад ва ба озмоишгоҳ барои таҳлил фиристода мешавад. HBV тақрибан 30-60 рӯз пас аз сироят муайян карда мешавад. Аломатҳои ин беморӣ тақрибан дар 70 дарсади калонсолон пас аз мубтало шудан ба ин вирус ба ҳисоби миёна 90 рӯз пайдо мешаванд. Ваксинаи гепатити B омили асосии пешгирӣ мебошад. Тибқи тавсияи Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, ҳама навзодон бояд тибқи ҷадвали эмгузаронӣ ваксинаи зидди HBV гиранд.

Инчунин ҳангоми ҷимоъ ва соири амалҳои шаҳвонӣ аз усулҳои муҳофизатӣ истифода бурдан ва барои пешгирии паҳншавии ин вирус аз хадамоти боэътимоди тиббӣ истифода кардан лозим аст. Вариантҳои табобат аз рӯйи намуди гепатит муайян карда мешаванд, ки он шадид ё музмин аст. Гепатити А одатан табобатро талаб намекунад, зеро он бемории кӯтоҳмуддат аст. Агар аломатҳо бо нороҳатии зиёд ҳамроҳ шаванд, истироҳати мутлақ тавсия дода мешавад. Дар ҳолати қайкунӣ ё дарунравӣ, дастурҳои гидратсия ва ғизои пизишкро риоя бояд кард. Барои пешгирии ин сироят ваксинаи гепатити А мавҷуд аст. Аксарияти кӯдакон ба эмкунӣ аз 12 то 18 моҳа оғоз мекунанд. Ин ду силсилаи ваксинаҳоро дар бар мегирад. Ваксинаи гепатити А инчунин ба калонсолон дода мешавад ва онро бо ваксинаи гепатити В якҷоя кардан мумкин аст. Гепатити шадиди В табобати махсусро талаб намекунад. Гепатити музмини В бо доруҳои зидди вирусӣ табобат карда мешавад. Ин шакли табобат метавонад гарон бошад, зеро он бояд якчанд моҳ ё якчанд сол давом кунад. Табобати гепатити музмини В барои арзёбии вокуниши вирус ба табобат пайгирии мунтазами тиббӣ ва мониторингро талаб

мекунад. Гепатити B-ро тавассути ваксина пешгирӣ кардан мумкин аст. Доруҳои зидди вирусӣ барои табобати гепатити C шадид ва музмин истифода мешаванд. Одамоне, ки гепатити музмини C доранд, одатан бо маҷмӯи доруҳои зидди вирусӣ табобат карда мешаванд. Онҳо инчунин метавонанд барои муайян кардани намуди беҳтарини табобат ба санҷишҳои бештар ниёз дошта бошанд. Шахсоне, ки сиррози ҷигар ё бемории ҷигарро дар натиҷаи гепатити музмини C инкишоф медиҳанд, метавонанд номзадҳои трансплантатсияи ҷигар бошанд. Ҳоло ваксина барои гепатити C вуҷуд надорад. Дар айни замон ягон доруи зидди вирусӣ барои табобати гепатити D вуҷуд надорад. Тибқи натоиҷи як пажӯҳиш дар соли 2013, доруе бо номи алфаинтерферон метавонад барои табобати гепатити D истифода шавад, аммо танҳо ҳудуди 25-30 дарсади мардум шифо меёбанд. Ваксинзании гепатити B метавонад аз гепатити D пешгирӣ кунад, зеро пайдоиши гепатити D сирояти гепатити B - ро талаб мекунад. Дар айни замон ягон табобати мушаххас барои табобати гепатити E вуҷуд надорад. Азбаски ин сироят шадид аст, он одатан худ аз худ ҳал мешавад. Ба одамони

гирифтори ин навъи сироят аксар вақт тавсия дода мешавад, ки ба қадри кофӣ истироҳат кунанд, моеъи фаровон бинӯшанд, хуб бихӯранд ва аз машрубот худдорӣ кунанд. Бо вуҷуди ин, занони ҳомиладоре, ки ин сироят доранд, ба назорат ва нигоҳубини бодиққат ниёз доранд.

Академик Ғ. К. Меъроҷов аз зумраи пизишконе аст, ки мехоҳад табобати беморон бо дарназардошти истифода ва коркарди гиёҳҳои дармонбахши кишвар сурат гирад. Номбурда аз толорҳои васеъ чандин маротиб талаб мекард, ки саноати дорусозии ватанӣ бояд таҳия шуда, дар хидмати миллат қарор бигирад. Мавсуф ҷиҳати таъмин ва рушди соҳаи дорусозӣ дар мамлакат пешниҳоди қобили қабул дошта, баъзе гиёҳҳоро аз қабили “шираи камоли тоҷикӣ” махсусан дар ҷаласаҳо ёдоварӣ мекарду бо ҳасосият мегуфт, ки онро дар сарзамини Ҳинд бо иловаи тоҷикиаш бар забон меоранд. Бинобар ин, силсилакитобҳои академик Ғиёсуддин Меъроҷов ҷиҳати муолиҷаи гепатити музмин ва илтиҳоби ҷигар барои дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз созовортарин иқдомҳост, ки

дилхоҳ фарди ватандӯст барои миллати хеш анҷом медиҳад.

# САЙРИ МАЪНАВӢ БА НАСРШИНОСӢ

**“Як румони хуб ҳақиқатро дар мавриди қаҳрамони худ бозмегӯяд, як румони бад ҳақиқатро дар бораи нависандаи худ ифшо мекунад”.**

**Гилберт Кит Честертон**



Носирҷон Салимӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон чун адабиётшинос, мутарҷим, мунаққид, муҳаққиқ ва таҳлилгари низоми сиёсиест, ки дар такмилу густариши он нақши муассир гузоштааст, аммо бо вуҷуди ин, камина хостем осори илмии номбурдаро дар ин мақолаи андак мавриди баррасӣ қарор диҳем, чунки теъдоди муайяни дастхатҳо ва китобҳои нодири ба арабӣ ифшошуда маҳз бо ибтикори Носирҷон Салимӣ аввалан тарҷима ва баъдан барои доираи васеи хонандагон дастрас гардидааст. Масалан, “Тарҷимаи тафсири Табарӣ”, ки аз ду ҷилд иборат аст, ҷиҳати ошно гардонидани дастхатҳои нодири арабӣ бар муосирин

некутарин иқдоми пок буда, барои бедории ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон ва боло бурдани сатҳи ҷаҳонбинии илмии муосирин беҳтарин армуғон маҳсуб мешавад. Сабаб чист, ки аҳли Хуросон ба тарҷимаи тафсири Қуръон ниёз доштанд? Ба андешаи Н. Салимӣ, омили ба тарҷима даст доштани донишмандон ин аст, ки дар минтақа аксар одамон арабиро намедонистанд ва барои фаҳм кардани он низ иқдом наменамуданд, чунки арабӣ барои онҳо забони ғосиб маҳсуб мешуд. Гузашта аз ин, забони расмии салотини Сомонӣ порсӣ буд ва маҳз ҳамин омил сабаби таваҷҷуҳ надоштани мардум ба арабӣ мегардид. Мавсуф ба тарҷимаи осори ниёгон пардохтани доноёни вақтро дар дастури подшоҳони хонадони Сомонӣ дидааст: “Наҳзати тарҷима, ки бо дастур ва пуштибонии амирони фарзонаи сомонӣривоҷу равнақ ёфт, аз омилҳои бисёр муҳим ва дар заминасози қиёмҳои фарҳангию маънавии асри 10 буд ва дар пайрезии суннатҳои нигориши анвои гуногуни наср нақши вижае дошт. Кофист, ки аз тарҷимаҳои мансури “Калила ва Димна”, “Синдбоднома”, ки дар таҳрири қадим  маҳфуз намонда ва тарҷимаи “Таърихи Табарӣ”

ёдовар бишавем, ки дар баробари истеҳкоми пояҳои насри форсӣ-тоҷикӣ барои тарҳрезии қолабҳои жанрӣ ва меъёрҳои нигориши он роҳро ҳамвор сохт” [2, с. 73]. Аммо масъалаи ба тарҷима иртиботдоштаро канор гузошта, бо нияти дертар ба он пардохтан алҳол вокуниши ақвоми ориётаборро алайҳи ислом баррасӣ мекунем. Носирҷон Салимӣ дар монографияе таҳти унвони “Адабиёти давраи Сомониён” бартарии ҳувияти фарҳангии ориёиро бар аъроб ва боқимонда ақвоми бадавӣ иқрор мекунад, аммо мутмаин аст, ки фарҳанги ғолиб дар муқобили фарҳанги нави ҷаҳонӣ ҷиҳати рушди минбаъда имкон надошт. Лозим ба ёдоварист, ки соҳиби “Муқаддима” ва поягузори илми ҷомеашиносии ҷаҳонӣ Ибни Халдун зимни баррасиҳои фарҳангҳо ба як фикри саҳеҳ омадааст. Яъне, араб, ки бадавӣ буд, бидуни роҳандозӣ шудани аҳкоми динӣ ҳукумат карда наметавонист ва бунёди “хилофат” – у “аморат” барои онҳо бобати ғасби кишварҳо мусоид буд. Ибни Халдун муътақид аст, ки майл ба дунявият низ маҳсули тамаддун ва шаҳрнишинист, аммо ҳаёти бадавӣ инзиворо эҷод мекунад. Мавсуф ҷиҳати тафовут байни ду тарзи зиндагӣ

ба таҳқиқ пардохта, оқибат ба хулосае меояд, ки башар аз табиати худ канор рафта, тобеъ аз одоту маънавиёти хеш қарор мегирад: “Инсон сохта ва фарзанди одоту маънавиёти худ мебошад, на фарзанди табиату мизоҷи хеш” [1, с. 307]. Ба пиндори номбурда, афроди соҳибтамаддун мисли чаҳорпоёни ромгардида ҳастанд ва чун бадавии ваҳшӣ ба шаҳрнишинӣ хӯ гирад, монанд ба ҳамон сутуроне хоҳад шуд, ки башар онҳоро хонагӣ кардааст. Тозагии дигар, ки дар андешаҳои Ибни Халдун мушоҳида мешаванд, аз лаёқати ирсии миллатҳо дар умури идораи давлат мебошад ва муаллифи “Муқаддима” муътақид аст, ки барои тозиён кишвардорӣ фақат ба шеваи динӣ аз қабили паёмбарӣ ҳосил мешавад, аммо тоҷикон агар кишвардориро бо усули дину вижагиҳои мазҳабӣ роҳандозӣ кунанд, ба нокомиҳо мубтало хоҳанд шуд ва ин омилро мо дар гузашта ва имрӯзи тоҷикон мушоҳида мекунем, чунки онҳо аз аҳди бостон ба авомили дунявӣ мусоидат доштанд ва агар дар кишвардории онҳо андаке гироиш ба аҳкоми динӣ содир гардад, бегуфтугӯ қудратро бо ду дасти адаб ба ғайри худ вомегузоранд ва он одат ҳануз аз замони Исмоили Сомонӣ побарҷост, ки номбурда аз

ҳисоби тангчашмони асир сипоҳ оросту сабаби аз байн рафтани қудрати сиёсӣ шуд. Назарияи “асабият”, ки Ибни Халдун дар “Муқаддима” баён намудааст, назарияи ҳувият аст ва ҷиҳати роҳандозӣ шудани рушди фикрии муслимин ва ғайри онҳо баҳс менамояд. Бархе аз муҳаққиқин назарияи мазкурро “таассуб” пиндоштаанд, вале бо гумони ғолиб метавон гуфт, ки назарияи “асабият” – и Ибни Халдун вижагиҳои ҳувияти фарҳангиро дар замони мудерн дар бар мегирад. Ҳамчунин, ба таъбири Ибни Халдун, ҷаҳонишавӣ ҷаҳонгушоист ва ин масъала дар китоби якуми “Муқаддима” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба қавли мавсуф, бодиянишинро табиати бадавӣ ва иқлими хоси саҳронишинӣ тобовар ба гуруснагӣ карда, андаруни ӯ қаноатро эҷод намудааст: “Бодиянишинон ва ҳам шаҳрнишиноне, ки дар мазиқаву хушунат мезиянд ва аз шаҳавоту хушгузарониҳо дурӣ меҷӯянд, нисбат ба онон, ки ғарқи нозу неъматанд, диндортаранд ва ба ибодат бештар руй меоваранд, балки мушоҳида мекунем, ки аҳли дин дар шаҳрҳо ва амокини пурҷамъият андаканд” [1, с. 244]. Яъне, шаҳрҳо ва дигар марокизи

тамаддунӣ дар тафаккури дунявӣ перостаанд ва муҳити он ҷо ҷиҳати эҳёи фикри динӣ созгор нест, чунки фикри динӣ ғолибан, дар пероял қаноат, тaассуб ва канор рафтан аз хушиҳои инчаҳон зуҳур карда, оқибат хилватгузинӣ ва тарки ҷамъиятро василаи иртибот бо Холиқ медонад. Ин монандиро дар табиат низ мушоҳида мекунем. Масалан, пингвинҳои Антарктида бинобар сармои шадид ончунон муттаҳиданд, ки байнашон ихтилоф ҷустан аз ҳамоқат мебошад, аммо уқоб, ки ниёз ба ҷамъи ҳамнавъон надорад, аз дигар ҳамнавъонаш канор рафта, фаъолияти хешро дар танҳоӣ созмон додааст.

Носирҷон Салимӣ ин бархурдҳои фарҳангиро дар заминаи зӯроварии хос ба қавми саҳронишин чунин ба қалам овардааст: “Арабҳо бар замми васоити мухталифи зӯроварӣ роҳи фишори иқтисодиро ҳам пеш гирифтанд. Касе исломро қабул намекард, бояд ҷизя ва хироҷ медод. Ин қисм рӯҳониёни зардуштию адёни дигар ва аҳли хонадонҳои қадимӣ буданд, ки ба ин восита русум ва фарҳанги ниёгони худро маҳфуз медоштанд. Бо ҳиммати пешвоён ва рӯҳониёни ин табақа дар ду-се асри аввали

исломият тадвину ҷамъоварии ахбори қадим, таълифи китоби мазҳабӣ ва тадорукоти дигар дар ин замина идома ёфт, ки намунаи то ба имрӯз расидани онҳо дар ҳамон замон таълиф шудааст" [2, с. 33]. Гузашта аз ин, Носирҷон Салимӣ ба ҳайси адабиётшинос мутмаин аст, ки омили асли зуҳур ва паҳн гардидани наҳзати шуубия маҳз таассуб ва нобаробарии иҷтимоӣ будааст. Ҳамчунин, ниёгони мо он ҳангом диданд, ки таассубу зӯргӯиву зӯроварӣ ғолиб аст, осори паҳлавиро бо лисони бадавиҳоким тарҷима карданд ва академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон теъдоди муайяни ашхоси мутарҷимро ёдоварӣ мекунад, ки ҷиҳати ҳифзи мероси хаттии ниёгон ба ин кор даст бурдаанд. Махсусан, ба қавли номбурда машҳуртарин тарҷумони осори паҳлавӣ он вақт Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ (Рӯзбеҳ писари Додуя), хонадони Навбахтиҳо, писарони Холид – Мусо ва Юсуф, Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ, Ҳасан ибни Саҳл, Аҳмади Балозурӣ, Исҳоқ ибни Язид, Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ буданд, ки тавассути тарҷимаи осори ориёиҳои қадим фикри навро дар миёни муслимини садри ислом эҷод намуданд ва таносуби дунёву охиратро

бо дарназардошти андешаи ориёиҳои аҳди бостон нигаҳ доштанд, вагарна фикри сомӣ дар тамаддуну тафаккури исломӣ ҷой гирифта, маслаке чун масеҳӣ аз ислом бунёд мегашту солиси салоса аз дини тарсо ба ислом интиқол меёфт. Аз ҷониби дигар, тарҷимаҳои асарҳое чун “Худойнома”, “Корномаи Ардашери Пупак”, “Ёдгори Зарирон”, “Менуи хирад” ва қабл аз ҳама “Абасто”, ки дигарбора дар замони ғасбкориҳои арабҳо сӯзонида шуд, эҳёи фикри миллиро дар тоҷикон ба вуҷуд овард ва месазад ин андеша изҳор шавад, ки то кунун андешаҳои ориёӣ байни тоҷикон тавассути ҳамин тарҷимаҳо боқӣ мондаанд. Ғайр аз ин, бо кумаки эрониҳо насри арабӣ тавлид ёфт, агарчи муҳаққиқ бар ин бовар аст, ки то ғасбкориҳои араб ду навъи наср мавҷуд будааст: “Бино ба таъйиди донишманди эронӣ Муҳаммади Муҳаммадӣ дар ҷомеаи тоисломии аъроб ну навъи наср мутадовил буд: яке насри мусаҷҷаъ ва дигар насри содда... аммо насри ҳирфаии арабӣ дар садаҳои VII ва VIII ба вуҷуд омад, ки бунёдгузорони он нависандагони ориётабор Абдулҳамиди Котиб ва Ибни Муқаффаъ эътироф шудаанд” [2, с. 39]. Носирҷон Салимӣ таваҷҷуҳро ба

Ибни Муқаффаъ кам накарда, бо дарназардошти сарчашмаҳои арабиву порсӣ исбот менамояд, ки анвои насри муосирро мавсуф эҷод карда, алъон онро насри мурсал пиндоштаанд: “Насри Ибни Муқаффаъро, дар он ҳусн ва матонати калом дар мавқеъи мувофиқи қавоиди дастурӣ қарор дорад, насри мурсал мавсум кардаанд. Ҷолиб ин аст, ки тамоми осори Ибни Муқаффаъ ба як сабк ва ба як дастуру тартиб иншо шудааст... шеваи нигориши Ибни Муқаффаъ бо он тафовут мекунад, ки ӯ дар ироаи мазмун ва сабки иншо комилан мустақил буда, андешаи суханвариаш ҷомеътар аз гуфтори дигарон аст, ки он хоси балоғати сухан, инсиҷоми маънӣ ва камоли ҳунару андешаи ӯст” [2, с. 42].

Дигар аз андешамандони неруманди порсизабону ориёиасл Бӯалии Синост, ки як рисолаи ӯро бо унвонии “Ҳай ибни Яқзон” Носирҷон Салимӣ ёдовар шуда, сабки нигоришро дар ин рисола муҳаққиқ мешавад, аммо насри фалсафии мансуб ба Бӯалӣ Сино дар таълифоти тиббӣ чашмрас мебошад ва муҳаққиқ дар ин маврид иктифо намудааст: “Забон ва тариқи андешаи муаллиф дар қиссаи “Ҳай ибни Яқзон” бо вуҷуди мазмуни

ирфонии он бо оҳанг ва равиши фалсафии ироаи матлаб тафовут мекунад. Қиссаи мазкур аввалин осорест, ки дар он сайри ақл сурати воқеъии рамзӣ гирифтааст” [2, с. 78].

Ба қавли адабиётшинос, насре, ки дар таълифи “Осору-л-боқия” мушоҳида мекунем, насри илмӣ аст ва Абурайҳони Берунӣ аз соири пажӯҳандагон чӣ дар гузашта ва чӣ дар оянда ба тафаккури илмӣ беш аз дигарон наздикӣ доштааст. Аммо академик Носирҷон Салимӣ дар вазифаҳоли масъули давлатӣ муваззаф гардида, риояи қатъии қонуни меҳнат ва меъёрҳои адабиро аз зердастон талаб менамудаанд. Ба вижа, надонистани хатти арабӣ ва мутолиа карда натавонистани настаълиқ барои ӯ ҷанбаи манфии омӯзгорон ва олимони кафедраи “Назарияи адабиёт” буд. Бинобар ин, ҷиҳати дастрас намудани дастхатҳои нодир ба шаҳрвандон тарҷима ва баргардонии матнро аз инсоне, ки хешро донишманд маҳсуб медонист, иқтизо дошт. Махсусан, зимни роҳбарӣ доштан дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, Носирҷон Салимӣ ҷиҳати фаро гирифтани хат даъват менамуд, чунки бо иллати надонистан мо наметавонем чизеро баҳогузорӣ кунем,

агар онро надонем ва маҳз ҳамин надонистан, ки вижагиии аслии ҳувияти фарҳангии дилхоҳ ҷомеа дар замони постмодернизм гардидааст, моро ба нохудогоҳӣ даъват мекунад.

Дар интернет мавриди фаъолияти академик Носирҷон Салимӣ суханҳои умумӣ бисёранд, аммо ин матлаби зер моро хуш омад ва онро хостем дар маърази пажӯҳиши хонандагон қарор диҳем: “Дар маҷмӯаҳои илмӣ, маҷаллаю рӯзномаҳои ватанию хориҷӣ бештар аз 200 мақолаи мавсуф роҷеъ ба масъалаҳои муҳими таърихи адабиёти тоҷик, хоса тадқиқи вижагиҳои услубӣ ва махсусияти анвоъи мутадовили насри классикии форсу тоҷик, инчунин нақду баррасии насри муосир ва амсоли он ба табъ расидаанд. Дар нашри ёдгориҳои хаттии асрҳои миёна, аз ҷумла “Ҳазору як шаб” (ҷилдҳои 1-2), “Сомониён дар оинаи таърих”, “Шукӯҳи наср дар аҳди Сомониён” (дар ду ҷилд), “Сафарнома”-и Носири Хусрав, “Тарҷумаи тафсири Табарӣ” нақши муҳим гузоштааст. Зери раҳнамоии Носирҷон Юсуфзода тӯли солҳои 2008-2009 дар ду муҷаллад ”Донишномаи Сомониён” таҳия ва ба дасти чоп расид, ки зиёда аз 2

ҳазор мақолоти марбут ба таъриху фарҳанг, адабиёт, ҷуғрофиё ва мазҳабу ирфонро дар ин аҳди шукӯҳманди таърихӣ фаро мегирад. Осори нависандагони рус ва булғорро бо номҳои “Фикри ҳар кас ба қадри ҳиммати ӯст” ва “Ҳикояҳои А.П.Чехов”-ро тарҷума намудааст. Ҳамчун сарвари Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Носирҷон Юсуфзода дар таҳкими пояҳои моддиву техникии раванди таълим ва тадқиқоти илмӣ, тарбияи кадрҳои илмиву омӯзгории соҳибунвон, бунёди маҷмааи варзишии “Хуррамшаҳр”, такмили сохтмони бинои таълимӣ, бо манзил таъмин намудани устодон, тармиму таҷдиди хобгоҳҳои донишҷӯён саҳми бориз гузоштааст. Дар канори ин, дар бунёди бинои нави китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нахустин сарвари он нақши назаррас дорад. Бо раҳнамоии Носирҷон Юсуфзода то кунун дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон чандин осори адабиву таърихномаҳо ба дасти чоп расидаанд, ки аз ҷумлаи онҳо “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ, “Сабкшиносӣ”-и Муҳаммадтақии Баҳор, китобшиносии “Наврӯз” ва амсоли ин мебошанд”.

Фаъолияти Носирҷон Салимӣ дар Донишгоҳи Хуҷанд, Донишкадаи давлатии забонҳо, Китобхонаи миллӣ ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ гувоҳ аст, ки академик ба ҳайси роҳбар зердастонро ба фарогирии мавод ва мероси гаронбаҳои хаттӣ даъват менамудааст. Дар ҳамин замина низ китоби басе муфид бо унвонии “Тарҷимаи тафсири Табарӣ” ҳам баргардон шуда, сипас дар нашрияи “Нури маърифат” нашр гардидааст. Дигар китобе, ки ҳар як адабиётшинос онро бояд мутолиа карда, дар заминаи донишҳои луғавӣ мақола ва монографияҳояшро такмили матнӣ бинмояд, албатта “Сабкшиносӣ” аст, ки муаллифи он муҳаққиқ, шоир ва нависандаи номовар Маликушшуаро Муҳаммадтақии Баҳор ҳастанд ва донишҳои мухталиф, ки дар китоби мазкур матраҳ мешавад, на танҳо афзояндаи хирад, балки сатҳи олии ҷаҳонбинии илмиро баррасӣ мекунад. Бинобар ин, баргардон шудани ин китоб бо дастури Носирҷон Салимӣ айни муддао буда, дастрасиаш ба аксар ҳаводорони илму адаби порсӣ аллакай хушхабар аст.

# ТАҲҚИҚИ ҶИРМҲОИ ОСМОНӢ: ЧАРО ОНҲО БА ЗАМИН МЕБОРАНД?

**“Ҷисми комилан сангине, ки Замин аст, маркази курае дар ҳоли ҷазбият мебошад”.**

**Ибни Рушд**



Мушоҳида ва таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ фақат аз тариқи расадхонаҳо сурат мепазирад ва чунонки дар гузашта ниёгони мо ба ин фаъолият машғул будаанд, ҷойи баҳс нест, аммо пойгоҳҳои астраномии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар замони муосир он корҳоеро анҷом додаанд, ки астрофизикаи ҷаҳонӣ бо шуниданаш ангушти ҳайрат мегазад. Дар ҶШС Тоҷикистон астрафизики машҳур ва барои пиру барно ошно Пулод Бобоҷонов буданд, ки таҳқиқоти илмии номбурда идомаи ҳамон донишҳои нуҷумшиносони қадим маҳсуб мешавад ва ҳамин омил боис шуд, ки мавсуф яке аз шинохтатарин астрофизикҳои Шӯравӣ мавриди арзёбӣ

қарор гирифтааст. Фаъолияти давраи шӯравии академикро муҳаққиқон чунин баррасӣ намудаанд: “Воситаҳо ва усулҳои нави техникӣ имконият доданд, ки дар муддати дуру дароз ҳисобҳои ададии элементҳои мадори кометаҳо, астероидҳо ва ҷараёни метеорӣ анҷом дода шаванд. Меҳнати бузургу пурҷушу хуруш самараи калон бахшид. Пулод Бобоҷонов ва шогирдони ӯ дар бораи шакли борони метеорӣ ва динамикаи борони метеорӣ тасаввуроти тамоман нав пайдо карданд, ки ҳар як борони метеорӣ то 8 бориши метеории нурҳои гуногун ба вуҷуд оварда метавонад”. Гузашта аз ин, зимни баҳогузории илмии фаъолияти Бобоҷонов бархе аз астрофизикҳои муосир бар худ иҷоза додаанд, ки мавсуфро бунёдгузори астрофизикаи тоҷик дар ҷумҳурӣ эълон кунанд: “Бобоҷонов дар Тоҷикистон мактаби калони астрофизикҳоро ба вуҷуд овард. Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ 4 рисолаи докторӣ ва 9  рисолаи номзадӣ омода ва дифоъ шудааст. Ба шарофати фаъолияти пурҷушу хуруши ӯ Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон калонтарин маркази татқиқи моддаҳои метеоритҳои байнисайёравӣ гардид”.

Бо дарназардошти он меъёрҳое, ки барои рисолаи мазкур чун сабки нигориш қарор додем, зарур медонем ба таҳқиқи дастовардҳои илмии мавсуф гузашта, ҳамзамон ошкор кунем, ки чаро академик Бобоҷоновро пиру барно ва орифу оммии кишвар чун олими астрофизик эътироф мекунанд. Ба вижа, номбурда дар монографияи ихтисосиаш чунин менигорад: "Таваҷҷуҳи афзояндаи илмие, ки дар ҳоли ҳозир дар кометаҳо ва астероидҳо ва маҳсулоти пӯсидаи онҳо - метеоритҳо зоҳир мешавад, аз он сабаб аст, ки тибқи консепсияҳои муосир думдорону астероидҳо боқимондаҳои ҳайюлоест, ки сайёраҳои системаи офтобиро тарк мекунанд. Онҳо 4,5 миллиард сол пеш тавлид ёфта, густариш ёфтаанд, аммо бинобар сабаби кам будани массаашон таркиб ва хосиятҳои физикӣ-химиявии ҷисмҳои хурд тақрибан ҳамон тавре боқӣ монданд, ки дар давраи ташаккули системаи сайёраҳо буданд"[137].

---

[137] Бабаджанов П.Б., Кохирова Г.И. Метеорные потоки астероидов, пересекающих орбиту Земли, Душанбе, "Дониш", - 2009, 185 с.

Ба қавли Бобоҷонов, фақат ҳамон ҷирмҳои осмоние астероид нобурда мешаванд, ки бо таъсиргузории садсолаҳо кураи Заминро убур мекунанд ва то 5 сентябри соли 2008 5530 астероид ба қайд гирифта шудааст: "Астероиди наздики Замин як сайёраи хурде мебошад, ки дар мадор ҳаракат мекунад, ки дар зери таъсири ихтилоли дунявӣ метавонад аз мадори Замин ва барои ин аз масофаи перигелионии мадор гузарад"[138].

Мутахассисон ҷисмҳои осмониро, ки аз наздикии Замин мегузаранд ва имкони бархурд ба сайёраро доранд, муайян ва пайгирӣ мекунанд. Астероид ба далели он ки аз наздикии мадори Замин убур мекунад, моддаи эҳтимолан хатарнок маҳсуб мешавад, аммо дар ҳоли ҳозир номи ин ҷисми осмониро ба феҳристи ҳодисаҳои эҳтимолии таъсиргузор ба ояндаи Замин ворид накардаанд. Ин система тамоми ҷирмҳои осмониро, ки имкони бархурд бо замин доранд, назорат мекунад ва онҳоро аз рӯйи эҳтимоли бархурд ва таъсир ба ояндаи Замин дар 100 соли оянда гурӯҳбандӣ мекунад. Ин бузургтарин астероид аст, ки дар ду моҳи оянда аз

[138] Ҳамон ҷо, саҳ. 9.

наздикии Замин убур мекунад, аммо он бузургтарин астероид нест, ки то кунун ба Замин наздик шудааст. Астероиди 3122 Флоренс, ки бо номи 1981АТ3 низ маъруф аст, бузургтарин объектест, ки аз наздикии мадори Замин убур кардааст. Ин астероид 1-уми сентябри соли 2017 аз наздикии мадори Замин гузашт, ки хушбахтона ба Замин барнахурд. Астероиди 3122 Флоренс 2 сентябри соли 2057 дубора аз мадори Замин убур мекунад. Андозаи ин астероид тақрибан панҷуним милро ташкил медиҳад. Тадқиқотҳои дастрас нишон медиҳанд, ки бо эҳтимоли 1 дар 50 000 эҳтимол аст, ки астероиди ин андоза дар 100 сол як маротиба ба замин бархурад. Ҷирмҳои гуногуни осмонӣ пайваста ба сӯйи сайёраи мо ҳаракат мекунанд ва бархурди метеоритҳо бо Замин ҳодисаи камёфт нест. Донистани андоза ва мадори астероид барои муҳаққиқон як мушкили ҷиддӣ аст, зеро он имкон медиҳад, ки рафтори астероидҳои наздик ба Заминро пешгӯӣ кунад. Яке аз падидаҳои ҷолиби табиат ва осмонӣ метеорҳо мебошанд. Мо шабона метеорҳоро мебинем ва аз зебоии онҳо лаззат мебарем, чунки метеорит (ба забони инглисӣ: Meteorite) ё метеорит як пораи сахтест, ки аз ҷисмҳое мисли думдор, астероид ё

метеорит боқӣ мондааст, ки аслан дар фазои берунии атмосфераи Замин ба вуҷуд омадааст. Вақте ки масса ба атмосфера ворид мешавад, омилҳои гуногун, аз қабили соиш, фишор ва таъсири мутақобилаи кимиёвӣ бо газҳои атмосфера боиси гарм шудани масса ва пароканда шудани энергияи он мегардад. Баъдан ин ҷисм ба метеорит мубаддал мешавад ва дар як муддати кӯтоҳ шуълаеро ба вуҷуд меорад, ки онро ситораи тирандоз низ мешиносанд. Астрономхо мисоли равшани ин ходисаро Азарговй меноманд. Ҳар рӯз тақрибан 50 тонна метеоритҳо ба атмосфераи замин ворид мешаванд ва аксари онҳо дар мезосфера бухор мешаванд. Метеоритҳо асосан аз санг ва металл сохта шудаанд. Вақте ки ин ашёҳо ба атмосфераи замин ворид мешаванд, онҳо аз сабаби паҳнои калонашон аз атмосфера гузашта, дар паси кушодаиҳо ва баландиҳои гуногун боқӣ мемонанд. Онҳоро инчунин барои дарёфти сохтори химиявии қитъаҳои гуногуни сайёраи Замин ва дигар сайёраҳои санглох истифода бурдан мумкин аст. Баъзе метеоритҳо, ба монанди навъҳои сангини онҳо, танҳо миқдори ками металл доранд, аммо онҳо магнити бо ресмон овезонро ба сӯйи худ ҷалб мекунанд, аммо истисноҳо вуҷуд

доранд. Астероид як ҷисми хурди санглохест, ки дар атрофи Офтоб давр мезанад. Метеорит як пораи хурди астероид ё комета аст, ки ҳангоми сӯхтан ба атмосфераи Замин ворид мешавад. Бархе аз сангҳои осмоние, ки ба Замин расидаанд, пораҳои кометаҳо, баъзеи дигар аз астероидҳо ва баъзеи онҳо ҳатто аз Моҳ ва дигар сайёраҳо мебошанд. Баъзе метеоритҳо санглох ҳастанд, дар ҳоле ки дигарон металлӣ мебошанд ва баъзеҳо омехтаи санг ва металл мебошанд. Вақте ки метеоритҳо бо суръати баланд ба атмосфераи Замин ё сайёраи дигаре мисли Миррих ворид мешаванд ва сӯхта мешаванд, онҳоро метеорҳо меноманд, ки мо онҳоро комета низ меномем. Баъзан метеорҳо ҳатто метавонанд аз Зуҳра равшантар пайдо шаванд, ки мо онҳоро тӯби оташ меномем. Олимон тахмин мекунанд, ки ҳар рӯз ба рӯйи Замин тақрибан 48,5 тонна (44 000 кг) маводи метеорит меафтад. Ҳар шаб одатан дар ҳар соат якчанд метеорҳо дида мешаванд. Борони метеорӣ вақте ба амал меояд, ки дар осмон метеорҳои зиёд мавҷуданд. Баъзе борони метеорӣ ҳар сол ё давра ба давра ҳангоми гузаштани замин аз партовҳои ғубори думдор (ё дар

баъзе мавридҳо астероид) ба амал меоянд. Ин метеоритҳо порчаҳои метеоритҳо мебошанд ва маъмулан дар байни сангча ва як мушт андоза ҳастанд. Интизор нашавед, ки пас аз борони метеорӣ сангҳои осмонӣ пайдо кунед. Аксари боронҳои метеорӣ аз кометаҳо меоянд, ки маводи онҳо хеле нозук мебошанд ва умуман, пас аз ворид шудан ба атмосфера пораҳои хурди думдор зинда намемонанд ва аз онҳо чизе боқӣ намемонад.

Фарқ кардани метеорит аз санги оддӣ танҳо аз рӯйи намуди зоҳирии онҳо дар аксари қисматҳои ҷаҳон хеле душвор аст, аммо баъзе ҷойҳои махсусе ҳастанд, ки дар онҳо муайян кардани сангҳо хеле осонтар аст ва ин ба ҷуз биёбонҳо нест. Дар биёбонҳои хокӣ бо майдонҳои кушод, сангҳои осмонии торикро ҳамроҳ бо қум ва баъзе сангҳо дидан осон аст. Ба ҳамин монанд, дидани сангҳои осмонӣ дар биёбонҳои сард ва яхбаста ба монанди даштҳои яхбастаи Антарктида хеле осонтар аст. Метеоритҳое, ки ба Замин меафтанд, маводи гуногунеро, ки миллиардҳо сол пеш сайёраҳоро ташкил медоданд, муаррифӣ мекунанд. Бо омухтани метеоритхо мо дар бораи шароит ва раванди ибтидоии таърихи системаи

Офтоб шинос шуда метавонем. Ин маълумот синну сол ва таркиби сохторҳои гуногуни сайёра, ҳарорати дар рӯйи замин ва дохили астероидҳо ба даст овардашуда ва миқдори фишори моддӣ аз таркиши бузург дар гузаштаро дар бар мегирад. Метеоритҳо метавонанд ба сангҳои Замин монанд бошанд, ба истисноии он ки намуди берунии онҳо одатан сӯхта ва тобнок аст. Қабати синтези метеоритҳо вақте ба вуҷуд меояд, ки сатҳи берунии метеорит ҳангоми аз атмосфера гузаштан об мешавад. Се намуди асосии метеоритҳо мавҷуданд: метеоритҳои оҳанӣ, метеоритҳои сангин ва метеоритҳои оҳании сангӣ. Ҳарчанд аксари метеоритҳое, ки ба рӯи замин афтодаанд, сангинанд, аммо аксари метеоритҳое, ки пас аз расидан ба замин хеле зиёд кашф шудаанд, оҳан мебошанд. Метеоритҳои оҳанӣ назар ба метеоритҳои сангӣ вазнинтар ва осонтаранд. Аксари метеоритҳои дар Замин пайдошуда, ки ҳоло сангҳои осмонӣ мебошанд, аз астероидҳои шикастаанд, гарчанде ки баъзеҳо метавонанд аз Миррих ё Моҳ бошанд. Аз ҷиҳати назариявӣ, пораҳои хурди Меркурий ё Зуҳра низ

метавонанд ба Замин расанд, аммо то ҳол ҳеҷ кадоми онҳо дақиқ муайян карда нашудааст.

Олимон бо якчанд усул пайдоиши метеоритҳоро муайян карда метавонанд. Онҳо метавонанд бозёфтҳои тасвирии зарбаи метеоритро барои ҳисоб кардани мадор ва траекторияи камарбанди астероид истифода баранд, ки метеорит аз он ҷудо шудааст. Инчунин, бо таҳқиқи таркиби метеоритҳо онҳоро бо синфҳои гуногуни астероидҳо муқоиса карда, синну соли онҳоро тахмин зада метавонанд. Қадимтарин метеорити то кунун ёфтшуда 4,6 миллиард сол аст. То имрӯз дар рӯйи замин зиёда аз 50 ҳазор метеорит пайдо шудааст. 99,8% онҳо аз астероидҳо мебошанд. Қисми боқимондаи хурди метеоритҳо (яъне 0,2%) дар байни метеоритҳои Миррих ва Моҳ тақрибан баробар тақсим карда шудааст. Зиёда аз 60 метеорите, ки аз Миррих маълум аст, дар натичаи таъсири метеоритҳо офарида шуда, ба Замин расидаанд. Ягона вуруди метеори бузург ба атмосфераи Замин дар таърихи муосир ҳодисаи Тунгуска дар соли 1908 буд. Метеорит ба қисмати дурдасти Сибири Русия бархурд, аммо ба замин комилан нарасид. Ба ҷойи ин, он дар ҳаво

чанд мил болотар аз замин таркид. Қувваи таркиш чунон пурқувват буд, ки дарахтони як минтақаи паҳнои садҳо километрро нобуд кард. Олимон тахмин мезананд, ки метеорит тақрибан 120 фут (37 метр) ва вазнаш 220 миллион (100 миллион кило) буд. Дар соли 2013, ҷаҳон бо як тӯби оташфишоне, ки дар осмони Челябински Русия ҳаракат мекард, муносибат карда шуд. Туби оташ як метеорити хонагӣ буд, ки бо суръати беш аз 11 мил (18 км) дар як сония ба атмосфера ворид шуда, 14 мил (23 км) болотар аз сатҳи Замин таркид. Таркиш муодили энергияи тақрибан 440 000 тонна тротилро ба вуҷуд овард ва мавҷи таркишро ба вуҷуд овард, ки шиша ва тирезаҳоро дар масоҳати 200 километри мураббаъ (518 км2) шикаста ва биноҳоро хароб кард. Дар ин таркиш беш аз 1600 нафар маҷрӯҳ шуданд, ки бештари онҳо бар асари шикастани шиша будааст. Валекин то кунун боридани метеорҳо мушоҳида шуда, алайҳи хатари онҳо ба ҳаёти одамон чораҷӯӣ ҳануз тадвин нагардидааст.

# ТАНОСУБИ КАЙҲОНШИНОСӢ

**“Инсон ҷузъе аз кул аст, ки мо онро кайҳон меномем чун бахше маҳдуд дар замону макон”.**

**Алберт Эйнштейн**

**“Ҳануз тасмимгаре нашудааст ва фикр мекунам, ки илми башар ҳаргиз тасмим нахоҳад гирифт, ки ҷаҳон мутаноҳист ё номутаноҳӣ?”.**

**Галилео Галилей**



Акбари Набипури Турсон аз афроди пажӯҳанда аст, ки бо дарназардошти системҳои мутафовит аз якдигар дар гузашта ва имрӯз фаъолияти илмӣ доштааст. Бавижа, чиҳил соли фаъолияти мавсуф ба замони Шӯравӣ иртибот дошта, номбурда ғолибан, аз бархурдҳои Шарқу Ғарб беш аз пеш изҳори ёдоварӣ мекунад. Минҷумла, солҳои 60-уму 70-уми садаи сипаришуда академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба нашри китобҳои хурд қонеъ гардида, бархе аз мушкилоти аҳди Шӯравиро натиҷаи тасодуми фикрии

Ғарбу Шарқ мавриди арзёбӣ қарор медиҳад, дар ҳоле ки он замон бинобар истифода аз вожаи Шарқ кишварҳои ба лагери сусиёлистӣ ҳамоҳангро дарк менамуданд ва бо истифода аз Ғарб фақат ҷомеаи тавсеаёфтаи Аврупои Ғарбӣ ва Иёлоти Муттаҳидаро дар назар доштанд, аммо аксар уламо чун Акбар Турсон бо истифода аз номвожаҳои шарқу ғарб қитъаҳои Осиё ва Аврупоро фаҳм карда, омили таназзули зеҳнии якеро дар дигарӣ меҷустаанд. Ҳамчунин, сатҳи андешаронӣ дар нахустин монографияи илмии мавсуф ва ихтисосӣ бо унвонии "Эҳёи Аҷам" мушоҳида мешавад, ки Ғарб дар муқобили Шарқ баррасӣ ёфтааст. Лозим ба ёдоваист, ки тарзи тафаккур ва баёни андешаи мавсуф дар замони соҳибистиқлолӣ тақвият ёфта, таносуби қитъавӣ аз байн рафтааст ва ҷойи он мунокишаҳоро мунозираҳои ҷадиде андар чигунагии инсони муосир ишғол намудаанд, вале бояд мутазаккир шуд, ки афзал донистани як ҷониб аз мунокишаҳову мунозираҳо чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони муосир мушоҳида мешаванд. Масалан, солҳои 80-ум зимни баррасии андешаи ҳукуматкунанда дар муҳити илмии Ғарб ба манфиатҷӯён истинод оварда,

баъзан баҳогузории муғризонаро дар сухани эшон ошкор месозад: “Дар адабиёти илмии Ғарб ҳангоми аз нашъунамои илму фалсафаи халқҳои эронинажод андеша рондан аввал онро ҳамчун “афрузиши ногаҳонии камолоти ақлии муслимин” қаламдод мекунанд ва сонӣ, танҳо як худи омилҳои беруна(баст ёфтани фарҳанги Юнон ва ҳатто дини ислом) – ро заминаи асосии падидаи мазкура ҳисоб мекунанд. Вале дар тамоми дунёи ҳастӣ оё заминеро метавон дарёфт, ки бидуни тухми амал, бо таъсири як худи обу ҳавои мусоид ҳосил дода бошад?”[139] [1, с. 14]. Номбурда бо чунин суолгузории мантиқӣ қаноат накарда, ба пайкари ҳикмати Юнони бостон ворид мегардад ва аз ин пайкар андешаи авастоиро ҷустуҷӯ менамояд: “Муаррихони хориҷӣ ҳангоми тавсифи сарчашмаи фалсафаи Бӯалӣ асосан ба таълимоти Арасту ва навафлотуния истинод мекунанд. Аз ҷумла, мегӯянд, ки ӯ яке аз рукнҳои асосии космологияаш – ғояи қадим будани оламро аз натурфалсафаи Арасту гирифтааст. Баъзе мусташриқони

[139] Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Душанбе, “Ирфон”, - 1984, саҳ. 14

Ғарб айнан ҳамин сароби таърихиро сурати ҳол донистаанд. Ва ҳол он ки ғояи мазкур дар замини улуми ақлии худи Аҷам решаи ҷуқуре дошт. Сарчашмаи аслии он космологияи дуалистии Авесто буд[140].

Пажӯҳиши нодири Акбар Турсон алайҳи фарҳанграбоӣ ва ҳикмати пуки авлавият, ки дар садаи гузашта дар сартосари Урупо шабеҳ меҷуст, дар рисолаи "Эҳёи Аҷам" инъикос шуда, мушкили тафаккури фалсафӣ дар миёни башар мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Мавсуф дар пояи таҳқиқи анҷомдода ин андешаро ошкор менамояд, ки фалсафа чун фаъолияти фикриву амалӣ барои аҳли Аҷам дар мароҳили таърихӣ бегона набудааст. Дар мавриди синтези фарҳангҳо ва тамаддунҳо номбурда чунин меандешад, ки "иртиботи фарҳангии халқу миллатҳои мухталиф аксаран дар шакли муколама сурат гирифтааст ва барои ҳар ду тараф судманд будааст. Ба махзани тамаддуни ҷаҳонӣ ҷамеи халқҳои дунё – хоҳ кабиру хоҳ сағир, хоҳ "куҳанпир"-у

[140] Ҳамон ҷо, саҳ. 19

хоҳ “ҷавонрой” – мувофиқи имкону ҳиммати хеш саҳм гузоштаанд”[141].

Акбар Турсон дар монографияи мазкур такя бар тасаввуроти космологӣ карда, куравишаклии Коинотро бо далоили дар Авасто сабтшуда исбот менамояд ва ба як хулосаи муҷам андешарониро анҷом медиҳад, ки бозистӣ дар тафовути Шарқу Ғарб моро воқеан аз рушду тараққӣ бозмедорад. Яъне, фарҳангшиноси тоҷик фикри бартарӣ ҷустан ё худ бартарӣ ёфтанро намунаи ғайрисаҳеҳи ақли инсонӣ медонад ва мутмаин аст, ки андешаи космологӣ ҷиҳати баррасии хотираи фарҳангии дилхоҳ миллати соҳибтамаддуне ӯро аз дигарон мутафовит намесозад, чунки асли ҳувияти фарҳангии муосир низ масъалаи омехташавӣ ё худ гибритгардии фарҳангҳоро ба унвони асли донисташавии хеш ва олам намедонад. Таърих гувоҳ аст, ки ҳар чизе ки тавлид мешавад, оқибат аз байн меравад. Масалан, бузургтарин омехташавии фарҳангҳоро дар давраи интишори ислом метавонем мавриди арзёбӣ қарор диҳем, ки фарҳангҳои

[141] Ҳамон ҷо, саҳ. 42.

қаблӣ аз ҷониби фарҳанги нави зӯран паҳнгардида дучори ҳалокат шуданд.

Муҳим он нест, ки ҳувият чист, балки таърифи чигунагии шаклгирии он муҳим мебошад. Шояд аз ҳамин хотир бошад, ки ҳувияти миллӣ бозтобе аз фарҳанги мансуб ба миллат аст ва вижагиҳои фарҳангии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ба шаклгирии ҳувияте ғолибан дар пояи эътиқодоти динӣ муаррифӣ мешаванд. Акбари Турсон ҳанӯз дар соли 1984 зимни интишори "Эҳёи Аҷам" ба андешаи ин ки аксар мутафаккирони Машриқзамин ҷаҳонбинии исломӣ доштанд, сахт муқовимат намуда, бо далел чунин ақидаро инкор менамояд: "Хуруҷи зиддидинии Закариёи Розӣ на фақат дар таърихи ислом, балки умуман дар таърихи Шарқу Ғарб (то худи оғози аҳди Ҷадид дар Аврупо) собиқае надорад. Аз ин рӯ, ҳам ҳатто муаррихоне, ки роҳи тайкардаи "тамаддуни исломӣ"-ро аз мавқеи ҷаҳонбинии динӣ муоина намуда, ҳамаро "аз файзу баракат" – и кеши мусалмонӣ медонанд, афкору аъмоли Розиро сарфи назар карда наметавонанд"[142]. Илова бар

[142] Ҳамон ҷо, саҳ. 127.

ин, мутафаккирони Шарқ алайҳи хурофоту таассуб қарор доштанд ва маҳз изҳороти онон буд, ки сабки ривоятиро боздошту такя бар ҳақиқати ҳолро пешниҳод сохт. Пеш аз зуҳури мудерн дар Ғарб низ тамоили эътиқодии миллатҳо бартарӣ доштанд.

Академик Акбари Турсон дар тадқиқоте бо унвони "Ояндашиносии равандҳо ва хатарҳои ҷаҳони муосир" андар суди зиёни ҷаҳонисозӣ пажӯҳиш намуда, зимни баррасии раванди ҷаҳонишавӣ таваққуф мекунад ва онро падидаи замони муосир намедонад: "...оғози таърихи ҷаҳонисозиро аз замони шаклгирии Империяҳо мансуб донистан дурусттар аст. Ба ин маънӣ Куруши Кабир ва Искандари Мақдунӣ нахустин глобализаторҳо буданд"[143].

Дар аксари мавридҳо таҳлилҳову таҳқиқҳо тарзи баёни таҳмилӣ дошта, дур аз воқеият қарор доранд ва ҳангоми ошноӣ пайдо кардан бо чунин нигораҳои фиребандаи муосир дар зеҳни шумо ин фикр ғалаба

---

[143] Турсон А. К смене культурных эпох Средней Азии. – Очерки истории и теории искусств таджикского народа, - Душанбе, - 2018, с. 30.

мекунад, чунки мақсад дар нигораҳои муосири таҳмилӣ дар пӯшиши бархурдҳо муҷассам гардида, ҳатто беҳтарин муҳаққиқони сиёсати вақтро гумроҳ хоҳанд кард. Аз ин хотир, чунин мушоҳида мешавад, ки сухан сеҳр асту суханвар соҳир боқӣ мемонад ва чун аксари мардумон таъсирпазиранд, месазад ононро бо истифода аз сеҳри сухан гумроҳ кард ва барои тавтиа алайҳи низоми сиёсӣ омада намуд. Раванди мазкур дар марказҳои сиёсии таҳқиқнаёфта ва пажуҳишгоҳҳои тахассусии таблиғӣ баррасӣ шуда, бо дарназардошти дифоъ аз сиёсати байналмилалии ҷаҳонишавӣ ба ҷаҳониён таҳмил мегарданд ва ҳадаф аз татбиқшавии инчунин ҷараён сиёсигардонии миллатҳову ақаллиятҳои миллӣ нест, балки гумроҳгардонии онҳост. Ҷое, ки давлат аст, низоми сиёсии муайяне онҷост ва ҳатман ба ин низом гурӯҳе мухолифанд. Дар оила низ системи бархурдҳо вуҷуд дорад ва яке барои нуфуз пайдо кардан бар дигарон аз хотири пешгирӣ намудани тавтияҳо дигареро чун паёмовар истифода мекунад, чунки агар тавтиаҳо пешгирӣ нашаванд, низоми хонавода дер ё зуд барҳам мехӯрад. Ба ҳайати ин ё он ҳукумат ашхоси

муайяне ворид мегарданд, ки шумо аз онон истиқбол нахоҳед кард. Аммо ин сабаб нест, ки шуморо дар муқобили ҳукумат қарор диҳад, чунки мухолифат ба ҳокимият пояи қоноатмандӣ набуда, балки норизоият аз систем аст. Муҳоҷиратро рахт барбастани зеҳнҳо баррасӣ намуда, бо ин васила тағйир додани низоми ақидатӣ дар дохили кишвари муайян низ ҳамоқат асту бас! Чунки авзои сиёсӣ дар дохили давлат бо авзои сиёсии ҷаҳон иртибот дошта, баъзан бархурдҳои шадид дар ин ҳамоҳангиҳо падидор мегарданд ва ҳақиқат маҳз дар натиҷаи инчунин бархурдҳои сатҳи ҷаҳонӣ ошкор мешаванд.

# МАВЗЕҲОИ АСОСИИ ЭКОТУРИЗМ: КӮЛИ САРЕЗ, БОҒИ МИЛЛӢ ВА ҚАТОРКӮҲҲО

**“Кули вижагиҳои табиат барои ҳифзи хеш талош меварзанд”.**

**Сисерон**

**“Табиат ҳаргиз иштибоҳ намекунад, чунки ҳар навъи тақаллубӣ барои табиат мутанаффир аст ва беҳтарин чиз он аст, ки илму ҳунари онро таҳриф накунад”.**

**Эразм Роттердамский**



Авомили таваҷҷуҳ зоҳир намудани академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои биология, профессор Оғоназар Ақназаров ба самтҳои мухталифи экотуризми муосир пеш аз ҳама табиати кӯҳистони кишвар маҳсуб мешавад. Номбурда зимни баррасии илмии иқлими кӯҳистон ва вижагиҳои табиат дар Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

зарурати паҳн намудани экосайёҳиро бозгӯ намуда, бо дарназардошти тӯл кашидани фасли сармо дар баъзе минтақаҳо ҷалби сайёҳии дохиливу хориҷиро таъкид менамояд. Бавижа, биологи тоҷикро ҳарорати минтақа беш аз ҳама бар худ ҷалб мекунад ва мавсуф дар пажӯҳиши ҳамин масъала дар чунин ақида устувор аст. Мутаваҷҷеҳ бошед: "Шароити кӯҳсори Помир бо тағйирёбии шадиди ҳарорати шабонарӯзӣ, ки баъзан то ба 40 дарача мерасад, хос аст. Ҳангоми баланд шудан ба самти амудӣ ҳарорат дар минтақаи мазкур муътадил дар ҳар 100 метр аз 0,45 дараҷа то 0,63 дараҷа паст мешавад"[144]. Аммо гуногунии биологии кӯҳистон олимро бештар мутаваҷҷеҳ сохта, водор кардааст, ки ҷиҳати таҳқиқи он бештар рӯ оварад. Ба қавли муҳаққиқи экосайёҳии кӯҳистон, таркиби флора дар минтақа аз 11 фисад иборат буда, дар Помири Шарқӣ онҳо ба 23 навъи оилаҳо таалуқ доранд, 61 авлод ва дар навбати худ 104 навъи муайянро дар бар мегирад:

[144] Акназаров О.А., Мельничков д.Г. Экотуризм на Памире: проблемы и перспективы, Душанбе, - 2006, стр. 27.

“Микдори зиёди намудҳои боқимонда дар таркиби набототи Помири ҳозира нигоҳ дошта шудаанд, ки мавҷудияти онҳоро дар ин қаламрав флораи сангшудаи давраи муайян исбот мекунад”[145].

Оғоназар Ақназаров муътақид аст, ки таркиби набототи табии Помир аз 500 намуди гиёҳҳои шифобахш иборат мебошад. Вале бо вуҷуди табиати нотакрор дар минтақаи мутазаккир сайёҳии ташкилӣ дуруст роҳандозӣ нашудааст. Дар ин маврид, академик чунин мулоҳиза дорад: “Имрӯз бо сабаби паст будани пардохтпазирии чунин сармоягузориҳо ва хатари баланди аз даст додани маблағҳои гузошташуда бо сабабҳои объективӣ ва субъективии иқтисодиву сиёсӣ ҳатто як бонки маҳаллӣ омода нест, ки ба сайёҳӣ сармоягузорӣ намояд”[146]. Бо вуҷуди ин ҳама мушкилӣ, мавсуф зарурати татбиқ сохтани экоризми хориҷиро дар кӯҳистон омили асосии болоравии сатҳи маишиву молиявии сокинон мебинад ва дар ин ҷода бо итминони комил менависад: “Ба табиати Помир ҳануз ҳам таъсири

[145] Ҳамон ҷо, саҳ. 38.

[146] Ҳамон ҷо, 73.

фаъолияти инсон каме таъсир мерасонад ва барои ҳамаи 9 ҷойҳои нотакрор, масалан, 1300 кӯли баландкӯҳ, аз ҷумла кӯлҳои Сарез, Кароқул, пиряхҳои калонтарин ва қуллаҳои кӯҳӣ дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ мавҷуданд (масалан, Қуллаи Исмоили Сомонӣ - 7495 м, пиряхи Федченко (дарозиаш 70 км). Экотуризм имкон медиҳад, ки бо табиати нотакрори Помир чӣ барои сокинони Тоҷикистон ва ҳам барои дигарон ошно шуда, аз зебоиҳову вижагиҳои нотакрори табиати кӯҳистон фараҳ бардоранд”[147].

Оғоназар Ақназаров аз се навъи табиати кӯҳистон ёдоварӣ мекунад, ки алъон ҳамаи таваҷҷуҳи ҷаҳониён ба онҳост. Якум, кӯли Сарез аст, ки онро рухдоди таърихии фаромӯшношуда пиндоштаанд. Дувум, Боғи миллӣ ва савум, қаторкӯҳҳои Помир аст, ки дидани онҳо аксар сайёҳони хориҷиро ба Бадахшон раҳнамун сохтааст. Кӯли Сарез дар ноҳияи Рӯшони вилояти Мухтори кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон аст, ки баландии ин кӯли табиӣ аз сатҳи баҳр 3300 метрро ташкил медиҳад. Дарозии ин сарбанди табиӣ 62 километр, бараш 3,3

---

[147] Ҳамон ҷо, 88.

километр ва умқи он то 500 метр аст. Ҳаҷми оби он 17 миллиард метри мукааб ва вазни миёнаи он 19 миллион тоннаро ташкил медиҳад. Дар ин сарбанди табиъӣ ба ҷуз дарёи Марғоб 17 дарёи хурд ва 16 дарёи калон ҷорӣ мешавад. Оби зиёдатӣ асосан аз болои сарбанд ҷорӣ мешавад. Ин сарбанди табиӣ соати 23 ва 15 дақиқаи 18 феврали соли 1911 бар асари заминларзаи шадид ва афтидани санг дар дарёи Мурғоб ба вуҷуд омадааст. Дар пайи ин заминларза рустои Осаи Бадахшони Тоҷикистон зери хоку сангу кӯҳпораҳо монда, аз тамоми сокинонаш танҳо як пирамард ва ду писарбача зинда монданд ва 57 нафар зери ярч ҷони худро аз даст доданд. Ҳама ҳайвоноти хонагии онҳо низ нобуд шуданд. Бар асари ин заминларза дар маҷмуъ 105 нафар ҷони худро аз даст доданд. Шиддати дақиқи ин заминларза ҳануз муайян нашудааст. Дар натиҷаи баста шудани маҷрои рӯдхонаи Мурғоб хатари обхезӣ ба деҳаи Сарез ва 3 деҳаи дигар таҳдид кардааст. Сокинони деҳаи Сарез хонаву дарахту боғи худро тарк карда, аз тариқи ноҳияи Мурғоб ба ҳудуди ноҳияи Шуғнон ба деҳаи сарҳадии Бадҷор кӯч бастаанд. Мардуми деҳаҳои поёноби дарёи Мурғоб аз ин

офати табиӣ танҳо пас аз 45 рӯз хабардор шуданд. Ба ақидаи аксари ҷуғрофиёшиносони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои дигар, Сарез ба иқлими на танҳо Помир, балки тамоми Осиёи Марказӣ таъсири куллӣ доштааст. Феълан Сарез бо дарназардошти хатари эҳтимолии он дар гуфтаҳо ва навиштаҷот бештар ба унвони "аждаҳои хуфта" ном бурда мешавад. Зеро донишмандон мегӯянд, дар сурати рахна шудани сарбанди Сарез, ки дар як минтақаи зилзилахез ҷойгир аст, бахше аз манотиқи Тоҷикистон, Афғонистон ва Туркманистон дар давоми 12 соат зери об мемонад. Ва эҳтимоли кушта шудани ҳудуди 5 миллион нафар аз ҷумла сокинони ин кишварҳо вуҷуд дорад. Табиатшиносон хатари эҳтимолии рахна шудани сарбанди Сарезро ба 3 омил марбут медонанд: а) ба вуқуъ омадани заминларза, чунки сабаби нестии ҳар мавҷуде аз табиат ба омилҳои пайдоиши он иртибот доранд, яъне агар кӯли Сарез дар натиҷаи заминларзаи мудҳиш ба вуҷуд омада бошад, пас дар заминаи заминларза боз аз байн меравад; б) баланд шудани сатҳи об, ҳар гаҳе болоравии сатҳи об дар кӯли Сарез мушоҳида шавад, коршиносон ҳатман ҷиҳати ҳастиву

нестии он ҳарф мезананд; в)  фурӯ рехтани кӯҳпораҳои атроф.

Бадахшонро аслан як боғи миллӣ ва мамнуъгоҳе монанд мекунанд, ки дар шарқи Тоҷикистон воқеъ аст. Бо қадам ба табиати покизаву зебои ин боғи миллӣ ва тамошои мӯъҷизаҳои он, сафари шумо як хотираи дилнишин хоҳад шуд. Он метавонад як макони мувофиқ бо ҳама намуди растаниҳо ва шаклҳои гуногуни табиат бошад. Боғи миллии Помир, ки бо дигар номҳо, аз қабили Боғи миллии тоҷикон низ маъруф аст, соли 1992 милодӣ таъсис ёфтааст, вале аз замонҳои қадим макони зисти ҳайвонот ва мардуми маҳаллӣ буд, ки бо муҳити зисти он созгор буданд. Ин боғи миллӣ дар замони шӯравии собиқ ҳамчун бузургтарин боғи миллии кӯҳӣ низ маъруф буд. Масоҳати Помир ба 1,2 миллион гектар баробар буда, имрӯз онро Боғи миллии Тоҷикистон низ меноманд. Соли 2001 масоҳати он ба 2 миллиону 600 ҳазор гектар расонда шуда, қисматҳои зиёди манотиқи кӯҳистони Помир низ ба он шомил карда шуданд. Соли 2013 ин боғи миллӣ ба Рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд ва сабаби онро метавон

андозаи ин боғ арзёбӣ кард. Сабаби дигаре, ки боиси сабти номи ин боғ дар феҳристи ЮНЕСКО шудааст, он аст, ки дар ин боғ ҷонварон ва навъҳои зери хатар ба мисли гӯсфанд ва бабри барфии Марко Поло ба сар мебаранд.

Аз замонҳои қадим ин минтақаро Боми Ҷаҳон мегуфтанд, ки решааш ба забони порсӣ иртибот дорад. Аксари ин минтақа дар кишварҳои Тоҷикистону Қирғизистон ва қисматҳои дигари он дар Афғонистону Покистон ҷойгир шудаанд. Масоҳати ин кухҳо қариб 70 ҳазор километри мураббаъ буда, баландии онҳо қариб 4 миллиону чандин ҳазор метр аз сатҳи баҳр буда, бинобар шароити сахти обу ҳаво соле 7 моҳ пурра зимистон мешавад. Дар кӯҳу водиҳо кӯлҳои зиёдеро дидан мумкин аст, аммо мутаассифона, бар асари тағйири иқлим ҳаёти бисёре аз онҳо дар хатар аст, ҳатто баъзе аз кӯлҳои маъруфтарин аз байн рафтаанд. Гуфта мешавад, ки мардуми феълии ду кишвар Ҳинд ва Эрон аз ин минтақа гузашта, ба макони иқоматашон расидаанд.

# ПОЛИСАХАРИДҲОИ ПЕКТИНӢ

**“Ман мехоҳам дарояндаи бадансозӣ фақат витаиминҳою тағзияи солим бидуни астероидро бубинам”.**
**Арнолд Шварсенеггер**



Пектин аслан як нахи пурқувват аст, ки табиатан дар бисёр растаниҳо ва сабзавот мавҷуд аст, ки ҳамчун агенти пайвасткунанда байни ҳуҷайраҳои растанӣ амал мекунад. Миқдори максималии пектин дар меваҳои нопухта дида мешавад, ки пас аз расидан ба давраи пухтани пектини истихроҷшуда миқдор ва ҳатто сифати он паст мешавад. Кислотаи галакронӣ навъи асосии кимиёвии пектин дар мева ва сабзавот мавҷуд аст, ки яке аз гурӯҳи полимерҳои кислотаи ангидро-галактронӣ мебошад. Кислотаҳо дар полимер метавонанд дар шакли кислотаҳои метилонидашуда ё дар шакли кислотаҳои озод ба монанди протопектин, кислотаи желатин, кислотаи пектин бошанд.

Сарчашмаҳои асосии пектин дар ҷаҳон ранги сафеди дарунии пӯсти ситрусӣ ва себ мебошанд, аммо он дар дигар манбаъҳои растанӣ, аз қабили партовҳои растании офтобпараст ва сабзӣ мавҷуд аст. Навъи баландтарини пектин аз пӯсти ситрусӣ тайёр карда мешавад, ки нисбат ба пектини себ баландтар аст. Банан инчунин дорои пектинҳои назаррас аст, хусусан агар мо бигзорем, ки пӯсташ сиёҳ ва нарм шавад. Аксари пектинҳои меваҷот дар пӯсти онҳо мавҷуд аст ва ба ин далел, ба баъзе меваҳое, ки метавонанд бо пӯст бихӯранд ва манбаи хубе барои он ҳастанд, ҳама буттамева, шафтолу, зардолу, гелос ва ангурро дар бар мегиранд. Кимиёшиноси тоҷик, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҷӯрабой Холиқов истифодаи бобарори ин маҳлулро дар тиб мутазаккир шуда, бар ин бовар аст, ки маҳлули мазкур ҷиҳати ҳифзи тандурустии аҳолӣ беҳтарин мавод маҳсуб мешавад: "Алҳол, инкишофи дар тиб истифода бурдани полисахаридҳои пектинӣ бо суръати тез инкишоф ёфтааст. Инҳо, пеш аз ҳама, иловаҳои ғизоӣ мебошанд, ки таъсири муҳофизатӣ, парҳезӣ ва табобатӣ-профилактикӣ доранд. Маводи пектинӣ ҳамчун

полимерҳои табиии ионӣ ба сифати интиқолдиҳандаи доруҳо ва микропланҳои онҳо истифода мешаванд. Навъҳои пешрафтаи иловаҳои парҳезӣ - нахи парҳезӣ ё ба истилоҳ пребиотикҳо, ки маҷмӯи мураккаби биополимерҳо бо сохтори хаттӣ ва шохаҳои вазни баланди молекулавӣ мебошанд, офарида шудаанд”[148].

Калимаи пектинро бори нахуст соли 1825 кимиёгари фаронсавӣ Браконно аз калимаи юнонии penkestose, ки маънои лахтаро дорад, истифода бурдааст. Ӯ аз сабзӣ пектин гирифта, онро ба моддаи дар об ҳалшаванда табдил дод, ки моеъи часпак ва луобро ба вуҷуд меорад. Истифодаи асосии пектин ҳамчун агенти геллинг дар маҳсулоти мевагӣ, махсусан мураббо мебошад. Баръакси аксари гидроколлоидҳои хӯрокворӣ, пектин дар шароити туршӣ устувории оптималии гармӣ дорад ва аз ин рӯ он ҳамчун устуворкунанда ва матн дар маҳсулоти ғизоии туршӣ васеъ истифода мешавад. Истифодаи пектин дар саноати хӯрокворию ғайри мевагӣ, аз ҷумла, нонпазӣ, қаннодӣ, маҳсулоти ширӣ ва ғайра низ вусъат

[148] Халиков Д.Х. Физико- химические основы получения пектиновых полисахаридов и их свойства в растворе, Душанбе, «Дониш», - 2022, стр. 5.

меёбад. Миқдори зиёди пектин дар саноати ғайриозуқа, асосан истифода мешавад. Пектин як коброгидрати сохторӣ аст, ки дар ҳама растаниҳо мавҷуд аст. Пайвастҳои пектикӣ пайвастагиҳои бунёдӣ дар сохтори ҳуҷайра мебошанд. Онҳо ҳамчун пайвастагиҳои илтиёмӣ дар қабати миёнаи деворҳои ҳуҷайра нақши муҳим мебозанд. Пайвастҳои пектикӣ дар сабзавот ва меваҳо фаровонанд ва барои устуворӣ ва шакли онҳо масъуланд. Дар ҷараёни пухтан аз ҳисоби гидролизи ферментативӣ ва деполимеризатсия пайвастагиҳои ибтидоии пектикӣ қисман таҷзия шуда, пектинҳои ҳалшаванда ҳосил мешаванд. Пектинҳое, ки аз лаблабуи қанд ва картошка гирифта мешаванд, миқдори зиёди кислотаи галактозой доранд, ки дар онҳо гурӯҳҳои гидроксилӣ дар мавқеъҳои С-2 ва С-3 мушоҳида мешаванд. Кимиёшинос чунин андеша дорад, ки барои фақат истеҳсоли пектини аълосифат танзими ҳарорат ва давомоти гидролиз кифоя нахоҳад буд: “Барои ба даст овардани пектини аълосифат, ки ҳосили баланд дорад, танзими ҳарорат ва давомнокии гидролиз кифоя нест ва коркарди иловагии ашёи хом, махсусан нармкунии ибтидоии ҳуҷайраи растанӣ тавассути коркарди

ферментативӣ ё таъсири ултрасадоро талаб мекунад. Масалан, аз ашьёи хоме, ки дар таркибаш пектини растанӣ, аз ҷумла, себ, анвои ситрусӣ ва анор мавҷуданд, нишон дода шудааст, ки нишондиҳандаҳои гидроакустикии интенсивии кафк 0,4—2,1 дар гидромодули 1:5 на танҳо хеле зиёд мешавад. Фаъолияти моводи пектин, балки инчунин барои зиёд кардани вазни молекулавии онҳо лозим аст”[149].

Пектин ба кислотаҳои пектинӣ дахл дорад, ки дар об ҳалшавандаанд, миқдори эфири метил ва дараҷаи безараргардонии онҳо тағйирёбанда аст ва кислота дар шароити мувофиқ барои тавлиди гел боқӣ мемонад. Бо сабаби зиёд шудани истифодаи тиҷоратии кислотаҳои пектинӣ бо миқдори ками эфири метил ва кислотаҳои пектинии қисман амидшуда дар саноати хӯрокворӣ, ба наздикӣ аз ҷониби коршиноси саноати хӯрокворӣ таърифи аз нав дида баромадашудаи пектин пешниҳод карда шуд. Пектин полисахариди мураккаби дорои вазни баланди молекулавӣ мебошад, ки асосан аз кислотаи полигалактуронӣ ва намакҳои натрий, калий

[149] Ҳамон ҷо, саҳ. 9.

ва аммонийи он, ки қисман метил эфирӣ шудаанд, иборат аст. Дар баъзе навъҳои пектинҳо (пектинҳои амидӣ), воҳидҳои галактуронамидҳо низ дар занҷири полисахаридҳо ҳастанд. Аммо кимиёшинос инчунин суолгузорӣ мекунад, ки маҳлули пектин чаро ва дар кадом ҳаҷм ба хоҷагии халқ манфиат хоҳад овард? Барои посух додан ба суоли матраҳ Ҷӯрабой Холиқов таҳқиқоти хешро анҷом дода, оқибат ба ин хулоса меояд: “Омӯхтани хосиятҳои физикиву кимиёвии микромолекулаҳои пектин дар маҳлул ба муносибати зарурати кор карда баромадани технологияи самарабахши гидролиз-экстрактсияи протопектин, тоза кардан ва истифода бурдани маҳсулоти ниҳонӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ аҳамияти махсус дорад”[150]. Пектинҳои тиҷоратӣ одатан тавассути истихроҷи кислота аз пӯсти себ ё гӯшти себ бо равандҳои гуногуни ҷудокунӣ ва тозакунӣ ба даст оварда мешаванд. Маҳсулот бӯйи нарм, ранги сафед ё маззаи ногувор дорад. Молекулаи пектин дар шакли занҷир мавҷуд аст, ки аз 200 то 1000 воҳиди кислотаи

[150] Ҳамон ҷо, саҳ. 115.

галактуронӣ дорад, ки бо пайвандҳои  1 ва 4 ба пирамида пайваст мешаванд. Баъзе кислотаҳои галактуронӣ эфирӣ шудаанд. Гурӯҳҳои боқимондаи кислотаҳо қисман ё пурра безарар шуда, намакҳои натрий, калий ва аммонийро ташкил мекунанд. Дар занҷири молекулавии худ ба ғайр аз кислотаи галактурон ва кислотаи галактуронӣ воҳидҳои эфири метил, ин навъи пектин дорои воҳидҳои галактуронамидӣ мебошад. Пектинҳои тиҷоратӣ барои истифодаи ғизо бояд дорои хусусиятҳои муайяннамудаи мақомоти дахлдори байналмилалӣ бошанд. Илова ба тозагии кимиёвӣ, хосиятҳои микробҳои маҳсулот низ муҳиманд, зеро пектин полисахариди кислота аст ва асосан дар муҳити кислота истифода мешавад. Ҳисоб кардани қолаб ва хамиртуруш махсусан муҳим аст. Пас аз истихроҷ, пектинҳо аз ҷиҳати хосиятҳои функсионалӣ тағйирёбандаанд ва барои он ки истеъмолкунанда пектинро бо хосиятҳои доимӣ ба даст орад, то гели якхела аз рӯйи қувват ва вақти муқарраршуда дар як шароит ба даст ояд, пектинро стандартизатсия кардан лозим аст.  Стандартизатсия тавассути илова кардани сахароза ё декстроза анҷом дода мешавад ва аксар вақт

дарачаи Jelly номида мешавад. Илова ба қанд, онро метавон ба омехта илова кард. Гарчанде ки дигар манбаъҳои растанӣ барои пектин вуҷуд доранд, ҳеҷ яке аз онҳо дар сатҳи саноатӣ барномаҳои мушаххас надоранд. Раванди ибтидоии пӯсти сабзавот хориҷ кардан ва шустани ферментро дар бар мегирад, ки фаъолияти эстерази пектинро қатъ мекунад ва инчунин кислотаи лиму ва қандро хориҷ мекунад. Баъд пӯстро тавре хушк мекунанд, ки захираи он дидаю дониста зиёд карда шавад ва он ба масофаи дур кашонда шавад. Пӯсти хушки сабзавот одатан аз 20 то 30% пектин дорад. Гӯшти себ одатан пас аз истихроҷи иқтибос аз он хушк мешавад, ферментҳои пектолитикӣ, ки аз хамиртурушҳо ҷудо мешаванд ва ҳама гуна фаъолияти ферментатсия дар гӯшти себи тару тоза пектини боқимондаро зуд нобуд мекунад. Гӯшти себи хушк одатан аз 10 то 15% пектин дорад. Усораи хоми истихроҷшуда моеъи часпакест, ки дар таркибаш 0,3 то 1,5% пектинҳои гудохташуда ва боқимондаҳои гӯшти қисман варамида ё парокандашуда ё пӯсти мева дорад. Аз экстракт ҷудо кардани моддаҳои боқимонда яке аз проблемаҳои асосии истеҳсоли пектин мебошад. Маҳлули ҳосилшуда бо

машрубот шуста мешавад ва барои тоза кардани ифлосиҳои ҳалшуда пахш карда мешавад. Қадамҳои минбаъда хушк кардан ва дастрас карданро дар бар мегиранд, ки дар ниҳоят ба хокаи пектин оварда мерасонад. Аммо кимиёшинос Ҷ. Холиқов полисахаридҳои табииро аз маводи полимерии синтетикӣ бартарӣ дода, онҳоро мавриди муқоиса қарор намедиҳад: "Дар айни замон яке аз меъёрҳои муҳими заминаи таҳияи технологияи нави истеҳсоли масолеҳи гуногунро тамоюли коҳиш додани таъсири манфии инсон ба муҳити зист донистан мумкин аст. Дар асоси ин вазъиятҳо, истифодаи ашёи хоми барқароршаванда, полисахаридҳои табиии заҳролудшудаи биологӣ бартарии асосӣ нисбат ба полимерҳои синтетикӣ мебошанд"[151].

Истифодаи пектинестеразҳои мушаххаси микробҳо инчунин барои истеҳсоли пектинҳои LM пешниҳод карда шудааст. Баръакси пектинестеразаҳои растанӣ, пектинестеразаҳои мушаххаси микробӣ бо як шакли тақсимоти тасодуфӣ амал мекунанд ва ба ин маъно онҳо

[151] Ҳамон ҷо, саҳ. 156.

ба эфиризатсияи кислота ё асос монанд амал мекунанд. Маводи сахти ҳалшаванда дар зери 25% ва беҳтараш оби гарм бояд гудохта шавад, то азхудкунии об ва пароканда шавӣ аз ҷониби массаҳои бузурги молекулавии хокаи пектин ба ҳадди аксар расонида шавад. Вакте ки хокаи пектинро ба об андохта, ба пораҳо табдил меёбад, ин куракҳо дар об хеле суст ҳал мешаванд. Омехтани шадид бо истифода аз омехтаи баландсуръат анҷом дода мешавад, ки пектинро дар об пеш аз луқма шудан пароканда мекунад ва маҳлули пектин дар давоми чанд дақиқа пурра ба даст меояд. Дар сурати истифодаи оби гарм (60 то 90С) бо истифода аз ин усул маҳлули то 10% пектин тавлид кардан мумкин аст, аммо барои пешгирӣ кардани мушкилоте, ки аз часпакии хеле баланд ба амал меояд, маъмулан танҳо маҳлулҳои пектинии 5-8% тавлид мешаванд. Инчунин, агар хокаи пектин бо тақрибан 5 маротиба аз пайвастагиҳои нейтралӣ (одатан сахароза) омода карда шавад ё пектин аввал дар муҳити ҳалнашаванда (ба монанди спирт ё шарбати консентратсияи шакар) пароканда карда шавад, он бояд дар об пурра пароканда карда шавад. Омезиши хокаи пектин бо бикарбонати 25% зуд паҳншавии онро

осонтар мекунад, зеро он дар ҷараёни раванд ҳал мешавад? Реаксияи байни кислотаҳои бикарбонат ва пектин дуоксиди карбонро ба вуҷуд меорад, ки боиси шикастани гурдаҳо мегардад.

## МУҲИМИЯТИ РУШДИ БОҒДОРӢ ДАР КӮҲИСТОН

**“Касе ки китобхона ва боғ дорад, ба чизи дигаре ниёз нахоҳад дошт”.**

**Сисерон**

Дар замони Шӯравӣ боғдорӣ ва истеҳсоли маводи гуногуни саноатӣ аз меваҷот ғолибан, дар ҳудуди шимоли мамлакат татбиқ мешуд ва ҷиҳати интишор додани майдонҳои боғу меваҷот дар кӯҳистон чандон



эътимод набуд. Сокинони кӯҳистон худ ба боғдорӣ машғул гардида, ниёзҳои хешро нисбат ба намудҳои мухталифи меваҷот мавриди арзёбӣ қарор медоданд. Дар замони соҳибистиқлолӣ яке аз мавзуҳои асосии рушди деҳот ривоҷ додани боғдорӣ дар кӯҳистон шуд ва ашхоси бунёдкунандаи боғҳоро пиру барно таҳсин мегуфтанд. Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акрамшо Фелалиев соли 2003 бо унвони "Навъҳои мевадиҳанда дар шароити Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон" монография навишта, он ҷо мушкилии боғдориро дар мавзеҳои кӯҳистон баррасӣ намудааст. Ба қавли мавсуф, парвариш ва истифодаи дарахтони

мевадиҳанда дар кишварҳое, ки замини корам дар онҳо намерасад, аҳамияти хоса дорад. Мамлакатҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин, Афғонистон, Крим ва Қавқоз дар бораи моҳирона истифода бурдани маҳсулоти дарахтони мевадиҳанда на танҳо ҳамчун ширинӣ, балки чун хӯроки асосӣ низ мисолҳои хеле асоснок нишон медиҳанд. Лозим ба ёдоварист, ки таҳияи боғҳо ва парвариши намудҳои мухталифи меваҷот аз қабили ангур, анор, гелос, зардолу, шафтолу, бодом, анҷир ва амсолашон имрӯз дар кишвари мо тибқи минтақаҳо муаррифӣ мешаванд ва чун сухан аз зардолу рафт, ҳатман навоҳии Айниву Исфара ва Аштро дар назар мегирем ва агар объекти баҳси мо анҷир бошад, ҳатман ноҳияи Ванҷро мисол меорем, аммо кишварҳое, ки чун Тоҷикистон бештар аз кӯҳистон иборат мебошанд, таҳияи боғҳои мухталифро сазовор дида, ин соҳаи кишоварзиро ба саноати судманде табдил додаанд. Масалан, дар аксар манотиқи кишвар дарахти чормағз худрӯй мебошад ва алҳол Оҷонсии хоҷагии ҷангал сад фисад имкон дорад ин навъи дарахти мевадиҳандаро зиёд кунад, чунки дар кишвар аҳолӣ ба истеъмоли он ниёз дорад. Гузашта аз

ин, чормағзи тоҷикӣ серғизо буда, як кг чормағз 6360, 7000 ккал-ро дар бар мегирад. Акрамшо Фелалиев тибқи стандардҳои амалкунандаи тиббӣ тавсеа медиҳад, ки истеъмоли яксолаи меваҷот барои инсони муосир набояд аз 100 кг кам бошад. Аммо дар замони муосир мутобиқ ба тадқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши генофонд ва полиморфизми навъҳои меваи маҳаллӣ фақат барои зардолу дар кӯҳистони Помир дастрас мебошад ва барои баъзе зироатҳои субтропикӣ ва навъҳои дигари мева ин мушкилӣ номаълум боқӣ мемонад. Фелалиев дастнорас будани меваҷот барои сокинони Бадахшонро таъкид намуда, зимни баррасии мавзуъ чунин андешаро пешниҳод мекунад: “Таҳлили вазъияти боғҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки дар ВМКБ зиёда аз 2019 гектар плантатсияҳои бисёрсолаи омехтаи мевагӣ мавҷуданд, ки аз он 40 фоизашро меваҳои донакдор, 31 фоизашро тут, 6 фоиз чормағз ва 1,5 фоизашро дигар зироатҳои субтропикӣ ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин ни-ҳолҳои тасодуфӣ буда, панҷоҳ дар сади онҳо ҳосил намедиханд ва ҳосили миёна аз 20,50 сентнер зиёд нест, ки хеле нигаронкунанда аст. Омили асосии маҳдудкунандаи

рушди боғдорӣ дар ВМКБ то имрӯз набудани технологияи илмии асосноки бунёди боғҳо дар нишебиҳои дорои хокҳои шағал паст мебошад, дувум, барои таъмини ҳосили устувор маҷмӯи зарурии зироатҳои мевагӣ интихоб карда нашудааст".

Ба қавли академики АМИТ, солҳои 1991-2002 бинобар буҳрони сӯзишворӣ ва маърифати нокифояи экологии сокинони маҳаллӣ ҳезуми зироатҳои мевагӣ ҳамчун сӯзишвории сахт истифода мешавад, ки ин на танҳо боиси якбора коҳиш ёфтани таркиби намудҳои онҳо мегардад, балки аз олами набототи вилоят нобуд шудани онҳо мегардад. Яке аз проблемаҳои муҳимтарини замони муосир, ки академики АМИТ аз он изҳори нигаронӣ намудааст, проблемаи нигаҳ доштани генефонди навъҳои нодири дарахтони мевадиҳанда мебошад. Бояд гуфт, ки ягона боғҳои табиии дарахтони нок дар Тоҷикистон дар арафаи нобудшавӣ қарор доранд ва баъзе навъҳои мевагӣ танҳо дар намунаҳои ҷудошуда вомехӯранд. Акрамшо Фелалиев дар монографияи дигаре, ки бо унвонии "Физиология ва биохимияи маҳсулоти меваи Помир" бо ҳаммуаллифии

академик Оғоназар Ақназаров интишор намудааст, чунин маълумоти дақиқро пешниҳод кардааст: “Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қисмати шарқии Тоҷикистонро ишғол мекунад. Он аз ҷануб бо Афғонистон ва аз шарқ бо Ҷумҳурии Халқии Чин ҳамсарҳад аст. Масоҳати ин минтақа ҳудуди 65 ҳазор километри мураббаъро ишғол мекунад, ки тақрибан нисфи майдони (44,69) Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад”[152]. Омилҳои ҳосил надодани дарахти зардолу дар қисмати ғарбии Бадахшон чист? Ба суоли матраҳ Фелалиев Акрамшо посух дода, бавижа мутазаккир мешавад: “ Дар шароити Помири Ғарбӣ давраи гулкунӣ ва ҳосилбандии зардолу муътадил нест; Дар боғи комплексии озмоишгоҳии мевапарварӣ дар кӯҳҳои баланд дарахтони зардолу ҳар сол мешукуфанд. Бо вуҷуди ин, бо бисёр сабабҳо, аксари навдаи гул пеш аз расидан ба мева ва пеш аз мӯҳлат меафтад”[153]. Гузашта аз ин, аз зумраи авомиле, ки мавқеи таъсиргузорӣ дар дарахтони мевадиҳанда доранд, академик дар мисоли

[152] Фелалиев А.С., Акназаров О.А. Физиология и биохимия плодовых культур Памира, Душанбе, “Дониш”, - 2005, 136 с.

[153] Ҳамон ҷо, саҳ. 35.

дарахтони чормағз баррасӣ мекунад: "Дар байни омилҳои гуногуне, ки ба ризогенези растаниҳои қадим таъсир мерасонанд, аз ҷумла растаниҳои чормағзро фарқ кардан мувофиқ аст: вобастагии намуд; синну сол ва андозаи филиали истифодашаванда; Таркиб, консентратсияи муҳити ғизо, мавҷудияти танзимкунандагони афзоиш дар он; шароити равшанӣ ва ҳарорат; давомнокии давраи ташаккулёбии реша ва амсолашон"[154].

Ин ки бархе аз уламо муътақиданд, ки дар шароити кӯҳистон боғдорӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, аз пажӯҳиши илмӣ фарсаххо дур мебошад, чунки навоҳии ғайри қобили қабул ҷиҳати парвариши мавод Мурғоб буд, аммо АМИТ тасмим гирифт дар иқлими он аққалан, картошка ва намудҳои гуногуни ғалладонаҳоро кишт намояд. Оқибат маводи киштшуда ҳосили дилхоҳ доду андешаи ғайри қобил будани дашти Мурғоб барои кишти мавод аз байн рафт.

[154] Ҳамон ҷо, саҳ. 84.

# МАТНШИНОСИ ХУШСАЛИҚА

**“Ман бо як калима, ки шумо мегӯед, мувофиқ нестам, аммо ҳозирам барои ҳақи шумо бимирам”.**

**Волтер**

Агар шумо фикр кунед, ки таҳрир роҳи муайян дорад ва бо донистани чанд равия, шумо метавонед ҳама намуди матнро таҳрир кунед, иштибоҳе азим хоҳед кард! Чунки таҳрир чист ва таҳрири матн чӣ маъно дорад?



Пеш аз таҳрир, матн макети пешакӣ сохташуда аст ва таҳрири муҳаррирон онро ба макети мукаммал ва тамошобоб табдил медиҳад. Муҳаррир намуди зоҳирӣ ва мундариҷаи матнро тавассути анҷом додани намудҳои гуногуни таҳрир тафтиш мекунад ва онҳоро аз иштибоҳоти имлоӣ ва маънавӣ пок менамояд. Ҳадафи муҳаррир комил кардани матн ва онро ба хонанда дар шакли бенуқсон расонидан аст, аммо дар ин мақола тасмим гирифтем ҷиҳати намуд ва навъҳои таҳрир бо истифода аз таҷрибаи узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Аламхон Кучарзода пажӯҳише анҷом диҳем. Лозим ба

ёдоварист, ки таҳрир намуди мушаххас надорад. Агар шумо хоҳед, ки таҳрири матнро шарҳ диҳед, шумо наметавонед танҳо ба чанд омили мушаххас ишора кунед ва бигӯед, ки таҳрири матн тавассути иҷрои инҳо анҷом дода мешавад. Намудҳои гуногуни таҳрир вуҷуд доранд ва дар ҳар як намуд якчанд омилҳо муҳим мешаванд. Намудҳои таҳрир вобаста ба ҳадафи ниҳоии матн метавонанд гуногун бошанд. Нависандагон ва тарҷумонҳои матнҳои илмӣ, адабӣ, романӣ ва шеърӣ, рӯзноманигорон, муҳаррирони маҷаллаҳо ва таҳиягарони мундариҷаи матни вебсайтҳо бояд аз навъҳои гуногуни таҳрир ва ҳадафи иҷрои онҳо огоҳ бошанд. Аламхон Кучарзода, ки матшиноси қавӣ дар муҳити адабии кишвар маҳсуб мешавад, таҳрирро хоси табъу нашр дониста, иртиботи онро ба васоити ахбори омма ёдоварӣ мекунад. Гузашта аз ин, мавсуф шуғли муҳарририро ба кормандони илму адаб ҷоиз дониста, бидуни таҳрир анҷом додани нашри монографияҳоро қобили қабул намебинад. Ҳамчунин, номбурда муҳарририро касби қадимтарин пиндошта, иртиботи онро бо пайдоиши хат мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Аксар вақт таҳрирро тасҳеҳ мефаҳмем ва воқеан, тасҳеҳ ба маънии ислоҳ кардани ғалатҳоест, ки дар матн ворид шудаанд. Матншиноси тоҷик бо итминони комил арз менамояд, ки касби муҳаррирӣ дар Тоҷикистон маҳз дар даврони Шӯравӣ тақвият пазируфта, дар шакли густурдае пешниҳод гардидааст, аммо ин андеша дар ҳеҷ сурат таҳрирро дар аҳди қадим ва асримиёнагӣ коста намегардонад. Инак, мутаваҷҷеҳ шавед ба чанд мулоҳиза, ки Кучарзода ҷиҳати мутолеа ба қалам овардааст: "Бояд гуфт, ки дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол озодии нашриёт ва матбуот таъмин гардида, дастгоҳи маҳдудсозии мафкураи ҳоким аз миён бардошта шуд ва ин ҳолат дар баробари бартариҳои зиёд дар соҳаи касби муҳаррирӣ як навъ бетаваҷҷуҳиро низ ба вуҷуд овард. Ин вазъияти номатлуб дар Тоҷикистон бетаваҷҷуҳӣ ба вироишро дар ҳамсоякишварҳои мо – Эрон ва Афғонистон ба ёд меорад"[155].

[155] Кучарзода А. Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ, Душанбе, "Матбааи ДМТ", - 2013, 140 с.

Аммо рӯйхати вижагиҳои имконпазири муҳаррирӣ беохир аст ва танҳо шумо ба ҳайси виростор метавонед муайян кунед, ки кадом хусусиятҳо барои шумо мувофиқанд. Чунки вироиши фаннӣ ва забонӣ аз муҳимтарин анвои виросторӣ аст ва бидуни шак, дар ин навъи вироиш, виростор ба ислоҳ ва беҳбуди зоҳири матн мепардозад. Ҳангоми анҷоми вироиши фаннӣ мавориде монанди ғалатҳои имлоӣ ва мушкилоти нигориш аҳамият пайдо мекунад. Дар вироиши забонӣ-сохторӣ ҳамон тавр ки аз номаш пайдост, сохтору ҷумлабандӣ аҳамият пайдо мекунад. Ва аммо мерасем ба вироиши муҳтавоӣ, тахассусӣ ё илмӣ! Дар матншиносии ҳамсоякишвар – Эрон ҷиҳати баррасии ин навъи таҳрир чунин омадааст: "Вироиши муҳтавоӣ ва сохторӣ мутафовит аз якдигаранд ва дар вироиши муҳтавоӣ тамаркуз бар муҳтавои матн мушоҳида мешавад, чунки дар ин навъи вироиш виростор бо таваҷҷуҳ ба муҳтаво ва заминаи матн шуруъ ба вироиш мекунад"[156]. Муҳаққиқони эронӣ ҷиҳати такмили касби муҳаррирӣ

дар навъи мазкур чунин пешниҳодҳоро ҷоиз медонанд, ки яке агар ҳазф ё худ коҳиш додани матолиби такрорӣ бошад, дигарӣ ислоҳи матолиби ғайриилмӣ маҳсуб мешавад. Ба қавли Аламхон Кучарзода, назария ва амалияи таҳрир фақат дар солҳои 50-уми садаи гузашта густариш ёфтааст: "Ҳарчанд таҷрибаи муҳаррирӣ роҳи дуру дарозеро тай намуда, бисёр қонунмандҳои таҳрир ҳануз то нимаи аввали садаи XX такмил ёфта буд, ба соҳаи махсуси илм мубаддал шудани назария ва амалияи таҳрир ба солҳои 50-уми асри XX рост омад ва барқароршавии ин илм дар се самт идома дошт: 1. Муайян кардани самти забониву услубии меҳнати муҳаррирӣ; 2. Ҷамъбасти тҷрибаи таҳриргарӣ; 3. Аз ҷиҳати назарӣ дар асоси хулосаҳои илми китобшиносӣ ва дигар соҳаҳои дониш, чун мантиқ, услуб, равоншиносӣ, педагогика, информатика, асоснок намудани таҳрир"[157]. Аммо матншиноси тоҷик асосҳои илмии таҳрирро дар ҳамоҳангӣ бо таҳрири адабиёти илмӣ баррасӣ намуда, нақши уламои русзабонро дар пажӯҳиши илмии таҳрир таъкид мекунад ва мутмаин аст,

[157] Ҳамон ҷо, саҳ. 15.

ки илми таҳрир бояд дар сатҳи ҷаҳонӣ матраҳ гардад. Бинобар ин, мавсуф қайд мекунад, ки чун соҳаи алоҳидаи илми китобшиносӣ, назария ва амалияи таҳрир аз пайвастани як қатор илмҳо ба вуҷуд омада, зимни тадриси уламо дар макотиби олӣ зуҳур кардааст. Гузашта аз ин, номбурда таносуби байни муаллиф ва муҳаррирро мавриди таҳқиқ қарор дода, бар ин андеша беш аз пеш моил мегардад, ки услуби илмӣ аз услуби илмӣ-оммавӣ мутафовит аст ва дар ин маврид бояд муаллиф бо муҳаррир дорои ҷаҳонбинии илмӣ бошанд, чунки муаллиф агар ҷаҳонбинии илмӣ дошта бошад, аммо муҳаррир не, пас таҳрир чандон боварибахш нест ва талаботи муосири бахши таҳрирро қонеъ намекунад. Дар ин маврид, матншиноси тоҷик чунин хулосаро баровvarда, эътимод бар он дорад, ки муҳаррирро чун муаллиф зарур аст, ки донишҳои мукаммал дошта бошад: “Муҳаррири асари бадеӣ агар дониши казоӣ надошта, аз қоидаҳои забон ва услуби тасвири бадеӣ ба хубӣ бархурдор набошад, гоҳи таҳрир баъзан ба хатоҳои фаҳш ва хандаовар роҳ медиҳад, ки таъсири манфии он

ба муаллиф ҳам мерасад”[158].Тибқи андешаронии Аламхон Кучарзода, муҳаррир зимни таҳрири матнҳои классикӣ ба мушкил рӯ ба рӯ меояд ва агар ӯ дорои донишҳои мукаммали илмӣ набошад, ҳангоми таҳрир ғалатҳоро нодида, боз мушкил дар мутолеа эҷод менамояд. Ин ғалаткориро номбурда зимни муқоисаи ду матни чоп гардидаи қиссаи “Марги судхӯр” шарҳ додааст: “Дар матни илмии “Марги судхӯр” (нашриёти “Адиб”, 2010) дар асоси татбиқи дастхатҳои нависанда ба матнҳои чопӣ зиёда аз 60 ғалат ва сукути калимаву таркибот ислоҳ шудааст ва агар муҳаррири матни оммавии “Марги судхӯр” (ТҶБ “Истиқбол”, 2011) асарро аз рӯйи матни илмии қисса ба чоп тайёр мекард, дар он ғалатҳои матнҳои пешин интиқол намеёфт”[159]. Бо вуҷуди ин, масъалаи асосии илми таҳрирро мавсуф дар дахолати муҳаррир ба асари муаллиф медонад. Гузашта аз ин, номбурда фаъолияти холисонаи муҳаррирро таъкид карда, бар ин бовар аст, ки мундариҷа дар ҳар асаре ва таълифе пеш аз ҳама тибқи манфиатҳои давлат ва

[158] Ҳамон ҷо, саҳ. 26.

[159] Ҳамон ҷо, саҳ. 30.

ҷамъият роҳандозӣ гардад, вагарна байни муаллиф ва муҳаррир тасодуми афкор ба вуҷуд омада, яке айбдоркунандаи дигаре хоҳад буд. Бинобар ин, матншинос муътақид аст, ки номақбул омадани дилхоҳ асар дар мундариҷаи он инъикос шудааст. Махсусан, ҷиҳати бархурд ва мусоидати муаллиф бо муҳаррир матншинос аз равобити дутарафаи устод Айнӣ бо муҳаррири осораш Абдусалом Деҳотӣ ёдоварӣ карда, роҳи мусоидатро барои ҳар ду ҷониб омили пешрафти кор пиндоштааст. Номбурда ин таносуброро хеле олӣ тасвир намудааст: “Устод Айнӣ дар “Хонадории шоир” ном фасли ҷ. III “Ёддоштҳо” рафти хонадор шудан ва баъди дидани афту андоми баду кареҳи арӯсбо дилсардии тамом муносибат кардани мулло Вафо ном шоири қашшоқро бо тафсил баён мекунад. Деҳотӣ маслиҳат медиҳад, ки ин лаҳзаро, ки хеле кашол ёфтааст, махсусан вақте ки варианти басо муъҷаз ва шинами он дар байни халқ маълум аст, ихтисор кардан лозим аст. Ва устод дарҳол розӣ шуданд”[160]. Яъне, муносибати нек доштани устод Айнӣ ба муҳарририи Деҳотӣ сабаб

[160] Ҳамон ҷо, саҳ. 63.

гардидааст, ки ҳар гуна мушкили таҳрирӣ дар вақташ бартараф гардад. Аз ин робитаҳои густурда метавон хулоса кард, ки касби муҳаррирӣ заҳматталаб буда, иртиботи қавии муҳаррирро бо муаллиф талаб менамояд. Алҳол, дар кишвари мо сафи муҳарририн рӯз аз рӯз афзун мегардад, аммо хатоҳои фоҳиш зимни таҳрири осор ба мушоҳида мерасанд ва зарурат пеш омадааст, ки мактаби муҳарририи хос тавлид ёбад.

## ТАБЛИҒИ БО ИЛМ АСОСНОКШУДА

Замони дарёфту дастрасии истқлоли давлатӣ бо



бархурд ва муноқишаҳои шадиди гурӯҳҳои мухолиф оғоз гардида, оқибат қудрати сиёсӣ неруҳои мутаассиби исломгароро бинобар иштиғол доштан дар интиқоли инқилоби исломӣ ва роҳандозӣ шудани навъҳои мухталифи терроризм мутаҳҳам намуданд. Агар дилхоҳ неруҳои сиёсӣ дар дилхоҳ кишваре бо дарназардошти интиқоли ормонҳои миллии мансуб ба аҷнабӣ фаъолият бинмуда, кӯшиши татбиқ сохтани низоми таҳмилӣ мекунад, дар ҳеҷ сурат муваффақ нахоҳад шуд. Чунин истротужӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ бештар мавриди роҳандозӣ қарор доштаанд ва дар ҳамаи давлатҳои собиқ Шӯравӣ шуруъ аз солҳои 90-уми садаи гузашта сенарияи бо татбиқи роҳҳои мухталиф дахл варзидани аҷнабӣ дар умури дохилии он кишварҳо мушоҳида мешавад. Аммо бо пажӯҳиши ин ки чаро тибқи аҳдофи геополитикӣ ҷиҳати тағйир додани низоми сиёсӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон мубаллиғини қудратҳои ҷаҳонӣ намунаи инқилобии исломиро интихоб кардаанд, моро аз лавозим аст, ки аввалан, объект ва сониян, субъекти геополитикаи муосирро дастрас намоем. Лозим ба ёдоварист, ки қудрат аз васеъ паҳншавии муслимин бохабар ҳастанд ва хеле хуб дарк менамуданд, ки раванди мазкур сатҳи густариши ҳувияти фарҳангии кишварҳои тавсеаёфтаро ноком мегардонад. Масалан, ҷомеашиноси амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон борҳо гӯшзад мекард, ки ҳувияти ғолиб бар соири ҳувиятҳо, яъне ҳувияти фарҳангии амрикоӣ, ки дар пояи протестантизми бритонӣ ташаккул ёфтааст, дар авоили садаи XXI бинобар нуфуз ёфтани ормонҳои мутааллиқ ба ислом осеб мебинад ва ИМА чун кишваре, ки таҳияи сиёсатҳо ғолибан дар марзи ӯ ба вуқуъ мепайванданд, ҷиҳати ягона усули нигаҳдошти қудрат, ки ҳувияти аҳолии он аст, ба инқирози маънавӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар ҳоле ки маҳз Ҳантингтон бо дарназардошти таҳияи сенарияи ошкорбаёнӣ (плюрализм) зарбаи маънавӣ бар пайкари низоми сусиёлистӣ зада, марги болшевизмро таъмин намуд, аммо дар масъалае, ки хоси мақолаи

мост, таҳияи “панисломизм” дар як замон баробар бо “саҳюнизм” ва “сусиёлизм” эҷод шудааст, бештар матраҳ хоҳад шуд. Иқрор мебояд кард, ки ҳануз дар садаи гузашта қудратҳои ҷаҳонӣ тавассути афроди илзомшуда (Ризохони Паҳлавӣ, Камол Мустафо Отатурк, Муҳаммад Алии Ҷанноҳ ва дигарон) дар мамлакатҳои мусалмоннишин андешаи бартарӣ доштани исломро аз соири адён ҷойгузин сохта, маҳз бо истифода аз эҷод намудани таассуби динӣ кишварҳоро аз рушд боздоштанд ва муқаддам аз он бинобар таблиғи Саид Ҷамолуддини Асадободӣ ва Шайх Муҳаммад Абдуҳ таҳти унвони “панисломизм” муслимини дунёро бо истротегияҳои номақбуле чун “ваҳҳобия”, “салафия”, “баҳовия”, “ҳизбуттаҳрир”, “ансоруллоҳ”, “ихвонулмуслимин” ва ҳоказо мубтало сохтанд. Бинобар ин, бо дастрас шудани истиқлоли сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инчунин таассуб ва тахрибкорӣ дар рафтору гуфтори пайравони Нурӣ ва соири афроди заҳролудшуда мушоҳида мешуд, чунки мо истиқлолро дар соли 1991 соҳиб гардидем, аммо оличанобон аз ҳизби наҳзат ҳануз соли 1986 тазоҳурот ҷиҳати интиқол

намудани Инқилоби исломии Эрон дар водии Вахш барпо намуда буданд. Чаро маҳз Эрон, ки он ҷо ба шиаи исноашария мақоми давлатӣ дода шудааст? Бештари мубаллиғини амрикоӣ, ки бо пардаи коршиноси улуми ҷомеашиносӣ ба минбарҳо раҳбарӣ мекунанд, баробар бо таҳияи сиёсати мусоид ҷиҳати гирифтор кардани кишварҳои рӯ ба инкишоф аз иртиботи ирсии аҳолӣ суиистифода мекунанд, ки бобати исботи фикр метавон аз вожаи "бародари бузург" истифода кард. Барои аксар кишварҳои пасошӯравӣ (Озарбойҷон, Узбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон) чунин бародаркалон Туркия аст, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо аз мавқеъ ва вазъи ин кишвар васеъ истифода мекунанд, аммо барои Тоҷикистон фақат Эрон бародари бузург аст ва ҳамчунин, дар хориҷи кишвар низ хеле хуб дарк кардаанд, ки аҳли зиёи Тоҷикистон аз худ бештар ба Эрон эътимод доранд. Шояд ҳамин омили мутазаккир сабаб шуд, ки солҳои интиқоли инқилоби исломӣ анбуҳи бузурги ҷомеаи Тоҷикистон ҷиҳати пайдо кардани паногоҳи сиёсӣ маҳз Эрон ва шиаи дувоздаҳимомаро интихоб карданд. Вале як нафар ватандӯст ва худогоҳ аз

зумраи тоҷикон пайдо шуд, ки ин раванди басе зиёноварро боздошту ҷиҳати баргардон кардани фирориён иқдом намуд. Ин фарди худогоҳ ҳамонвақта Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд, ки узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих Абдуфаттоҳ Шарифзода дар монографияи хеш таҳти унвони "Наҷотбахши миллат" бобати нақши густурдаи шахси мутазаккир ин андешаро баён мекунад: "Эмомалӣ Раҳмонов масъулияти бузургро ба зиммаи худ гирифта, манфиатҳои умумихалқиро бар манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ муқаддам донист. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмонов халқи тоҷик нахустин бор чун як қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар таърихи нави худ бо мақсади демократӣ сохтани ҷомеа, сохтани давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва якпорча, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бо гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи нави кишварро қабул кард, ки он барои сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёду дунявӣ ва риояи дастовардҳои

инсоният дар соҳаҳои инсону шаҳрванд кафолат медод"[161]. Гузашта аз ин, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, равоншод Раҳим Масов ба монографияи мазкур пешгуфторе нигоштааст, ки он ҷо ин ҳарфҳои судмандро гӯшзад менамояд: "Ва ҳеҷ ниёзе нест барои бофтану кофтани ягон "ғояи миллӣ"-и дигар, ки ба ягон халқ рисолати махсуси таърихӣ ва ё нақши махсусро дар рушди башар вогузор мекарда бошад"[162].

Воқеан, агар ба таърих мутаваҷҷеҳ шавем, дар аксар кишварҳо ва дар дилхоҳ ҷомеаҳо нафаре қудратро бар манофеи миллӣ истифода карда, давлатро аз душманони хориҷиву дохилӣ раҳо мекунад ва ба қудрат омадани фарди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон гувоҳи ин гуфтаҳост. Беҳуда Шарифзода монографияи хешро "Наҷотбахши миллат" унвон нагузоштааст. Чунки дар сурати воқеъ гардидани интиқоли инқилоби исломӣ тавассути афроди ҷаҳолатпеша кишвари мо ба ҳамсоякишвари дар ҷаҳлу торикӣ олуда ва басе аз рушду тараққӣ маҳруммонда – Афғонистон табдил меёфт ва

---

[161] Шарифзода А., Ғафуров А. Наҷотбахши миллат, Душанбе, - 2012, 320 с.

[162] Ҳамон ҷо, саҳ. 4.

хурофоту зулм бар ақлу хирад ғолиб меомад.Мавсуф зимни баррасии сиёсати хориҷӣ чунин андешаро матраҳ месозад, ки боиси дастгирӣ буда, бинобар донистани мавқеъ дар арсаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад: “Дарки мушаххаси мавқеъи геополитикӣ ва таъини равшани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ба Тоҷикистон имкони дарёфти ҷойгоҳи худ дар ҷаҳони муосир, таҳкими марҳила ба марҳилаи ин ҷойгоҳ ва истифодаи имконоти ғаниро дар ҳалли мушкилоти дохилӣ фароҳам овард”[163].

Абдуфаттоҳ Шарифзода муътақид мебошад, ки танҳо сиёсати “Ваҳдати миллӣ” имкон фароҳам овард, ки Тоҷикистон чун кишвари мустақил ҷониби рушду тараққӣ рӯ намояд ва дар иртиботи қавӣ фаъолиятро созмон бахшад. Дар ин маврид муаллиф менависад: “Ваҳдати миллӣ ҳамчун омили муттаҳидсозандаи миллати тоҷик имкон фароҳам овард, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шуд ва барои беҳтар гардидани сатҳи сифати

[163] Ҳамон ҷо, саҳ. 133.

зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардид”[164].

Лозим ба ёдоварист, ки дар ағлаб кишварҳо роҳбари ношоиста ва побанд аз гурӯҳҳои манфиатдори хориҷӣ боиси ба футур рафтани ҷомеа гардиданд ва ин рӯҳдод бори дигар исбот мекунад, ки нақши Сарвари давлат дар таъмини субот бағоят бузург аст. Воқеан, дар замони муосир шак ҷиҳати раҳбарии Эмомалӣ Раҳмон вуҷуд надорад ва ҳатто ашшадитарин инсоне, ки дастовардҳои миллати моро дар замони соҳибистиқлолӣ эътироф намекунад, ба истеъдоду лаёқати инфиродии Президенти кишвар итминон дорад ва мутмаин аст, ки сарҷамъии миллати тоҷик дар ҳоли ҳозир натиҷаи масъулият ва раҳбарии Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

[164] Ҳамон ҷо, саҳ. 64.

# ИСЁНИ ВОСЕЪ ДАР ПАЖӮҲИШИ ДОНИШМАНДИ ТАЪРИХ

Шахсияти Восеъ ба ҳайси яке аз роҳбарони шуҷоъ ва диловар дар шӯриши соли 1885, ки дар бекии Балҷувон рух дода, боиси нороҳатии на танҳо мири Балҷувон, балки амири Бухоро гардидааст, дар таърихи миллату давлати Тоҷикистон нақши босазо дорад. Махсусан, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳайдаршо Пирумшоев ба таҳқиқи вижагиҳои гуногуни наҳзатҳои деҳқонон дар нимаи дувуми садаи XIX таҳти роҳбарии Восеъ диққати хоссе зоҳир карда, нозукиҳои ин ҳаракатро батафсир мавриди баррасӣ қарор додааст. Зимни баррасии илмии шӯриш мавсуф ба сарчашма ва манобеи таърихии ба забони русӣ маҳфузмонда бештар таваҷҷуҳ намуда, таҳқиқҳои ховаршиносонро бо ҳам қиёс менамояд ва ба хулосае меояд, ки исёни Восеъ омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар бар мекард.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Таърихи мухтасари халқи тоҷик” зимни баррасии шӯришҳои деҳқонон ба ошӯби деҳқонон бо сардории Восеъ

таваҷҷуҳ намуда, чунин меорад: “Шӯриши Восеъ, ки дар соли 1885 ба вуҷуд омада буд, якчандсол дар водии Кӯлоб ва Балҷувон хушксолӣ давом мекард. Илова ба ин, дар соли 1884 зироати табиии ҳокимнишини Балҷувон ба ҳуҷуми малахи аз Афғонистон парвоз кардагӣ дучор гардида, ба куллӣ талаф мешавад. Лекин дар соли 1885 зироат хеле хуб шуда бошад ҳам, ба офати бадтар аз малах дучор мегардад, амлокдор, доруға ва дигар намояндагони ҳукумати амирӣ ба деҳаҳо давр зада, аз аҳолӣ молиёти (андози) солҳои беҳосилии гузаштаро низ талаб менамоянд”165.

Муаррихон аҳамияти таърихии қаҳрамонии ин шахсияти машҳурро паси якдигар мавриди пажӯҳиш қарор медиҳанд. Гузашта аз ин, авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳамонвақтаи Балҷувон ва иртибот пайдо кардани он бо аморати Бухоро бинобар ғасб шудани ин сарзамин аз сӯи Русияи подшоҳӣ таҳқиқи тамоман наверо аз нигоҳи имрӯзаи ҷаҳони муосир иқтизо мекунад. Бе шакку шубҳа муаррихини аҳди шӯравӣ ин исёни азимро алайҳи зулм ва истибдоди силсилаи ҳоким

165 Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик, с.374-375.

ба қалам овардаанд, ки дар ин муқобила аҳдофи миллӣ ва инфиродӣ мавриди назар қарор нагирифтааст. Баҳонаи шӯришро аз болоравии андозу боҷу хироҷ донистаанд, ки бо зиёдшавии он косаи сабру таҳаммули оммаи васеи деҳқонон оқибат боиси ошуфтагии кишоварзон гардидааст. Дар баробари ин, паи ҳам омадани хушксолиҳо ва дар иртибот бо он қонеъ нагардидани деҳқонон аз натиҷаи ҳосил тафаккури ошуфтаҳолиро дар мағзу андоми кишоварзон ба вуҷуд овард.

Восеъ зода ва парвардаи рустои Дараи Мухтори ноҳияи имрӯзаи Ховалинг аст, ки он ҷо танҳо тоҷикони кӯҳистон ва муқовиматкунанда бар зулму таадии роҳбарони ғайри тоҷик ва турктабори бекии Балҷувон мақоми иқомат гузидаанд. Агар ба ин мавзеъ сайр намуда, ҳолати равонии сокинони онро мушоҳида кунед, пас ба хулосае меоед, ки низоми аҷнабӣ ягона омили нороҳатии онҳо маҳсуб мешавад. Ин мардумони ба худии худ мавҷудбуда зиндагии орому осуда ва бо ҳам печидаву ҳамоҳанге доранд ва инчунин оромиро танҳо дахолати бегонагон дар умури хонаводагӣ метавонист

музтариб созад ва дар мафкураи аҳолӣ андешаи муқовиматро алайҳи роҳбарони мустабид эҷод бинмояд. Тоҷикон, ки аз зумраи озодагон маҳсуб мешаванд, ғолибан дар муқобили тангчашмон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд ва аз манбаъҳо бармеояд, ки тоҷик бо турк қиёс мешавад. Маҳз ҳамин зулму тааддӣ деҳқонони мулки Балҷувонро бар алайҳи ҳокимони зулмпеша ҳидоят намудааст.

Шӯриши Восеъ воқеъаи пеш аз вуқӯъ тарҳрезишуда набуд ва ба таври табиӣ ҳодис шуд. Дар ин шӯриш муҳаққиқон омилҳои иқтисодиро бештар аз соири авомили барпокунанда донистаанд ва низ маҳз болоравии андоз ва закотро боис шуморидаанд, аммо чаро дар шӯришҳои қаблан ба вуқуъ пайваста ҳамин болоравии андозу закот буд, аммо он исёнҳо чун шӯриши Восеъ васеъ паҳн нагардид? Чаро онҳо аз ҳудуди як минтақа хуруҷ накарданд? Чаро исёнҳои ба вуҷудомадаро бек дар кӯтоҳтарин муддат пахш кард? Чаро шӯриши оммавӣ таҳти сарварии Восеъ марзи Балҷувонро низ гузашта, дар Кӯлоб низ ҳамовозӣ ёфт ва деҳқонон алайҳи беки Кӯлоб шӯриш бардоштанд?

Масалан, шӯриши соли 1870 рухдодаро агар мушоҳида кунед, пас маълум мешавад, ки исёни мазкур руҳан заиф буд ва деҳқонони шӯрида пас аз тасарруф намудани қалъаи мир моликиятҳои худро гирифта, ба хонаҳои хеш пароканда шуданд. Шӯриши деҳқонони Балҷувон низ дар соли 1874 зуд пароканда гардид, чунки омили асосии пайдоиши онҳо танҳо болоравии закоту андоз ва хушксолиҳо маҳсуб мешуданд. Агар сафи деҳқононро, ки аз зулми амлокдорону андозситонон ба дод омада буданд, аз рӯи мантиқ баҳогузорӣ кунем, пас теъдоди онҳо аз 200 – 300 нафар таҷовуз намекард, лекин дере нагузашта аз ибтикори Восеъ ҷиҳати бархурд бо асокираи амир ҳазорон деҳқонон муттаҳид шуданд. Яъне муқовимати Восеъ бо пайравонаш аз гирду акнофи Ховалинг ва баъдан тамоми Балҷувон ва қисме аз сокинони Кӯлоб бо як – ду амлокдору беки Балҷувон нигаронида нашуда буд. Ҳадафи шӯришгарон алайҳи низоми амирӣ буд, ки корношоям гардидани онро сайёҳони рус ва маорифпарварони Бухоро таъкид намудаанд.

Аморат бо тамоми нуфузаш дар аснои шӯриши Восеъ дар ҷаҳлу торикӣ мезист ва на фақат аз лиҳози иқтисодӣ, балки аз нигоҳи маънавӣ низ дар ҳолати фақр қарор дошт. Бухоро, ки маркази аморат буд, дар он замон ба майдони ҷазодиҳӣ ва ба дор овехтани аҳли муқовимат мубаддал гардид.

Қишри интеллектулии он замон рӯҳониён буданд, ки бар манфиати амир масоилро ҳаллу фасл мекарданд ва аҳли муқовиматро ба куфру зиндиқию габр туҳмат менамуданд. Дар маросими ба дор овехтани шӯришгарон бошад, ҳокимияти мутлақи амирро беҳтарин дар ҷаҳон гуфта, боре ҳам фикр намекарданд, ки мадҳу санои эшон саропо мухолиф ба аҳкоми ислом аст. Ҳангоми тасарруфи қалъаи мир дар Балҷувон низ боз ҳамин муллоҳо дар хидмати бек ҳозир шуда, шӯришгаронро ба силоҳпартоӣ ва итоат аз амир, ки гӯё сояи Худо дар замин аст, даъват менамуданд. Бешубҳа яке аз авомили нокомӣ ва пахш гардидани шӯриш ҳамин муллоҳо маҳсуб мешаванд, ки бар ивази молу сарвати ночиз исломро дар муқобили ислом вогузошта, сафедро сияҳ ва сияҳро сафед муаррифӣ менамуданд.

Шӯришгаронро маҳз ҳамин афсонаи муллоҳо ҷиҳати итоат аз амир, ки ӯ бо хости Худо ва бо дахолати ӯ ба ин мансаб нишастааст, шикаст ва пароканда сохт. Дин он замон ва дар дарбори Манғития рисолати худро дар ҳақ нишон додани ҳукумати фалаҷгардидаи аморат бар василаи аҳли хеш муаррифӣ мекард. Агар мушоҳидакор бошед, рӯҳониён ҳамеша бар зарари мардуми мусалмон ва бар нафъи тоифаи ҳокими бехабар ва ҷаллод хидмат намудаанд ва дастур додаанд, ки мухолифони амир ба бузургтарин ҷазо, яъне сангсору овехтан сазоворанд. Ҳамчунин, мавқеи рӯҳониён нисбат ба шӯришгарон низ ҷуз хидмати чоплусона ба амир ва атрофиёни ӯ дигар чизе набудааст, ки айни замон мо бо амали онҳо ифтихор намоем. Дар шӯришҳои нимаи дувуми садаи XIX низ сафи аҳли муқовимат аз ҳисоби деҳқонон ва фуқаро пур мешуд, аммо муллоҳо, ки нисбатан аз тоифаи дар фақру тангдастӣ ғутавари деҳқонон каме доротар буданд, бечунучаро аз табақаи ҳоким дастгирӣ мекарданд.

Нахустин ихтилофро дар баррасӣ ва таҳқиқи шӯриши Восеъ санаи барпошавии он ташкил мекунад.

Академик Бобоҷон Ғафуров санаи ба вуқуъ пайвастани шӯришро дар китоби “Тоҷикон” соли 1885 пиндоштааст. Муддати муайян муаррихон дар ин хулоса буданд, ки рӯйдоди мазкур маҳз ба ҳамин давра солҳои 1886 – 87 иртибот дорад, чунки манобеи таърихии он замон санаи рухдиҳии онро дарҷ накардаанд. Шояд аз ҳамин хотир буд, ки муаррихон муддати мадиде перомуни ин мушкилии таърихӣ музокираҳо барпо менамуданд, аммо ба як хулосае омада наметавонистанд. А.А.Семёнов аз матни мактубе воқиф гардид, ки аз номи Остонақул ба амир Абдулаҳад иншо шудааст, аммо бо такя бар ин мактуб худи Семёнов санаи дақиқи зуҳуроти шӯришро ошкор накардааст. Тибқи маълумоти муаллифи китоби “Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз” муаррих Ғолиб Ғоибов аз зумраи муҳаққиқони шӯриши номбурда танҳо И.А.Стетсенко “бо ҷалби маводи архивӣ таърихи саҳеҳи сар задани шӯриши мазкурро бо қатъият соли 1888 дар моҳҳои июл – август нишон дод”166.

Аз ин ба баъд дигар муҳаққиқони шӯриши Восеъ низ замони сар задани шӯришро соли 1888 гуфтаанд.

---

166 Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз, - с. 533.

Ҳайдаршо Пирумшоев дар китоби “Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ” дар ин маврид менависад: “Охири соли 1885 – аввали соли 1886 дар водии дарёи Яхсу дар амлоки Сарипули бекии Балҷувон шӯриш сар зад. Норозигии деҳқонон дар ин ё он шакл дар дигар бекиҳо низ мушоҳида гардиданд. Ҳамаи ин барои шӯриши калони муташаккил, ба монанди шӯрише бо сарварии Восеъ замина ба вуҷуд меовард”167.

Дигар мушкилӣ дар таҳқиқу баррасии ҳаводиси марбут ба Восеъ бояд авомили барпокунандаи шӯриш бошад, аммо аксар муаррихон ҳангоми баёни ин масъала болоравии андоз, саркашии деҳқонон аз андозсупорӣ, зӯроварии масъулин ҳангоми ситонидани боҷу хироҷ ва мисли ин авомилро изҳор доштаанд. Бояд иқрор кард, ки дар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, минҷумла дар Балҷувон намояндаи амири манғит дар раъси ҳокимият қарор дошт ва аксар вақт аҳолии кӯҳистон, ки ғолибан тоҷикон буданд, бо беку наздиконаш ихтилоф доштанд ва доираи ин ихтилоф рӯз аз рӯз васеъ мегардид. Аммо косаи сабри тоҷикони кӯҳистони Ховалинг танҳо дар

167 Пирумшоев Ҳ. Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ. Душанбе, Ирфон, 1992,- с. 5.

соли 1888 лабрез гардид. Дигар пешгирӣ кардани ин авзоъ имкон надошт ва амир ҳам бо иллати бехабарӣ аз сиёсат ва санъати идора кардани авом барои рафъи мушкилиҳои мавҷудаи сиёсӣ ҷаҳд намеварзид. Аз ин хотир, ҷараёни саркӯбшавии шӯришгарон як саҳнаи басо ҷолиби диққатро мемонад, ки дар он саҳна мақоми аввалро ҷосус бозидааст. Махсусан, ҳангоми дастгир шудани Восеъ ва роҳҳои истифода шудани саноеи ҷосусӣ чунин ба назар мерасад, ки ғайри амиру дарбориён боз ниҳоде низ вуҷуд дорад, ки фирор кардани Восеъро ба мулки Афғонистон қобили қабул намешуморад, аммо ин ниҳод дар ҳукумати амир Музаффар хеле заиф буд ва ба ҷурми камфаъолиятии он амирро аз чунин авзоъ танҳо Русияи подшоҳӣ метавонист наҷот диҳад. Он ҳангом дар Осиёи Марказӣ Русияи подшоҳӣ ва дар Афғонистону Британиё ҳадафҳои геополитикии хешро роҳандозӣ менамуданд. Бинобар ин, ба Афғонистон фирор кардани Восеъ бар манфиати мақсадҳои геополитикии Русияи подшоҳӣ мухолифат мекард.

Дар васфи Восеъ сурудҳои мардумӣ зиёд маҳфуз мондаанд ва ин сурудҳо аз ҷониби Гурғулихонҳо то ҳоло замзама мешаванд. Чунончи:

*Восеъ ғазост имрӯз,*

*Ҷон мубталост имрӯз.*

*Ғавғои рӯзи маҳшар,*

*Дар фуқарост имрӯз.*

Пирумшоев Ҳ. дар бораи нахустин тадқиқот оид ба шӯриши Восеъ чунин менависад: “Сурудҳои халқӣ дар васфи Восеъ” – ро, ки фолклоршинос С. Раҳимӣ дар соли 1930 ҷамъ овардааст, мебояд тадқиқоти аввалин ҳисобид. Дар мақолаи ҳаҷман хурди муқаддимавӣ ба ин “Суруд” – ҳо муаллиф кӯшидааст таърихи шӯришро мухтасар тавсиф кунад. Аммо, азбаски вай дар корҳои тадқиқот малака надошт ва материали ҷамъ овардашуда маҳдуд буд, имконият пайдо накард, ки сабаби асосии шӯриш, яъне асосҳои иҷтимоии онро ошкор намояд ва рафту маром, миқёс ва мавқеи онро дар таърихи ҳаракати деҳқонии кишвар муфассал баён кунад”168.

168 Пирумшоев Ҳ. Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ, с. 38.

# БОНУЕ, КИ КАЙҲОНШИНОС АСТ

Тоҷикон аз қадимулайём ба нуҷумшиносӣ майли беандоза дошта, имрӯз низ дар таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ саҳм мегузоранд. Олимаи астрофизик Гулчеҳра Қоҳироваро рӯзи байналмиллалии занону духтарон дар илм, мушоҳида намудем. Номбурда аз минбари толори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавре аз илми астрофизикаи тоҷик сухан мекард, ки ҳозирин ӯро бо кафкубиҳои самимӣ истиқбол мекарданд. Аз ҳамон вақт маълум намудем, ки Гулчеҳрабону дар баробари доктори илмҳои физикаву техника, боз директори Институти астрофизикаи АМИТ мебошад. Аммо ҳангоми кушодашавии Расадхонаи астрономии байналмилалии “Санглох” дар ноҳияи Данғара, ки дар он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуд, Гулчеҳра Қоҳирова ҳамчун кайҳоншинос аз мушоҳидаҳои астрономӣ ҳарф мезад ва қайд мекард, ки телескопи оинагие бо қутри якметра муддати 25 сол аз фаъолият боз монда буд. Баъдан номбурда дар як мақолаи илмӣ ҷиҳати барқарорсозӣ ва

модернизатсияи таҷҳизоти астрономии Расадхонаи мазкур чунин андешаро таъкид намуд: «Нахустин бор равонаи автоматики телескоп ба объектҳои муайян аз рӯи координатҳои додашудаи онҳо ба амал оварда шуд. Камераи нави ракамӣ бо асбоби CCD махсус барои мушоҳидаҳои астрономӣ ба телескоп пайваст карда шуд, ки тавассути он ҷирмҳои осмонӣ аксбардорӣ карда мешаванд». Расадхонаи санглохро хеле хуб ба ҳамватанон муаррифӣ намуданд, аммо биёед мутахассис дар ин маврид чӣ мегӯяд: "Лозим ба зикри хос аст, ки Расадхонаи байналмилалии астрономии санглох аз лиҳози диди оптикӣ ва иқлими астрономӣ беҳтарин дар ҷаҳон аст ва он дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти аҳамияти бузурги илмӣ ва байналмилалии мушоҳидаҳои астрономӣ, омӯзиш ва таҳқиқи ҷирмҳои хурди Системаи Офтобӣ, кометаҳо, бо дастгирии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди 26 соли аз кор мондан, барқарор карда шуд".

Дар ҳақиқат расадхонаи астрономии байналмилалии "Санглох" имрӯз бо дарназардошти насб гардидани таҷҳизоти муосири рақамӣ ба ҳамаи меъёрҳои илми

астрофизикаи муосир посӯхгӯ мебошад, аммо ҳайрати мо аз он иборат аст, ки дар мамлакат аз миёни занону духтарон низ шахсиятҳои бузург дар илми муосир дида мешаванд ва ба мушоҳидаи ҷирмҳои осмонӣ машғул шуда, аз вазъи кайҳон моро бохабар менамоянд. Таҷрибаи пажӯҳишгарони Академияи миллии илмҳо дар мисоли Гулчеҳра Қоҳирова аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҷомеа роҳҳои ҷалб намудани бонувон ба фаъолиятҳои мухталиф вуҷуд дорад. Ғайр аз ин, занон бинобар саҳмгузориашон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият нишон доданд, ки дар баробари мардон ва ҳатто болотар аз мардон дар фаъолият масъул мебошанд. Гулчеҳрабону чун муҳаққиқ аз хатарҳое, ки берун аз Замин ба вуқуъ мепайванданд, моро воқиф намуда, ҳатто роҳҳои бартараф сохтани онҳоро пешниҳод мекунад: "Расмҳои якчанд объектҳои даруни Системаи Офтобӣ гирифта шудаанд, ки байни онҳо астероиди назди заминии 2005JF21 ба Замин хатари эҳтимолӣ дорад". Саҳми беандозаи илм дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ исбот менамояд, ки инсони воқиф бартариҳо дошта, зиндагии худро нисбат ба дигарон беҳтар мегузаронад.

Ҳамакнун, месазад ба нигоҳи ниёгонамон ба кайҳон рӯ оварем, ки онҳо дар замонҳои гуногун чӣ нақше дар густариши илми нуҷум аз худ боқӣ гузоштаанд.

Нуҷумшиносии халқҳои эронитабор дар замони муосир маводи илмии арзишманд дониста мешавад. Ксенафонт тасдиқ менамояд, ки ориёиёни аҳди қадим ба дувоздаҳ қабоил ҷудо шуда будаанд ва мутобиқ ба илми ситорашиносӣ дувоздаҳ бурҷро шабеҳ мебошанд. Ҳатто дини зардуштия бидуни донишҳои муайяни нуҷумшиносӣ дарк карда намешавад ва ба буруҷи дувоздаҳгона иртибот дорад. Дар "Шоҳнома" -и Фирдавсӣ низ достони дувоздаҳ рух ба рақами 12 алоқаманд аст.

Хайёми Нишопурӣ чун нуҷумшинос шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст, чунки алҳол барои аксар олимон маълум мебошад, ки номбурда ҷадвалҳои илми нуҷумро эҷод намудааст. Ба мо мутаассифона танҳо асарҳои ба алгебра ва асосҳои геометрия марбут будааш расидаанд. Ҳамчунин, Умари Хайёми Нишопурӣ яке аз уламоест, ки дар ислоҳи тақвими соли 1074 мушорикат доштааст.

Қисмати бузурги донишҳои ситорашиносии араб ба форсизабонон марбут мебошад ва ҳатто нуҷумшиносии тоҷиконро аз ситорашиносии араб имкони фарқ кардан нест, чунки он донишҳои нуҷумшиносие, ки ба сифати илми ситорашиносии араб медонем, дар ҳақиқат маҳсули тафаккури тоҷикон ва дигар форсизабонон маҳсуб мешавад. Ду нафаре, ки мо онҳоро чун донишмандони араб медонем, чун Албумасар ва Бӯалии Сино тоҷиканд. Ибни Сино қудратро дар дарки худ дар чандин вазъ матраҳ намуда, бешак ҷиҳати баррасии сатҳи худогоҳии ом низ таваққуф намудааст. Аз ҷумла, дар "Китоби Шифо" зимни баррасии ин вижагиҳо менависад: "Ва мардум дар шинохти тобеи омма ва аҷнос ҳама монанди якдигаранд. Ва тафовути онҳо дар ин аст, ки баъзе аз эшон ба анвоъ мерасанд ва онҳоро мешиносанду дар тафсили онҳо ворид мешаванд ва баъзе дар аҷнос мемонанд. Чунонки масалан, баъзе фақат дар ҳайвонияти мутлақ шиносо мешаванд ва баъзе ба шинохти инсону асб ва ғайра низ ноил мегарданд. Ва чун шиносоӣ ба табоеъи анвоъ расид, баҳс тамом мешавад ва ба шиносоии ашхосу афрод эътиное нест ва нуфуси мо ба

он рағбат надорад”. Ин ҷо масъалаи нафс матраҳ аст ва мутафаккир сатҳи шиносоии оммаи мардумро гуногун арзёбӣ мекунад. Ҳамчунин, таъкид менамояд, ки инсонҳо дараҷаи шиносоии мухталиф доранд ва аксар вақт раванди шиносоӣ ба вижагиҳои маърифати нафс нарасида, бо матраҳсозии масоили марбут ба қилу қол анҷом меёбад. Суоли матраҳ низ иборат аз ин аст ки инсон чун ҷонвари гӯё магар аз соири ҷонварон мутафовит аст? Ва бо дарназардошти равиши фалсафии Ибни Сино посух мегирем: на дар ҳамаи мавридҳо, яъне ҳастанд инсонҳое, ки дараҷаи худогоҳии онҳо баробар бо сутурон аст. Бо дарназардошти инчунин вижагиҳои худогоҳӣ Шайхурраис  худогоҳии ҳайвонро низ баррасӣ кардааст ва то кунун ин андеша, ки муҳтавои он аксариятро аз худогоҳии инфиродӣ маҳрум сохта, онҳоро дар як саф бо ҷонварон мегузорад, тарвиҷ ёфта, дар зеҳни пиру барно ғолиб омадааст. Ин ки мо аксар афроди ҷомеаро маҳрум аз худогоҳӣ мебинем, ба заъфи идроки минбаъдаи миллат мусоидат мекунад ва намегузорад, ки бештарини мо ба таҳқиқи худ пардозанд ва “онҳо”, ки худро аз “мо” бартар медонанд, бо чунин

матраҳёбии раванди худогоҳии миллӣ хушҳол мешаванд, чунки моро онҳо ғайри худ пиндоштаанд ва тавассути мо онҳо ба дарки худ дастрасӣ меёбанд. Гузаштагони мо дар маросими номгузорӣ низ аз донишҳои астрономии ҳамзамононашон истифода намуда, аз илм баҳрабардорӣ мекардаанд.

Имрӯз дар қатори дигар муҳаққиқон бонуи тоҷик кайҳоншинос аст ва андешаи илмии ӯ барои ҷомеа аз фоида холӣ нест. Аз ин хотир, мо чун мушоҳидакор танҳо аҳсант хоҳем гуфт ва таманно дорем, ки волидайн ба роҳи илм рафтани духтарони хешро истиқбол кунанд. Гулчеҳра Қоҳирова меросбари он тамаддуне дониста мешавад, ки дар илм бо номи фарҳанги ориёӣ маълум аст ва бешубҳа, пажӯҳишҳои мавсуф ҷиҳати баррасии системи Галактика аз тариқи Расадхонаи “Санглох” моро мутмаин месозад, ки бонуи точик, ки кайҳоншинос аст, ҷиҳати навовариҳои илмии астрофизикӣ нақшгузор хоҳад буд.

## ҲУҚУҚ БА СОҲИБКОРӢ

Соҳибкорӣ роҳе аз партавҳои ба даст овардани фоида аст, вале инчунин хоҳишҳои инфиродии шаҳрванд тибқи талаботи қонун роҳандозӣ мешавад. Бинобар ин, дилхоҳ давлат аз рушди соҳибкории хурду миёна ҷонибдорӣ карда, ҷиҳати афзоиш ва паҳншавии он мусоидат мекунад. Сарчашмаи соҳибкории муосир низ ҷомеаҳои аҳди қадим маҳсуб мешаванд ва чунонки узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода Маҳмад Забир мутазаккир мешавад: "Бояд зикр намуд, ки дар танзими муносибатҳои тиҷоратӣ меъёрҳои китоби муқаддаси Авасто ҳамчун аввалин ва ягона сарчашмаи ҳуқуқии гузаштагони тоҷикон дар асрҳои 2 то 8 то милод эҷод гардидааст, аҳамияти калон дошт". Ба ибораи дигар, соҳибкорӣ ва тиҷорат қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ҷиҳати беҳтар кардани авзоъ ва аҳволи инсонҳо пешбинӣ шудааст ва бинобар пайдоиши моликияти хусусӣ хеле бо сурати ҳангуфте тақвият ёфтааст. Азбаски низоми иқтисодии Шӯравӣ моликияти хусусиро инкор мекард, он ҳангом ба соҳибкорӣ ва

тиҷорат кам таваҷҷуҳ зоҳир мегашт ва афроди ба савдо иштиғолдоштаро ҷомеаи шӯравӣ истиқбол намекард, балки маҳкум менамуд. Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмад Забир Раҳимзода дар як монографияи хеш бо номи “Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ” шартҳои асоситарини ҳар гуна хариду фурӯғшро чунин шарҳ медиҳад: “Мутобиқи талаботи шартномаи хариду фурӯш бояд фурӯшанда молро дуруст ва бехато чен намояд ё баркашад, мол бояд кам дода нашавад, тарозуе, ки дар он маҳсулот баркашида мешавад, ё ин ки дигар ченакҳо камбудӣ надошта бошанд. Тоҷир бояд ба фиреб додани харидорон роҳ надиҳад, зеро ин амал гуноҳи азим буда, ҳамчун ҷиноят ба ҳисоб гирифта мешавад”[169].

Сухани ҳикматомези Саъдӣ ҷиҳати ҳамоҳангии мол бо тиҷорат ибратбахш аст, чунки табиати мол ба гардиш ниёз дошта, чун аз гардиш маҳрум монд, ҳатман нобуд мешавад. Ба қавли Маҳмад Забир Раҳимзода, оид ба ҷабҳаҳои гуногуни иқтисод ва тиҷорат Закариёи Розӣ,

[169] Раҳимзода Маҳмад Забир. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ, Душанбе, “Меҳрона”, - 2018, саҳ. 12.

Муҳаммад Ғаззолӣ, Хоҷа Насируддини Тусӣ, Ибни Халдун, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон ибрози ақида намудаанд: “Муҳаммад Ғаззолӣ дар асари худ “Кимиёи саодат” қайд менамояд, ки барои оне ки хариду фурӯш анҷом дода шавад, се шарт, аз ҷумла мавҷудияти харидору фурӯшанда, мол ва лафз зарур аст. Ҳамзамон, ба ақидаи ӯ мол бояд аз они фурӯшанда бошад, тоҷир бояд арзиши молро одилона муайян намояд, ашёе, ки фурӯхта мешавад, қобили доду гирифт бошад”[170].

Тибқи ҳадиси набавӣ агар фоида аз ҳаҷми аслии хеш се маротиб зиёд бошад, пас инчунин фоида ҳаром аст. Яъне, бо дарназардошти мубодила меъёрҳое мавҷуд буданд, ки вижагиҳои харидфурӯшро дар бар мегирифтанд ва дар замони муосир низ ин меъёрҳо амал мекунанд. Ба вижа, тибқи меъёрҳои иқтисоди бозорӣ озодӣ дар истеҳсол ва харидфурӯши мол аз шартҳои аслӣ маҳсуб мешавад, чунки ҳеҷ анвои тиҷорат бо назардошти тамоили иҷборӣ рушд нахоҳад кард. Дар ин маврид, донишманди ҳуқуқдон чунин менависад: “Низоми меъёрии ҳуқуқӣ бояд аз равнақу ривоҷи бозор

[170] Ҳамон ҷо, саҳ. 16.

огоҳ бошад ва вобаста ба он дараҷаи қоидаҳои қатъиро муайян намояд. Албатта, меъёрҳои қатъӣ барои марҳилаи аввали бозор заруранд, то ин ки ба фаъолияти манфии иштирокчиёни бевиҷдони бозор монеъ шаванд. Бо мурури инкишофи бозор ҷои қоидаҳои умумии ҳатмиро қоидаҳое иваз менамоянд, ки барои рушди бозор мусоидат менамоянд”[171].

Чун ин ҳама пажӯҳишро ҷиҳати чигунагии бозор ва тиҷорат маълум мекунем, оқибат ҳамаи ин иттилоот моро ба хулосае меорад, ки тибқи он ҳар гуна тиҷорат ва харидфурӯшро аз авомили аслии ҳастии инсон баррасӣ кунем то касе дар мавриди фаъолияти соҳибкорӣ дуруштбаёнӣ нанамояд.

[171] Ҳамон ҷо, саҳ. 35.

# ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ, ОМӮЗГОРӢ ВАҶАМЪИЯТИИ АКАДЕМИКИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН С.ОДИНАЕВ[172]

Одинаев Саидмуҳаммад мутахассиси намоён ва варзидаи соҳаи назарияи статистикии ҳолати моегии моддаҳо мебошад. Ӯ бо дастовардҳои илмии беназири худ, бо мақолаю дастовардҳои илмӣ, бо пешниҳодҳои натиҷаҳои илмӣ ва методҳои коркард намудааш дар соҳаи тадқиқотҳои микроскопии сохтори муҳитҳои конденсӣ дар ҷамъияти илмии физикони ҳам Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) ва ҳам берун аз он хело ҳам машҳур аст. Аз тарафи Ӯ методҳои ҳақиқии таҳқиқотҳои системаҳои классикӣ дар муҳитҳои конденсӣ бунёд ёфта, усулҳои назариявии тадқиқи системаҳои статистикии равандҳои баргарданда ва барнагарданда дар асоси методи муодилаҳои кинетикӣ инкишоф дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки тадқиқотҳои илмии бисёрсолаи С. Одинаев инъикоси худро дар як қатор корҳои фундаменталию назариявӣ ёфтаанд. Ин гуна тадқиқотҳо дар якҷоягӣ аввало бо роҳбарии бевоситаи академик А.А.Адҳамов оғоз гаштаанд ва баъдан бо ташаббуси

[172] Иқтибос аз гузориши академики АИҶТ Р.М.Марупов дар китоби «Материалы к биобиблиографии ученых Таджикистана. Вып. 103, Душанбе: Дониш, 2014, 169с».

худи Ӯ омӯзиши назарияи молекулавӣ-кинетикӣ, сохтор, ҳодисаҳои интиқол, инчунин хосиятҳои чандирию акустикии моеъҳо ва маҳлулҳои онҳо бо назардошти саҳми равандҳои дохилии гуногуни релаксатсионии бахшида шудаанд.

С. Одинаев дар асоси занҷираи муодилаҳои Н.Н. Боголюбов муодилаҳои умумикардашудаи кинетикӣ барои функсияи тақсимоти якзаррагӣ ва дузаррагӣ ҳосил кардаанд, ки саҳми коррелятсияи (алоқамандии) фазогии зичӣ ва коррелятсияи (алоқамандии) суръатҳоро ба назар мегирад. Барои зичии бинарӣ ва сели бинарии зарраҳо дар фазои конфигуратсионӣ муодилаи Смолуховский ба даст оварда, ҳалли умумии онҳоро ёфтааст, ки сарбаст будани муодилаи кинетикии бунёдиро таъмин карда, равандҳои релаксатсияи сохториро шарҳу тавсиф медиҳад. Нишон дода шудааст, ки раванди ҷобаҷогузории воҳидҳои сохтории моеъҳо аз рӯи қонуни диффузия ба амал меояд ва бо тайфи (спектри) бефосилаи вақтҳои релаксатсионӣ навишта мешаванд. Аввалин бор нишон додаанд, ки рафтори ҳалли бунёдии муодилаҳо дар муддати калони вакт бо асимптотикаҳои дарозмуддати функсияҳои автокоррелятсионӣ мувофиқат менамоянд. Дар асоси

муодилаҳои кинетикӣ С. Одинаев барои функсияи тақсимоти якзаррагӣ системаи муодилаҳои умумикардашудаи гидродинамикаро ҳосил кардааст, ки ҳолати ғайримувозинатии моеъҳоро шарҳу тавсиф медиҳанд ва дар онҳо коэффитсиентҳои кинетикии комплексӣ, ки динамикӣ ба ҳисоб мераванд, мавҷуд мебошанд. Инчунин муодила барои функсияи тақсимоти якзаррагӣ бо потенсиали умумикардашудаи Власов низ ҳосил намудааст, ки дар асоси он хосиятҳои электрочандирӣ ва диэлектрикии маҳлулҳои электролитиро таҳқиқ менамоянд.

Як қатор корҳои С.Одинаев ба омӯзиши сохтор, ҳодисаҳои интиқол, хосиятҳои чандирӣ ва акустикии моеъҳои содда, бисёратома, ионӣ ва магнитӣ, инчунин маҳлулҳои электролитӣ бахшида шудаанд. Инкишофи назарияи молекулавии ҳодисаҳои интиқол ва инчунин аввалин бор ифодаҳои аналитикии аз басомад вобаста, барои коэффитсиентҳои кинетикии часпакӣ, модули чандирӣ ва параметрҳои акустикии моеъҳои классикӣ ҳосил кардаанд, ки онҳо дар қатори саҳми релаксатсияи ҳаракати хаотикӣ (транслятсионӣ), инчунин саҳми релаксатсияи сохториро ба эътибор мегиранд. Аз ҷумла, саҳми сохтори маҳлулро дар кинетикаи бе нурафкании

интиқоли энергияи маҳлули молекулавӣ тадқиқ кардаанд, ки дар натиҷаи он қонуни нави интиқоли сустар, бароришҳои квантӣ ва вақти миёнаи люминисенсияи донорӣ ёфта шудаанд.

С. Одинаев назарияи динамикии интиқоли гармиро дар моеҳои содда ва магнитӣ, инчунин дар маҳлулҳои электролитӣ бо назардошти саҳми пурраи равандҳои релаксатсионии сохторӣ умумӣ гардонида, инкишоф додааст. Аввалин бор ба таври назариявӣ соҳаи басомадҳоеро ошкор намудааст, ки дар раванди интиқоли гармӣ нақши аз ҳама муҳимро модули термикии чандирии моеъ иҷро менамояд. Дар ин ҷо нишон дода шудааст, ки муодилаи гармигузаронӣ ба ҳолати гиперболикӣ майл мекунад ва механизми паҳншавии гармӣ аз шакли диффузионӣ ба мавҷӣ мегузарад, ки бевосита онро дар спектри ҳисобнамудаи модули чандирӣ-термикӣ дар мисоли аргони моеъ дидан мумкин аст. Ӯ якумин бор барои суръати паҳншавии мавҷҳои ҳароратии баланбасомад дар моеъҳои классикӣ ифодаҳои аналитикӣ ҳосил намудааст.

Соҳаи дигари фаъолияти илмии С. Одинаев омӯзиши хосиятҳои акустикӣ ва мушкилоти ҳамтаъсироти коллективонаи (коллективных мод)

моеъҳои классикии яккомпонента мебошад. Дар ин ҷода ифодаҳои аналитикӣ барои суръат ва коэффитсиенти фурубурди мавҷҳои арзӣ ва тулӣ, инчунин тайфи (спектри) басомад ва хумӯшавии ин гуна ҳаракатҳо дар моеъ мебошад. Ӯ аввалин бор муайян кардааст, ки суръати садо ва коэффитсиенти фурубарӣ аз дарозии мавҷ дар моеъҳои классикӣ ҳангоми басомадҳои паст аъзоеро доро аст, ки аз басомад бо дараҷаи 3/2 вобастагӣ доранд, аммо дар басомадҳои баланд бошад, аз қимати басомад вобастагӣ надорад, ки ин натиҷаро таҷриба ҳам тасдиқ менамояд. Дар ин замина ин гуна натиҷаҳоро барои гудохтаи намакҳо, маҳлулҳои электролитӣ ва моеъҳои магнитӣ татбиқ ва инкишоф додааст. Натиҷаҳои бадастовардаи Ӯ бо навгонию хулоса фарқ дошта, ҳам барои назариячиён ва ҳам барои таҷрибачиёне, ки дар соҳаи физикаи муҳитҳои конденсӣ кору фаъолият доранд, зарурияти муҳими илмию амалӣ доранд. Натиҷаҳои илмие, ки аз тарафи онҳо ба даст оварда шудаанд, дар симпозиумҳо, конференсияҳо ва форумҳои ҷумҳуриявию байналмиллалӣ гузориш шудаанд, тасдиқи худро аз тарафи мутахассисони эътирофгаштаи олам ёфтаанд.

Муҳим аз ҳама барои ҳамаи ифодаҳои аналитикии то имрӯз ҳосил карда шуда, ба монанди ифодаҳои аналитикии моеъҳои якатома, бисёратома, ионӣ, магнитӣ ва инчунин маҳлулҳои электролитӣ вобаста аз фосилаи васеъи тағйирёбии параметрҳои термодинамикии ҳолат ва басомад ҳисобҳои ададӣ гузаронида шудааст. Дар асоси ин ҳисобкуниҳои ададӣ бонки ахборотҳои назариявӣ ба вуҷуд омадааст, ки барои тадқиқотҳои хосиятҳои интиқол, чандирӣ ва акустикии моеъҳои классикӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин натиҷаҳоро барои шарҳу тавсифи тайфҳои (спектрҳои) ҳамтаъсироти коллективонаи воҳидҳои сохтории моеъҳо, ки ҳангоми парешхурии нейтронҳои энергияашон паст, барои навишти дисперсияи басомадии суръат ва коэффитсиенти фурубарии садо дар фосилаи васеъи басомад метавон истифода намуд. Инчунин ин гуна натиҷаҳои назариявиро метавон ҳангоми хондани лексияҳо ва дигар равандҳои таълим дар доираи фанни таълимии физикаи молекулавӣ ва физикаи гармо баррасӣ намуд.

Хусусияти махсуси корҳои илмии устод С. Одинаев ва мактаби Ӯ дар он аст, ки тадқиқотҳои онҳо бисёр ҳам хуб ба тадқиқотҳои аналитикию ададӣ мувофиқ меоянд

ва ҳам барои системаҳои тадқиқшаванда ва ҳам ба мақсади санҷиш, ки барои шарҳи мувофиқоии наздикияти назария лозим аст, ба таври васеъ аз методҳои моделиронии компютерӣ истифода мебаранд. Натиҷаи корҳои илмии Ӯ дар фазои илмӣ ба таври васеъ эътирофу иқтибос ёфтаанд ва барои пешгӯӣ, шарҳу тавсиф ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибавӣ дар соҳаҳои гуногуни физикаи муҳитҳои конденсӣ заминаи хуб мебошанд.

С. Одинаев муаллиф ва ҳаммуаллифи зиёда аз 298 кори илмӣ, аз ҷумла 2 монография ва 6 васоити таълимӣ мебошанд. Натиҷаи пажӯҳиши илмии Ӯ дар нашрияҳои ватанию хориҷӣ («Доклады Академии наук СССР», «Журнал физической химии» Академияи илмҳои Федератсияи Россия, «Журнал структурной химии» Академияи илмҳои Федератсияи Россия, «Украинский физический журнал», «Физика жидкого состояния», дар препринти Институти физикаи муҳитҳои конденсии Академияи миллии Украина, «Доклады Академии наук Республики Таджикистан» ва «Известия Академии наук Республики Таджикистан (Отделения физико-математических, химических, геологических и технических наук)», «Journal Modern

Phys. lett.», Серия B., Chem. Phys. (North – Holland), «Journal Cond. Matter. Phys. », «Journal Molecular liquids», «Iranian Journal of Science and Technology, Серия A» ва дигар нашрияҳои сатҳи ҷаҳонидошта) интишор гардидаанд. Ӯ иштирокчӣ ва аъзои комитети ташкилии шумораи зиёди конферунсияю симпозиумҳои ҷумҳуриявӣ, иттифоқӣ ва байналмиллалӣ мебошад.

Бо роҳбарии С. Одинаев 7 рисолаи номзадӣ ва 2 рисолаи докторӣ ҳимоя шудааст. Ҳоло Ӯ роҳбарии корҳои илмӣ унвонҷӯён ва мушовири илмии докторантон мебошад. Ҳамчун профессор дар кафедраи физикаи назариявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дошта, дар факултети физика ба донишҷӯёни курҳои болоӣ лексия мехонад ва роҳбарии рисолаҳои хатмӣ онҳоро ба ӯҳда дорад.

Аз соли 1971 то соли 1992 дар ташкил ва бунёди мактаби тобистонаи физика, математика ва химияи Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон, ки бо ташаббуси Президенти АИ ҶТ, академик М. Осимӣ таъсис дода шуда буд, фаъолият намудааст. Аз соли 1975 то соли 1989 дар Институти физикаю техникаи ба номи

С.У.Умаров дар якҷоягӣ бо кормандони сектори физикаи назариявӣ барои хонандагони мактаби миёнаи шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ «Мактаби физикони ҷавон» -ро ташкил кардаанд, ки Ӯ ташкилдиҳандаи бевоситаи ин мактаб ба ҳисоб меравад.

С.Одинаев фаъолияти хуби ҷамъятии илмӣ-ташкилотчигиро низ ба ӯҳда дошту дорад. Ӯ аъзои Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини аввали Президенти академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникӣ, аъзои мушовараи маҷаллаи «Гузоришҳо»-и АИ ҶТ ва сармуҳари маҷаллаи «Ахбор»-и АИ ҶТ, шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникӣ ва инчунин Раиси Шурои диссертатсионии махсуси ҳимояҳои рисолаҳои номзадию доктории назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар риштаи ихтисоси физикаи гармо ва назарияи техникаи гармо ва аз моҳи марти соли 2005 то соли 2010 аъзои Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд. Айни ҳол аъзои

мушовараи маҷаллаи «Гузоришҳо» -и АМИТ ва маҷаллаи «Ахбор» -и АМИТ, шуъбаи илмҳои физикаю математика, химия, геология ва техникӣ, аъзои Шурои координатсионии Акаденияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аъзои Шурои атестасионии раёсати Акаденияи миллии илмҳои Тоҷикистон аъзои Комиссияи робита бо МАГАТЕ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шурои муштараки диссертатсионии ҳимояи рисолаҳои номзадию доктории назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳастанд. Аз моҳи октябри соли 1994 аъзои академияи илмҳои Нйю-Йорк мебошад. Моҳи ноябри соли 2001 узви вобастаи АИ ҶТ гаштанд ва аз соли 2008 инҷониб академики АМИТ мебошад. Соли 2004 узви ҳақиқии Шуъбаи Академияи байналмилалии макбатҳои олии Тоҷикистон интихоб гаштанд.

## АДАБИЁТ:


1. Ахмедов Х.М., Каримов Х.С. Солнечная электроэнергетика, Душанбе, “Дониш”, - 2007, 179 с.
2. Акназаров О.А., Мельничков д.Г. Экотуризм на Памире: проблемы и перспективы, Душанбе, - 2006, 170 с.
3. Аҳмадзода С.М. Раҳимӣ Ф.Қ. Муминов Ҳ.Ҳ. Криоҷарроҳии бемориҳои шикам, Душанбе, Дониш,- 2017.
4. Белисарова Ф.Б., Мирзакулов Р., Рахимов Ф.К. Нелинейная теория спиновых систем. Алматы, -2004.
5. Баҳоваддинов А. Очеркҳо оид ба таърихи фалсафаи тоҷик, Душанбе, -1961.
6. Бабаджанов П.Б., Кохирова Г.И. Метеорные потоки астероидов, пересекающих орбиту Земли, Душанбе, “Дониш”, - 2009, 185 с.
7. Ганиев И., Умарова Т., Обидов З. Коррозия двойных сплавов алюминия с элементами периодической системы, М., «Авторское право», - 2011, 198 с.
8. Ганиев И., Якубов У., Хакимов А. Свойства алюминиевого сплава АЖ5К10 с

щелочноземельными металлами, Душанбе, «Дониш», - 2021, 156 с.

9. Зоиров Д. М. ТАДЖИКИ от государство Саманидов до суверенной государственностиСанк-Петербург, - 2014, 287 с.
10. Ибни Халдун. Муқаддима. Иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1, Душанбе, “Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик”, - 2019, 688 с.
11. Илолов М. Илм ва замон, Душанбе, - 2008.
12. Илолов М. Нигоҳе ба қуллаҳои илми тоҷик, Душанбе, -2013.
13. Каюмов Н.К., Умаров Х.У. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана, Душанбе, «Деваштич», - 2005, 192 с.
14. Каюмов Н.К. Проблемы снижения материалоёмкости,Душанбе, “Дониш”, - 1981, 212 с.
15. Каюмов Н.К., Пышнограй С.П. Оборотные производственные фонды легкой промышленности Таджикистана и их использование, Душанбе, “Дониш”, - 1975, 208 с.

16. Кучарзода А. Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ, Душанбе, “Матбааи ДМТ”, - 2013, 140 с.
17. Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ, -2017.
18. Маҳмудзода М. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила, Душанбе, - 2003.
19. Мироджов Г.К. Гепатология, Душанбе, ”Истиклол – 2019”, - 2021, с. 305.
20. Мироджов Г.К. Хронический гепатит и цирроз печени смешанной вирусной этилогии, Душанбе, ”Истиклол – 2019”, - 2021, с. 144.
21. Мирсаидов У.М. Избранные труды, Душанбе, - 2013.
22. Мирсаидов У.М. Особенности выделения урановых концентрантов из руд и урансодержающих вод Таджикистана, Душанбе, - 2019.
23. Музаффари Мухаммад-Али. Введение в антропологию, Душанбе, - 1999.
24. Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ, Душанбе, - 2006.
25. Музаффарӣ М. Шаклҳои маърифат ва сохтори равонии инсон, Душанбе, - 2021.

26. Музаффарӣ М. Андешаҳои консептуалии тасвири физикӣ ва метафизикии тарбияти инсон дар фалсафаи Ведоӣ. Маҷаллаи “Илм ва ҷомеа”, №2 (20), 2020.
27. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, Душанбе, -2010.
28. Муҳаммад Абдураҳмон. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, Душанбе, - 2021.
29. Муҳаммад Абдураҳмон. Муқаддимаи идеяи миллӣ, Душанбе, “Эр-граф”, - 2013.
30. Муҳаммад Абдураҳмон. Инсон, сиёсат ва ҷомеа, Душанбе, - 2018.
31. Наврӯзов Султон. Китоби муъҷизаҳо ё бемарифатӣ дар боргоҳи маърифат. Душанбе, - 1999.
32. Наврузов С. Синдром деформированного сознания.Санадвора, Душанбе, - 2007.
33. Наврузов С. Наука: развитие или кризис.
34. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ, Душанбе, - 2016.
35. Негматуллаев С.Х., Золотарев А.И. Системы активной сейсмозащиты зданий и сооружений и возможности их экспериментального исследования на полигоне “Ляур”, Душанбе, “Дониш”, - 1986, 80 с.

36. Негматуллаев С.Х. Имитация сейсмического воздействия с целью испытания зданий и сооружений на сейсмостойкость, Душанбе, «Дониш», - 1986, 152 с.
37. Носирҷон Салимӣ. Адабиёти давраи Сомониён, Душанбе, “Дониш”, - 2021, 277 с.
38. Одинаев С. Физика конденсированного состояния, Душанбе, “Дониш”, - 2019, 330 с.
39. Олимов К. Симои сиёсӣ ва фарҳангии Пешвои миллат, Душанбе, - 2021.
40. Пирумшоев Ҳ. Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ, Душанбе, “Ирфон”, - 1992, 80 с.
41. Раҳимӣ Ф.Қ. Ҳадафи Пешвои миллат - рушди тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ, - 2021.
42. Раҳимзода Ш.Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ, Душанбе, “ЭР-граф”, - 2019, 220 с.
43. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз, Душанбе, “ЭР-граф”, - 2018, 516 с.
44. Раҳмонзода А.А. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ , Душанбн, - 1999.
45. Раҳмонзода А.А. Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX, Душанбе, - 2006.

46. Саидов А.С. Грызуны Юго-Западного Таджикистана, Душанбе, “Дониш”, - 2010, 222 с.

47. Саидов К.Х., Саидов А.С. Калтакалосҳои мамнуъгоҳи “Даштиҷум”, Душанбе, - 2016.
48. Сафиев Х. Физико-химические основы комплектной переработки низкокачественного алюминийсодержащего сырья, М., -1999.
49. Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Душанбе, “Ирфон”, - 1984, 208 с.
50. Фелалиев А.С., Акназаров О.А. Физиология и биохимия плодовых культур Памира, Душанбе, «Дониш», - 2005, 136 с.
51. Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, Душанбе, Дониш, - 2020, 212 с.
52. Усмонзода Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйирёбии иҷтимоӣ, Душанбе, - 2016, 120 с.
53. Халиков Д.Х. Физико-химические основы получения пектиновых полисахаридов и их свойства в растворе, Душанбе, «Дониш», - 2022, 208 с.
54. Шарифзода А., Ғафуров А. Наҷотбахши миллат, Душанбе, - 2012, 320 с.

55. Ятимов С.С. Илм ва амният, Душанбе, - 2019.
56. Ятимов С.С. Унсуралмаолии Кайковус дар бораи хирад, Душанбе, - 2015.
57. Ятимов С.С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ, Душанбе, -2019.
58. Ятимов С.С. Иммануил Кант ва ташаккули субъекти сиёсӣ, Душанбе, - 2019.
59. Ятимов С.С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ, Душанбе, -2015.
60. Яъқубов Юсуфшоҳ. Давлати Каёниён, Душанбе, - 2012.
61. Яъқубов Юсуфшоҳ. Таърихи пайдоиши этноним ва забони тоҷик, Душанбе, - 2018.
**62.** Яъқубов Юсуфшоҳ. Маниши миллӣ, Душанбе, - 2004.
63. Якубова М.М. Физиолого-биохимические и молекулярно-генетические аспектҷ прдукционного процесса хлопчатника, Душанбе, «Дониш», - 2013, 284 с.
64. Якубова М.М. Биофизические аспекты фотосинтетического аппарата хлопчатника, Душанбе, “Дониш”, - 2010, 108 с.

**ШИРИН ҚУРБОНОВА**

**МАШРАБИ АБДУЛЛОҲ**

# ЧЕҲРАҲОИ АКАДЕМИКӢ

Ба чоп _______________ иҷозат дода шуд.
Андозаи _________ коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Romans Tj.
Ҷузъи чопӣ шарти _________
Теъдоди нашр _________ нусха.
Супориши №_____.

М.Н “Дониш”-и АМИТ
________________________
________________________
________________________
________________________